ISSN 2410-2903

**Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан**

**National center of legislation under the President of the Republic of Tajikistan**

# Қонунгузорӣ
# Законодательство
# Legislation

**№ 2 (46), 2022**
**апрел – июн**

Маҷаллаи илмӣ-таҳлилии «Қонунгузорӣ»-и Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 майи соли 2018 ба Номгӯи маҷалла ва нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардида, дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Маҷалла дар Махзани маълумоти таҳлилӣ – Шохиси илмии тақризшавандаи Россия шомил аст.

Хулосаю ақидаҳо ва шарҳу тафсири дар нашрияи мазкур зикргардида мавқеи муаллифон буда, мавқеи Марказро ифода наменамоянд.

Шумораи маҳдуди маҷалла ба фурӯш бароварда мешавад.

* * *

Научно-аналитический журнал «Законодательство» Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан 31 мая 2018 года включен в Перечень ведущих рецензируемых журналов и изданий Высшей Аттестационной Комиссии при Президенте Республики Таджикистан. Зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан.

Журнал также включен в Аналитическую базу данных – Российский индекс научного цитирования (РИНЦ).

Приводимые в настоящем издании данные, заключения, мнения и интерпретации являются позицией авторов и никак не могут рассматриваться как отражающие позицию Центра.

В продажу журнал поступает в ограниченном количестве.

**САРМУҲАРРИР**
**ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР**
**Саидзода Иззатулло Ҳабибулло** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**
**РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ**
**Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
доктор юридических наук, профессор, член-корреспондент Национальной Академии наук Таджикистана
**Алимов Суробшо Юсуфшоевич,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
**Маҷидзода Ҷурахон Зоҳир,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
**Муртазозода Ҷамшед Сайдалӣ,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
**Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
**Диноршоҳ Азиз Мӯсо,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
**Азиззода Убайдулло Абдулло,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
**Соҳибзода Муҳаммадҷон Маҳмадалӣ,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
(муовини сармуҳаррир)
кандидат юридических наук, доцент
(заместитель главного редактора)
**Маҳмадшозода Фарҳод Абдураҳмон,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
кандидат юридических наук
**Абдуллоев Парвиз Саъдуллоевич,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент
**Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент
**Бобокалонов Ғоиб Мерганович,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент

**МУҲАРРИР:** Искандаров С.

**ШӮРОИ МАШВАРАТӢ**
**РЕДАКЦИОННЫЙ СОВЕТ**
**Раҳмон Озода Эмомалӣ,**
Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
Руководитель Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан, кандидат юридических наук
**Ализода Зариф,**
Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - намояндаи комилҳуқуқи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Помощник Президента Республики Таджикистан по правовой политике - полномочный представитель Президента Республики Таджикистан в Маджлиси Оли Республики Таджикистан, доктор юридических наук, профессор
**Раҳмон Юсуф Аҳмадзод,**
Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Генеральный прокурор Республики Таджикистан
**Маҳмудзода Маҳкам Азам,**
академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
академик Национальной академии наук Таджикистана
**Шермуҳаммад Шоҳиён,**
Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Председатель Верховного Суда Республики Таджикистан
**Бобозода Умед,**
Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Уполномоченный по правам человека в Республике Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент
**Саидвализода Барно Саиднабӣ,**
Сардори Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Начальник Службы исполнения при Правительстве Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент
**Худоёрзода Бахтиёр Табар,**
Раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Председатель Центральной комиссии по выборам и референдумам Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент

Ҷонибдори густариши гуногунандешӣ будани маҷалла маънои ҳамақидаи муаллифон будани ҳайати таҳририяро ифода наменамояд. Масъулият барои интихоб ва дақиқии далелҳо ва иқтибосҳо бар зиммаи муаллифон аст.

Ба дастнависҳое, ки барои нашр пешниҳод мегарданд, тақриз дода намешавад ва баргардонида намешаванд. Ҳангоми истифодаи маводи маҷалла истинод ба сарчашма ҳатмист.

Журналом поддерживается многообразие точек зрений, что не означает согласие редакционной коллегии. Ответственность за подбор, точность фактов, цитат и данных несут авторы опубликованных материалов.

Рукописи, предоставляемые для опубликования, не рецензируются и не возвращаются. При использовании материалов настоящего издания ссылка на источник обязательна.

**МУНДАРИҶА** **СОДЕРЖАНИЕ**

*Саидзода И.Ҳ.* Вахдат – асоси таҳким ва ташаккули давлати миллӣ............................................5-6

**12.00.01 – НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ОИД БА ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ**
**12.00.01 – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ**

*Ғафурзода А.Д., Қодирзода М.А.* Нақши экологикунонии қонунгузорӣ дар амалишавии функсияи экологии давлат....................................................................................................................7-11
*Матробов М.Х.* Пайдоиш ва ташаккули мактабҳои ҳуқуқии ҳанафия ва исмоилия.................12-23
*Ҳаётзода А.Б.* Нигоҳе ба таъсиси маркази илмию таҳқиқотии мактаби сиёсии Пешвои миллат...........................................................................................................................................
*Акбарализода Ҷ.А.* Роль анализа регуляторного воздействия в совершенствовании правотворческой деятельности...............................................................................................

**12.00.02 – ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ, МУРОФИАИ СУДИИ КОНСТИТУТСИОНӢ; ҲУҚУҚИ МУНИСИПАЛӢ (НИЗОМИ НАМОЯНДАГӢ)**
**12.00.02 – КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО; КОНСТИТУЦИОННЫЙ ПРОЦЕСС; МУНИЦИПАЛЬНОЕ ПРАВО (ПРЕДСТАВИТЕЛЬНАЯ СИСТЕМА)**

*Искандаров Ш.А., Исозода П.Ф., Зиёваддинов И.И.* Асосҳои маҳдуднамоии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар мурофиаи ҷиноятӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон....
*Вализода Ш.О.* Мафҳуми вазифаҳои инсон ва шаҳрванд тибқи Конститутсияи Тоҷикистон..

**12.00.03 – ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ**
**12.00.03 – ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО**

*Зокирзода З.Х., Давлатов Н.М.* Проблемаҳои танзими ҳуқуқии сайёҳӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон...................................................................................................................

**12.00.05 – ҲУҚУҚИ МЕҲНАТӢ; ҲУҚУҚИ ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОӢ**
**12.00.05 – ТРУДОВОЕ ПРАВО; ПРАВО СОЦИАЛЬНОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ**

*Азимзода Н.Б. Собирзода А.Ҷ.* Таҷрибаи баъзан давлатҳои хориҷӣ оид ба ҳимояи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ.......................................................................................
*Санавваров Ғ.Б.* Равандҳои бунёдии ташаккули қонунгузории муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон...........................................................................................................................

**12.00.06 – ҲУҚУҚИ ЗАМИН; ҲУҚУҚИ САРВАТҲОИ ТАБИӢ; ҲУҚУҚИ ЭКОЛОГӢ; ҲУҚУҚИ КИШОВАРЗӢ**
**12.00.06 – ЗЕМЕЛЬНОЕ ПРАВО; ПРИРОДОРЕСУРСНОЕ ПРАВО; ЭКОЛОГИЧЕСКОЕ ПРАВО; АГРАРНОЕ ПРАВО**

*Соҳибзода М.М., Турсунзода Ш.* Мафҳум ва аломатҳои хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ҳамчун субъекти фаъолияти соҳибкорӣ....................................................................................................

**12.00.08 – ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗО**
**12.00.08 – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО**

*Мирзохоҷаев И.Ҳ.* Преюдитсияи маъмурӣ дар низоми қонунгузории ҷиноятӣ.........................
*Исмоилова М.И.* Баъзе масъалаҳо оид ба тафтиши ҷиноятҳои экстремистӣ ва террористӣ...........

*Абдусаломзода Ҷ.А.* Тарафи субъективии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф........................................................................
*Самандари Қ.* Ҷиноятҳо ба муқобили адолати судӣ дар Тоҷикистони Шӯравӣ........................
*Собиров М.Ш.* Роль презумпции невиновности в обеспечении правосудия..............................

**12.00.09 – МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ**
**12.00.09 – УГОЛОВНЫЙ ПРОЦЕСС**

*Раҳматулоев А.Э., Қаҳоров Н.М.* Аҳамияти ҳад ва ҳудуди исботнамоӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ..........................................................................................................................
*Салихов Д.У.* Аҳамияти далелии хулосаи коршиноси судӣ (эксперт) аз рӯи тадқиқоти ҳуҷҷатҳои пластикӣ ҳангоми ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо.......................................................................

**12.00.10 – ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ; ҲУҚУҚИ АВРУПОӢ**
**12.00.10 – МЕЖДУНАРОДНОЕ ПРАВО; ЕВРОПЕЙСКОЕ ПРАВО**

*Моисеев А.* Международно-правовое регулирование экстрадиции..........................................

**12.00.13 – ҲУҚУҚИ ИТТИЛООТ**
**12.00.13 – ИНФОРМАЦИОННОЕ ПРАВО**

*Шокиров Г.А.* Информационный правовой интернет-портал Республики Таджикистан: теоретические и практические аспекты..........................................................................
*Давлатзода К.Д.* Танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ.............

**12.00.14 – ҲУҚУҚИ МАЪМУРӢ; МУРОФИАИ МАЪМУРӢ**
**12.00.14 – АДМИНИСТРАТИВНОЕ ПРАВО; АДМИНИСТРАТИВНЫЙ ПРОЦЕСС**

*Каримов А.К.* Особенности административной ответственности за нарушение конкурентного законодательства........................................................................................................

**МИНБАРИ ОЛИМОНИ ҶАВОН** **ТРИБУНА МОЛОДЫХ УЧЁНЫХ**

*Абдуғанизода Б.* Асосҳои танзими ҳуқуқии нақлиёти автомобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................................................................................................................
*Давлатов Н.М.* Мафҳуми шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол..........................
*Хакимова М.А.* Правовые основы регулирования конкурса в Республике Таджикистан......
*Бурхонова А.И.* Инвестирование в водные ресурсы - разумное долгосрочное вложение......
*Мирзоева Д.М., Холмурадзода Ш.М.* Охрана растительного и животного мира в международном праве.............................................................................................................

**ГУНОГУН** **РАЗНОЕ**

*Шеров Ш.З.* Консепсияи лоиҳаи Кодекси бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон.............................

**ИТТИЛООТ** **ИНФОРМАЦИЯ**

Навигариҳои соҳаи қонунгузории оилавӣ.........................................................................
Навигариҳои қонунгузории соҳаи молия ва бонкӣ.............................................................
Навигариҳои қонунгузории соҳаи кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зист.....................................



**Саидзода Иззатулло Ҳабибулло,**
*директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.*
*E-mail: saidov.izzat@mail.ru*
*Тел.: (+992) 907-38-66-58.*

# ВАҲДАТ - АСОСИ ТАҲКИМ ВА ТАШАККУЛИ ДАВЛАТИ МИЛЛӢ

Ваҳдати миллӣ муҳимтарин дастоварди бузург ва муқаддаси миллати мо дар даврони соҳибистиқлолии кишвар ба ҳисоб рафта, нақши бузургеро дар сарҷамъии миллат ва пойдории давлат гузоштааст.

Ваҳдат дар зиндагии инсон ва дар ҳаёти ӯ нақши меҳварӣ ва боарзиш дорад. Ваҳдат падидаест, ки дар он тамоми муваффариятҳои зиндагӣ таҷассуми худро ифода мекунанд.

Албатта, вақте ки сухан дар бораи ваҳдат меравад, ба сари ҳар як фарди худогоҳ савол ба миён меояд, ки ваҳдат чист?

- ваҳдат - ҳамдилӣ;
- ваҳдат - иттиҳод;
- ваҳдат - ҳамбастагӣ;
- ваҳдат - сулҳ;
- ваҳдат - хушбахтӣ;
- ваҳдат - сарфарозӣ;
- ваҳдат - пешравӣ, комёбӣ ва сари баланди миллат;

ваҳдат - саодати зиндагӣ;
ваҳдат - ягонагӣ;
ваҳдат - сарҷамъӣ;
ваҳдат - ҳамфикрӣ;
ваҳдат - набзи ҷомеа;
ваҳдат - таҳкимдиҳанда ва ташаккулдиҳандаи давлату давлатдорист.

Таърих гувоҳ аст, ки 25 сол қабл, 27 июни соли 1997 фарзанди фарзонаи миллати тоҷик, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҳисси баланди меҳанпарастӣ, бо меҳри ватандӯстию сулҳхоҳӣ, баъд аз нофаҳмиҳо ва даргириҳои таҳмилӣ дар натиҷаи музокироти сулҳ ба ин кашмакашҳо хотима гузоштанд.

Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид. Ин санад ифодакунандаи қатъи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва оғози ҳаёти осоиштаи Тоҷикистонро инъикос менамуд.

Маҳз, бо кӯшишҳои шабонарӯзии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон миллати парешон сарҷамъ гардид, мамлакат обод шуду пеш рафт. Барои бунёди рӯзгори ободу осудаи ҷомеа заминаи воқеӣ гузошта шуд. Сулҳу ваҳдати тоҷикон на танҳо давлату миллатро наҷот дод, балки дар дили насли ҷавони тоҷик умедро ба ояндаи нек, хушбахтӣ, саодат, некномӣ ва ваҳдати ногусастанӣ зинда намуд.

Пояи сулҳу осоиштагӣ дар ин сарзамини ҳамешабаҳор ба ҳадди бузург мустаҳкам гашт, зеро онро фарзанди бузурги ин сарзамин устуворӣ бахшида, такягоҳ буд ва ҳаст.

Чуноне ки мо медонем, меъмори Ваҳдати миллӣ – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шахсияти барҷастаи таърихии миллат буда, дар Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвари давлат интихоб шуданд ва дар бунёди низоми давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол, барқарорсозии сохти конститутсионӣ, ба даст овардани сулҳу Ваҳдати миллӣ саҳми беназир гузошта, тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 дар асоси овоздиҳии умумихалқӣ аввалин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуданд.

Дар эъмори давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ Сарвари давлатамон нақши арзанда гузошта, миллатро аз парокандагӣ, давлатро аз нестшавӣ ва халқро аз ҷанги шаҳрвандӣ раҳо намуданд.

Дар рушди сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва таърихиву фарҳангии давлати мустақили Тоҷикистон хизматҳои бузурги тақдирсоз кардаанд.

Ҳамин аст, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардид.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат рамзи пойдориву бардавомии

давлатдории мустақили тоҷикон, сулҳу Ваҳдати миллӣ, кафили рушди босубот ва устувори ҷомеаи Тоҷикистон мебошанд.

Имрӯз иттифоқ будани миллати тоҷик пешравии кишвари биҳиштосои мо буда, меҳмоннавозии халқи инсондӯсти мо мамлакатҳои бурунмарзиро дар ҳайрат гузошта, таҷрибаи ваҳдати тоҷикон мавриди омӯзиши институтҳои байналмилалӣ қарор дорад.

Боиси сарбаландӣ ва хушнудист, ки миллати тоҷик ва Тоҷикистон имрӯз намунаи ибрат дар саросари кишварҳои мутамаддин гардидааст. Танҳо бо роҳи ваҳдату ягонагӣ метавон истиқлолияту ободии меҳан ва амну осоиштагии мардумро аз ҳама хавфу хатар эмин нигоҳ дошт. Танҳо дар сурати ваҳдат душвориҳо паси сар мешаванд. Рӯзгори мардум рӯ ба беҳбудӣ меорад, кишвари азизамон ба шоҳроҳи пешрафту тараққиёт рӯ меорад.

Дар ҳақиқат, Ваҳдати миллӣ аст, ки сулҳу субот, оромиву осоиштагӣ, пешрафту тараққиёт, ободии давлату миллат ва зиндагии шоистаи мардум таъмин аст. Ваҳдат оғози ҳамаи созандагиву ободкориҳо, ибтидои суботи сиёсиву иҷтимоӣ, некӯаҳволии рӯзгори ободу осудаи мардум ва эҳёи худшиносию худогоҳӣ ва роҳ ба сӯйи фардои дурахшон аст.

25-умин солгарди Ваҳдати миллӣ муборак!

## 12.00.01 – НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ОИД БА ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ
## 12.00.01 – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ



**УДК:** 342.5
**Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ,**
*доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: halil-77@mail.ru*
*Тел.: (+992) 907-72-55-90.*



**Қодирзода Мирзоқодир Аюб,**
*муовини сардори шуъбаи қонунгузории граждан, соҳибкорӣ ва оилавии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*E-mail: mirzokodir-1@mail.ru*
*Тел.: (+992) 550-50-69-90.*

# НАҚШИ ЭКОЛОГИКУНОНИИ ҚОНУНГУЗОРӢ ДАР АМАЛИШАВИИ ФУНКСИЯИ ЭКОЛОГИИ ДАВЛАТ

***Калидвожаҳо:*** *экологикунонии қонунгузорӣ; амалишавии функсияи давлат; муаммо; таҳқиқот; ҳуқуқшиносӣ; инкишоф; ҳифзи муҳити зист; экология.*

***Ключевые слова:*** *экологизация законодательства; реализация функции государства; проблема; исследование; юриспруденция; развитие; охрана окружающей среды; экология.*

***Keywords:*** *ecologization of legislation; implementation of the functions of the state; problem; research; jurisprudence; development; environmental protection; ecology.*

Яке аз маханизмҳои дигари амалишавии функсияи экологии давлатро экологикунонии қонунгузорӣ ташкил менамояд, ки роҳандозӣ намудани ин раванд метавонад барои ҳаллу фасли муаммоҳои экологӣ-ҳуқуқӣ мусоидати амалӣ намояд.

Дар бисёре аз таҳқиқотҳои илми ҳуқуқшиносӣ экологикунонӣ ҳамчун экологикунонии маҳз қонунгузорӣ баррасӣ карда мешавад [1, с.202-219]. Аз ҷумла, экологикунонии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ин ҷорӣ намудани талаботҳои экологӣ-ҳуқуқӣ дар мундариҷа ва моҳияти ҳуқуқии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад [2, с.95]. Экологикунонии қонунгузорӣ бошад ин ворид намудани талаботҳои экологӣ ба қонунгузорӣ ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ (гражданӣ, соҳибкорӣ, маъмурӣ, кишоварзӣ ва ғайра) мебошад [3, с.407].

Экологикунонӣ ин усули ҳуқуқи экологӣ, ки ба ҳадафи мутобиқгардонии муносибат байни ҷомеа ва муҳити зист равонагашта мебошад [4, с.29]. Экологикунонии қонунгузорӣ ин раванди рушдкунанда мебошад, ки ба такмили механизми ҳуқуқии истифодаи сарватҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист равона шудааст [5, с.149].

Бо ақидаи баъзе аз олимон истилоҳи экологикунонӣ барои илми ҳуқуқшиносӣ ғайрианъанавӣ мебошад[6, с.150], яъне чунин истилоҳ бештар дар соҳаҳои иқтисодӣ ва хоҷагидорӣ мавриди истифода қарор дода мешавад [7, с.16].

Роҷеъ ба экологикунонии қонунгузорӣ аз ҷониби олимон ва муҳаққиқони ҳуқуқшинос Р.Ҷ. Ҷабборов [7], М.М. Соҳибзода [8], А.К. Голиченков [9], Т.И. Макарова [10], М.Н. Титарева [11], Е.Н. Абанина [12], А.С. Тютюник [13] таҳқиқотҳои муайян анҷом дода шудааст, ки ҳолати мазкур аз муҳимияти он барои расидан ба ҳадафҳои устувори экологӣ дарак медиҳад.

Ба андешаи Р.Ҷ. Ҷабборов экологикунонии қонунгузорӣ гуфта раванди ифодаёбии талабҳои экологӣ дар қонуну санадҳои дигари ҳуқуқие фаҳмида мешавад, ки онҳо фаъолияти хоҷагӣ ва дигаре, ки ба муҳити табиии атроф таъсири манфӣ мерасонад ба низом медарорад.

Ҳамчунин муаллифи мазкур таъкид менамояд, ки экологикунонӣ ҳамчун фаъолият оид ба ҷорикунии талабҳои экологии ҳамаи самтҳои фаъолияти истеҳсолӣ, ҷамъиятӣ ва маиширо дар бар мегирад. Инро он зарурияиҳои бартарии табиии инкишофёбӣ муайян мекунад, ки мо маҷбурем онҳоро дар фаъолияти хоҷагӣ риоя намоем. Бо камоли боварии пурра гуфтан зарур аст, ки ҳоло ҳамаи соҳаҳои фаъолияти инсонӣ, истеҳсолот, маданият, ахлоқ ва ғ. бояд ҳатман экологӣ карда шаванд [7, с.98].

Экологикунонии қонунгузорӣ гуфта раванди ифодаёбии талаботҳои экологӣ дар қонуну дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие фаҳмида мешавад, ки онҳо фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигаре, ки ба муҳити зист таъсири манфӣ мерасонанд [8, с.40].

Дар ин радиф олимони дигар низ таъкид менамоянд, ки дар байни дигар равандҳои экологикунонии қонунгузорӣ аввалан бартарият бояд ба механизмҳои экологикунии қонунгузории соҳаҳои наздик ба монанди қонунгузории замин, манзил, гражданӣ, кишоварзӣ ва монанди инҳо дода шавад [14].

Албатта, ба андешаи боло ишорагардидаи олимон розӣ шудан ғайриимкон мебошад, барои он ки экологикунонии қонунгузорӣ ин масъалаи як соҳаи алоҳида набуда, балки ба тамоми фаъолияти инсоният ва хоҷагидорӣ вобастагии ногусастаниро дорад. Беҳуда нест, ки яке аз вазифаҳои услубии танзимсозии ҳуқуқи экологиро маҳз ба масъалаи экологикунонии қонунгузорӣ бахшидаанд ва исботи ин ҳолатро дар таҳқиқотҳои олимон Р.Ҷ. Ҷабборов [7], М.М. Соҳибзода [8], мушоҳида намуданамон мумкин аст.

Ба ҳама маълум аст, ки меъёрҳои ҳуқуқие, ки талабҳои экологиро вобаста ба фаъолияти хоҷагӣ муқаррар кардаанд, бевосита бо вуҷуддориашон ба ин фаъолият таъсир намерасонанд. Онҳо ин таъсирро танҳо ба воситаи муносибатҳои ҳуқуқӣ ичро мекунанд. Масъалан, дар мавриди лоиҳакашии иншооту объектҳое, ки ба муҳити табиии атроф таъсир мерасонанд, лоиҳакашҳо он ҳуҷҷатҳоеро ба роҳбарӣ мегиранд, ки онҳоро мақомотҳои роҳбарикунандаи онҳо муқаррар кардаанд. Зарур аст, ки дар ин ҳуҷҷатҳо императивҳои экологӣ ифода шаванд ва лоиҳакаш мувофиқи ин императивҳои экологӣ рафтор кунад. Мақсади экологикунонии қонунгузорӣ ҳам аз ҳамин иборат мебошад [7, с.98].

Ҳамчунин вобаста ба рушди раванди мазкур аз ҷониби баъзе олимон усулҳои экологикунонӣ низ пешниҳод гардидааст, ки дар ин ҷода муҳаққиқи ватанӣ М.М. Соҳибзода чунин усулҳоро пешниҳод намудааст: а) дар қонунгузории амалкунанда мустаҳкам намудани унсурҳои муҳимми иқтисодӣ ва экологии низоми экологии мамлакат, ки ба танзими ҳуқуқӣ ва таъмини он ҳангоми истифода ё ҳангоми таъсиррасонӣ ба он ниёз доранд; б) дар қонунгузории амалкунанда муқаррар намудани сохтори ҳамон мақомот, ки танзими мушаххаси истифодабарии объектҳои табиӣ, назорати нигоҳдорӣ ва азнавистеҳсолкунии низоми экологии мамлакатро ба амал мебароранд; в) дар қонунгузории амалкунанда мустаҳкам намудани доираи истифодабарандагони экологӣ, инчунин шахсон (воқеӣ ва ҳуқуқӣ), ки ба функсияи ҳаёттаъмикунандагии худ ба низоми экологии (экононизоми) давлат таъсири ҳатмӣ мерасонанд; г) ба таври равшан муайян кардани истифодабарии экологӣ, муайян кардани қоидае, ки аз як тараф ба инобат гирифтани махсусияти объекти истифодабарии экологӣ, аз тарафи дигар – вазъи ҳуқуқии истифодабарандаи экологӣ [8, с.40-41]; д) муқаррар намудани ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои вайрон кардани қоидаҳои истифодабарии экологӣ (дар қонун муқаррар намудани ҷавобгарии интизомӣ, маъмурӣ, ҷиноятӣ, моддӣ ва махсус (маҳрум намудан аз истифодаи ин ё он объекти табиӣ, гирифтани объект ва ғайраҳо) [16, с.45].

Аз таҳлилҳои болозикр маълум мегардад, ки экологикунонии қонунгузорӣ яке аз ҷузъҳои ҷудонопазири сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва қисмати алоҳидаи функсияи экологии давлатро ташкил менамояд.

Дар такя ба ғояҳои илмии соҳавӣ оид ба экологикунонии қонунгузорӣ метавон чунин мафҳуми онро пешкаш намуд: экологикунонии қонунгузорӣ гуфта раванди ифодаёбии мақсади қонунгузории экологӣ, моҳияти аслии ҳадафҳои

ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии ба ҳифзи муҳити зист вобастабуда, доктринаҳои мавҷуда дар қонуну дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие фаҳмида мешавад, ки мақсади асосии он мукаммал намудани низоми қонунгузории мавҷуда вобаста ба талаботҳои экологӣ бо ҳадафи таъмини расмии ҳолати муътадили ҳифзи муҳити зист барои наслҳи имрӯза ва ояндаи инсоният мебошад.

Экологикунонии қонунгузорӣ гуфта раванди ифодаёбии талабҳои экологӣ дар қонуну санадҳои дигари ҳуқуқие фаҳмида мешавад, ки онҳо фаъолияти хоҷагӣ ва дигаре, ки ба муҳити табиии атроф таъсири манфӣ мерасонад, ба низом медарорад.

Экологикунонӣ ҳамчун фаъолият оиди ҷорикунии талабҳои экология ҳамаи самтҳои фаъолияти истеҳсолӣ, ҷамъиятӣ ва маиширо дар бар мегирад. Инро он зарурияҳои бартарии табиии инкишофёбӣ муайян мекунад, ки мо маҷбурем онҳоро дар фаъолияти хоҷагӣ риоя намоем. Бо камоли боварии пурра гуфтан зарур аст, ки ҳоло ҳамаи соҳаҳои фаъолияти инсонӣ, истеҳсолот, маданият, ахлоқ ва ғ. бояд ҳатман экологӣ карда шаванд.

Зарурияти экологикунонии қонунгузорӣ ба як қабул кардани қонуни муҳофизати табиат ва ё соҳаи қонунгузории муайяни дигари қонунгузорӣ ба охир намерасад. Ин нокифоя мебошад. Ба ҳама маълум аст, ки меъёрҳои ҳуқуқие, ки талабҳои экологиро вобаста ба фаъолияти хоҷагӣ муқаррар кардаанд, бевосита бо вуҷуддориашон ба ин фаъолият таъсир намерасонанд. Онҳо ин таъсирро танҳо ба воситаи муносибатҳои ҳуқуқӣ иҷро мекунанд. Масалан, дар мавриди лоиҳакашии иншооту объектҳое, ки ба муҳити табиии атроф таъсир мерасонанд, лоиҳакашҳо он ҳуҷҷатҳоеро ба роҳбарӣ мегиранд, ки онҳоро мақомотҳои роҳбарикунандаи онҳо муқаррар кардаанд.

Зарур аст, ки дар ин ҳуҷҷатҳо императивҳои экологӣ ифода шаванд ва лоиҳакаш мувофиқи ин императивҳои экологи рафтор кунанд. Мақсади экологикунонии қонунгузорӣ ҳам аз ҳамин иборат мебошад. Мисоли дигари зарурияти экологикунонии конунгузориро овардан мумкин аст.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи муҳити зист” чораҳои гуногун, аз ҷумла сабукии андозсупорӣ дар фаъолияти табиат- муҳофизаткунӣ низ муқаррар шудааст. Вале ин қоида худ аз худ бе дарҷкунии вай дар Кодекси андоз амалӣ намешавад. Якчанд меъёрхои ҳуқуқии ин қонунгузориро, ки экологикунонии ин қонунгузорӣ аст, нишон додан мумкин аст. Қонунгузори андоз, аз анҷомҳои корхона он объектҳое, ки барои муҳфизати табиат ва бехатарии сухтор истифода бурда мешаванд, аз супоридани андоз озод кунад ва ё аз даромади корхонаҳо, он маблағҳое, ки ба фондҳои экологӣ гузаронида мешаванд, аз андоз озод ҳолӣ карда шавад, ин экологикунонии қонунгузорӣ мебошад.

Экологикунонӣ бо шаклҳои санадҳои ҳуқуқӣ ва ё ҳуҷҷатҳои меъёрие, ки қоидаву меъёрҳои техникӣ, техникию иқтисодӣ ва ғайраро дар бар мегиранд, ҳамин тавр таъмин карда мешавад. Ба ҷумлаи онҳо меъёрҳои санитарӣ, сохтмонӣ, технологӣ, шаҳрсозӣ ва ғ., ки мақомотҳои ваколатдор тасдиқ мекунанд, дохил мешаванд. Онҳо пайвасткунандаи меъёрҳои ҳуқуқии муҳофизати табиат ба фаъолияти истеҳсолӣ оид ба амаликунии нишондодҳои экологӣ мебошанд.

Экологикунонии қонунгузорӣ бо ду метод гузаронида мешавад. Методи аввал бо истифодабарии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва методи дуюм бошад, мансуб ба сохтани ин меъёрҳои ҳуқуқӣ тааллуқ дорад. Хусусияти методи аввал иборат аз он аст, ки бо истифодаи меъёри ҳуқуқии ин ё он меъёри ҳуқуқи экологӣ нашуда, балки муносибати ҳуқуқие, ки дар раванди иҷрошавии ин меъёри ҳуқуқии экологӣ ба вуҷуд меояд, экологӣ карда мешавад, пайдо мешавад. Мисоли ин қоидаи Кодекси гражданӣ, ки ухдадории баргардонии зиёнро муқаррар кардааст, шуда метавонад.

Гарчанде мазмуни ин қоида оиди муҳити табиати атроф ҳеч чизе нагуфтааст, вале он қоидаи умумие, ки ба вай зараррасон ухдадор аст, ки зарари расондаро, агар исбот карда натавонад, ки бо айби вай нашудааст, баргардонад. Дар ин асос дар он ҳолатҳое, ки агар дар натиҷаи ҳуқуқвайронкунии экологӣ, табиат зарар бинад, он бояд баргардонида шавад.

Моҳияти методи экологикунонии қонунгузории экологӣ дар он аст, ки қоидаҳои ҳуқуқ ва дастурҳои технологӣ-иқтисодӣ таъмини муҳофизати табиӣ дар қонунгузорӣ дарҷ гардад. Ин методи асосии экологикунонии қонунгузорӣ мебошад. Объекти таъсиррасонии

чунин экологикунонии соҳаҳои гуногуни қонунгузорӣ, дар навбати аввал қонунгузорҳое, ки фаъолияти хоҷагиро ба низом медароранд, қонунгузории маъмурӣ, ҷиноятӣ ва ғайра ҳисоб мешаванд.

Талабҳои муайянкунандаи экологие, ки бояд асос барои экологикунонӣ шаванд, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи муҳити зист" нишон дода шудааст. Зарур аст, ки ин талабҳо дар мавриди муқаррар намудани қоидаҳою андозаҳои ҷойгиркунӣ, лоиҳакашӣ, сохтмонӣ, истифодабарӣ аз тарафи иҷрокунандагон бояд ба роҳбарӣ гирифта мешавад дарҷ гардонд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар муқаррар намудани талабҳои экологӣ ва экологикунонии қонунгузорӣ бояд ҳолате мусоид шавад, ки бо таъмини мавҷудияти вай муносибати хуби илман асосноки қонеъгардонии эҳтиёҷотҳои иқтисодӣ ва экологӣ муҳайё гардад.

Дар доираи таҳлилҳо мо метавонем чунин махсусиятҳои экологикунонии қонунгузориро зикр намоем:

- экологикунонии қонунгузорӣ – раванди мураккаби илмӣ мебошад, ки барои дар амал татбиқ намудани он ҳамоҳангии соҳаҳои экология ва ҳуқуқи экологӣ, ҳамчунин дар самти амалигардонии он ҳамоҳангии сохторҳои ҳуқуқэҷодкунанда ва мақомоти ваколатдор зарур мебошад;

- экологикунонии қонунгузорӣ – ягона воситае мебошад, ки имконияти васеъро барои аз байн бурдани зарарҳои дар оянда расонидашаванда ба табиат бинобар сабаби ноқисии қонунгузории амалкунанда, пешгирӣ менамояд;

- экологикунонии қонунгузорӣ – метавонад барои рушди низоми қонунгузории амалкунанда ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мусоидат карда, барои мукаммал гардонидани онҳо ва аз байн бурдани мухолифати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (байни қонунгузории соҳаи экологӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба мақсад ва таъинот) мусоидат намояд.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Бринчук М.М. Проблемы экологизации законодательства // Права человека и современное государственно-правовое развитие. – М.: Институт государства и права РАН, – 2007. – 542 с.

2. Петров В.В.Экологическое право России: учебник. – М.: Бек, 1995. – 557 с.

3. Экология. Юридический энциклопедический словарь / под ред. С.А. Боголюбова. – М.: Норма, 2000. – 448 с.

4. Экологическое право: учебник / под ред. С.А. Боголюбова. – М.: Юрайт, 2005. – 482 с.

5. Гумерова А.Р.Экологизация отраслей российского законодательства // Журнал российского права. – 2004. – № 12. – С. 149–154.

6. Бринчук М.М. Теоретические проблемы экологизации законодательства: разви-тие идей О.С. Колбасова о концепции экологического права // Экологическое право. – 2007. – № 6. – С. 16–21.

7. Ҷабборов Р.Ҷ. Ҳуқуқи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Ирфон», 2004. – 182 с.

8. Соҳибзода М.М. Ҳуқуқи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. (қисми умумӣ). – Душанбе: «ЭР-граф», 2021. – 584 с.

9. Актуальные теоретические проблемы правовой системы общества. Материалы Всероссийской научной конференции 16-17 декабря 2003г. – Уфа, – 2004. – С.151-158 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://all-sci.net/zemelnoe-pravo_732/ekologizatsiya-zemelnogo-zakonodatelstva.html (санаи муроҷиат: 15.04.2022).

10. Макарова Т.И. Экологизация земельного законодательства в Республике Беларусь: состояние и проблемы совершенствования. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://naukarus.com/ekologizatsiya-zemelnogo-zakonodatelstva-v-respublike-belarus-sostoyanie-i-problemy-sovershenstvovaniya (санаи муроҷиат: 15.04.2022).

11. Титарева М.Н. Регулирование процесса экологизации использования земельных ресурсов. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://kadastr.org/conf/2012/pub/prirresurs /regul-ekologiz-zu.htm (санаи муроҷиат: 15.04.2022).
12. Е.Н. Абанина. Экологизация как процесс достижения устойчивого развития [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://naukarus.com/ekologizatsiya-zemelnogo-zakonodatelstva-v-respublike-belarus-sostoyanie-i-problemy-sovershenstvovaniya (санаи муроҷиат: 15.04.2022).
13. А.С. Тютюник Охрана земли в системе принципов земельного права. дис... канд. юрид. наук: 12.00.06 / Тютюник Аэлита Сергеевна. – Москва., 2017. – 211 с. Электронный ресурс: Режим доступа: http://www.igpran.ru/prepare/a.persons/TyutyunikAS/Tyutyunik AS_Dissertatsyya.pdf (санаи муроҷиат: 15.04.2022).
14. Волков Г.А. Принципы земельного права России. – М., 2005. – С. 154; 15. Волков Г.А. Принципы земельного права как важнейший элемент эколого-правового механизма (в развитие идей В.В. Петрова) // Экологическое право. – 2009. – №2/3, (Специальный выпуск). – С. 40-47; 16.
15. Бажайкин А.Л. Нормы-принципы в законодательстве об охране кружающей среды и земельном законодательстве // Экологическое право. – 2013. – №1. – С. 6-10.
16. Ерофеев Б.В. Экологическое право: учебник. – 3-е изд., доп. – М.: ИД «ФОРУМ»: ИНФРА-М, 2006. – 399 с.

**Аннотатсия**

**Нақши экологикунонии қонунгузорӣ дар амалишавии функсияи экологии давлат**

Дар мақолаи мазкур масъалаи экологикунонии қонунгузорӣ дар асоси назарияи илми ҳуқуқшиносӣ ва дар такя ба қонунгузории амалкунанда мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Бояд қайд намуд, ки яке аз равандҳои меҳварӣ дар амалигардии функсияи экологии давлат маҳз ба экологикунонии қонунгузорӣ вобастагии зич дорад.

**Аннотация**

**Роль экологизации законодательства в реализации экологической функции государства**

В данной статье исследуется вопрос экологизации законодательства на основе теории юридической науки с опорой на действующее законодательство. Следует отметить, что один из ключевых процессов в реализации экологической функции государства тесно связан с экологизацией законодательства.

**Annotation**

**The role of ecologization of legislation in the implementation of the ecological function of the state**

The issue of ecologization of legislation based on the theory of legal science based on the current legislation is researched in this article. It should be noted that one of the key processes in the implementation of the ecologicall function of the state is closely related to the ecologization of legislation.



**УДК:**
**Матробов Матроб Хуррамович,**
*сардори шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: matrob.matrobov@gmail.com*
*Тел.: (+992) 935-32-55-05.*

# ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ МАКТАБҲОИ ҲУҚУҚИИ ҲАНАФИЯ ВА ИСМОИЛИЯ

***Калидвожаҳо:*** *ислом; ҳанафия; исмоилия; Абуҳанифа; Қозӣ Нуъмон; Мовароуннаҳр; Фотимиён.*

***Ключевые слова:*** *ислам; ханафия; исмаилия; Абуханифа; Кази Нуман; Мавераннахр; Фатимиды.*

***Keywords:*** *islam; Hanafia; ismaili; Abuhanifa; Qazi Nu'man; Movarunnahr; Fatimids.*

Сарчашмаи ташаккули ҳанафия ва исмоилия ба пайдоши мазҳабҳои сунниву шиа робита дорад. Ба ақидаи Ф. Дафтарӣ, асли мазҳаби суннӣ ва шиа ду равияи асосии Исломро, метавон ба ихтилоф ба сари ҷойнишинӣ, ки пас аз реҳлати пайғамбар Муҳаммад дар ҷамоати навтаъсиси Ислом ба вуҷуд омада буд, расонд ва заминаҳои ақидавии ин ҷудошавӣ тадриҷан дар муддати якчанд асрҳо рушд ва ташаккул ёфтанд [6, с.16]. Баъдан дар дохили мазҳабҳои зикршуда низ равияҳои дигар пайдо шуданд, ки аз аҳли суннат чор мазҳаби асосӣ ба монанди ҳанбалия, ҳанафия, моликия, шофеия ва аз аҳли шиа исноашарияву исмоилия маҳсуб меёбанд. Бо гузашти замон, мазҳабҳои зикршуда барои рушду тавсеа бахшидани таълимоти исломӣ ва ақидаву назарияҳои гуногун доир ба диншиносӣ, фиқҳ, фалсафа ва дигар илмҳо ба мактабҳои таълимотӣ табдил ёфтанд. Аз ин рӯ, дар мақолаи баррасишуда онҳо минбаъд на ҳамчун мазҳаб, балки мактабҳои динӣ-ҳуқуқӣ ёдоварӣ мешаванд.

Дар асари Р.Ш. Сотиволдиев мактабҳои исломӣ ба мактабҳои сиёсӣ, назариявӣ ва ҳуқуқӣ ҷудо карда шудаанд. Ҳанафия, ҳанбалия, шофеия, моликия ва ҷаъфария мактабҳои ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравaнд [21, с.140]. Қобили зикр аст, ки таълимоти мактабҳои зикршуда фарроху густарда буда, осори донишмандони ҳавзаҳои гуногуни илмиро фаро мегиранд. Дар байни макотиби зикршуда ҳанафия аз мактабҳои такмилёфтаест, ки ба пайдоишу инкишофи он маҳз намояндагони тоҷикон замина гузошта, минбаъд ин мактаб дар минтақаҳои гуногун ривоҷу равнақ ёфт.

Мазҳаби ҳанафия аз нигоҳи таърихи пайдоиш мазҳаби аввалин дар ҷаҳони Ислом аст ва аз мавқеи ҳудудиву ҷуғрофии густариш ва теъдоди пайравон бошад, мазҳаби бонуфузтарини исломӣ мебошад. Ҳоло пайравони мазҳаби ҳанафӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, Русия, Ироқ, кисмате аз Эрон, Афғонистон, Ҳинд, Покистон, Бангладеш, Индонезия, Туркия, кишварҳои канораи Балкан ва минтақаҳои дигари ҷаҳон аксариятро ташкил медиҳанд. Дар маҷмӯъ 77 фисади мусулмонони ҷаҳон пайрави мазҳаби ҳанафӣ мебошанд. Аз ибтидои зуҳур се мактаби бузург дар дохили мазҳаби ҳанафӣ-ироқӣ, мовароуннаҳрӣ ва мисрӣ ба вуҷуд меояд. Минбаъд суннатҳои мактаби мовароуннаҳрии ҳанафӣ дар Ҳинд ва қаламрави империяи Усмонӣ густариш ёфтааст[24]. Мазҳаби Абуҳанифа Имоми Аъзам, тавре маълум аст, бонуффузтарин мазҳаби ислом буда, ҳанӯз дар давраи ҳукмронии Аббосиён чун мазҳаби расмии хилофат амал мекард. Хулафои Аббосӣ (аз Мансур сар карда то Муқтафӣ), сипас, салотини Тоҳириён, Сомониён, Саффориён, Салҷуқиён, Хоразмиҳо, Усмониҳо аз мазҳаби ҳанафӣ пайравӣ намуданд. Дар Куфа, Басра, Ахвоз, Бағдод, Шероз, Кирмон, Хуросон, Туркистон, Мовароуннаҳр, Синд, Ҳинд, Рум, Булғор, Кошғар, Сиҷистон, Занҷ, Яман, Димишқ, бахши Озарбойҷон ин мазҳаб нуфуз дошт. Дар натиҷа мазҳаби ҳанафӣ дар

сарзамини Ироқ, Афғонистон, Покистон, Ҳинд, Чин, Миср, Мағриб, Андалус, Туркия, Юнон, собиқ Югославия, Албания паҳн мешавад [21, с.137]. Мактаби фиқҳи ҳанафӣ ва умуман, риштаи ҳуқуқ дар ислом ба дасти яке аз файласуфони бузурги ҷомеаи башарӣ ва донишманди абармарди аҳди табаатобеин Абуҳанифа поягузорӣ гардидааст. Дар рехтани пояҳои кохи баланди илмӣ, нӯхбагони фикрии он рӯзгор – шогирдони муқарраб ва тирози аввали он устоди беназир, ба монанди Абуюсуф, Муҳаммад, Зуфар, Ҳасан ва дигарон ширкати бевосита ва нақши басо азиме доштанд [3, 16]. Мактаби ҳуқуқии ҳанафия равияи ақлии ҳуқуқшиносиест, ки дар масири беш аз ҳазор сол беҳтарин донандагони илми ҳуқуқи миллат Имоми Аъзам, Аҳмад ибни Хафс ал-Бухорӣ, Абӯ Мансури Мотуридӣ, Абӯ Исҳоқи Навкадӣ, Акбар Абдулазизи Бухорӣ, Алӣ ибни Муҳаммад ал-Баздавӣ, Ҳисомуддин Умар ибни Абдулазизи Бухорӣ, Бурҳониддин Марғинонӣ, Абӯбакри Самарқандӣ, Абӯбакр ибни Масъуд ибни Аҳмади Косонӣ ва дигарон дар паҳнои он зиндагӣ ва андеша намуда, дар ғанӣ гардонидани арзишҳои илмию башарии он саҳмгузор гаштанд [25, с.49].

Ба андешаи аксар муаллифон дар ташаккули таълимоти ҳуқуқии мактаби ҳанафия саҳми Абуҳанифа калон мебошад. Чуноне, ки Ф.Т. Тоҳиров менависад, дар инкишофи ҳуқуқи классикии исломӣ поягузори мактаби ҳуқуқии аҳли суннат Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит саҳми бағоят бузург гузоштааст. Мактаби ҳуқуқии бавуҷудовардаи ӯ ҳамчун мактаби Абуҳанифа маълуму машҳур аст [23, с.12]. Абуҳанифа нахустин шахсест, ки фиқҳро асосгузорӣ намуда, онро китобат кардааст. Имом Шофеӣ дар ин бора чунин иброз доштааст: «Мардумон дар фиқҳ фарзанди Абуҳанифаанд» [20, с.141-145].

Ҳофиз ва қории машҳури Қуръони Маҷид, мутакаллим ва фақеҳи забардасти тоҷик Абуҳанифаи Кӯфӣ, ки дар байни пайравонаш бо номи «Имоми Аъзам» ва «Сироҷулаимма» шӯҳрат ёфта буд, дар Кӯфа мактаби алоҳидаи фиқҳӣ таъсис дода, ба мадади ёрони ҳамақида ва шогирдони сершумораш фиқҳи ҳанафиро поягузорӣ намуд. Ин равия асрҳои минбаъда чи дар Шарқ ва чи дар Ғарби исломӣ бо номи мазҳаби суннат ва ҷамоат пайравони зиёдеро пайдо кард [12, с.66]. Мазҳаби ҳанафӣ аз ҳама мактаби озодандешу таҳаммулпазир дар байни чор мактаби ҳуқуқии аҳли суннат дониста шудааст. Номи поягузораш Нуъмон бин Собит бин Зута ибни Маҳ [44, с.1], аммо дар байни мардум бо номи «Абуҳанифа» маъруф буда, соли 699 милодӣ дар шаҳри Кӯфаи Ироқ ба дунё омадааст. Аз синни наврасӣ ба падари худ дар тиҷорат кумак мекард.

Абуҳанифа тоҷиктабор буда, ниёи ӯ аз асилзодагони Балх будаанд. Бо ривояте, нисбати ӯ ба силсилаи шоҳони пешдодии Эрон рафта мерасад. Падарбузурги ӯ Зутӣ баъди фатҳи Хуросон ҳамроҳ бо сарбозони ишғолии араб аввал ба Ироқ, баъдан ба Мадина ҳиҷрат намуда, дар он ҷо ба ислом мегараванд [12, 67]. Аксари маълумотҳо шаҳодат медиҳанд, ки Абуҳанифа аз мулки Аҷам аст. Дар китобҳои «Ал-мутоилоту н-нусус», «Ҷомеъ-ур-румуз», «Ахбори Абуҳанифа ва асҳоби ӯ», «Маноқиби Имоми Аъзам» ва ғайра зикр шудааст, ки Абуҳанифа аз Кобул, ё Бобул, Нисо ва ё аз Тирмиз будааст. Бештари маълумотҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки ин фақеҳи олирутба аз Кобул аст [14, с.118]. Набераи Абуҳанифа – Исмоил низ дар хусуси куннияти худ гуфтааст, ки «...ман, Исмоил писари Ҳаммод, писари Нуъмон, писари Собит, писари Марзбон аз озодагони форс ҳастам...» [18, с.11].

Абуҳанифа аз фақеҳ ва олими Кӯфа Ҳаммод ибни Абусулаймон муддати 18 сол таълим гирифта, то дами марги устодаш муошир ва ҳамнишини ӯ буд. Бо марги Ҳаммод ҷонишини ӯ мешавад ва дар мудати 30 сол ин мақомро ба ҷо меорад. Ӯ пас аз вафоти устодаш барҷастатарин шогирдаш пазируфта мешавад, ҳаққи судури фатво ва тадриси фиқҳро дар Кӯфа соҳиб гашта, кореро анҷом медиҳад, ки бо таъсиси фиқҳи ҳанафӣ меанҷомад. Дар ин муддат ӯ ҳудуди 60 ҳазор (аз рӯи ривояти дигар 83 ҳазор) масъалаи фиқҳиро ҷавоб медиҳад. Абуҳанифа қавонини шаръиро тадвин мекунад, ки минбаъд ба унвони қонун дар ҷаҳони ислом пазируфта мешавад [21, с.127]. Имом Абуҳанифа аз мутафаккирону донишмандони пешин баҳра гирифтааст. Чуноне, ки муҳаққиқон менависанд, сарчашмаи ҷӯшони мазҳаби Имом мактаби Абдуллоҳ ибни Масъуд (ваф. 33 ҳ.) ва ёронаш, довариҳои Алӣ ибни Абутолиб (в. 40 ҳ.), Шурайҳи Қозӣ ва Шаъбӣ, ҳамчунин фатвоҳои Иброҳим, ки ҳама дар

Кӯфа сурат гирифтаанд, маҳсуб мешаванд. Абуҳанифа мегӯяд: «Бар амири мӯъминон Абуҷаъфар (халифаи аббосӣ) ворид шудам. Вай пурсид: Илмро аз кӣ гирифтаӣ, эй Абуҳанифа?. Гуфтам: Аз Ҳаммод, аз Иброҳим, аз Умар ибни Хаттоб ва Алӣ ибни Абутолиб ва Абдуллоҳ ибни Масъуд ва Абдуллоҳи ибни Аббос! Чӣ аҷаб! Ба он андоза, ки хосатан будӣ, худро мутмаин ва муътамад сохтӣ, эй Абуҳанифа!» [3, с.16-17].

Абуҳанифа дар замони хеш ҳамчун донандаи илми фиқҳ доир ба масъалаҳои гуногуни ҳаёт андешаи худро баён кардааст, ки дар натиҷа заминаи ташаккули низоми муайяни донишҳову шарҳҳои мутафаккир дар илми фиқҳ гардидаанд. Ба андешаи Ф.Т. Тоҳиров, Абуҳанифа нахустин бор таҳияи заминаи анъанаҳои хаттӣ ва мураттаби асосҳои илмиву назариявии ҳуқуқи исломии классикиро тарҳрезӣ намудааст. Ӯ ҳуқуқи исломиро ба боб, соҳа ва зерсоҳаҳои алоҳида тақсим карда буд [23, с.7]. Имом Абуҳанифа аввалин касе буд, ки дар фиқҳ ёддоштҳо кард ва маводро ба бобҳову китобҳо ҷудо намуд. Рисолаи Абуҳанифа «Ал-фиқҳ ал-Акбар» дар байни пайравонаш аз бузургтарин нуфуз бархӯрдор аст [11, с.25]. Аз ӯ чанд китобе боқӣ мондааст («Фиқҳи Акбар», «Фиқҳи Абсат», «Олим ва Мутаъалим», «Рад бар Қадария» ва «Васиятнома») вале шогирдону пайравонаш қариб дар тамоми соҳаҳои ҳуқуқи исломӣ бо пайравӣ аз устоди худ китобҳо навиштаанд, ки масоили ҳуқуқиро ба танзим медароранд [10, с.156-157]. Асари калонҳаҷми ӯ «Фиқҳи Акбар» ба ҳисоб рафта, ба андешаи А.В. Смирнов аввалин баёни таълимоти мусалмонӣ дар мазҳаби суннат ва ҷамоат мебошад [19, с.52-53]. Ба назари донишманди тоҷик А. Боқизода Абуҳанифа ва шогирдонаш (ҷамъе аз нӯхбагони андешаи он рӯзгор) ба сурати бузургтарин мактаби илмӣ-таҳқиқотӣ ва шоистатарин маҷлиси қонунгузорӣ амал карда, бинои мазҳаби худро бар асоси шӯро ва ба таври дастаҷамъӣ гузоштанд. Дар он маҷмаи илмӣ пас за баррасиву таҳқиқ дар масоили матраҳгардида ва ба хулосае расидани нуқтаи назари тамоми онҳо, ба котиботи маҷлис дастур мешуд, то онҳо дар китобе бо номи «ал-Усул» ё «ал-Асл» сабт гарданд ва яке аз котибҳо худи Абуюсуф буд [3, с.16].

Хидматҳои Абуҳанифа дар илми фиқҳ, фарҳанги исломӣ, пешрафти мактабҳои динӣ-ҳуқуқӣ беназир аст. Ӯ таъсисдиҳандаи мактаби алоҳида ва муаллиму мутафаккири барҷаста ба ҳисоб меравад. Маҳз бо талошҳои ӯ илми ҳуқуқи исломӣ ташаккул ёфта, дар заминаи таълимоти фиқҳиаш мактаби ҳанафӣ мукаммал гардид, ки бешубҳа ба мактабҳои дигари исломӣ низ таъсир расонд. Дар баробари хидматҳои шоён дар густариши илми фиқҳ, инчунин Абуҳанифа саҳми намоён дар такмили забони тоҷикиву фарҳанги миллӣ гузоштааст. Чуноне, ки Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар асари худ «Имоми Аъзам ва фарҳанги миллӣ» менависад, «маъхазҳои гуногуни таърихӣ гувоҳанд, ки Имоми Аъзам ва мазҳаби фиқҳии ӯ дар ҳифз ва тақвияти асолати қавмӣ-миллӣ, ҳуввияти таърихӣ ва арзишҳои фарҳангӣ ва динии халқҳои шомили Хилофати исломӣ нақши бузурги таърихӣ доштанд. Агар имрӯз халқҳои мусалмони дорои асолату ҳуввияти том, забон, фарҳанг, урфу одат ва суннату анъаноти хоссу нотакрори таърихӣ фаъолияти босамар ва созанда бошанд, пас дар ин амр хидмати арзандаи ин бузургмард ва мазҳаби ӯ хеле хуб возеҳ мегардад. Хидмати ӯ, махсусан дар ҳифз ва тақвияти асолати таърихӣ ва фарҳангии халқи мо бесобиқа бузург ва шоистаи қадрдонист» [28, с.11].

Ба андешаи эроншинос ва шарқшиноси рус, академик В.В. Бартолд, Абуҳанифа аввалин фақеҳ ва ҳомиест, ки забони шаккарини «форсии тоҷикӣ ва ё дариро дар қатори забони бою ғании арабӣ-забони дину ойин ва коргузорӣ хонд. Абуҳанифа забони аҷдодии худро дар радифи забони арабӣ, забони илму ҳикмат ва дину давлат эълон кардааст [8]. Дар бораи аҳвол ва осори Абуҳанифа аз замони зиндагӣ то имрӯз асарҳои зиёд бо забонҳои гуногун навишта шудаанд, ки шаҳодат аз бузургмандӣ ва шахсияти таърихии миллати тоҷик будани Абуҳанифаро тасдиқ мекунад. Бахусус ба забони тоҷикӣ дар бораи Абуҳанифа ва осори ӯ китобу мақолаҳои зиёд ба табъ расиданд, ки яке аз онҳо асари Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон – «Имоми Аъзам. Рӯзгор, осор ва афкор» мебошад. Дар ин асар низ таъкид шудааст, ки аз рӯи ҳисоби аллома Шиблӣ 27 нафар аз уламои ислом дар маноқиб (тавсифи корҳо ва сифатҳои писандида)-и Абуҳанифа китобҳои калонҳаҷм навиштаанд,

ки ин худ далели бузургиву қадри манзалати азими ин нобиғаи нотакрор дар байни мусалмонон мебошад. Зеро дар таърихи ислом камтар касеро аз пайравони ин ё он мазҳаб ва илмҳои исломӣ метавон пайдо кард, ки ин миқдор китоб доир ба тавсифи шахсият ва аҳволу осори (маноқиб) ӯ таълиф шуда бошад [29, с.5].

Ҳамин тариқ, дар тӯли умри кӯтоҳи худ Абуҳанифа илми фиқҳи исломиро тадвин сохт ва мактаби ҳуқуқиеро созмон дод, ки ба он халқҳои гуногун бо фарҳангу забон ошноӣ пайдо карданд. Дар доираи илмиву машваратие, ки Абуҳанифа гирд оварда буд, бештар аз ҳаштоду ду ҳазор масъалаву қоидаи ҳуқуқӣ баррасиву муҳокима карда шуд. Ин кор танҳо дар бисту ду соли фаъолияти ӯ анҷом пазируфт.

Тақрибан бештар аз нисфи маҷӯаи Абуҳанифаро қонунҳову масоиле ташкил медоданд, ки дар замони ҳаёти Абуҳанифа ҳанӯз ба вуқӯъ напайваста буданд ва ин маҷмӯаи азимро дар илми аҳкомшиносӣ ба фиқҳи тақдирӣ ва ё қонунҳои эҳтиётӣ ном мебаранд. Китоб, суннат, иҷмоъ ва қиёс асоси иҷтиҳодоти мазҳаб ва умуман, фиқҳи аҳли суннатро ташкил медиҳанд Бузургӣ ва ҷанбаҳои гуногуни шахсияти ӯ тамоми ҷомеаро дар се бахш: мардумӣ, сиёсӣ ва илмии он фаро гирифта буд ва мардум ӯро барҳақ, бузургтарин имом (Имоми Аъзам) ва қаҳрамони озодиву самоҳат (осонгирӣ ва нармӣ) дар ислом номида буданд [3, с.16]. Абуҳанифа миёни миллатҳои гуногун ахлоқи накӯ, таҳаммулпазирӣ ва эҳтирому гиромидошти дину оин ва дигар намунаҳои рафтори олии инсониро тарғиб менамояд.

Имрӯзҳо дар ҷомеа ҳар гуна дидгоҳ, равияҳои ифротиву таҳаммулнопазир пайдо шудаанд, ки амният ва субботу оромиро халалдор месозанд. Бархе аз ашхоси ноогоҳ аз таълимоти исломӣ ва мактабҳои фикрии он дар ғафлатанд ва танҳо барои манфиати худ, тарғиби низоъу моҷаро аз дин сӯистифода мекунанд. Намояндагони мактабҳои бонуфуз, алалхусус ҳанафия ва исмоилия дар тӯли қарнҳо бо мероси гаронбаҳо ва афкори пурарзиш андешҳои солиму созандаро ба вуҷуд оварданд, ки осори онҳо саршор аз ахлоқу ҳикмат ва тарғиби бародариву ҳамдигарфаҳмист. Чуноне, ки Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон менависад, Имоми Аъзам рӯҳи замони худро дуруст дарк карда, барои ягонагии уммати исломӣ, бартараф намудани ҳар гуна ифрот дар масъалаҳои марбут ба ақида ва фиқҳи исломӣ, ҳифзи асолати фарҳангии қавмҳои гуногуни ҷаҳони ислом, махсусан урфу одатҳои мардумӣ ҳамчун сарчашмаҳои қонунгузории динӣ, тамоми нерӯи ахлоқӣ ва ақлонии худро бахшидааст. Инчунин дар ҷои дигар қайд менамояд, ки корбурди васеи усул, шеваҳо ва ниҳодҳои мазҳабии Имоми Аъзам дар чаҳорчӯби мактаби фиқҳии ӯ нақши муассир ва тӯлонӣ дошт. Ташаккули чунин мактаб аз хидматҳои таърихии Имоми Аъзам аст. Шогирдону намояндагони маъруфи он, қабл аз ҳама Абӯюсуф ва Муҳаммади Шайбонӣ дар гирдоварӣ ва шаклдиҳии низоми ақидатӣ ва фиқҳии ӯ нақши бузург доштанд. Ба шарофати хидмати онҳо ин низом ҳифз шуд, побарҷо монд ва такмил ёфт [28, с.35].

Меъёрҳои фиқҳ инъикоси худро дар 6 китоби шогирди Абуҳанифа – Абуабдуллоҳ Муҳаммад бин ал-Ҳасан аш-Шайбонӣ (749–805) – «Ал-Мабсут», «Ал-Ҷамӣ ас-сағир», «Ал-Ҷамӣ ал кабир», «Аз-Зийадат», «Ас-Сийар ал-кабир», «Ас-Сийар ас-сағир» ёфтанд. Дар ин китобҳо, аз рӯи баҳои мутахассисон, аз 60 то 80 ҳазор меъёрҳои алоҳида мавҷуд аст [11, с.29]. Ҳудуди 700 то 800 тан аз шогирдони ӯ дар атрофи мамолики исломӣ ҳаёт ба сар бурда, тадриси илми фиқҳро ба ҷо овардаанд. Тақрибан 50 нафари онҳо пас аз марги Абуҳанифа дар рӯзгори хилофати Аббосиён мақоми қазоёро адо мекунанд. Шогирдони ӯ таълимоти устодашон Абуҳанифаро паҳн мекунанд, таълиму тарбияи мусалмононро ба ухда мегиранд. Худи Абуҳанифа шогирдонашро чунин тафсиф кардааст: «Инон сию шаш тананд, ки аз онҳо бисту ҳашт тан муносиби мақоми қазо, шаш тан лоиқи судури фатво ва ду тани дигар шоистаи таълим додан ба қозиёну фақеҳонанд» [12, с.128]. Бо чунин доираи бузурги илмӣ ва шогирдони муътабар ҳанафия ба мактаби пурнуфузи замон табдил ёфта, пайравони он ба таълиму тадриси илмҳои исломӣ, инчунин фаъолият дар қозиёту дигар мансабҳои давлатиро пеша карданд.

Ҳамин тариқ, ҳанафия аз мактабҳои бузурги аҳли суннат ва ҷамоат мебошад, ки аз нигоҳи ҷуғрофӣ васеъ паҳншуда ва пайравони

зиёд аз байни миллату халқҳои гуногун дорад. Чунин хусусиятҳо хосси мактаби ҳанафия мебошанд: якум, аз миёни дигар мактабҳо ҳанафия мероси зиёдро боқӣ гузошта, ҳамчун мактаби такмилёфта ба шумор меравад. Таълимоти ҳанафия фарогири на танҳо масъалаҳои ҳуқуқист, балки намояндагону донишмандони он мероси ғании фалсафӣ, адабӣ ва таърихиро аз худ боқӣ гузоштаанд. Дуюм, таълимоти ҳанафия бар пояи аслҳои инсондӯстӣ, ақлгароӣ, тоқатпазирии динӣ ва ғ. ташаккул ёфтааст. Ин мактаб бар пояи аслҳои ақлӣ (ратсионалӣ)-ву, таҳаммулпазирӣ ташаккул ёфта, минбаъд ба минтақаҳои дигар густариш ёфтааст. Бар замми мактаби фиқҳӣ, таҳаммулпазиртарин равия дар ислом мебошад. Сеюм, таълимоти ҳуқуқии ҳанафия маҳз бо ибтикори мутафаккирони миллати тоҷик такмилу гуфтариш ёфтааст. Бешаку шубҳа метавон гуфт, ки осори Абуҳанифа Нумон, намояндагони шохаи мовароуннаҳрӣ, инчунин донишмандони дигар то асрҳои 18-19 асоси таълимоти ҳанафияро ташкил медоданд. Чорум, таълимоти ҳанафия барои хилофату амoратҳо дар асрҳои миёна ҳамчун низоми расмӣ хидмат мекард. Маҳз хилофати Аббосиён, сулолаҳои маҳаллии тоҷикӣ ва давлатҳои турку муғул бар пояи таълимоти ҳанафия муносибатҳои марбут ба давлату ҳуқуқро татбиқ мекарданд.

Исмоилия дар радифи мактабҳои Ислом фарогири таълимоти фалсафӣ, ахлоқӣ, динӣ ва ҳуқуқӣ мебошад. Таълимоти ҳуқуқии исмоилия дар асоси фиқҳи исломӣ, афкори нахустин имомони шиа ва мактаби ҷаъфария такмил ёфта, фарогири меъёру падидаҳои зиёди ҳуқуқӣ мебошад. Исмоилия фирқаест, ки миёнаи асри II/VII ба вуҷуд омада, бо номи Исмоил фарзанди имоми 5-уми ташайюъ Ҷаъфари Содиқ (ф. 148/765) маъруф гардидааст. Қабл аз он, ки ба баррасии пайдоиш ва густариши таълимоти ҳуқуқии мактаби исмоилия пардозем, зарур аст, ки заминаҳои ташаккули мактаби исмоилияро мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Таълимоти ҳамаи мактабҳои ҳуқуқии ташайюро сарчашмаҳои аввалиндараҷаи ҳуқуқи исломӣ (Қуръон ва суннат), ақидаҳову андешаҳои имомони нахустини шиа (Алӣ Абутолиб, Зайнулобиддини Ҳасан) ва мактаби Ҷаъфария ташкил медиҳанд.

Бояд қайд кард, ки мактабҳои фиқҳии аҳли шиа ва ҳанафия дар як ҷо пайдо (шаҳри Кӯфа) шуда, ташаккул ёфтанд, ки онҳоро баъзан дар адабиёти илмӣ бо номи «мактаби кӯфӣ» ёдоварӣ мекунанд. Ба андешаи муҳаққиқ Д.С. Обидов асосгузори он Алӣ Абутолиб буда, бар асоси ин мактаб Абуҳанифа дар Кӯфа ба пояҳои ҳуқуқии мактаби Ҳанафия асос гузоштааст. Ба андешаи ӯ «...дар давраи тобеин мактаби куфии фиқҳи ислом, ки асосгузоронаш Алӣ ибни Абӯтолиб ва Абдуллоҳ ибни Масъуд буданд, хеле рушд кард» [17, с.89]. Ин мактабро аҳли раъй (ақлиюн) меномиданд, ки маркази аслии он шаҳри Кӯфа ва шуъбаи бузурги он дар шаҳри Бағдод буд. Аз имомони чоргона Абуҳанифа роҳбарии ин мактабро ба ухда дошт [10, с.133]. Аз ин ҷо бармеояд, ки решаи пайдоиши мактаби ҳанафия ва мактабҳои шиа аз як ҷост. Зеро, асосгузорони онҳо таълимоти худро, чуноне, ки муаллифон қайд мекунанд, аз мактаби кӯфӣ ривоҷ додаанд.

Дар байни мактабҳои аҳли ташайюъ таълимот ва осори Алӣ Абутолиб манбаи муҳим ба шумор рафта, пас аз сарчашмаҳои умумиисломӣ онҳо заминаи ташаккули таълимоти диниву ҳуқуқӣ маҳсуб меёбанд. Ба андешаи муаллифон, Алӣ донишмандтарин шахсе буд, ки на танҳо тавсияҳои дуруст ба роҳбарону ҳокимон медод, балки масъалаҳои душвори ҳуқуқиро ҳал мекард [50, с.13]. Ба қаламаи ӯ асари динӣ, фалсафӣ ва ҳуқуқии «Наҳҷ-ул-балоға» тааллуқ дорад. «Наҳҷ-ул-балоға» матни хутбаҳо, мактубҳо ва ҳикматҳоест, ки ба воситаи олими машҳури ташайюъ дар замони Аббосиёни Бағдод Алшариф ар-Розӣ (в. 1016 м.) ҷамъоварӣ шуда, бештар матнҳои он ба Имом Алӣ Абутолиб мутааллиқанд [36, 33-56]. Қобили зикр аст, ки китоби мазкур андешаҳои имомро дар масоили динӣ, ҳуқуқӣ, фалсафӣ ва адабӣ фаро гирифтааст. Алалхусус принсипҳои адолат, қонуният, инсондӯстӣ, институтҳои ҳуқуқу озодиҳо ва ӯҳдадориҳо, никоҳ, шартномаҳо, ҷиноят ва ҷазо, инчунин ҷанбаҳои ҳуқуқии идора ва хилофат дар китоби мазкур инъикос ёфтаанд. Имомони дигар аз насли Алӣ Абутолиб низ дар рушду нумӯи таълимоти ҳуқуқии мактабҳои ҷаъфария нақши бузург гузоштанд. Аз ҷумла, асари ҳуқуқии «Саҳифаи Саҷодия» ё «Рисолат-ул-ҳуқуқ», ки аз ҷониби Зайнулобиддини Ҳусайн навишта шудааст,

фарогири бисёр меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ аст. «Рисолат-ул-ҳуқуқ», яке аз манбаҳои муҳим доир ба ҳуқуқ ба ҳисоб меравад [9, с.25-42]. Ба хусус дар он мафҳуми ҳақ, ҳуқуқ, вазифа ва уҳдадорӣ таҷассум ёфтааст. Дар ин асар таърифи мафҳуми «ҳуқуқ», «муносибат» ва «ахлоқ», робитаи миёни «ҳуқуқ» ва «уҳдадорӣ» баён гардидааст. Ҳамчунин номаҳо дар асарҳои ӯ дарҷ гаридаанд, ки барои ҳалли муносибатҳои ҷамъиятӣ равона шудаанд. Пас аз Зайнулобиддин таълимоти аҳли ташайюъ дар мактаби Ҷаъфария аз ҷониби писар ва наберааш Боқир ва Ҷаъфари Содиқ такмил ёфт.

Саҳми Муҳаммади Боқир (тақрибан миёнаи солҳои 114 ҳ.қ./732 м. ва 118 ҳ.қ./736 м.) дар ташаккулёбии ҳуқуқшиносии мактабҳои аҳли ташайюъ бузург мебошад. Маҳз бо ташаббуси ӯ ва Ҷаъфари Содиқ (в. 148 ҳ.қ./765 м.) таълимоти ҳуқуқи шиа такмил дода шудааст. Онҳо тақрибан дар муддати 70 сол дониш ва таҷрибаи бойро ҳосил намуда, онро густариш доданд. Аҳамияти омӯзиш ва афзоиши шумораи зиёди донишомӯзон дар ин замон ба рушди илмҳои исломӣ ва дигар фанҳо мусоидат кард. Сабаби асосии он фароҳам овардани фазои самарабахш барои фаъолияти эҷодӣ дар замони Ҷаъфари Содиқ буд [50, с.104]. Ба андешаи Р. Шарофзода низ ташаккули мазҳаби ҷаъфарӣ бо номи Ҷаъфар ас-Содиқ робита дорад [21, с.119]. А.Ғ. Холиқзода бошад чунин ақида дорад, ки дар байни мактабҳои ҳуқуқии шиа мактаби ҳуқуқии ҷаъфариён такмилёфта ва озодандеш мебошад [21, с.95]. Ҷаъфари Содиқ дар муборизаҳои сиёсӣ иштирок накарда, ҳаёти худро ба омӯзиш бахшид [1, с.816]. Бояд қайд кард, ки маҳз бо мароқи зиёд доштани асосгузори мактаби ҷаъфария ба омӯзиши паҳлӯҳои гуногуни таълимоти исломӣ, мактаби ҷаъфария ба мактаби бузурги таълимотӣ табдил ёфта, бештари мактабҳои дигари аҳли ташайюъ дар заминаи он таълимоти ғанӣ арзи вуҷуд карданд. Заминаи асосии рушду инкишофи таълимоти ҳуқуқии исмоилияро таълимоти ҷаъфария ташкил медиҳад. Ҷаъфария дар баробари мактабҳои ҳуқуқии асрҳои 7-9 мактаби бонуфуз маҳсуб ёфта, на танҳо асоси таълимоти исмоилия, балки ба таълимоти имомияву исмоилия ва дигар мактабҳо замина гузошт.

Баъд аз вафоти Ҷаъфари Содиқ дар таърихи исмоилия «давраи торикӣ» оғоз шуда, пайравон алоқаи мустақими худро бо он гум карданд, аммо дар амалияи ҳаётии худ аз меъёрҳои ҳуқуқии ҷаъфария истифода мекарданд. Таълимоти ҷаъфария дар кишварҳои Эрон, Ироқ, Озарбойҷон, Лубнон, Афғонистон, Баҳрайн, Покистон, Ҳиндустон ва Арабистони Саудӣ паҳн гардид [37, с.70].

Исмоилияи ҳамчун мактаби дуввуми бузургтари ҷаъфария дар давраи нахустин (давраи тақсимшавии равияи шиа ба исмоилияву исноашария), замони Фотимиён, марҳиллаи Аламут, давраи пасоаламут ва давраи нав рушду такмил ва густариш ёфтааст. Марҳаллаи муҳимтарини такмили таълимоти ин мактаб ба давраи Фотимиёни Миср мансуб аст.

Давлати фотимӣ нахуст дар Африқои Шимолӣ ва баъдан дар Миср ба муддати 285 сол арзи вуҷуд карда, пойтахти худ Қоҳираро бо масҷиди бошукӯҳи «Ҷамӣ ал-Азҳар», ки аввалин донишгоҳи ҷаҳонӣ қабл аз Оксфорду Кембриҷ буд, сохтанд [48, с.120]. Ба давлати Фотимиён Убайдуллоҳ ибни Ҳусайн (909–934; маъруф бо лақаби Маҳдӣ) асос гузошта, номи давлат ба духтари пайғамбар Муҳаммад – Фотима нисбат дода шудааст [4, с.76]. Дар замони Фотимиён таълимоти ҳуқуқии исмоилия такмил ёфта, чандин асарҳои ҳуқуқӣ эҷод гардиданд. Ба андешаи И.К. Пунавалла низоми муайяни ҳуқуқи исмоилия баъди таъсисёбии давлати Фотимиён дар Африқои Шимолӣ ба вуҷуд омад [46, с.197]. Ба андешаи Ф. Дафтарӣ, аз рӯи адабиёти давраи ибтидоии исмоилиён маълум мешавад, ки пеш аз хилофати Фотимиён ҳуқуқи исмоилия мураттабу муайян набуд [33, с.246]. Имом-халифаҳои фотимӣ ба таъсиси донишгоҳҳо (бахусус донишгоҳи ал-Азҳар) ва пешрафти илму дониш аҳамияти беандоза зоҳир мекарданд. Донишгоҳи бузург ва маъруфи ал-Азҳар (972) нақши бузург дар пешрафти таълимоти исмоилия бозид [48, с.104]. Илми фиқҳ (ҳуқуқшиносӣ) яке аз илмҳои асосӣ ба ҳисоб рафта, ба он аҳамияти калон дода мешуд [49, с.262].

Таълимоти ҳуқуқии исмоилия асосан дар натиҷаи кӯшишҳои Қозӣ Абӯ Ҳанифаи Нуъмон ибни Муҳаммад ибни Мансур ибни Аҳмад ибни Ҳайуни Тамими Мағрибӣ, ки ба номи

Қозӣ Нуъмон (в. 363/974) маъруф аст, такмил дода шудааст [6, 200]. Ба воситаи ӯ ҳуқуқи исмоилия коркард гардид ва дар «Даоим-ул-ислом», ки бузургтарин асари фиқҳӣ ба ҳисоб мерафт, инъикос ёфт [30, с.127]. Қозӣ Нуъмон тақрибан соли 903 таваллуд шуда, соли 925 ба хидмати халифаи фотимӣ Маҳдӣ дохил шудааст. Ӯ дар давраи чор халифаи аввали фотимӣ дар вазифаҳои гуногун, мисли китобдори китобхонаи дарбор ва қозии Триполию Мансурия хидмат кардааст [2, 220]. Дар давраи Маҳдӣ (909–934) дар Ифриқия (Тунис ва шарқи Алҷазоир) бештар фаъолият кардааст [45, с.51]. Дар давраи халифа Мансур Қозӣ Нуъмон қозии шаҳрҳои Мансурия, Маҳдия, Қайравон ва ҳамаи шаҳру вилоятҳои Ифриқия, Тероблус додгоҳи давлати Фотимиён буда, дар замони халифа Муъиз унвони «қозиулқузот»-ро гирифт. Дар Қоҳира Нуъмон умри тӯлонӣ надида, пас аз хидмати 50 -солааш 27 марти соли 974 вафот кард ва кори ӯро авлодонаш дар низоми қозиёти Миср давом доданд [38, с.2]. Тӯли ним асри фаъолият, ӯ осори худро дар Африқои Шимолӣ навишт ва татбиқи минбадаи асарҳои ҳуқуқии ӯ маҳз дар Миср сурат гирифт, ки бевосита дар он фарзанду наберагонаш саҳм гузоштанд [41, с.313-315].

Ҳамаи асарҳои Қозӣ Нуъмон ба забони арабӣ навишта шудааст, ки онҳо қуръоншиносӣ, ахлоқ ва ҳуқуқро дар бар мегиранд. Таълифоти Қозӣ Нуъмон аз 32 асар иборат аст [30, с.117-143]. Ба нақл аз В.А. Иванов Қозӣ Нуъмон 12 китоб дар ҳуқуқ «Китоб-ул-эзоҳ», «Мухтасар-ул-эзоҳ», «Алахбор-фи-л-фиқҳ», «Мухтассар-ул-осор», «Ал-ихтисор», «Ал-қасидат-ул-мунтахаб», «Даоим-ул-ислом», «Зикр-ул-ҳалол-вал-ҳаром-вал-қазоё-вал-аҳком», «Минҳоҷ-ул-фароиз», «Ал-иттифоқ вал ифтироқ», «Ал-мухтасар», «Ал-янбӯъ» навиштааст [7, с.27-40]. Натиҷаи кӯшишҳои ӯ дар аввалин китоби бисёрҷилда бо номи «Китабализаҳ» (Китоби эзоҳ) дарҷ ёфтанд, вале ин китоб то замони мо пурра нарасидааст [38, с.2] ва он яке аз нахустин қонунномаҳои калонҳаҷм ба ҳисоб мерафт [42, с.29]. Дар «Китоб-ал-эзоҳ», мустақиман ба ҷамъоварӣ ва мураттабнамоии шумораи зиёди ҳадисҳое, ки аз пайғамбар ва аҳли байти он гуфта шудаанд, такя мекард [30, с.117-143].

Миёни осори зикршуда «Даоим-ул-ислом» аз ҷумлаи китоби пурарзиш ва калонҳаҷми ҳуқуқӣ ба шумор меравад, ки дар рӯзгори Фотимиён ба монанди маҷмӯаи қонунҳо эътироф мешуд. Ба андешаи И. К. Пунавалла, низоми ҳуқуқие, ки Нуъмон дар ду бахши «Даоим-ул-ислом» таҳия намуд, барои истифодаи ҳам давлати Фотимиён ва ҷамоати исмоилӣ хидмат мекард [50, с.38]. Мисли аҳли суннат ва ҷамоатҳои дигари шиа, исмоилиён ҳамакнун дорои таълимоти ҳуқуқӣ шуданд, ки он ҳамчунин усули идораи ҷамоати исмоилиро шарҳ медод [5, с.202]. Ин асар барои исмоилиёни тайибӣ, хусусан исмоилиёни баҳраи Ҳиндустон матни асосии ҳуқуқӣ боқӣ монд [42, с.29]. Осори таълифкардаи Қозӣ Нуъмон ҳамаи институтҳо ва соҳаҳои ҳуқуқиро фаро гирифта, амалан дар давлатдории Фотимиён ва ҳаёти иҷтимоии аҳолии он истифода шуданд. «Даоим-ул-ислом», ки барои омӯзиши фиқҳи фотимии исмоилӣ манбаи асосӣ мебошад, аз замони халифа Муиз санад ва қонунномаи расмии Фотимиён гардид. Ин асар аз ду бахш иборат буда, бахши якум аҳкоми динӣ аз қабили ибодат, закот, савм (рӯза), ҳаҷ ва ғайраро фаро мегирад. Бахши дуввуми ин асар ба масъалаҳои муомилот, яъне масъалаҳои гражданӣ, молу мулк, мерос, никоҳ, талоқ ва ғ. бахшида шудааст.

Ба андешаи олим Ҷ. Шохт китоби «Даоим-ул-ислом» аз принсипҳои муайян ва мубоҳисавии мантиқӣ-ҳуқуқӣ иборат аст, ки тамоми меъёрҳои ҳуқуқиро фаро гирифта, муносибатҳои ҳаётии пайравони исмоилияро аз лаҳзаи таваллуд то марг дар бар гирифтааст [49, с.262]. Принсипҳо ва меъёрҳои «Даоим-ул-ислом» таълимоти умумиисломӣ ва аҳли ташайюро фаро гирифта, ба бахшҳои алоҳида бо номи «китоб» тақсим шудаанд. Дар муқоиса ба низоми ҳуқуқи муосир, дар китоби зикршуда, соҳаҳои ҳуқуқи оилавӣ, моликият ва мерос, таъминоти иҷтимоӣ аз ҷумла хӯрок, либос, ҳуқуқи шикор, ҳифзи набототу ҳайвонот ва ғайра дарҷ ёфтааст. Тамоми меъёрҳои ҳуқуқии соҳаҳои гуногун дар як китоб дарҷ гардидаанд, ки ба маҷмӯи қонунҳо шабоҳат дорад.

Чуноне, ки қаблан зикр гардид, пешрафти таълимоти ҳуқуқӣ аввалан аз тарафи халифаву вазирони фотимӣ бо таъсиси мактаб ва роҳандозии корҳои омӯзишӣ амалӣ гардид. Ба

андешаи Ф. Дафтарӣ, аҳкоми ҳуқуқие, ки аз тарафи фақеҳони исмоилӣ тафсир мешуданд, барои ҳаёти ҳаррӯзаи мусулмонони давлати фотимӣ заминаи ҳуқуқиро таъмин мекард. Бо вуҷуди ин, ҳуқуқи исмоилия мактаби нави ҳуқуқӣ буда, принсипҳои он аз ҷониби фақеҳон шарҳ дода мешуд. Ин амал дар маҷлисҳои мунтазам ва кушод, ки аз тарафи худи Қозӣ Нуъмон оғоз ёфта буд, роҳандозӣ мегардид.

Баъд аз Қозӣ Нуъмон таълимоти ҳуқуқи исмоилия рушд накард. Пас аз нузули Фотимиён дар Миср (1171) ҷомеаи мусталияи тайибӣ ва сулаҳиён дар Яман (1138) асрҳои минбаъда арзи ҳастӣ карданд, вале дар таълимоти ҳуқуқии исмоилӣ ҳисса нагузоштанд [46, с.195-197]. Ҷамоати исмоилии тайбиён ва мусталиён дар Яману Ҳиндустон «Даоим-ул-ислом»-ро ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи оилавӣ истифода мекарданд [50, с.38].

Дар муқоиса бо чор мактаби ҳуқуқии аҳли суннат (ҳанафия, моликия, шофеия, ҳанбалия) ва мактаби имомия адабиёти исмоилиёни фотимӣ доир ба ҳуқуқ маҳдудтар буда, таълимоти ҳуқуқии исмоилия қариб пурра аз асарҳои Қозӣ Нуъмон иборат аст. Зеро шумораи ками ҳуқуқшиносони исмоилӣ дар давраи баъд аз Фотимиён ба навиштани асарҳои ҳуқуқӣ машғул шудаанд ва он асарҳо танҳо дар доираи ҷамоатҳои алоҳидаи исмоилӣ ҳифз шудааст. Ба андешаи Ф. Дафтарӣ, «...исмоилиёни Яман ва баъдан исмоилиёни Ҳинд мутаалиқ ба даъвати тайибӣ, хусусан боҳраҳои довудӣ осори Нуъмонро маҳфуз нигоҳ доштаанд» [5, с.205]. Аммо ба ҷуз аз асарҳои ҳуқуқии Қозӣ Нуъмон, таълимоти ҳуқуқи исмоилия дар асарҳои фалсафиву таърихии дигар муаллифон низ дарҷ гардидааст. Аз ҷумла, яке аз онҳо асари «Расоил» (пайғом ё музокирот) аст, ки аз ҷониби «Ихвон ус-Сафо» («Бародарони пок») дар Ироқ асри IVҳ. / X м. (дар Басраву Бағдод) таҳия гардидааст.

Баъзе нуктаҳои арзишманде дар мавриди ҷомеаи ормониву воқеӣ дар осори мактаби «Ихвон-ус-сафо» ва исмоилиён мавҷуданд. Дар доираи назарияи даврӣ ҳукуматҳои хайру шарр дар таърих доимо бо мурури вақт иваз мешаванд: фақат фарқи байни «давлати аҳли шарр» аз «давлати аҳли хайр» [15, 151] дар он аст, ки аввалӣ дар заминаи зӯрӣ ва дуюмӣ дар заминаи аҳду паймон ба вуҷуд меояд. Аз ин рӯ, баъзе баёноти онҳо саршор аз ғояҳои иҷтимое мебошанд, ки давлатро натиҷаи мувофиқаи шартномаи байни мардум (ҳакимон) муаррифӣ мекунад ва назарияи баъдан маъмули дар мавриди «Аҳдномаи иҷтимоӣ»-ро ба хотир меоранд [27, с.39-49]. Донишмандони дигари исмоилӣ ба монанди Аҳмади Насафӣ («Усул-уш-шаръ»), Абуҳотами Розӣ («ал-Ҷомеъ») [13, с.758-759] масъалаҳои фиқҳиро дар осори худ баён кардаанд.

Ҳамин тариқ, таълимоти ҳуқуқии исмоилия дар замони давлатдории Фотимиён рушд карда, асоси низоми ҳуқуқии ин давлат маҳсуб мешуд. Дар давраҳои пас аз Фотимиён таълимоти ҳуқуқии исмоилия инкишоф наёфта, бархе аз меъёрҳои он дар байни гурӯҳҳои исмоилиёни минтақаҳои гуногуни Шарқ амалӣ мегардиданд. Чуноне, ки муҳаққиқи таълимоти исмоилия И. Пунавалла қайд мекунад: «ҳуқуқшиносии исмоилия бо Қозӣ Нуъмон оғоз шуд ва бо ӯ анҷом ёфт. Пеш аз ӯ, ҳуқуқи исмоилӣ пурра муайян набуд ва баъд аз ӯ низ ба авҷи пешрафти худ нарасид» [46, с.195-197].

Пас аз вафоти халифаи охирини фотимӣ Мустансир (1094) исмоилия ба ду равияи дигар – низория ва мустаълия ҷудо шуд. Фирқаи низория ба номи Низор фарзанди Мустансир (1045–1095) нисбат дода шуда, пайравони онро "исмоилиёни низорӣ" ё "низориён" меноманд. Исмоилиён муддати асрҳои зиёд шурӯъ аз асри XIII то ибтидои асри XX дар Эрон сукунат доштанд. Аламут маркази асосии онҳо буда, қалъаҳои кӯҳии сершумор, ки аз Эрони Шарқӣ то Сурия тӯл кашида буданд, дар бар мегирифт [32, с.130-121]. Ба давлати Аламут яке аз сиёсатмадорони форс Ҳасани Саббоҳ соли 1094 асос гузошта, муносибатҳоро бо низоми сустшудаи давлати Фотимиён қатъ кард. Давлати Аламут низ анъанаи исмоилия ва таълимоти онро давом дода, бар асоси таҷрибаи ғании давлатдории форсҳо муддате арзи вуҷуд намуд.

Вазъи ногувори давлати Аламут ба пешрафти таълимоти исмоилӣ таъсири манфӣ расонд. Ба андешаи Ф. Дафтарӣ исмоилиёни низорӣ ба афзудани шумораи артишдорону сипоҳиён нисбат ба диншиносону ҳуқуқдонон бештар аҳамият медоданд. Аммо дар Аламут, дигар манотиқи Эрону Сурия низориён китобхонаҳои қобили таваҷҷуҳро таъсис медоданд, ки дар онҳо на танҳо адабиёти динӣ,

балки рисолаҳо ва асарҳои илмӣ низ пайдо мешуд [5, с.34]. Асари «Пандиёти Ҷавонмардӣ» яке аз намунаҳоест, ки маҷмӯаи панду насиҳатҳои динию ахлоқии имоми низорӣ ал-Мустансир (охири асри IX/XV м.)-ро дар бар мегирад. Ин ҳамчун китоби ахлоқӣ пас аз вафоти ӯ муддати асрҳои минбаъда боқӣ монд [40, 27].

Низориён ба илми ҳуқуқ низ мароқ зоҳир карда, дар алоқаманди бо мактабҳои дигар таълимоти ҳуқуқии худро такмил доданд. Ҷалолиддини Ҳасан фарзанди Муҳаммад (607/1210–618/1221) яке аз роҳбарони Аламут ба мактаби аҳли тасаннун такя менамуд. Ӯ донишмандони аҳли суннатро барои таълими шариат даъват мекард [39, с.54]. Аз маълумоти таърихӣ бармеояд, ки дар давраи ӯ робита бо Аббосиён ба роҳ монда шуда, ба омӯзиши дину фиқҳ аҳамияти хоса зоҳир мегардид [43, с.38].

Адабиёти исмоилиёни низорӣ дар Форс дар байни ҷомеаи Бадахшон маҳфуз монд. Бисёр таълифоти давраи Аламут ва баъд аз он дар инҷо пайдо гардиданд. Аз он ҷумла, «Умм-ул-китоб», яке аз онҳо ба ҳисоб меравад. «Пандиёти ҷавонмардӣ» асаре, ки ба забони форсӣ таълиф шуда, дар ин минтақа мудати асрҳо боқӣ мондаст [39, 54]. Яке аз олимони маъруфи ин давр Абулфайз аш-Шаҳристонӣ ба ҳисоб рафта, асари «Маҷолис»-ро таълиф кардааст [35, с.26-39]. Насриддин Тӯсӣ аз ҷумлаи бузургтарин мутафаккирони ин давра маҳсуб меёфт, ки асарҳои зиёдро дар диншиносӣ, сиёсату давлатдорӣ, фалсафа ва ахлоқ таълиф намудааст. Ӯ муаллифи як радиф рисолаҳо ба монанди «Ахлоқи Носирӣ», «Адаб-ул-мутаъалимин», «Авсоф-ул-ашроф», «Насиҳатнома», «Обокохон» ва ғ. [21, с.170] мебошад. Ба хусус асари ӯ «Ахлоқи Носирӣ» фарогири принсипҳои асосии ҳуқуқии адолату инсондӯстӣ мебошад [16, с.83-88].

Пас аз суқути Аламут исмоилиён муддати зиёд дар зери давраи «торик»–и дуюми таърихи худ қарор гирифтанд. Ин давра аз соли 1300-ум шурӯъ шуда, то соли 1881 – давраи нав замоне, ки аз «торикӣ ба равшании пурраи таърих» баромаданд, давом ёфт [34, с.22]. Дар тӯли зиёда аз 600 сол таълимоти ҳуқуқии исмоилия инкишоф наёфт ва муаллифони исмоилӣ танҳо доир ба фалсафаву диншиносӣ асарҳо эҷод кардаанд. Қобили зикр аст, ки сабаби рушд накардани таълимоти ҳуқуқии исмоилия дар ин давра ба шароити ногувор дар давраи забткориҳои турку муғул ва ҷангҳои салибӣ вобастагӣ дошта, имконияти таълифи китобу рисолаҳои ҳуқуқӣ ба даст наомад. Илова бар ин, бо мадрасаҳои бузурги илмӣ робита надоштанд ва зиндагии душвор дар шароити кӯҳистон ба рушди таълимоти фалсафиву ҳуқуқӣ монеа эҷод мекард. Аз ҷониби дигар метавон гуфт, ки низоми ҳукумати Аламут дар фарқият аз Фотимиён ҳарбӣ ба ҳисоб мерафт ва тамоми ҷидду ҷаҳди онҳо ҳифзи қалъаҳо ва аҳолии он буд. Асосан таълимоти исмоилии замони Аламутро таълимоти динӣ ташкил медиҳад, ки аксари китобҳои маҳфузмонда масъалаҳои гуногуни диниро мавриди баҳс қарор додаанд. Баъд аз пошхӯрии давлати Аламут, исмоилиён ҳамчун ҷамоати тақсимшуда то асри 18 дар қаламрави Эрони имрӯза умр ба сар бурданд. Баъдан дар марҳилаи нави таърихи исмоилия роҳбарони низорӣ ба Ҳиндустон ва минбаъд ба Аврупо кӯч бастанд. Дар давраи нав бо таъсис Шабакаҳои рушди Оғохон ҳамкории имомати исмоилия бо кишварҳои гуногун дар бахши иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ роҳандозӣ шуд.

Хулоса, пайдоиш ва ташаккули таълимоти ҳуқуқии ҳанафия ва исмоилия бар пояи нахустманбаъҳои асосии ҳуқуқи исломӣ – Қуръон, суннат ва ҳадис асос ёфтааст. Ҳанафия мактаби бузург ва комилтар буда, пояи таълимоти ҳуқуқии онро фарзанди тоҷик Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит асос гузоштааст. Ин мактаб аз худ мероси гаронбаҳоеро боқӣ мондааст, ки дар марҳилаҳои баъдӣ бар асоси он китобҳои бузургҳаҷми ҳуқуқӣ навишта шуда, меъёру таълимоти он барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ хидмат кардаанд. Мактаби ҳуқуқии исмоилия бошад, баъдтар асосан дар замони Фотимиёни Миср ба вуҷуд омада, ба ин мактаб мутафаккири исмоилӣ Абуҳанифа Нуъмони ибни Муҳаммад маъруф бо номи Қозӣ Нуъмон бунёд гузоштааст. Ҳар ду асосгузорони мактабҳо ҳамном буда, аммо ниё ва даврони зиндагиии онҳо гуногун аст. Пешрафти таълимоти ҳанафия асосан дар замони зиндагии Абуҳанифа, марҳиллаи таҳаввули равияи мовароуннаҳрии мактаби ҳанафия, давраи мустамликадорӣ ва давраи нав такмил ёфтааст. Таълимоти ҳуқуқии исмоилия бошад дар чунин давраҳои асосӣ рушду ташаккул

ёфтааст: марҳилаи нахустин, ки заминаҳои онро мактаби динӣ-ҳуқуқии ҷаъфария ташкил медод; марҳаллаи Фотимиёну Аламут, марҳалаи пасоаламут ва давраи нав. Густариши таълимоти мактабҳои ҳанафия ва исмоилия дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза, махсусият, алоқамандӣ ва фарқияти таълимоти ҳуқуқии ҳар ду мактаб дар мақолаҳои алоҳида таҳлилу баррасӣ хоҳанд гардид.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Азизкулова Г.С., Хакимов Н. История государства и право Таджикистана (от догосударственного периода до 1907 года). – Душанбе: ТНУ, 2018. .
2. Амирҷавони О. Қозӣ Нуъмон ва мазҳаби ӯ. – Теҳрон, 1995.
3. Боқизода А. Фиқҳи исломӣ бар асоси мазҳаби ҳанафӣ (ибодот ва аҳволи шахсӣ). – Д.: Сарредаксияи илмии ЭМТ, 2018. Нашри 5. – 752 с.
4. Босворт К.Э. Мусульманские династии. Справочник по хронологии и генеалогии. Пер. с англ. Грязневича П.А. – Москва: Наука, 1971. – С. 76.
5. Дафтарӣ Ф. Исмоилиён. Таърих ва ақоиди онҳо. – М.: Ладомир, 1999. – С. 202.
6. Дафтарӣ Ф. Исмоилиён. Таърих вақоиди онҳо. Нашри 2. – Душанбе: Эр-граф, 2012. – С. 200.
7. Ибни Ҳайюн Нуъмон ибни Муҳаммад. Шарҳ-ул-ахбор. Дар се ҷилд. Ҷ. 1. – Қум: Нашрулисломӣ, 1409 ҳ.қ. – С. 27-40.
8. Имоми Аъзам ҳомии забони форсӣ-тоҷикӣ [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http:komron.info (санаи муроҷиат: 7.06.2021)
9. Исмоили Собиркиюҷ. Низоми ҳуқуқ ва таколиф дар равобити иҷтимоӣ аз дидгоҳи ислом бар асоси «Рисолат-ул-ҳуқуқ» ва номаи имом Саҷҷод (а). Маърифат. № 12 (171). Теҳрон, 1390. – С. 25–42.
10. Кенҷаев Ҳ. Имом Абӯҳанифа оид ба сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, таҳияи меъёрҳои ҳуқуқӣ, озодандешӣ // Мактаби динию ҳуқуқии Абуҳанифа: таърихи пайдоиш ва аҳаммияти он / Муҳаррири масъул академик Ф. Тоҳиров. – Д.: Дониш, 2009. – С. 156-157.
11. Маргинани Бурхануддин. Хидоя. Комментарии мусульманского права. : в 2 ч. Ч. 1. Т. I—11 / пер. с англ.; под ред. Н.И. Гродекова ; отв. ред., авт. предисл., вступ. ст. и науч. комм. проф. А.Х. Саидов. – М.: Волтерс Клувер, 2010. – С. 25.
12. Мероси Имоми Аъзам ва фарҳанги исломӣ. – Д., 2009.
13. Муҳаммадризо Н. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. – Душанбе, 2011.
14. Наботов З. Имоми Аъзам муассиси мазҳаби аҳли суннат ва ҷамоат // Мактаби динию ҳуқуқии Абуҳанифа: таърихи пайдоиш ва аҳаммияти он. – Д.: Дониш, 2009.
15. Назариев Р. Социальная философия «Ихван-ус-сафа» Насира Хусрава. – Душанбе, Ирфон, 2011.
16. Назариев Р.З., Асрори М. К вопросу о человеческом достоинстве в классической мусульманской философии (теоретико-методологические основы вопроса)// Общество: философия, история, культура: научный журнал. 2016. № 5, «ХОРС» 2016 г. – С. 83-88.
17. Обидов Д.С. Таълимоти Имоми Аъзам Абӯҳанифа дар бораи ҳокимияти судӣ // Мактаби динию ҳуқуқии Абуҳанифа: таърихи пайдоиш ва аҳаммияти он. – Д.: Дониш, 2009.
18. Рустамзода Б. Аъзам (Абӯ Ҳанифа) кист? – Душанбе, 1999.
19. Смирнов А.В. Становление мусульманской доктринальной мысли и ранняя исламская философия (к вопросу о взаимном влиянии на примере *ал-Фиқх ал-акбар* Абӯ Ҳанифы). Вестник РГГУ. Вып. 4. Восток: Исследования. Переводы. М.: РГГУ, 2000, – С. 52-53.
20. Солеҳов М.А. Усули ҳалли маъалаҳои ҳуқуқию иҷтимоӣ дар мактаби Имоми Аъзам // Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҳомии конститутсия ва қонунҳо / Маводҳои конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба ифтихори 20-солагии таъсиси ниҳоди президентӣ дар кишвар. ш. Душанбе, 25 ноябри соли 2010. – Д., 2010. – С. 141-145.

21. Сотиволдиев, Р.Ш. Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ. [Матн]: – Китоби дарсӣ. / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе: ЭР–граф, 2011.

22. Тоҳиров Ф. Аҳаммияти имрӯзии усулҳои ҳалли масъалаҳои ҳуқуқии Имом Абӯҳанифа // Мактаби динию ҳуқуқии Абуҳанифа: таърихи пайдоиш ва аҳаммияти он. Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ бахшида ба соли бузургдошти Имоми Аъзам. Муҳаррири масъул академик Ф. Тоҳиров. – Душанбе: Донищ, 2009.

23. Тоҳиров Ф.Т. Обидов Д.С. Саҳми Имоми Аъзам Абӯҳанифа дар инкишофи ҳуқуқи исломӣ // Мероси Имоми Аъзам ва фарҳанги исломӣ. – Д.: Дониш. 2009.

24. Фиқҳи ҳанафӣ ва татбиқи арзишҳои умумибашарӣ дар ҷомеаи исломӣ // Маркази Исломии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Мақолаҳо. http://shuroiulamo.tj/tj/articles/ids/418. (Санаи дастраӣ: 3.06.2021)

25. Холиқов А. Ғ. Нақши Имоми Аъзам дар ташаккули фарҳанги миллӣ ва тарҳрезии мактаби ақлонии ҳуқуқ // Мероси Имоми Аъзам ва фарҳанги исломӣ. – Д.: Донищ, 2009. – С. 49.

26. Холиқов А.Ғ. Ҳуқуқи исломӣ (васоити таълимӣ). Қ. 1. – Д., 2003.

27. Ҷонбобоев С. Фалсафаи таърих, ҷамъият ва давлат аз нигоҳи исмоилиёни асрҳои миёна. // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Д., 2011, – №3. – С. 39-49.

28. Эмомалӣ Раҳмон. Имоми Аъзам ва фарҳанги миллӣ. – Д.: Эр-Граф, 2009.

29. Эмомалӣ Раҳмон. Имоми Аъзам. Рӯзгор, осор ва афкор. – Д., 2009. – С. 5.

30. Al-Qazi al-Nu ‘man and Ismaili Jurisprudence // Farhad Daftary ed., Medieval Ismaili History and Thought. – Cambridge. 1996. – P. 117-43.

31. Asaf A. A. Fyzee. Compendium of Fatimid Law. – Simla: Indian Institute of Advanced Study, 1969. – P. 27.

32. Daftary F. A short History of the Ismailis: Traditions of a Muslim Community. . – Edinburgh: Edinburgh University Press, 1998. – P. 130. – 121.

33. Daftary F. The Earliest Ismailis // – Arabica. – Leiden Brill, 1991. – Volume 38, Issue 2. – P. 242.

34. Daryoush M.P. The Metamorphosis of Authority: A case study of the Aga Khan Development Network and the Ismaili Imamate. – London: University of Westminster. 2012. – P. 22.

35. Diana Steigerwald. Faith (Îmân) and Intellect ('Aql) In Shî'ite Tradition // Religious Studies and Theology – California 2000. – Vol. 19.1. – P. 26-39.

36. Djebli Moktar. Encore a Propos de l’Authenticite du Nahj al-Balagha // Studia Islamica, No. 75. – 1992. – pp. 33-56.

37. Doi Abd ar-Rahman I., Clarke Abdassamad. Shari'ah: Islamic Law. – London: Ta-Ha Publishers Ltd, 2008. – P. 70.

38. Founding the Fatimid State: The Rise of an Early Islamic Empire. An annotated English translation of al-Qāḍī al-Nuʿmān’s Iftitāḥ al-Daʿwa by Hamid H. London – New York: I.B. Tauris Publishers, in association with IIS. – 2006. – P. 2.

39. Ivanow W. Ismaili Literature: A Bibliographical Survey. – Tehran. 1963.

40. Ivanow W. Satpanth // Collectanea I. The Ismaili Society. – Leiden: E. J. Brill. 1948. – Vol. 1.

41. Lev Y. The Fatimid Imposition of Isma`ilism on Egypt (358-386/969-996), // ZDMG, – 1988. – Vol. 138.– P. 313-325.

42. Madelung The Sources of Ismaili Law // Journal of Near Eastern Studie. University of Chicago Press, 1976. – Volume 35, No.1 – P. 29.

43. Nadia E. J. Surviving the Mongols. Nizari Quhistani and the continuity of Ismailis tradition in Persia. – Tauris 2002. – P. 38.

44. Numani Shibli. Imam Abu Hanifa. Trans. Muhammad H. Hussain. New Delhi: Kitab Bhavan, 1988. – p. 1.

45. Poonawala I. K. Biobibliography of Ismāʿīlī Literature. – Malibu: Calif, 1977. – P. 51–68.

46. Poonawala I. K. Isma’ili Jurisprudence // The Encyclopaedia Iranica. – Columbia University, New York, 2007. – Vol. XIV. – P. 195–197.

47. Poonawala I.K. Ismaili Jurisprudence. The Encyclopaedia Iranica. – New York: Columbia University, 2008. – Vol. XIV.– P. 195-197.
48. Rajput A.M. Hasan-i-Sabbah, his life and thought. The Ismailis: From the Earliest Times to the Fall of the Fatimid Empire. – M. A. thesis. – University of Birmingham, 1985.
49. Schacht J. The Origins of Muhammadan Jurisprudence. – Oxford: Clarendon Press, 1950. – 262 p.
50. The Pillars of Islam. Da'aim al–Islam of Al-Qazi al-Numan. Trans. by Asaaf A. A. Fyzee. – Volume II. Mu'amalat. Laws pertaining to human intercourse. – Oxford, 2004.

**Аннотатсия**

**Пайдоиш ва ташаккули мактабҳои ҳуқуқии ҳанафия ва исмоилия**

Дар муддати густариши дини Ислом ва таълимоти он мактабҳои сершумор пайдо шуда, дар ҳудуди васеъ рушду такомул ёфтанд. Бо баррасии таълимоти ҳуқуқии мактабҳои динӣ-ҳуқуқии Ислом дар мақолаи мазкур ба ду мактаб: аз аҳли сунннат - ҳанафия ва аҳли шиа - исмоилия таваҷҷуҳ зоҳир шуда, маҳз пайдоиш, ташаккул ва рушди таълимоти ҳуқуқӣ, поягузорон, қаламрави густариш таълимоти ҳуқуқӣ ва осори ҳар ду мактаб баррасӣ гардидааст.

**Аннотация**

**Происхождение и формирование ханафитской и исмаилитской правовых школ**

Во время распространения религии ислама и его учения на обширной территории появились, развивались и совершенствовались многочисленные школы. При рассмотрении правовых учений религиозно-правовых школ ислама в данной статье внимание уделяется двум школам: суннитско-ханафитской и шиитско-исмаилитской, а именно возникновение, становлению и развитию правового учения, основоположникам, области расширения правовой доктрины и работ обеих школ.

**Annotation**

**Origin and formation of the hanafi and ismaili legal schools**

During the expansion of Islam and its teachings, numerous schools appeared and developed in a wide area. By examining the legal doctrines of religious-legal schools of Islam, in this article, attention is paid to two schools: from the Sunni - Hanafi and the Shia - Ismaili, namely the origin, formation and development of legal doctrine, the founders, the area of expansion of legal doctrine and the works of both schools has been discussed.



**УДК:** 329.1/6 (575.3)
**Ҳаётзода Алиакбари Бекназар,**
*унвонҷӯи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: aliakbar8888@inbox.ru*
*Тел.: (+992) 918-82-66-68.*

# НИГОҲЕ БА ТАЪСИСИ МАРКАЗИ ИЛМИЮ ТАҲҚИҚОТИИ МАКТАБИ СИЁСИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

***Калидвожаҳо**: мактаб; марказ; конференсия; Ваҳдат; идеология; ҳизб; мафкура; илм; таҳқиқот; ташкилот; сиёсат; давлат; ҷомеа; аъзо.*
***Ключевые слова:** школа; центр; конференция; Единство; идеология; партия; идеология; наука; исследования; организация; политика; государство; общество; член.*
***Keywords:** school; center; conference; Unity; ideology; party; ideology; science; research; organization; politics; state; society; member.*

Таҳқиқи фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ яке аз самтҳои муҳимми илми ҷомеашиносӣ ба шумор рафта, олимони зиёде атрофи ба вуҷуд омадану фаъолияти онҳо назарияҳои гуногуни илмии хешро изҳор медоранд. Хусусиятҳои назариявӣ – методологии ҳизбҳои сиёсӣ дар пайвастагӣ ва тақвияти рушди сохтори нави демократӣ, идора намудани давлат ба воситаи халқ алоқамандии зич дорад.

Пайдоши ҳизбҳои сиёсӣ ҳанӯз аз замонҳои қадим байни олимон машҳуру маълум буд ва чандин таҳиқуку пажӯҳишҳои илмӣ аз ҷониби онҳо рӯи кор омадааст. Иттилооти дақиқро метавон бештар аз асари безаволи Арасту пайдо кард, ки моҳияти асосии тоифаҳои сиёсиро таҳлил намудааст. Инчунин ба баррасӣ ва таҳқиқи ҳизбҳои сиёсӣ олимон Н.Макиавели, Т.Гоббс, Ҷ.Лок, Т.Ҷеферсон, Ш. Монтеские, Ж.Руссо, Д.Юм, Б.Чичерин, Ҷ.Мил, Г.Фитх пардохтанд. [1, с.200]

Агар дар воқеъ фаъолияти ҳизбҳои сиёсиро мавриди таҳлили илмӣ ва ё назариявӣ қарор диҳем, бешубҳа маълум мешавад, ки ҳизбҳои сиёсие, ки ҳадафи барномавиву оинномавияш бахри бунёди ҷомеаи демократист, мо онро на ҳизби манфиатдору мансабпараст, балки ҳизби зодаи масъулият унвон медиҳем.

Солҳои 90 асри ХХ вазъият дар Тоҷикистон ба навъи дигар буд. Баъд аз истиқлолияти давлатӣ ҳизбу ҳаракатҳои зиёд бар асоси арзишҳои динӣ, мазҳабӣ ва маҳаллӣ пайдо шуданд, ки қабл аз ҳама ба ваҳдати миллии тоҷикон зарбаи ҷонкоҳ заданд. Мухолифатҳои сиёсӣ нисбатан шадидтар дар заминаи ду идеология: «комунистӣ» ва «исломгароӣ» сурат гирифт, ки ҳар ду фирқа бо ҳам зид, оштинопазир буданд.

Тасмимҳои созандаи Пешвои миллат (он вақт Раиси Шӯрои Олӣ) дар давраҳои хеле ҳасос, дар кишвари тоза ба истиқлолият расидаи мо, ки ҳанӯз дар ҷодаи сиёсати ҷаҳонӣ қадамҳои нахустин ва ноустувор мегузошт, боиси тағйири хеле ҷиддӣ дар низоми сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат гардиданд. Дар ҷамъият баъзан пешвоёне пайдо мешаванд, ки давлату миллат ва халқ ба ӯ эҳтиёҷ доранд, то тавонанд аз нерӯи зеҳниву сиёсии худ кор бигиранд ва мардуми азияткашидаро аз вартаи ҳалокату маргборӣ наҷот диҳанд. [2]

Дар даврони давлатдории навини халқи тоҷик Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шахсиятест, ки на танҳо дар ташаккулу таҳаввули таърихи давлатдории соҳибистиқлоли тоҷик ва ҳастии имрӯзу фардои Тоҷикистон, балки барои эҳё намудани падидаҳои неку писандида ва арзишҳои волои фарҳангии ниёгонамон хизматҳои барҷаста кардааст, ба сифати «Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ ва Пешвои миллат» эътироф шудааст. Сарвари давлат Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба баландатарин мартабаҳо меарзанд, зеро имрӯз ҳама он дастоварду пешравиҳое, ки мо мебинем, ҳама аз хизматҳои шоёни ин шахсияти фидокор буда, моро мебояд танҳо бо

хизматҳои арзанда ва бо дасту дили пок паҳлу ба паҳлуи Пешвои миилат содиқ будан ба ин давлату миллатро собит намоем.

Ҷиҳати муайян намудани омилҳои назариявӣ ва илмиву тадқиқотии «Мактаби сиёсии Пешвои миллат» - Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бояд ба дараҷаи лозима аз таҷрибаи омӯзиши ҳизбҳои сиёсӣ ба илми ҷомеашиносӣ ва сиёсатшиносӣ таваҷҷӯҳ намуд. Омӯзиши «Мактаби сиёсии Пешвои миллат» аз нуқтаи назари иҷтимоӣ далолат бар он мекунанд, ки вобаста ба моҳияти назарияи истифодашавандаи ҷомеашиносӣ ҷой, вазифа, дигаргунии ҳизби сиёсӣ дар доираи ин ё он гурӯҳ метавонад, ки ба ҳар тариқ тафсир шавад. [3, с.136]

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, ҳамчун «Мактаби сиёсии Пешвои миллат» воқеан халқист ва он натиҷаи талошҳо ва хизматҳои хастанопазири Раиси муаззами ҳизб, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст. Ин ҳизб оғӯши худро барои ҳамаи гурӯҳҳои аҳолии мамлакат кушодааст. Зеро маҳаки асосии ҳизб ва замони таъсисёфтанаш маҳз дар давраи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ зимоми қудратро ба даст гирифтааст.

Мактаби сиёсии Пешвои миллат» – Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон зодаи даврони истиқлолият аст. Ақидаи таъсиси ин гуна мактаб нахустин маротиба аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба миён омад. Яъне, заминаҳои асосияш ҳанӯз дар Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯи кор омад. Бо пешниҳоди Пешвои миллат ҳайати муассисон даъват шуданд ва ҳудуди ду сол гурӯҳи корӣ таҷрибаи бойи ҳизбҳои бонуфузи сатҳи ҷаҳониро омӯхтанд. Лоиҳаи оинномаи ҳизб пешниҳод шуд, аммо Пешвои миллат онро напазируфтанд, зеро ба менталитети мардуми мо созгор набуд. [4, с.134]

Аз ин рӯ пешниҳод шуд, ки онро ба шароиту фазои сиёсии Тоҷикистон мутобиқ намоянду дарбаргирандаи ормону ҳадафҳои мардуми тоҷик бошад. Ҳамин тавр Анҷумани аввалин Ҳизби Халқи Тоҷикистон (ҲХДТ-дар аввал чунин ном дошт) доир гардид ва аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 декабри соли 1994 шаҳодатнома дар бораи фаъолияти расмии ҳизб дода шуд ва расман 10 декабрро ҳамчун рӯзи таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон қайд менамоянд.

Саймурод Фаттоҳзода доктори илмҳои фалсафа ва собиқ муовини якуми Раиси ҲХДТ дар мақолаи илмии худ сабаби «Ҳизби Халқии Тоҷикистон» номгузорӣ шудани Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро чунин шарҳ додааст: «Пас аз ин падидаҳои номатлуб дар зеҳни азими ҷомеа мафҳумҳои «рӯшанфикр», «демократия» ва амсоли ин ба навъи дигар ҷилвагар шуданд ва ҳамоҳанг бо истилоҳи «ҷангҷӯй», «вайронкор», «низоъбарангез» ва мисли ин садо медоданд. Яке аз сабабҳои дар ибтидо ҳамчун «Ҳизби Халқии Тоҷикистон» фаъолияти худро оғоз намудани Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва баъдтар ба хотири пурра ифода намудани ғояҳояш тағйири ном кардани он низ ба воқеияти зикргардида, яъне ба маънии манфӣ гирифтани мафҳуми «демократия» дахл дошт…» [4, с.136]

Ин ҳизб дар заминаи хушку холӣ таъсис ёфт. Шохаҳои асосии ҳокимият фалаҷ шуда буд, кишвар ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуд, аз ҷониби баъзе рӯҳониёни кишвар давлатро мехостанд исломӣ бунёд кунанд, барзами ин демократҳо ва дигар гурӯҳҳову маҳфилҳо аз худ дарак доданд. Ин вазъияти басо мураккаб ҳар лаҳза ба амнияти кишвари азизамон таҳдид мекард.

Дар чунин вазъияти басо душвор Мактаби сиёсии Пешвои миллат» - Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон натиҷаи хуб нишон додааст. Аммо дар саргаҳи ҳамаи талошу муборизаҳо Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон меистад. Агар жарфтар равем ба ин хулоса меоем, ки санаи 10 марти соли 1998 ба узви Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон пазируфтан ва дар як вақт Раиси ҳизб интихоб шудани Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар фаъолияти ҳизб ҷаҳиши бузургеро ба миён овард. [5, с.164]

Бояд тазаккур дод, ки санаи 23 ва 24 –уми июни соли равон бо ташаббуси бевоситаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида 25-солагии Ваҳдати миллӣ дар шаҳри Бохтари вилояти Хатлон дар толори қасри фарҳанги шаҳри Бохтар баргузор гардид. Дар ин конфронс ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳифзи иҷтимоӣ

ва робита бо ҷомеа Эмомалӣ Насриддинзода, Раиси вилояти Хатлон Қурбон Ҳакимзода, муовини якуми Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Абдуҷаббор Азизӣ, раисони Кумитаҳои иҷроияи ҳизбии вилояти Хатлон, шаҳри Душанбе, ҳайати олимону муҳаққиқон аъзоён ва пайравони содиқи ҳизб иштирок намуданд. [6, с.14]

Дар баромади пурмуҳтавои хеш муовини якуми Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, номзади илми сиёсатшиносӣ Абдуҷаббор Азизӣ дар мавзӯи «Зарурат ва моҳияти таъсиси Маркази илмию тадқиқотии Мактаби сиёсии Пешвои миллат» оид ба дастоварду мушкилоти ҳизб ва таҳлилҳои илмӣ пешниҳод намуданд, ки «Ҷиҳати бартараф кардани мушкилотҳои ҳизб, аз ҷумла барои ташаккули идеологияи миллӣ ва тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва садоқатмандию худшиносӣ, тақвият бахшидани ҳувияти миллӣ ва истиқлолияти давлатии кишвар, ҳамчунин ташаккули низоми касбии идеологӣ ва идоракунии сиёсии Тоҷикистони муосир ва таъминоти кадрии идеологияи сиёсӣ (миллӣ), амалисозии лоиҳаи мазкур, яъне таъсиси Маркази илмию тадқиқотии Мактаби сиёсии Пешвои миллат» саривақтӣ ва зарурӣ арзёбӣ мегардад», ки ин пешниҳодро ҳайати олимону профессорон, муҳаққиқону аъзоёни ҳизб якдилона ҷонибдорӣ намуданд. [7, с.34]

Аслан истилоҳи мактаб аз забони арабӣ гирифта шудааст, ба маънии «ибтидо» меояд. Олимони арабшиноси тоҷик атрофи ин мафҳум ақидаҳои гуногун доранд. Бархе ба ин назаранд, ки мактаб ҷои таълиму тадрис гирифтан аст. Одатан дар он инсонҳое парвариш мeёбанд, ки дар ҷодаи илм, эҷодкорӣ, ихтироъот ва кашшофӣ дар дунё назир надоранд. Сиёсатшиносон ва ҷомеашиносон бошанд, истилоҳи мактабро он чуноне, ки арабшиносон мегӯянд қабул доранд, аммо онҳо ба ин назаранд, ки мактаби сиёсӣ ба маънои классикии таълимоти мунтазами илмӣ ё мактаби назариявӣ намебошад. Мактаби сиёсии Пешвои миллат он саҳму нақши бузурге, ки дар тарбияи маънавии мардум, бахусус ҷавонон, ифо кардааст, аҳамияту арзиши ҳар мактаби анъанавиро тира менамояд. Аммо дар зери мафҳуми мактаби сиёсии Пешвои миллат – Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон фаҳмида мешавад, ки воқеан мактаби давлатдорист.

Доктори илмҳои сиёсатшиносӣ Қ.Миралиён вобаста ба Мактаби сиёсии Пешвои миллат чунин нигоштааст: «Дар ин ҷода бояд равшан намуд, ки зери мафҳуми «мактаб», одатан, мактаби илмӣ бо фарогирии корҳои назариявии гурӯҳи олимону муҳаққиқон дар самти муайяни таҳқиқот, фаҳмида мешавад. Аммо мактаб маънои васеътар дошта, бештар фарогири корҳои таҳқиқотии амалӣ вобаста ба фаъолияти идеологии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон мебошад. Иштирокчиёни асосии ин мактаб, дар баробари олимон, ҳамчунин сиёсатмадорон, кормандони ҳизбӣ ва хизматчиёни давлатӣ мебошанд ва асоси фаъолияти таҳқиқоти онҳоро мушоҳидаҳо, таҳлили оморӣ ва систематикӣ, мониторинг, таҳлили дедуктивӣ, ва индуктивӣ, пурсишҳои иҷтимоӣ, озмоишҳои ҳудудӣ ва соҳавӣ ташкил медиҳад».[8, с.20-25]

Инчунин доктори илмҳои педагогӣ, профессор А.М. Мирализода «Мактаби сиёсии Пешвои миллат»-ро чунин инъикос намудааст: «Мактаби сиёсию давлатдории Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тарғибгари ғояҳои ватандӯстию хештаншиносӣ, маънавию ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, эстетикӣ, илмӣ, солимӣ ва ғайра буда, дар беҳбуд бахшидани ҳаёти мардуми сарбаланди кишвар нақши созгору беназир дорад.. Мактаби сиёсии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фарогири тамоми паҳлӯҳои давлатдорӣ ва арзишҳои миллии ин шахси таърихии миллат аст». [9, с.45-53]

«Мактаби сиёсии Пешвои миллат»– Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон омили муҳимтарин ва асоситарини пешрафтҳои кишвар ва мардуми мо дар роҳи пурифтихори истиқлол аст. Маҳз ҳамин мактаб бар кишвари мо сулҳу субот, ваҳдату ягонагиро овард. Мактаби сиёсие, ки Пешвои миллат поягузорӣ кардааст, маҷмӯе аз раҳнамоиҳо, омӯзаҳо ва ҳидоятҳо мебошад, ки дар паёмҳо, суханрониҳо ва мақолаю китобҳои арзишманди таърихию фарҳангӣ инъикос ёфтаанд ва аз ин мактаб метавон ба суолҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсию фарҳангӣ ва ахлоқиву ватандорӣ посухҳои мушаххаси худро пайдо кард.

Дар ин росто доктори илмҳои сиёсатшиносӣ Зафар Саидзода «Мактаби сиёсии Пешвои миллат»-ро чунин шарҳ додааст: «Мактаби сиёсии Пешвои миллат усулҳои (методологияи) ҳаракати мардуми Тоҷикистон дар масири тавсеяю тараққӣ ва пешрафтҳо дар ҳамаи арсаҳои зиндагии иҷтимоӣ, ба дастовардани иззату эҳтиром дар ҷомеа мебошад.» [9, с.26]

«Мактаби сиёсии Пешвои миллат» саршор аз таҷаллии ақлу хирад, рӯҳу иродаи мағлубнопазир ва ормонҳои поку муқаддаси миллат ва барги зарине дар ҳаёти сиёсии давлати тоҷикон мебошад. Бо қаноатмандӣ метавон гуфт, ки ба баракати пайравӣ аз ин роҳнамоиҳо мардуми Тоҷикистон то имрӯз ба пешрафтҳои азиме даст ёфтааст.

Воқеан «Мактаби сиёсии Пешвои миллат» - Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон барои ҳар тоҷику тоҷикистонӣ дар вазъияти басо мураккаби глобалӣ намунаи беҳтарин давлатдориву давлатсозӣ арзёбӣ мегардад. Таҳқиқоти илмӣ анҷом додан барои «Мактаби сиёсии Пешвои миллат» яке аз масъулиятҳои асосии пайравонаш махсуб меёбад, ки дар ин ҷода банда, зери роҳбарии доктори илмҳои сиёсатшиносӣ, профессор Миралиён Қиёмиддин Абдусалимзода рисолаи илмии худро дар мавзӯи «Мактаби сиёсии Пешвои миллат таҳкимбахши рушди демократия дар Тоҷикистон» мавриди тадқиқи илмӣ қарор дода, айни замон вобаста ба механизмҳои рушди «Мактаби сиёсии Пешвои миллат» таҳқиқотро идома додаистодаам, ки яке аз ҳамин механизмҳои рушд ин таъсиси Маркази илию тадқиқотии «Мактаби сиёсии Пешвои миллат» аз рӯи вазифа ва принсипи кори марказ мебошад.

Аз ин рӯ, Маркази илмию таҳқиқотии «Мактаби сиёсии Пешвои миллат», бо ин ихтисора дар байн мардуми кишвар бештар маъруфият пайдо хоҳад кард. Вале ин ихтисор силсилаи ҳарфҳои холӣ набуда, дар муҳтавои он бозтоби арзишҳои як давраи таърихии миллат, идеология ва назару андешаи як қисмати бузурги ҷомеа маҳфуз аст. Ин мактабест, ҳамаи мушкилоту нобасомониҳо ва малҳамест, ки тамоми бемориҳои ҷомеаро дармон мекунад.

Муҳимтарин нукта дар баррасию аҳамияти Маркази илмию таҳқиқотии «Мактаби сиёсии Пешвои миллат» дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони азиз, ин аст, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон омили рушд ва шакл гирифтани шахсияти Раиси муаззами он муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Пешвою роҳнамои миллати тоҷик мебошад. Имрӯзҳо ихлосу эътимоди мардум ба Пешвои миллат меафзояд, на ҳамчун эҳтиром гузоштан бо мақоми сиёсӣ ва поягузори давлатдории навин ва асосгузори сулҳу ваҳдати миллист, балки пештар аз ҳама ҳамчун ҳомии истиқлоли давлатӣ, таҳкимгари арзишҳои давлатдорӣ таблиғгари зиндагии шоистаи мардум мебошад.

«Мактаби сиёсии Пешвои миллат»– Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон нерӯи муқтадирест, ки бунёд ва такягоҳи муътамаду қавии зеҳнию маънавиро дорост. Аз ин лиҳоз сарҷамъ кардани нерӯи зеҳниву маънавии ҷомеа ва фарогирии ҷуғрофию иҷтимоӣ нерӯи ҳеҷ кадом ҳизби сиёсии кишварро наметавон бо Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон қобили қиёс донист.

Яке аз далелҳои дигар ин дар атрофи арзишҳову ғояҳои Маркази илмию таҳқиқотии «Мактаби сиёсии Пешвои миллат» бо як эҳсосоти аҷиб ва самимона ҷамъ шудани олимону муҳаққиқон ба он вобастагӣ дорад. Зеро дар меҳвари асосии фаъолияти Маркази илмию таҳқиқотии “Мактаби сиёсии Пешвои миллат” пеш аз ҳама арзишҳои олии инсонӣ, мардумсолорӣ, илмдӯстӣ, эҳтиром гузоштан ба фарҳанги миллӣ муттаҳид аст.

Вазифаҳое, ки Маркази илмию таҳқиқотии “Мактаби сиёсии Пешвои миллат” дар пеши худ гузоштааст, аз он иборат аст, ки ҳамаи қисматҳои ҷумҳурӣ, шимолу ҷануб, водиву кӯҳистон, ноҳияҳои саноъативу зироатиро дар як ҳалқаи пайванд гирд оварад.

Аз ин хотир аст, Ҳизби Халқии Деморатии Тоҷикистон тамоми талошу кӯшишҳои худро баҳри зиндагии хубу беҳтарини халқи тоҷик ба харҷ медиҳад. Аксарияти нотавонбинон амалҳои ватандӯстонаи ҳизбро нодида гирифта, онро ҳамчун «ячейкаи ҳукумат» ном бурдаанд. Баръакс, ҳадафҳову барномаи ҳукумати мамлакат аз барномаҳои пешазинтихобии он сарчашма мегиранд. Мо вобаста ба ин далел низ дорем. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии

Тоҷикистон, ки аз 26 декабри соли 2019 аз ҷониби Пешвои миллат ироа гардид ва дар он чунин гуфта шуд, барномаи пешазинтихоботии номзад ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014 - 2020 сад фоиз иҷро гардид".

Вазифаи мо насли имрӯз ва фардо аз он иборат аст, ки мактаби сиёсии Пешвои миллатро ҳифзу нигоҳдорӣ кунем. Аз он чӣ дар ин мақола гуфта шуд, натиҷа гирифт, ки омили муҳимтарини Тоҷикистон дар шароити сулҳу суботи пойдор ба таври боварибахш ба сӯйи фардои дурахшони миллату давлати хеш қадам мезанад. Ба шарофати ин ду омил «хусусиятҳои шахсиятӣ» ва «Мактаби сиёсии Пешвои миллат - Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон» мардуми кишвар дар симои Эмомалӣ Раҳмон на танҳо роҳбари сиёсӣ, балки ҳамчун раҳнамои маънавии худро пайдо намуданд.

Дастоварди дигари бисёр арзишманди миллати тоҷик дар даврони истиқлолият ин ҳизфи ҳокмияти сиёсист, ки ба василаи Пешвои муаззами миллат, Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дар заминаи талошҳои пайваста ва бо ҷуръати беандозаи сиёсиашон ба вуҷуд овардааст, мебошад. Мактаби сиёсии Пешвои миллат - Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон аввалин мактаби давлатдории муваффақи миллат аст, ки баъд аз ҳазор соли бедавлативу маҳвшудаи сиёсӣ ва давлатдории мардуми тоҷикро дигарбора бо ҷилову ҷилваи тоза эҳё кард.

Дар самти пеш бурдани сиёсати дохиливу хориҷӣ ва тавонмандии ҳизфи манофеи милливу давлатӣ дар асраи байнамилалӣ бо назардошти раванди тезу тунди ҷаҳонӣ низ Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикстон дар иснод ба кору пайкори созандаи Мактаби сиёсии Пешвои муаззами миллат суннатҳои волои давлатдории ниёгони барӯманди моро эҳё карда, таҷрибаи бесобиқае андӯхтааст.

Ин гуна методологияи мактаби сиёсӣ қудратро ба хотири таҳкими истиқлолияти кишвар ҳеҷ кадом ҳизби сиёсии ҷомеаи имрӯзи мо дар ихтиёр надорад, магар Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Исаева М. Теория политики. – М:, 2008. – С.200
2. Ҳайдаров А. Нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар пеш бурдани ҷамъият [Матн] // «Ҷумҳурият». – 2006. – 25 январ.
3. Эмомалӣ Раҳмон. Бист қадами созанда. – Душанбе, 2014. – С.11.
4. Фаттоҳзода С.С. Ҳизби ормонҳои миллӣ: ё андеша пиромуни ҳизби мардумие, ки зодаи тафаккури Пешвои миллат аст / Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: масъалаҳои ташаккул ва рушд. – Душанбе: ДМТ, 2019. – Ҷ.1. – С. 136.
5. Муҳаббатов А. Ҳизбҳои сиёсӣ [Матн]: воқеият ва дурнамо. – Душанбе, 2001. – С.164.
6. Азизӣ А. Зарурат ва моҳияти таъсиси Маркази илмию тадқиқотии «Мактаби сиёсии Пешвои миллат» // Мактаби сиёсии Пешвои миллат. – 2022. - №3. – С.14
7. Миралиён Қ.А. Мактаби сиёсии Пешвои миллат – Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон. Маводҳои Конфренсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба 26-солагии таъсисёбии ҲХДТ 10 декабри соли 2020 шаҳри Бохтар // Мактаби сиёсии Пешвои миллат. – 2020. - №1. – С.20 – 25.
8. Мирализода, А.М. Мактаби сиёсии Пешвои миллат – Таҷрибаи бузурги давлатдорӣ Маводҳои Конфренсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба 26-солагии таъсисёбии ҲХДТ 10 декабри соли 2020 шаҳри Бохтар // Мактаби сиёсии Пешвои миллат. – 2020. - №1. – С.45 –53.
9. Воҳидов А., Саидзода З. Мактаби сиёсии Пешвои миллат – чароғи роҳи пешрафт - Душанбе: Контрас, 2020. – С.26



**Аннотатсия**

**Нигоҳе ба таъсиси маркази илмию таҳқиқотии мактаби сиёсии Пешвои миллат**

Дар мақола вобаста ба таъсиси маркази илмию таҳқиқотии мактаби сиёсии Пешвои миллат - Ҳизби Халқии Деморкатии Тоҷикистон ҳамчун ҳомии демократия дар Тоҷикистон мавриди

муҳокима қарор гирифтааст. Ба андешаи муаллиф ташкили чунин марказ айни муддаост ва баҳри ҳаллу фасли мушкилоти дохилиҳизбӣ мувофиқ аст.

**Аннотация**

**Взгляд на создание научно-исследовательского центра политической школы лидера нации**

В статье обсуждается вопрос о создании научно – исследовательского Центра политической школы Лидера нации-Демократической народной партии Таджикистана как защитника демократии в Таджикистане. По мнению автора, организация такого центра в настоящее время является действенной и является заместителем по решению внутренних проблем.

**Annotation**

**A look at the creation of a research center for the political school of the leader of the nation**

The article discusses the creation of a research center of the political school of the Leader of the Nation–the Democratic People's Party of Tajikistan as a defender of democracy in Tajikistan. According to the author, the organization of such a center is currently effective and is a substitute for solving internal problems.



**УДК:** 340.116
**Акбарализода Джасур Акбарали,**
*главный специалист сектора анализа регуляторного воздействия Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан.*
*E-mail: jasurbek_e@mail.ru*
*Тел.: (+992) 926-60-09-74.*

# РОЛЬ АНАЛИЗА РЕГУЛЯТОРНОГО ВОЗДЕЙСТВИЯ В СОВЕРШЕНСТВОВАНИИ ПРАВОТВОРЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

***Ключевые слова:*** *анализ регуляторного воздействия; право; экономика; правотворческая деятельность; совершенствование; общество; обсуждение; нормативный правовой акт.*

***Калидвожаҳо:*** *таҳлили таъсири танзимкунӣ; ҳуқуқ; иқтисодиёт; фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ; такмил; ҷомеа; машварат; санади меъёрии ҳуқуқӣ.*

***Keywords:*** *regulatory impact analysis; law; economics; lawmaking activity; improvement; society; consultation; regulatory legal act.*

Сегодня общественные отношения нуждаются не просто в новых нормативных правовых актах, а в эффективном нормативном правовом регулировании, что являясь сложным явлением, обеспечивается, в том числе эффективностью законотворчества [1]. Отдельные аспекты взаимовлияния права и экономики еще затрагивались в работах Томаса Гоббса (взаимосвязь экономической и правовой систем), Давида Юма (необходимость правовых ограничений для эффективного сотрудничества), Адама Смита (право как необходимое условие общественного блага) и др. [2]

Как отмечается в Концепции о системе анализа регуляторного воздействия в Республике Таджикистан, нормативная правовая среда в Таджикистане формируется быстрыми темпами. С 1990 года Парламент республики (Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли) принял более 314 Законов. Правительство ежегодно принимает от 300 до 700 нормативных правовых актов [3].

Стало очевидным, что последствия новых и существующих законов часто выходят за пределы области, которую они фактически регулируют. Проблемы чрезмерного регулирования, сомнительного качества законов и возникающих вследствие этого экономических препятствий все чаще становятся предметом дискуссий.

Финансовые, экономические, социальные и экологические последствия – и это лишь некоторые из них – должны быть учтены и приняты во внимание до принятия нового законодательства. Поэтому систематический анализ регуляторного воздействия (далее – АРВ) должен помочь определить вероятные последствия и побочные эффекты нового законопроекта. Существующее законодательство должно быть проверено на предмет его исполнения или эффективности в практическом применении.

В этом контексте АРВ означает процедуры для определения и сравнительной оценки последствий, которые может иметь предполагаемое законодательство или которое имеет действующее законодательство. Пересмотр производится с точки зрения цели, эффективности и общего воздействия правил. В этом смысле АРВ призван поддерживать и рационализировать законодательный процесс.

Институт АРВ способствует взаимодействию экономики и права, таким образом, обеспечивая развитие общественных отношений и приумножая общественное благо.

Также одним из важнейших сторон АРВ является участие заинтересованных лиц в процессе обсуждения проектов нормативных правовых актов в области предпринимательской деятельности.

Как отмечается в части 2 статьи 5 Закона Республики Таджикистан «О нормативных

правовых актах», проект нормативного правового акта может быть опубликован для общественного обсуждения в средствах массовой информации, а также посредством размещения на официальных сайтах уполномоченных субъектов правотворчества. Заинтересованные физические и юридические лица вправе ознакомиться с содержанием такого проекта. Поступившие предложения и замечания подлежат рассмотрению уполномоченным субъектом правотворчества при доработке проекта [4].

Таким образом, любой нормативный правовой акт вступает в силу только после его официального опубликования, иными словами, после информирования общественности об этом нормативном правовом акте. Законодатель устанавливает, что принятый нормативный правовой акт должен быть предварительно опубликован в официальном издании. При этом, в соответствии с положениями настоящего Закона, в процессе проведения анализа регуляторного воздействия, Реестр планов по разработке проектов нормативных правовых актов, а также сами проекты нормативных правовых актов будут опубликованы на Интернет-портале правовой информации Республики Таджикистан. Иными словами, в установленном порядке заинтересованные лица имеют возможность не только ознакомиться с принятыми нормативными правовыми актами, но и могут заранее ознакомиться с рассматриваемыми проектами нормативных правовых актов. В связи с этим, субъект правотворчества использует данную возможность для изучения общественного мнения о важнейших закономерностях общественной жизни, а также для учета предложений заинтересованных сторон, что позволяет своершенствовать механизм законотворчества и обеспечивает эффективность исполнения нормативного правового акта.

Включение общественности на разных этапах разработки законов и их реализации лежит в основе принципа участия. Представления и перспективы, предоставляемые экспертными сообществами, гражданским обществом и бизнес-ассоциациями, могут укрепить процесс разработки законов на этапах формирования концепции, разработки, оценки воздействия, принятия решений, а также на этапах мониторинга и оценки осуществления нормативных правовых актов. Принимая во внимание мнения широких слоев общества, всесторонняя разработка нормативных правовых актов способствует выработке более эффективных процедур и норм и укрепляет легитимность процесса принятия решений в целом.

Процесс разработки нормативных правовых актов, в котором происходит взаимодействие с теми, чьи интересы затрагиваются в результате реализации рассматриваемых процедур или законов, расширяет авторскую базу и повышает шансы на получение эффективных и устойчивых результатов.

Общественное обсуждение и взаимодействие с заинтересованными сторонами открывают путь к достижению устойчивых правил и более эффективных решений, которые учитывают влияние решений на жизнь граждан, жителей, компаний, а также на опыт и перспективы других заинтересованных сторон.

Делать какие-то выводы по поводу реализации института АРВ в Республике Таджикистан еще рано, так как данная экспертиза действует не долгое время. Тем не менее, как показал опыт разных стран, непрерывное, последовательное и действенное применение АРВ в течение определенного срока может благоприятно изменить практики регулирования, регуляторную (нормативно-правовую) среду, улучшить деловой климат и сократить затраты, связанные с государственным регулированием. АРВ не только обеспечивает высокое качество нормативных положений, но и способствует улучшению подходов к регулированию со стороны государственных органов, что является крайне важным.

Стоит отметить, что впервые АРВ был введен в США администрацией президента Рейгана в 1981 году, который реализовался Управлением по информатизации и регуляторным вопросам Белого дома, также в 1981 году данное управление был наделен более важными функциями, которые

заключались в надзоре за федеральными законами. На основе АРВ были было обеспечено значительное упрощение, которое включало использование простого языка, снижение бюрократизма, понятное прочтение сложных законов (актов) и устранение дорогостоящих, необоснованных требований [5].

На сегодняшний день отсутствуют общепризнанные устоявшиеся универсальные методики и практики, которые применялись бы для проведения оценки регулирующего воздействия. Если в стране подобная процедура иногда законодательно закреплена на уровне конституции (например, в Швейцарии и Франции), то методика ее проведения варьируется от страны к стране и зависит от тех акцентов, на которые направлено проведение такого анализа, и от политики государства. Поэтому различаются и руководства по АРВ, принятые в различных странах. Исходя из этого, по вышеуказанным категориям выделяются группы стран:

1) страны, где процедура АРВ проводится только для нормативных правовых актов, имеющие расходы из бюджета (США, Канада);

2) страны, где АРВ проводится для всех регулирующих актов (Нидерланды, Великобритания);

3) страны, где жесткая процедура АРВ вводится, но декларируются общие принципы в соответствии, с которыми меры регулирующего воздействия вводятся, только если доказана их целесообразность (Южная Корея, Чехия).

Стоит добавить еще одну категорию, которая характерная для государств-членов СНГ – АРВ проводится для нормативных правовых актов, имеющие непосредственное воздействия на предпринимательскую деятельность, в числе прочего и в Республике Таджикистан.

В последнее время процедура АРВ была внедрена и стандартной в практике в государствах-членах СНГ, в том числе в Российской Федерации, Республике Беларусь, Казахстан и Киргизской Республике.

В Российской Федерации АРВ закреплен законодательно с 2010 года и к настоящему моменту получил значительное развитие в плане расширения нормативной базы и организации.

В январе 2021 года Министерством экономического развития Российской Федерации было подготовлено 105 заключений об АРВ, 32 % которых – с отрицательными оценками, что говорит об эффективности данного института.

Как отмечает директор Департамента ОРВ Министерства экономического развития Российской Федерации В. Живулин, «за все время работы института ОРВ проведена экспертиза более 540 проектов НПА. Примерно по трети из них сделан вывод, что они вводят избыточные административные барьеры или влекут необоснованные расходы для бизнеса» [6].

В Казахстане непосредственное внедрение элементов АРВ началось в 2011 г., когда в Правила проведения научной экспертизы была введена обязанность государственного органа-разработчика осуществлять оценку социально-экономических последствий действия принимаемых законопроектов [7].

Кроме того, было предусмотрено проведение научной экономической экспертизы проектов законов Республики Казахстан независимой научной организацией, а ее организатором было определено Министерство экономики и бюджетного планировании Республики Казахстан (ныне Министерство национальной экономики Республики Казахстан). Практическим руководством для проведения АРВ становятся Методические рекомендации по оценке социально-экономических последствий действия принимаемых законопроектов 2011 г., Концепция государственного регулирования предпринимательской деятельности до 2020 года. Указанной Концепцией предполагается до 2020 г. создать на постоянной основе централизованную систему публичного анализа регуляторного воздействия действующих и вновь вводимых норм законов и инструментов регулирования экономики и внедрения на его основе согласования нормативных правовых актов объединениями субъектов частного предпринимательства, действующими в сфере принятия данных

правовых норм, на основе международного опыта [8].

Предоставление общедоступных и открытых для ознакомления оценок воздействия является частью процесса консультаций во многих странах. В 66 процентах стран, проводящих оценку воздействия, результаты оценок распространяются в режиме онлайн или через целевые контакты с бизнес-ассоциациями, другими группами заинтересованных сторон или и тем, и другим. Кроме того, в 57 % стран, проводящих оценку воздействия, результаты оценок распространяются вместе с текстом предлагаемого регламента [9].

Предоставляя анализ, лежащий в основе формы и содержания предлагаемого регулирования, для комментариев заинтересованных сторон, правительства раскрывают свои мотивы и аргументы в пользу изменения регулирования для тщательного изучения и ввода. В Казахстане, например, процедура АРВ и публичные обсуждения по нему могут быть проведены в любое время по запросу любого квалифицированного эксперта. В Соединенном Королевстве АРВ публикуется на каждом этапе разработки политики. Он предназначен для использования в качестве инструмента для разработки политики нового регулирования, а не только как документ, который обосновывает или защищает необходимость регулирования.

Таким образом, в заключении стоит отметить, что, во-первых, АРВ обеспечивает научную обоснованность проекта нормативного правового акта, что обуславливается участием заинтересованных сторон и экспертов, также участие общественности в обсуждении и рассматривании проекта нормативного правового акта способствует учету всех сложностей общественных отношении, таким образом, обеспечивая точность исполнения законов. Во-вторых, использование инструмента АРВ упрощает процедуру разработки проектов нормативных правовых актов на основе использования современных технологий. В-третьих, совмещая теорию и практику, способствует сортировке ненужных нормативных правовых актов. В-четвертых, на основе методики расчета выявляет необоснованные бюджетные расходы и для государства, и для субъектов предпринимательской деятельности, таким образом способствую взаимодействию права и экономики.

**Список литературы:**

1. Царёв А.С. Концепция закона в законотворчестве Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2006. – 145 с.

2. Рахмеева И.И. Оценка регулирующего воздействия в качестве институционального фактора развития региональной социально-экономической системы // Журнал Труды ВЭО России, 221 том. – Москва. – С. 218-235.

3. Концепция системы анализа регуляторного воздействия в Республике Таджикистан, утвержденная постановлением Правительства Республики Таджикистан от 18 ноября 2015 года, №673 // Централизованный банк правовой информации РТ «Адлия». Версия 7.0. [Электронный ресурс]. Режим доступа: – URL: http://www.adlia.tj

4. Закон Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах» от 30 мая 2017 года // Централизованный банк правовой информации РТ «Адлия». Версия 7.0. [Электронный ресурс]. Режим доступа: – URL: http://www.adlia.tj

5. Sunstein, C.R. (2013), Simpler: The Future of Government, Simon & Schuster. – 272 p.

6. Живулин В. Мы изменяем процесс нормотворчества, пошагово внедряя в него институт ОРВ. Ваш партнер-консультант № 5 (9421). [Электронный ресурс]. Режим доступа: – URL: // http://www.eg-online.ru/article/159501/

7. Кысыкова Г.Б. Задачи научной антикоррупционной экспертизы проектов нормативных правовых актов (по материалам Республики Казахстан) // Теория и практика общественного развития. 2013. № 4. – С. 287–289.

8. Об утверждении Концепции государственного регулирования предпринимательской деятельности до 2020 года: постановление правительства Республики Казахстан от 18.04.2014 № 380.

9. Fischer, F., Miller, G., and Sidney, M. 2007. Handbook of Public Policy Analysis Theory, Politics and Methods. Boca Raton: CRC Press.

**Аннотатсия**

**Нақши таҳлили таъсири танзимкунӣ дар такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ**

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои аҳамияти институти таҳлили таъсири танзимкунӣ, инчунин нақши он дар такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ баррасӣ карда шудааст. Азбаски институти мазкур чанде пеш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад, объекти омӯзиш ва таҳлил таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ, дастовардҳои онҳо дар таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин нақши таҳлили таъсири танзимкунӣ дар такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, мебошад.

**Аннотация**

**Роль анализа регуляторного воздействия в совершенствовании правотворческой деятельности**

В данной статье рассматриваются вопросы значимости института анализа регуляторного воздействия, а также его роль в развитии правотворческой деятельности. Так как данный институт в Республике Таджикистан действует не так давно, то объектом изучения и анализа являются опыты зарубежных стран, их достижения в разработке проектов нормативных правовых актов, а также роль анализа регуляторного воздействия в совершенствовании правотворческой деятельности.

**Annotation**

**The role of Legal regulatory impact analysis in improving lawmaking activity**

The importance of the institution of regulatory impact analysis, as well as its in improving lawmaking activity are considered in this article. Since this institution has been operating in the Republic of Tajikistan not so long ago, the object of study and analysis are the experiences of foreign countries, their achievements in the development of draft regulatory legal acts, as well as the role of regulatory impact analysis in improving law-making activities.

## 12.00.02 – ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ, МУРОФИАИ СУДИИ КОНСТИТУТСИОНӢ; ҲУҚУҚИ МУНИСИПАЛӢ (НИЗОМИ НАМОЯНДАГӢ)
## 12.00.02 – КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО; КОНСТИТУЦИОННЫЙ ПРОЦЕСС; МУНИЦИПАЛЬНОЕ ПРАВО (ПРЕДСТАВИТЕЛЬНАЯ СИСТЕМА

**УДК:** 342.72/.73



**Искандаров Шарафҷон Фахриддинович,**
*н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: isharafjon@mail.ru*
*Тел.: (+992) 900-05-33-33.*



**Исозода Парвиз Асадулло,**
*ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: isozoda_9393@mail.ru*
*Тел.: (+992) 989-15-15-13.*



**Зиёваддинов Исломҷон Искандарович,**
*ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: islom_iskandar@mail.ru*
*Тел.: (+992) 905-95-09-05.*

# АСОСҲОИ МАҲДУДНАМОИИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ МУТОБИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** *ҳуқуқу озодиҳо, қонуният; маҳдуднамоӣ; чораҳои пешгирӣ; назорати судӣ; назорати прокурорӣ; ҳуқуқҳои мутлақ ва ҳудуди маҳдуднамоӣ.*

***Ключевые слова:*** *прав и свобод; законность, ограничения; меры пресечения; судебный надзор; прокурорскый надзор; абсолютный права и предел ограничения.*

***Keywords:*** *rights and freedoms; legality; restrictions; preventive measures; judicial supervision; prosecutorial supervision; absolute rights and limit of restrictions.*

Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ) баъд аз соҳибистиқлол гардидан, роҳи эъмори ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёду демократиро пеша намуда, беҳтарин арзишҳои инсониро дар Конститутсияи хеш ҷойгир намуд. Мутобиқи моддаи 5 Конститутсияи ҶТ инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро арзиши олӣ эътироф кардааст[1]. Инсон дар ҶТ арзиши олӣ эълон шуда, шинохти тамоми аришҳои дигарро дар доираи манфиат ва манзалати он имконпазир мегардонад[2, с.46].

Эътироф, риоя ва ҳифз намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар ҶТ давлат ба зиммаи худ гирифтааст. Давлате, ки эътироф ва ҳимояи ҳуқуқи инсон ва шаҳрвандонро чун вазифа ба зимма гирифтааст, бидуни маҳдуд намудани баъзе ҳаракатҳои зиёновар ва таҳдидкунанда ба ҳуқуқу озодиҳои эълоншуда, ба ҳадафи ниҳоии худ расида наметавонад. Дар ин самт маҳдуднамоӣ ногузир роҳи ягонаи расидан ба мақсад аст[3, с.73]. Новобаста аз корҳои анҷомдодаистодаи мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ дар самти мустаҳкамнамоии қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, то ҳол мушкилоти амалишавии онҳо боқӣ мондаанд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии ватанӣ ва байналмилалие, ки ҶТ онҳоро пайравӣ менамояд, асосҳои маҳдуд намудани

ҳуқуқии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро муқаррар намудааст. Вобаста ба масъалаи мазкур дар Конститутсияи ҶТ меъёрҳое муқаррар карда шудаанд, ки маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо бо мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад (қ.3 м.14) [1]. Конститутсия ҳолатҳои мазкурро истисноӣ эътироф кардааст ва дар сурати мавҷудияти онҳо маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон иҷозат дода мешавад. Инчунин дар моддаи 47 Конститутсияи ҶТ дар вазъияти фавқуллода ҳуқуқ ва озодиҳое, ки дар моддаҳои 16, 17, 18, 19, 20, 22, 25, 28 Конститутсия пешбинӣ шудааст, маҳдуд карда намешавад[1]. Дар Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон дар моддаи 29 дарҷ гардидааст, ки ҳар як инсон дар бобати татбиқи ҳуқуқу озодиҳои худ бояд танҳо ба дараҷае маҳдуд карда шавад, ки аз тарафи қонун фақат бо мақсади таъмини эътирофу эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои дигарон ва қонеъ гардонидани талаботи оқилонаи ахлоқӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва осудаҳолии умумӣ дар шароити ҷомеаи демократӣ муқаррар карда шудааст[4]. Дар ҶТ асосҳои маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои шахсро имрӯз дар баробари Конститутсия дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ба монанди Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ (минбаъд – КМҶ ҶТ), Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҚҶТ) «Дар бораи милитсия», ҚҶТ «Дар бораи мақомоти амнияти миллии ҶТ), ҚҶТ «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ» ва дигар санадҳои меъёрии зерқонунӣ, дастурамал ва низомномаҳо низ мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор додаанд.

Мушкилоти ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд, аз ҷумла маҳдудияти беасоси онҳо дар ҷараёни мурофиаи судӣ-ҷиноятӣ, яке аз масъалаҳои мубрам ва бунёдии назария ва амалияи муосири ҳуқуқӣ мебошад[5, с.6]. Табиист, ки чунин амал аз ҷониби мақомотҳои амаликунандаи ҳифзи ҳуқуқ, ҳангоми иҷро намудани ваколатҳои хизматии худ дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ, бештар ба вуқуъ мепайвандад. Ҳуқуқҳои иштирочиёни мурофиаи ҷиноятӣ ба намудҳои зерин таснифбандӣ карда шудааст: 1) бо имконпазирии маҳдуднамоӣ - ҳуқуқ ба озодии ҳаракат, интихоби доираи муносибат, маҳрамияти мукотибот, дастрасӣ ба иттилоот ва ғайра; 2) бе имконпазирии маҳдуднамоӣ – ҳуқуқ ба ҳаёт, саломатӣ, эҳтироми шаъну шарафи шахс ва ғайра[6, с.98].

Мурофиаи ҷиноятӣ, ин худ фаъолияти бо тартиби махсуси мурофиавӣ муқаррargардидаи мақомоти таҳқиқи ибтидоӣ, тафтиш ва прокуратура доир ба ошкоркунӣ ва тафтиши ҷиноятҳо, фош сохтани гунаҳгорон ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани онҳо ва ҳамчунин фаъолияти суд ҳангоми дида баромадан ва ҳал намудани парвандаҳои ҷиноятӣ мебошад [7, с. 6]. Мақомот ва шахсони мансабдори онҳо, дар рафти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бисёртар салоҳиятҳои ҳокимиятиро доро мебошанд.

Тамоми пешбурд оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ асосан аз қарорҳое, ки аз тарафи мақомоти тафтишоти пешакӣ, прокурор ва суд қабул мешаванд ва дар асоси онҳо амалҳои гузаронидашаванда, ки онҳо дар ҳар ҳолат ба ҳуқуқ ва манфиатҳои ҳамаи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ таъсир мерасонанд ва онҳоро маҳдуд месозанд, иборат мебошад. Бе чунин маҳдудкунӣ дар бисёр мавридҳо иҷро кардани вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, вобаста ба кушодани ҷиноят, ҷамъ овардани далелҳо, муҳофизати ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон номумкин аст. Ҳол он, ки на ҳама ва на ҳар вақт тайёранд, ки чунин маҳдудиятҳо ва талаботҳои пешниҳодкардаро ихтиёран қабул намоянд. Бинобар ин мақомотҳо ва шахсони мансабдоре, ки фаъолияти мурофиавӣ-ҷиноятиро ба амал мебароранд, ваколатҳои васеи истифода бурдани чораҳои маҷбуркунии мурофиавиро доро мебошанд[8, с.167].

Маҳдуднамоии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, яъне муайян кардани ҳудуди озодии шахс дар ҷомеа ва давлат, албатта, яке аз ҷанбаҳои муҳими муносибатҳои инсон ва давлат мебошад [9, с.21]. «Маҳдуднамоии озодии шахс дар доираи ҳадди муайян, ҳамзамон ҳуқуқ ба шахс аз монеа ва озодона истифода намудани ҳуқуқҳои худ кафолат медиҳад. Озодии ҳар шахс танҳо то марзе, ки

озодии одамони дигар аз он сар мешаванд, фаро мерасад. Бо мақсади муқаррар намудани ин ҳудудҳо, қонун кумак мекунад то ки дар ҳаёти одамон тартиботи ба озодӣ асосёфта ҳукмрон бошад» [10, с.48]. Маълум аст, ки озодии мутлақ вуҷуд надорад[10, с.49]. Дар шароите, ки ҳар шахс ҳуқуқҳои мутлақи худро амалӣ намояд, пас ба ҳадафҳои умумиичтимоӣ ноил гардидан ғайриимкон мебошад, зеро бе он ҷамъият вуҷуд дошта наметавонад, ҳамзамон худи инсон[10, с.49]. Озодии шахсӣ маънои онро надорад, ки рафтори инсон ба ҳеч тавр маҳдуд карда намешавад ва ӯ аз ҳама гуна иҷрои масъулият дар назди дигар одамон ва ҷомеа озод карда шуда бошад[10, с.112].

Олимони шинохтаи ватанӣ А.М. Диноршоев ва Раҳмон Д.С. қайд мекунанд, ки **маҳдудсозӣ** – ин воситаҳои муҳим ва зарурӣ, талаботи ахлоқию ҳуқуқӣ буда, барои таъмини инсондӯстӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва нигаҳдории ҳадди озодии одамон татбиқ мегардад[3, 70]. Вобаста ба масъалаи мазкур И.А. Одношевин қайд менамояд, ки **“маҳдудият”**-и ҳуқуқҳои конститутсионӣ бояд ҳамчун қарор ва амали шахсони мансабдори ваколатдори мақомоти давлатӣ, ки ба воқеан маҳдуд кардани ҳудудҳои татбиқи ҳуқуқҳои конститутсионӣ ва доираи истифодаи онҳо, ки ба талаботи қонуният, асоснокӣ, мутаносибӣ ва ҳифзи мундариҷаи ҳуқуқи мушаххас ҷавобгӯ бошанд, фаҳмида шаванд[11].

Дар мурофиаи ҷиноятӣ чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ ба се гурӯҳ тақсим мешаванд: 1) Дастгиркунӣ; 2) Чораҳои пешгирӣ; 3) Дигар чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ. [12, с.197].

Қонун нисбат ба гумонбаршавандаҳо, айбдоршавандаҳо ва судшавандаҳо, ки барои расидан ба мақсадҳои мурофиаи ҷиноятӣ монеаги эҷод мекунанд, имконияти татбиқ кардани чораҳои гуногуни маҷбуркунии мурофиавӣ-ҷиноятиро пешбинӣ намудааст, ки чораҳои пешгирӣ дар байни онҳо ҷои махсусро ишғол менамояд [7, с.105].

Чораҳои пешгирӣ – ин воситаҳои дар қонун пешбинигардидаи таъсиррасонӣ ба гумонбаршавандаҳо, айбдоршавандаҳо ва судшавандаҳо мебошад, ки бо мақсади маҳрум кардани имконияти монеъ шудан ба муқаррар намудани ҳақиқати парванда, давом додани фаъолияти ҷинояткорона ва пинҳон шудан аз тафтишоти пешакӣ, муҳокимаи судӣ ва ба иҷро расонидани ҳукм татбиқ карда мешавад [7, с.105]. Чораҳои пешгирро аз рӯйи дараҷаи таъсиррасонии маҷбурии худ фарқ мекунанд. Зимнан, яке аз онҳо таъсири психологӣ мерасонад ва дигар, озодии шахсии айбдоршавандаро маҳдуд месозанд. Намудҳои чораҳои маҷбуркунии мурофиавиро қонунгузорӣ чунин тасниф намудааст:

1) Забонхат дар бораи нарафтан аз маҳалли истиқомат;
2) Кафолати шахсӣ;
3) Супоридани хизматчии ҳарбӣ таҳти назорати фармондеҳии қисми ҳарбӣ; таҳти парасторӣ супоридани ноболиғ;
4) Гарав;
5) Ҳабси хонагӣ;
6) Ба ҳабс гирифтан.

Дар м. 102 КМҶ ҶТ асосҳои татбиқ намудани чораҳои пешгирӣ муайян карда шудааст.

Ба ҳабси хонагӣ ва ба ҳабс гирифтан ба сифати ҷазои ҷиноятӣ баромад карда наметавонад. Зеро қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиаи ҷиноятӣ вобаста бо вазифаҳои ба худ хос аз ҳамдигар ба куллӣ фарқ мекунанд.

Дар м. 2 КМҶ ҶТ вазифаҳои пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ дарҷ гардидаанд, ки аз инҳо иборат мебошанд [13]. Муқаррар кардани тартиби пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳимояи манфиати ҷамъият, давлат ва ташкилотҳо, ки аз ҷиноят зарар дидаанд, сари вақт ва пурра ошкор намудани ҷиноят, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси ҷиноят содиркарда, ҳалли одилонаи масъалаҳои баррасишаванда дар суд, риоя намудани меъёрҳои мурофиавӣ ҳангоми татбиқи қонуни ҷиноятӣ, кафолати ҳимояи манфиати қонунии иштирокчиёни мурофиавии ҷиноятӣ ва шахсони дигар.

Дар м. 2 Кодекси ҷиноятии ҶТ бошад вазифаҳои қонунгузории ҷиноятӣ ба тарви зайл муқаррар гардидааст [14]. Аз ҳифзи озодиҳои инсон ва шаҳранд, амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ, муҳити зист, тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ, моликият, ҳимояи сохти конститутсионӣ ва амнияти ҶТ аз таҷовузи ҷиноятӣ, таъмини сулҳ ва амнияти башарият, тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи риояи

Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ, инчунин пешгирии ҷиноятҳо иборат аст.

Е.Б. Мизулина қайд менамояд, ки аввалан мақсади мурофиаи ҷиноятӣ ин ҳимояи шахси бегуноҳ аз ҷавобгарӣ ва ҷазо ва дуввумин ин ҷазои одилона таъин намудан нисбати шахси гунаҳгор мебошад [15, с.59].

Асосан дар рафти татбиқ намудани чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд маҳдуд карда мешаванд, инчунин дар рафти амалӣ намудани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯие, ки бо супориши шахси пешбарандаи тафтишоти парвандаи ҷиноятӣ метавонад ҳуқуқу озодиҳои конститутсонии инсон ва шаҳрванд махдуд карда шаванд. Бо тартиби пешбининамудаи КМҶ ҶТ дар рафти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, он намудҳои чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз ҷониби кормандони оперативӣ гузаронида мешаванд, ки ташаббускори онҳо таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва ё суд ба ҳисоб меравад [16, с.208], яъне дар рафти тафтишоти пешакӣ маҳдуднамоии ҳуқуқу озодиҳои шахс ҳам аз ҷониби кормандони оперативӣ ва ҳам аз ҷониби шахсе, ки дар истеҳсолоти ӯ парванда қарор дорад, метавонад, ки сурат гирад. В.Д. Зоркин қайд менамояд, ки: "аксари воситаю усулҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвндро маҳдуд менамоянд, вале беистифодаи онҳо мубориза бо зухуроти ҷиноятӣ, алахусус шаклҳои вазнин ва махсусан вазнини он, самаранокии худро аз даст медиҳанд [17, с.85].

Бо мақсади муқаррар намудани ҳолатҳои барои парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта амалҳои тафтишӣ гузаронида мешавад, ки ҳангоми анҷом додани онҳо, бевосита бо маҳдуд намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд сурат мегиранд. "Амалҳои тафтишӣ – ин амалиёти бо риояи қатъии қонун гузаронидашавандае мебошад, ки ба бозёфт кардан, мустаҳкам намудан ва санҷида баромадани далелҳо нигаронида шудаанд" [12, 334]. КМҶ ҶТ намудҳои зерини амалҳои тафтиширо муқаррар намудааст: 1) азназаргузаронӣ; 2) шаҳодаткунонӣ; 3) озмоишӣ (эксперименти) тафтишӣ; 4) кофтуков; 5) ёфта гирифтан; 6) ҳабси мурсилоти почтаю телеграф; 7) гӯш кардан ва сабти гуфтугӯи телефонӣ; 8) пурсиш; 9) гузаронидани эспертиза ва ғ. Гузаронидани амалҳои мазкури тафтишӣ низ бевосита бо маҳдуд намудани ҳуқуқу озодиҳои шахс сурат мегирад.

Қонунгузор асосҳои маҳдуд намудани ҳуқуқу озодиҳои шахсро пешбинӣ намудааст ва онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст [7, с.107].

1. **Асосҳои умумӣ** – дар парванда мавҷуд будани далелҳое, ки шахси муайянро фош мекунанд ё барои гумонбар кардани вай имконият медиҳанд, нисбат доранд. Ҳангоми мавҷуд набудани чунин далелҳо татбиқи чораи пешгирӣ ғайриқонунӣ аст.

2. **Асосҳои махсус** – тахминҳои асоснок дар бораи он, ки айбдоршаванда ё гумонбаршаванда аз таҳқиқи ибтидоӣ, тафтишоти пешакӣ ё суд пинҳон шаванд, ба муқаррар кардани ҳақиқати парвандаи ҷиноятӣ монеъ мешаванд, ба амалиёти ҷиноятқорона машғул хоҳад шуд ва аз иҷрои ҳукми суд саркашӣ хоҳад кард.

П.С. Элкинд ёдрас мешавад, ки асосҳои ҳатмии татбиқи чораҳои пешгирӣ ин: онҳо танҳо дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ; шахсе, ки чораҳои пешгириро татбиқ менамояд, тартиби амалигардонии онҳоро ҳатман дар асоси қонун ба роҳ мондаанд; қонуният ва асоснок татбиқ намудани чораҳои пешгириро низомнокии кафолати мурофиавӣ-ҷиноятиро таъмин менамояд[18, с.264].

Н.Г. Нарбикова қоидаҳоеро пешбинӣ менамояд, ки бевосита бо муайян кардани ҳудуди ҷораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ алоқаманданд: ғайри қобили қабул будани маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои шахс, ки бо сабабҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд наомадаанд; ғайри қобили қабул будани арзёбии манфиатҳои қонунан ҳифзшудаи дигарон, ки вобаста ба он чораҳои дахлдори маҷбуркунии мурофиавии ҷиноятӣ бо роҳи маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои дахлдори гумонбаршуда, айбдоршаванда ба вуқуъ пайваста бошад; риояи тавозуни манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат, ки бо қонун ҳифз карда мешаванд, ҳангоми татбиқи чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ [6, с.120].

Шартҳои маҳдуднамоии ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро ба таври зайл ҷудо кардан мумкин аст [3, с.70]:

- Маҳдудиятҳо бояд бо қонун пешбинӣ шаванд;
- Маҳдудиятҳо бояд мақсади ҳуқуқӣ дошта бошанд;
- Маҳдудиятҳо бояд дар ҷомеаи демократӣ зарур бошанд.

Қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ҶТ дар баробари асосҳои маҳдуднамоӣ, кафолатҳои таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсонро низ муқаррар намудааст ва онҳо дар таъмини қонуният ва асоснокии мурофиаи ҷиноятӣ нақши бориз доранд, яъне воситаҳоеро муқаррар кардааст, ки барои иҷрои вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ва адолати судӣ шароити мусоид фароҳам меоваранд. Кафолатҳои мурофиавӣ – ин ҳуқуқҳои шахсии субъективӣ мебошанд: инҳо воситаҳои мурофиавие мебошанд, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро ҳифз ва таъмин менамоянд; воситаҳои муқаррарнамудаи меъёрҳои қонуни мурофиавии ҷиноятӣ, ки аз рӯи мундариҷаи мушаххаси худ фарқ мекунанд, дар маҷмӯъ шахсони иштирокчии парвандаро барои истифодаи ҳуқуқҳои ба онҳо додашуда мусоидат мекунад [6, с.99].

Яке аз кафолатҳои таъмини ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар раванди баамалбарории амалҳои тафтишӣ аз маҳдуднамоии беасос ин назорати прокурорӣ мебошад [17, 180]. Прокурор вазифадор аст, ки дар рафти амалӣ кардани меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ барои вайрон накардани талаботи қонун фаъолияти мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакиро назорат намуда, дар сурати ошкор кардани вайронкунии қонун фавран барои бартараф намудани он ва барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳои шахс чораандешӣ намояд [18, с.206].

Яке аз масъалаҳои калидӣ дар илми мурофиаи ҷиноятӣ ин қонунӣ маҳдуд намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад. Бо мақсади дуруст ба роҳ мондани маҳдудкунӣ, чунин пешниҳод менамоем.

1. Маҳдуднамоӣ бояд, ки дар асоси қонун ҷараён гирад.
2. Маҳдуднамоӣ бояд, ки хислати муваққатӣ дошта бошад.
3. Кафолати таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз маҳдуднамоии беасос ва таҳияи муассири механизми ҳифзнамоӣ.

Новобаста аз оне, ки дар қонунгузории амалкунандаи ҶТ асосҳои маҳдуднамоии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ иҷозат дода бошад ҳам, он дар баъзе ҳолатҳо риоя карда намешаванд. Аз ин рӯ, пешниҳод карда мешавад, ки дар рафти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, аз маҳдудиятҳои беасоси ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бояд, шахсоне, ки қарорҳои мурофиавӣ мебароранд, худдорӣ намоянд ва фаъолияти худро бояд дар асоси принсипҳои қонуният, эҳтироми шаъну шарафи шахс, дахлнопазирии шахсият, эҳтимолияти бегуноҳӣ, бетарафӣ ва ошкорбаёнӣ ба роҳ монанд. Зеро дар ҳолати ҷой доштани чунин амалҳои хилофи қонун, метавонад, ки дар охир нобоварии халқро ба давлат зиёд намуда, ҳеҷангорӣ (нигилизм)-и ҳуқуқиро дар ҷомеа бабор меоварад. Дар мулоқоти худ бо кормандони ҳокимияти судӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин иброз намуданд, ки вазифаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ танҳо ба маҳбас кашидани мардум нест, балки вазифаи онҳо, инчунин, пешгирии ҷиноят, яъне аз маҳбас эмин доштани инсонҳо мебошад. Зеро дар паси ҳар як шахс як хонавода ва сарнавишту зиндагии ӯ қарор дорад [19]. Профессор З.Ҳ. Искандаров мурофиаи ҷиноятиро тарзи маъмули ҳимояи ҳуқуқи инсон аз таҷовузҳои ҷиноятқорона ва аз ғайриқонунӣ маҳдуд намудани ҳуқуқ ва таъқиботи беасос оид ба парвандаи ҷиноятӣ маънидод намудааст [20, с. 22-23].

Тафсия карда мешавад, ки дар рафти пешбурди тафтишоти пешакӣ назорати судӣ, назорати прокурорӣ ва назорати идоравӣ бояд, ки фаъолияти худро ҷоннок ба роҳ монанд ва дар сурати иҷроиши он дар ҳошияи меъёрҳои муқарраргардида, метавон аз маҳдудиятҳои беасоси ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд пешгирӣ намуд ва ба бунёди ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёд ноил гардид.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. http://base.mmk.tj/ view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=1 [санаи муроҷиат 13.05.2022].

2. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, Шарқи озод, 2009. – С. 46.

3. Диноршоев А.М., Сафаров Д.С. Ҳуқуқи инсон. Китоби дарсӣ. Душанбе, 2010. – 320 с.

4. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар. [Манбаи электронӣ]. http://mmk.tj/system/files/ ArticleAttachments/Elomiyai-huquqi-bashar.pdf [санаи муроҷиат 13.05.2022].

5. Защита прав личности в уголовном процессе России: учеб. пособие для бакалавриата и магистратуры / В. А. Лазарева, В. В. Иванов, А. К. Утарбаев. — 3-е изд., перераб. и доп. — М. : Издательство Юрайт, 2017. – 268 с.

6. Мельников В.Ю. Обеспечение и защита прав человека при применении мер процессуального принуждения в досудебном производстве Российской Федерации. Дис. ... док. юрид. наук . Москва.2014. - С. 98.

7. Машҳур Ғозиев. Мурофиаи ҷиноятӣ. Душанбе. «Деваштич», 2009. - С. 6.

8. Юлдошев Р.Р., Нозиров Н.А., Имомназаров Ф.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: курси лексияҳо// зери таҳрири Р.Р. Юлдошев.Душанбе: "Эр-граф", 2016с. - С. 167.

9. Подмарев А. А. Конституционные основы ограничения прав и свобод человека и гражданина в Российской Федерации: дисс. ... канд. юрид. наук . Саратов.2001. - С. 21.

10. Бучакова М.А., Дизер О.А. Права и свободы человека и гражданина в Российской Федерации: их обеспечение полицией и возможные ограничения. Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ : маводи II -умин конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 71-умин солгарди рӯзи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон // Зери назари умумии н.и.ҳ., дотсент Ф.Р. Шарифзода. - Душанбе:-2020. - С. 48.

11. Одношевин И.А. Ограничение конституционных прав личности: К характеристике понятия. [Манбаи электронӣ]. www.gramota.net/materials/3/2014/10-3/36.html [санаи муроҷиат 20.05.2022].

12. Мурофиаи ҷиноятӣ: китоби дарсӣ/ муҳаррири масъул Р.Р. Юлдошев.-Душанбе: "ЭР-граф", 2018. - С. 197.

13. Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php? showdetail=&sanadID=334 [санаи муроҷиат 10.05.2022].

14. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. http://base.mmk.tj /view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=23 [Санаи муроҷиат 10.05.2022].

15. Мельников В.Ю. Обеспечение и защита прав человека при применении мер процессуального принуждения в досудебном производстве Российской Федерации. Дис. ... док. юрид. наук . Москва.2014. - С. 59.

16. Раҳимов Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Душанбе: "Эр-граф", 2012. - С. 208.

17. Раҳмон Ю.А. Назорати прокурорӣ. Китоби дарсӣ. –Душанбе: Ирфон, 2019. - С. 85.

18. Рыжаков А.П. Уголовный процесс. Учебник для вузов- 3-е изд, перераб- Москва, Норма, 2004г. - С. 264.

19. Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон// [Манбаи электронӣ] http://www.prezident.tj/node/21842 [санаи муроҷиат: 15.05.2022].

20. Искандаров З.Ҳ. Оид ба чанд қоидае, ки мурофиаи ҷиноятиро дигар намуд! // Масъалаҳои рӯзмарраи ҳуқуқи судӣ, фаъолияти прокурорӣ ва пешгирии ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ). – Душанбе, 2013. – С. 22-23.

**Аннотатсия**

**Асосҳои маҳдуднамоии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар мурофиаи ҷиноятӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар мақолаи мазкур масъалаи маҳдуднамоии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар мурофиаи ҷиноятӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст, ки яке аз масъалаҳои бунёдии ҳуқуқи инсон маҳсуб меёбад. Муаллифон бар он ақидаанд, ки маҳдуднамои танҳо дар асоси қонун бо риояи тамоми муқаррароти ҷойдошта бояд сурат гирад, дар акси ҳол ба мақсадҳои гузоштаи хеш давлат ноил гардида наметавонад.

**Аннотация**

**Основания ограничения прав и свобод человека и гражданина в уголовном процессе в соответствии с законодательством Республики Таджикистан**

В данной статье рассматриваются вопросы ограничения прав и свобод человека и гражданина в уголовном процессе в соответствии с законодательством Республики Таджикистан, которое является фундаментальным вопросом прав человека. По мнению авторов, ограничения могут быть введены только на основании закона с соблюдением всех существующих положений, иначе государство не сможет достичь своих целей.

**Annotation**

**Grounds for restricting human and civil rights and freedoms in criminal proceedings in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan**

This article examines the issues of limitation of human and civil rights and freedoms in criminal proceedings in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan and this is one of the fundamental issues of human rights. According to the author, restrictions can only be imposed on the basis of the Law in compliance with all existing provisions, otherwise the state will not be able to achieve its goals.



**УДК:** 342.74

**Ализода Шоҳин Одинашоҳ,**
*ёрдамчии муовини раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи конститутсионии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ҳуқуқшиноси дараҷаи якум.*
*E-mail: valizodash@mail.ru*
*Тел.: (+992) 918-98-78-01.*

# МАФҲУМИ ВАЗИФАҲОИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД ТИБҚИ КОНСТИТУТСИЯИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** *вазъи ҳуқуқӣ;вазифаҳо; шаҳрванд; Конститутсия.*
***Ключевые слова:*** *правовой статус; обязанности; гражданин; Конституция.*
***Keywords:*** *legal status; duties; citizen; Constitution.*

Вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд дар худ на танҳо ҳуқуқ ва озодиҳо, балки инчунин вазифаҳои ӯро фаро мегирад. Онҳо унсури зарурӣ ва ҳатмии ҳамкории давлат бо ҳуқуқҳои шахсият мебошанд. Бидуни онҳо на низоми сиёсии мутавозин, на танзимнамоии ҳуқуқии самаранок ва дигар зуҳуроти ҳаёти ҷамъиятӣ ғайриимкон мебошад.

Дар давлати ҳуқуқбунёд вазифаҳо дар худ маҷмӯи талаботи ҳуқуқию ахлоқиеро мемонанд, ки нисбати шахсият пешбинӣ мешаванд ва аз эхтиёҷоти объективии рушду такомули ҷамъият, худи шахсият бармеоянд. [1, с. 45]

Вазифаҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд – ин талаботи давлати муайян ба рафтори ҳама гуна ашхоси дар қаламрави он қарордошта мебошад, ки дар меъёрҳои ҳуқуқии конститутсионӣ ифода ёфтаанд. Ба ин мафҳум, мувофиқан ҳам шаҳрвандон ва ҳам шахсони бешаҳрванд мансуб мебошанд. Заминаи вазифаҳоро зарурат ташкил медиҳад, ки дар худ чаҳор унсурро фаро мегирад:

1) зарурати анҷом додани ҳаракатҳои муайян ё ин ки худдорӣ кардан аз онҳо;

2) зарурати аз тарафи шахси вазифадор эътино кардан ба талаботи қонунии нисбати ӯ пешниҳодшуда;

3) зарурати ҷавобгар будан барои иҷро накардани ин талаботҳо;

4) зарурати монеъ нашудан ба шахси ваколатдор барои истифода аз он неъмате, ки ба он ӯ ҳуқуқ дорад. [2, с. 89]

Ба ибораи дигар, вазифаҳоро ҳамчун шакли мушаххаси (меъёрии) ифодаи ҷавобгарӣ муайян кардан мумкин аст. Онҳо ҳамчун муқаррарот оид ба рафтори дахлдор дар худ феҳристи талаботҳои бо тартиби қонунгузорӣ муқарраршудае мебошанд, ки аз тарафи ҷамъият нисбати шахсият пешниҳод гардидаанд. Ин феҳрист на ҳадди аксар, балки ҳадди ақали вазифаҳоро ифода мекунад, чунки бо қонун тамоми мазмун ва ҳамаи шаклҳои зоҳирёбии ҷавобгариро фаро гирифтан ғайриимкон аст. Вазифаҳои ҳуқуқӣ – танҳо муайянкунандаи расмии намуд ва андозаи рафтори ҷоиз, ифодаи зарурати давлатӣ мебошанд. Рафтори муҳими ҷамъиятӣ дар қонун ҳамчун вазифаи ҳуқуқӣ муқаррар мегардад, ки иҷрои он тавассути ҳокимияти давлатӣ таъмин карда мешавад.

Ҳамзамон – ин ифодаи озодии фард мебошад, зеро озодӣ чораи зарурӣ мебошад. Вазифаҳо ҳам ба манфиати ҷамъият ва ҳам ба манфиати худи субъекти вазифаи ҳуқуқидошта муқаррар карда мешаванд. Албатта, вазифаи ҳуқуқии алоҳида то андозаи муайян озодии фард, ирода ва хоҳиши ӯро маҳдуд менамояд; он зоҳиран ҳамчун омили тангкунандаи ҳаракатҳои ӯ, ҳамчун шакли маҷбурсозӣ қабул карда мешавад (масалан, вазифаи ҳимояи ватан ва супоридани андозҳо). Бо вуҷуди ин, вазифа дар баробари ҳуқуқ – заминаи озодӣ буда, дар ниҳоят манфиатҳои дорандаи онро ифода менамояд, ҳатто агар ӯ инро дарк накунад ҳам. [3]

Дар баробари ҳуқуқҳо ва озодиҳо, вазифаҳо қисми таркибии вазъи ҳуқуқии шахсият мебошанд. Маҳз барои ҳамин онҳо дар боби 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам шудаанд. Ҳуқуқҳо ва вазифаҳо ҳамчун ду категорияи ҷудонашавандаи диалектикӣ баромад менамоянд. Тасаввур кардани инсони дорои танҳо вазифа (ухдадорӣ) номумкин аст, ҳамчуноне, ки ҳуқуқҳои инсонро бидуни вазифаҳо тасаввур намудан ғайриимкон мебошад. Озодӣ танҳо ҳамон вақт воқеӣ мегардад, ки аломатҳои тартиботи ба ҳуқуқ асосёфтаро касб менамояд, тартибот бошад, маҳз ягонагии ҳуқуқ ва вазифаҳо мебошад. [4, с. 133]

Ҳамин тариқ, таъиноти асосии вазифаҳои ҳуқуқӣ мувофиқат ба ҳуқуқҳо мебошад, яъне ҳуқуқҳои инсон танҳо ба воситаи вазифаҳои ягон кас ва баръакс (ҳуқуқҳои ягон кас танҳо ба воситаи вазифаҳои ин инсон) амалӣ шуда метавонанд.

Баъзе вазифаҳои инсон, дар баробари ҳуқуқҳо, танҳо бо расидан ба сину соли муайян пайдо мешаванд, масалан, ухдадории ҳарбӣ. Принсипи баробарии вазифаҳо тибқи қоидаи умумӣ ба шаҳрвандон ва ғайришаҳрвандон паҳн мегардад. Конститутсия ғайришаҳрвандонро аз баъзе вазифаҳо (супоридани андоз, нигоҳдории табиат) озод намекунад, модоме, ки барои онҳо бисёре аз ҳуқуқ ва озодиҳоро мустаҳкам менамояд. Аммо баъзе вазифаҳо ба ин шахсон паҳн намегарданд, онҳо танҳо барои шаҳрвандон хос мебошанд (ҳимояи Ватан ва ғайра).

Баъзе меъёрҳои конститутсионӣ вазифаҳои субъектҳои махсуси ҳуқуқро муқаррар мекунанд (масалан, мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва шахсони мансабдор ухдадоранд ба ҳар кас имконияти гирифтан ва шинос шудан бо ҳуҷҷатҳое, ки ба ҳуқуқ ва манфиатҳои ӯ дахл доранд, таъмин намоянд). Баъзе меъёрҳои конститутсионӣ вазифаҳо – мамнуъиятҳоро муқаррар мекунанд (масалан, таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бо зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст).

Формулаи "ҳуқуқҳо бидуни вазифаҳо ҷой надоранд" эътирофи байналмилалиро соҳиб шудааст. Чунончи, дар моддаи 29 ЭУҲБ муқаррар шудааст, ки "Ҳар як инсон дар назди ҷомеае, ки рушди озод ва камолоти шахсияти ӯ фақат дар он имконпазир аст, ухдадор мебошад". [5, с. 200] Дар ПБҲСШ низ муқаррар шудааст, ки "ҳар як фарди алоҳида дар муносибат ба одамони дигар ва он ҷамъияте, ки ба он мансуб мебошад, ухдадорӣ дорад".

Вазифаҳои конститутсиониро ба асосӣ ва иловагӣ ҷудо намудан мумкин аст. Вазифаҳои асосӣ – ин талаботҳои дар конститутсия мустаҳкамшуда ва таҳти ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳифзшаванда, ки нисбати инсон ва шаҳрванд изҳор мегарданд ва бо зарурати иштироки ӯ дар таъмини манфиатҳои ҷамъият, давлат ва дигар шаҳрвандон алоқаманд мебошанд. Ин вазифаҳо дорои нишонаҳои зерини ба худ хос мебошанд: 1) хусусияти умумиҳатмӣ доранд; 2) аз вазъи ҳуқуқии мушаххаси шахс вобастагӣ надоранд, 3) дар сатҳи олӣ, конститутсионӣ мустаҳкам мегарданд.

Ба чунин вазифаҳо онҳое мансубанд, ки амалисозии онҳо фаъолияти муътадили худи давлат ва дар як вақт – фаъолияти муқаррарии ҷамъиятро таъмин менамояд. Зимнан вобаста ба хусусияти хоси худ баъзе вазифаҳо ба ҳар як инсон, баъзеи дигар – танҳо нисбати шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳн мегарданд.

Дар вазифаҳои асосии мустаҳкамнамудаи Конститутсия талаботҳои аз ҳама муҳим ифода ёфтаанд – ҷавобгарии шахсият дар назди ҷамъият, шаҳрванд дар назди давлат, муносибати дахлдори шаҳрванд нисбати манфиатҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, иштироки фаъоли ӯ дар ҳифзи ин манфиатҳо.

Риояи вазифаҳои асосӣ тавассути тамоми чораҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ ва ҷамъиятӣ таъмин карда мешавад. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани онҳо аз хусусияти ҳуқуқвайронкунӣ, соҳаи муносибатҳои ба онҳо мансуббуда вобастагӣ дорад. Қонунгузории ҷорӣ низоми тафриқавии чораҳои ҷавобгариро пешбинӣ менамояд. Барои вайронкунии вазифаҳо аз тарафи шаҳрвандон дар ҳолатҳои

муқаррарнамудаи қонун нисбати онҳо чораҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ татбиқ мегардад, ки дар як вақт боиси маҳдудсозии имконияти дар ҳаҷми пурра истифода бурдани ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионӣ мегардад. [6, с. 167]

Ба вазифаҳои асосӣ инҳо мансубанд:

1) риоя Конститутсия ва қонунҳо;

2) ҳифзи Ватан;

3) ҳифзи табиат, ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ;

4) супоридани андоз ва пардохтҳо.

Вазифаҳои иловагӣ – он вазифаҳое, ки аз мазмуни дигар муносибатҳои ҳуқуқии дар Конститутсия ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкамшуда маншаъ мегиранд. Онҳо низ дар низоми вазифаҳо аҳамияти калон доранд. Ин гурӯҳи вазифаҳо, ҳамчун қоида, ба танзим намудани муносибатҳои мушаххас дар соҳаи муайян равона гардидааст. Ба қатори чунин вазифаҳо инҳоро мансуб донистан мумкин аст: 1) эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои дигарон; 2) гирифтани таълими умумии асосӣ.

Ҳамин тавр, дар ҷамбасти гуфтаҳои боло қайд кардан зарур аст, ки вазифаҳо ба соҳаҳои муносибатҳои гуногуне дахл доранд, ки дар онҳо ба сифати субъект инсон баромад мекунад. Вақте ки давлат ба инсон ҳуқуқ ва озодиҳои муайян медиҳад, он ҳамчун ба зиммаи ӯ вазифаҳои муайянро вогузор менамояд. Давлат ва ҷамъият танҳо ҳамон вақт самаранок фаъолият карда метавонад, ки агар дар онҳо байни ҳуқуқҳо ва вазифаҳои инсон ва шаҳрванд тавозун (баробарӣ) ҷой дошта бошад.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Постатейный комментарий к Конституции Российской Федерации / Под общ. ред. В.Д. Карповича. -М.:Юрайт-М; Новая Правовая культура, 2002. – с.74.
2. Бадальянц Ю.С. Права человека: Курс лекций. Рязань, 2006. С. 185.
3. Апиян Н.А. Права человека: итоги века, тенденции, перспективы // Государство и право. 2001. - №5.
4. Баглай М.В. Конституционное право Российской Федерации. М., 2006.
5. Головистикова А.Н., Грудцына Л.Ю. Права человека. М., 2006. С. 237.
6. Козлова К.И. Конституционное право России. - М., 1999.



**Анотатсия**

**Мафҳуми вазифаҳои инсон ва шаҳрванд тибқи Конститутсияи Тоҷикистон**

Таъиноти асосии вазифаҳои ҳуқуқӣ мувофиқат ба ҳуқуқҳо мебошад, яъне ҳуқуқҳои инсон танҳо тавассути вазифаҳои ягон кас ва баръакс амалӣ шуда метавонанд. Мутобиқи Конститутсияи ҶТ ҳеҷ кас набояд аз иҷрои вазифаҳояш саркашӣ намояд, ин гаронӣ ба андозаи баробар ба тамоми шаҳрвандон паҳн мегардад. Дар мақола муаллиф танзими конститутсионии вазифаҳоро дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ менамояд.

**Аннотация**

**Понятие обязанностей человека и гражданина по Конституции Таджикистана**

Основным предназначением юридических обязанностей является корреспонденция правам, т.е. права человека могут быть реализованы только через чьи-то обязанности и наоборот. Согласно Конституции РТ, ни один гражданин не должен освобождаться или уклоняться от обязанностей, это бремя в равной мере распространяется на всех граждан. В статье автор исследует конституционную регламентацию обязанностей в Конституции Таджикистана.

**Annotation**

**The concept of the obligations of a person and citizen under the Constitution of Tajikistan**

The main purpose of legal obligations is correspondence with rights, i.e. human rights can only be realized through someone else's responsibilities and vice versa. According to the Constitution of the Republic of Tajikistan, no citizen should be released or evade duties, this burden equally applies to all citizens. In the article, the author examines the constitutional regulation of duties in the Constitution of Tajikistan.

## 12.00.03 – ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ
## 12.00.03 – ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО

**УДК:** 346.7



**Зокирзода Зафар Хайрулло,**
*сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.*
*E-mail: zafar.khayrullozoda@mail.ru*
*Тел.: (+992) 918-53-59-14.*



**Давлатов Насимҷон Маҳмадҷонович,**
*мудири шуъбаи илм ва робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт.*
*E-mail: nasimjon.19941994@mail.ru*
*Тел.: (+992) 985-93-19-51.*

# ПРОБЛЕМАҲОИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ САЙЁҲӢ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** *сайёҳӣ; қонунгузорӣ; рушди деҳот; ҳунарҳои мардумӣ; андоз; гумрук.*
***Ключевые слова:*** *туризм; законодательство; развитие село; народные мастерство; налог; таможня.*
***Keywords:*** *tourism; legislation; development country; folk crafts; income; custom.*

***Рушди сайёҳӣ ва тарбияи кадрҳои баландихтисос дар ин самт ба пешрафти иқтисоди миллии кишвар такони ҷиддӣ бахшида, шумораи сайёҳонро ба мамлакат зиёд менамояд ва барои таъсиси ҷойҳои корӣ имкони бештар фароҳам меорад.***

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон**

Сайёҳӣ дар ҷаҳони имрӯза яке аз соҳаҳои афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Бояд гуфт, ки шароити мусоиди табиӣ ва иқлими Тоҷикистон барои ба роҳ мондани соҳаи сайёҳӣ ва инкишофи намудҳои гуногуни он муфид арзёбӣ мегардад. Аз ин хотир, сар карда аз Сарвари давлат ва аъзои Ҳукумат бахри рушд додани сайёҳӣ ва бо ин роҳ баланд бардоштани сатҳи иҷтимоии аҳолӣ, густариши муносибатҳои байналмилалӣ кӯшишҳои зиёд намудаанд [2, с. 113].

Бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2018 дар кишвар "Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" ва солҳои 2019-2021 "Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" эълон гардид. Ин иқдоми пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди ин соҳаи афзалиятнок заминаи ҳуқуқӣ гузошт. Ҳудуди Тоҷикистони имрӯза аз замонҳои қадим дар "Роҳи Бузурги Абрешим" қарор дошта, шарқро бо ғарб мепайваст [1, с. 9]. Тибқи оияндабинии Ташкилоти Умумиҷаҳонии Сайёҳӣ ва Юнеско розӣ бояд шуд, зеро мувофиқи он то соли 2020 маршрути "Роҳи Бузурги Абрешим" яке аз мавзеъҳои самарабахши сайёҳӣ маҳсуб ёфта, дар ҷаҳон сеюмин макони сайёҳати ҷаҳонро ташкил медиҳад [7, с.157]. Тоҷикистон на танҳо дар минтақаи Осиёи Марказӣ, балки дар тамоми

ҷаҳон яке аз сарзаминҳоест, ки табиати зебо ва тамошобоб дорад [3, с.119].

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сайёҳии дохилӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад[6]. Бо шукргузорӣ аз истиқлолияти давлатӣ дар тамоми самтҳои фаъолияти кишвари азизамон тағйиротҳои куллӣ ба назар мерасад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, ҳамкориҳоро бо дигар субъектони байналмилалӣ дар самтҳои афзалиятнок вобаста ба манфиатҳои хеш ба роҳ мемонад. Тибқи талаботи м. 11-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҷикистон сиёсати сулҳҷӯёнаро дар амал татбиқ намуда, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти дигар давлатҳои ҷаҳонро эҳтиром менамояд ва муносибатҳои хориҷиро дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ муайян мекунад[4]. Дар воқеъ, фаъолияти сайёҳӣ ин яке аз бахшҳои даромадноке мебошад, ки ба инкишофи иқтисодиёти мамлакат, сатҳи зиндагонии мардум ва ҷойҳои нави корӣ мусоидат намуда, кишвари моро ба оламиён муаррифӣ мекунад. Санаи 27-уми майи соли 2017, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” қабул гардид. Аз оғози соли 2017 то ин ҷониб барои рушди фаъолияти сайёҳӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои ҳуқуқии зерин қабул карда шудаанд:

1) 30-юми майи соли 2017 тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шуд, ки тибқи б. 7, қ. 1, м. 110 даромадҳо аз фаъолияти сайёҳӣ ба муҳлати 5 сол аз санаи бақайдгирии давлатӣ аз андоз аз фоида озод карда шуданд[5]. Дар асоси талаботи сархати 8, қ. 4, м. 169 ҳамин кодекс омадааст, ки воридоти таҷҳизоту техника ва маводи сохтмонии иншооти сайёҳӣ (аз ҷумла меҳмонхона, осоишгоҳ ва истироҳатгоҳҳои табобатӣ, марказҳои сайёҳӣ ва дигар иншооти сайёҳӣ) [5] аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда шуданд.

2) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сайёҳии дохилӣ” аз 18-уми июли соли 2017 қабул гардид. Қонуни мазкур аз 11 боб, 65 модда иборат буда, асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии фаъолиятро дар соҳаи сайёҳии дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, ба фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати ташаккул ва рушди соҳаи мазкур равона шудааст.

3) санаи 22 декабри соли 2017 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуданд, ки бо мақсади тараққӣ додани соҳаи сайёҳӣ, муаррифии шоистаи имкониятҳои сайёҳии мамлакат ва фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмилалӣ, инчунин ҷалби сармоя ба инфрасохтори сайёҳӣ соли 2018 дар кишвар Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон карда шавад. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ аз 22 декабри соли 2017 чунин ироа намуда буд, ки раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо барои вусъат бахшидан ба корҳои ободониву бунёдкорӣ, рушди инфрасохтори деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ва бо ин мақсад ҷалб намудани сармояи ватаниву хориҷӣ масъулияти бевосита дошта, бо ҷойи корӣ таъмин кардан ва соҳиби касбу ҳунар гардонидани мардум низ вазифаи аввалиндараҷаи онҳо мебошад[8].

4) яке аз ҳуҷҷатҳои муҳиме, ки дар Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ қабул гардид, Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мебошад ва он 9 соли минбаъдаи рушди соҳаро дар бар мегирад. Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бо дастури Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳия гардида, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2018 тасдиқ гашт. Пурра ва самаранок амалӣ шудани стратегия ба рушди соҳаи сайёҳӣ дар кишвар мусоидат намуда, яке аз омилҳои баланд бардоштани иқтисодиёти миллӣ мегардад. Тибқи ин стратегия дар соли 2030 Тоҷикистон кишвари соҳаи сайёҳиаш устувор, рушдкарда ва дар минтақаву сатҳи ҷаҳонӣ эътирофшуда хоҳад гашт.

5) бо мақсади вусъат бахшидан ва бо назардошти зарурати инкишофи инфрасохтори деҳот Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ аз 26 декабри соли 2018 солҳои 2019-2021-ро Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон карданд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақсади асосӣ аз ин пешниҳодҳоро дар амалӣ гардонидани талошҳои Ҳукумати мамлакат ба хотири боз ҳам обод кардани Тоҷикистон ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ бо роҳи беҳтар намудани инфрасохтор, пеш аз ҳама, дар соҳаҳои маорифу тандурустӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ, таъмин кардани аҳолии деҳот бо оби босифати ошомиданӣ, бунёду таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ, рушди инфрасохтори сайёҳӣ ва инкишофи ҳунарҳои мардумӣ, ба талаботи муосир мутобиқ сохтани сатҳи хизматрасонӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии мардум дар ҳар як деҳа ва маҳалли аҳолинишин арзёбӣ намуданд[9]. Ҳамзамон, аз аҳли нишаст даъват ба амал оварда шуд, ки давоми се сол барои амалӣ гардидани ҳадафҳои мазкур бояд сидқан фаъолият намоянд. Эҳёи ҳунарҳои мардумӣ талаботи замон буда, бахри пешрафти соҳаи иқтисодии кишвар яке аз омилҳои муассир ба ҳисоб меравад. Фаро гирифтани нафарони бешуғл ба касбу ҳунар, махсусан занону духтарони хонашин дар маҳалу деҳоти мамлакат ба ҳаёти маънавию иҷтимоии онон такони нав мебахшад[9].

Дар замони муосир фаъолияти сайёҳӣ ба яке аз соҳаҳои афзалиятнок ва тараққикарда табдил ёфта истодааст. Бояд тазаккур дод, ки мавзеъҳои сайёҳиву таърихии "Ҳулбук", "Хоҷа Машҳад", "Аҷинатеппа", "Чилучорчашма", "Қалъаи Ямчун" ба сайёҳони дохилию хориҷӣ ҷолиби диққат буда, сол то сол шумораи ташрифоварандагон ба ин мавзеъҳои сайёҳӣ ба тадриҷ афзоиш ёфта истодааст.

Тоҷикистон яке аз давлатҳое мебошад, ки дар самти рушди сайёҳӣ, хусусан сайёҳии байналмилалӣ барои шаҳрвандони хориҷӣ шароитҳои хуб муҳайё карда истодааст. Солҳои охир дар ҷумҳурӣ даҳҳо мавзеъҳои сайёҳӣ сохта ба истифода дода шудаанд, ки бо шароитҳои хоси худ аз якдигар фарқ мекунанд. Масоҳати онҳо ҳазорҳо гектарро дар бар мегирад ва дар онҳо барои истироҳат, солимгардонӣ ва фаъолияти сайёҳони хориҷӣ шароитҳои ба талаботи байналмилалӣ ҷавобгӯ фароҳам оварда шудааст [2, с. 115].

Баъди ба даст овардани истиқлолият ва ба муносибатҳои бозоргонӣ гузаштани иқтисодиёти Тоҷикистон, соҳаи сайёҳии кишвар ба таври зарурӣ равнақу ривоҷ ёфта истодааст, ки он дар соҳаҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ташкилӣ ва ҳамчунин қоидаҳои ягонаи фаъолияти сайёҳӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад. Дар Тоҷикистон захираҳои сайёҳӣ, аз қабили чашмаҳои шифобахш, табиати зебою нотакрор, қуллаҳои баланди кӯҳӣ, таърихи куҳани тоҷик, ёдгориҳои табиию таърихӣ, фарҳанги ғанӣ ва расму оини миллӣ мавҷуд мебошанд, ки барои рушди намудҳои гуногуни сайёҳӣ имкон медиҳанд [2, с. 115].

5 апрели соли 2019 аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон якчанд қонун, ки онҳоро Маҷлиси намояндагон қабул карда, Маҷлиси миллӣ ҷонибдорӣ намудааст, ба имзо расонида шуд.

Иловаҳои ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон» воридгардида, нишони шаҳри Душанбе-пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсиси фонди рушди пойтахтро пешбинӣ намудааст. Инчунин, мувофиқи ин иловаҳо мукофоту ҷоизаҳои раиси шаҳри Душанбе муқаррар гардидаанд, ки бо онҳо сокинони шаҳр ва дигар шаҳрвандоне, ки дар рушди пойтахт саҳми арзанда гузоштаанд, сарфароз гардонида мешаванд.

Мувофиқи тағйиру иловаҳое, ки ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи моратория ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ» ворид гардидаанд, дар давраи татбиқи моратория солҳои 2019-2020 тамоми санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ боздошта мешаванд.

Бинобар тағйиру иловаҳо ба кодексҳои андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида, воридоти ашёи хом барои коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ аз андози арзиши иловашуда ва пардохти боҷи гумрукӣ озод карда шуданд.

Қонунҳои ба имзорасида, ҷиҳати иҷрои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 26 декабри соли 2018 ва "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" эълон шудани солҳои 2019-2021 таҳия ва қабул гардида, ба дастгирии давлатии соҳибкорӣ ва беҳдошти соҳаи сайёҳӣ, бахусус рушди ҳунарҳои мардумӣ, пешрафту инкишофи дигар соҳаҳои ҳаётан муҳими ҷомеа ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум равона шудаанд.

Дар охир, чунин хулоса менамоем, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сайёҳӣ марҳила ба марҳила инкишоф меёбад, ки ин раванд баҳри ҳимояи манфиатҳои сайёҳони дохилию хориҷӣ, ҷалби бештари онҳо мусоидат менамояд. Бо шукргузорӣ аз истиқлолияти давлатӣ ва сиёсати сулҳҷӯёнаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сол то сол ташрифи сайёҳон ба кишварамон меафзоянд.

Аз ин лиҳоз, бо боварии комил метавон гуфт, ки дар ояндаи наздик сайёҳӣ яке аз соҳаҳои даромадноки ҷумҳурӣ мегардад ва дар ғанӣ гардонидани буҷаи давлат нақши калидиро соҳиб мегардад.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Абдулазизов А. Рушди соҳаи туризм бо истифода аз захираҳову имкониятҳо дар ноҳияи Исфара. Ҷавонон нерӯи рушди зеҳнии кишвар // Маводҳои аввалини Форуми байналмилалӣ (15-17 майи соли 2015) [Матн] / А. Абдулазизов. – Душанбе, 2015. – С. 9–14.

2. Давлатов Н.М. Танзими муносибатҳои сайёҳӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.М. Давлатов // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2021. – №2 (6). – С. 113–115.

3. Зокиров З.Х. Масъалаҳои мубрами ҳуқуқшиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография:нашри аввал [Матн] / З.Х. Зокиров. – Душанбе, 2020. – 181 с.

4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2013 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 137 с.

5. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 сентябри соли 2012. – №901. – Душанбе. – Банди 7. – Қисми 1. – М. 110.

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сайёҳии дохилӣ" аз 18.07. 2017. – М. 2.

7. Маҳмудов А.С. Особенности развития туризма в Республики Таджикистан. Ҷавонон нерӯи рушди зеҳнии кишвар // Маводҳои аввалини Форуми байналмилалӣ (15-17 майи соли 2015) [Матн] / А.С. Маҳмудов. – Душанбе, 2015. – С. 157–161.

8. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017.

9. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018.

**Аннотатсия**

**Проблемаҳои танзими ҳуқуқии сайёҳӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар мақола сухан дар бораи проблемаҳои танзими ҳуқуқии сайёҳӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон меравад. Муаллифон сабукиҳои қонунгузориро яке аз воситаҳои асосии рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маънидод кардаанд.

**Аннотация**

**Проблемы правового регулирования туризма в соответствии с законодательством Республики Таджикистан**

В статье рассматриваются проблемы правового регулирования туризма в соответствии с законодательством Республики Таджикистан. Авторы описывают упрощение законодательства как один из основных инструментов развития туризма в Республике Таджикистан.

**Annotation**

**Problems of legal regulation of tourism in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan**

The article deals with the problems of legal regulation of tourism in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan. The authors describe simplification of legislation as one of the main tools for the development of tourism in the Republic of Tajikistan.

## 12.00.05 – ҲУҚУҚИ МЕҲНАТӢ; ҲУҚУҚИ ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОӢ
## 12.00.05 – ТРУДОВОЕ ПРАВО; ПРАВО СОЦИАЛЬНОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ

**УДК:** 349.3



**Азимзода Назир Бозор,**
*муовини сардори факултети №2 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таълим, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.*
*E-mail: nazir.azimov.79@mail.ru*
*Тел.: (+992) 919-51-40-40.*



**Собирзода Аловиддин Ҷаббор,**
*муовини сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди кор бо ҳайати шахсӣ, полковники милитсия.*
*E-mail: sobirzoda76@bk.ru*
*Тел.: (+992) 985-30-11-71.*

# ТАҶРИБАИ БАЪЗАН ДАВЛАТҲОИ ХОРИҶӢ ОИД БА ҲИМОЯИ ИҶТИМОИИ КОРМАНДОНИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ

***Калидвожаҳо**: кафолат; санади меъёрии ҳуқуқӣ; таъминнокӣ; қобилияти меҳнатӣ; таъминоти иҷтимоӣ; ёрии тиббӣ; нафақа ва ҳимоя.*
***Ключевые слова:** гарантия; нормативный правовой акт; социальное обеспечение; медицинская помощь; пенсия и защита.*
***Keywords:** guarantees; normative legal act; social security; medical care; pension and protection.*

Воҳӯрии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 18 марти соли 2020 бо олимони кишвар гувоҳи он аст, ки ба соҳаи илм диққати махсус дода мешавад. Дар ин воҳурӣ аҳамияти муҳим ба нақши илм дар мустаҳкамнамоии малакаи донишандӯзӣ ва баланд бардоштани сатҳи шуури илмии ҷомеа дода шуда, нигоҳи сарвари давлат ба таҳлили инкишофи соҳаи илмӣ ва фаъолияти ҳар як олим оид ба талаботи ҷаҳонӣ ҷавобгӯ будани таҳқиқотҳои илмии онҳо ва омода намудани мутахассисони хуби соҳаҳои илмҳои гуногун аз ҳисоби насли наврасу ҷавон нигаронида шуд [1].

Лозим ба зикр ҳаст, ки доираи имкониятҳои омода намудани мутахассисон васеъ буда, сарвари давлат таъкид намуданд, ки ҳар як олим ҳамчун шаҳрванди ватандӯст бояд тадқиқотҳои илмии худро баҳри пешрафти Ватани маҳбубамон ва манфиатҳои давлату ҷомеа истифода намуда, баҳри омода намудани мутахассисони хуби соҳаҳо қуввату малакаи баланди илмии худро дареғ надорад [1].

Имрӯз яке аз масоили диққатҷалбкунанда ва ҳалталаб дар ҷомеаи муосири мо ин масъалаи ҳимояи иҷтимоии шаҳрвандон, аз ҷумла масъалаи ҳимояи иҷтимоии кормандони мақомотҳои корҳои дохилӣ ба ҳисоб меравад. Чунки кормандони мақомотҳои корҳои дохилии кишвар ба давлату миллат содиқ хизмат намуда истода, дар баробари меҳнати софдилонаи пурмашаққат, риояи қонун ва ҳифзи Ватан ҳаёти худро дар баъзе ҳолатҳо зери хатар мегузаронид. Ҳама гуна фаъолияти инсон ба қонеъкунии истеъмолкунанда равона карда шуда, сол аз сол моҳияти истеъмолият вобаста аз мурури замон, илми техника ва технология рӯ ба тараққӣ ниҳода, боло рафта истодааст. Қонеъ гардонидани истеъмолнокӣ вобаста аз шакли он гуногун буда, бо дарназардошти омилҳои демографӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва нажодӣ ҳархел ба роҳ монда шудааст. Аммо чунин шакли қонеъкунонӣ бояд аз вазъи иҷтимоӣ муайян карда шавад.

Нобаробарии иҷтимоӣ сарчашмаи асосии шаклҳои гуногуни рафтори саркашонаи мутахассисони зерин ба ҳисоб меравад, чунки

имкониятҳои ҳуқуқии қонеъгардонии истеъмолнокӣ аз имкониятҳои иҷтимоии гурӯҳҳои гуногуни худи инсон вобаста мебошад. Ба истеъмолнокии иҷтимоии муҳими инсон худсобиткунӣ ва худтаъминкунӣ дохил мешаванд. Кӯшишҳои мунтазам оид ба беҳтар намудани вазъи иҷтимоии кормандони мақомотҳои корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади беҳбудӣ овардан ба баҳри ҳимояи ҳуқуқии вазъи иҷтимоӣ равона карда шудаанд. Паҳн намудани таҷрибаи кофии давлатҳои Тоҷикистон ва Россия оид ба омода намудани мутахассисони соҳавӣ бояд барои баланд бардоштани сатҳи сифати корҳо ва роҳ надодан ба хатогиҳо, бехатарии давлату миллат ва манфиатҳои давлату ҷомеа мусоидат намояд.

Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки ҷараёнҳои гуногуни иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба оромӣ ва пурра таъминнокӣ оварда намерасонад, балки баръакс чунин ҷараёнҳо ба инкишофи суръатнокии илмӣ-техникӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ оварда расонида метавонад, балки оқибатҳои гуногуни ногувор оварда расонад. Масалан: Таркиши иттилоотӣ (ба воситаи шабакаҳои иҷтимоӣ) таҳдиди имкониятҳои худнесткунии инсоният дар натиҷаи ҷанги ядроӣ ё ин ки офатҳои экологӣ ва ғайра.

Новобаста аз имкониятҳои одатшавӣ (адаптационный период) организми инсоният, ки хеле васеъ мебошад, вақт аз вақташ метавонад “ҳолати дигари кандашавӣ ё бетоқатӣ” гардад, ки дар ин муддат инсон ба ёрӣ ва дастгирӣ эҳтиёҷ дорад. Дар ин радиф, маҳз мавҷуд набудани чунин шакли муносибат (дастгирӣ, ёрӣ расонидан, ҷалб намудани диққати худ) ва пайдо гардидани бетарафӣ, хунукназарӣ, беадолатӣ ба қобилияти меҳнатии кормандон таъсири манфӣ расонида, метавонад ҳолати корро дигаргун намояд. Барои ҳамин ҳам, давлат бояд ба сатҳи масъалаи баланд бардоштани ҳимояи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ чораандешӣ намояд. Таъминнокии иҷтимоӣ дар давлатҳои хориҷа, аз ҷумла дар Полша, Болгария, Германия, Венгрия ва Россия хеле инкишоф ёфтааст. Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Полша, Венгрия, Германия ва Болгария на танҳо ҳуқуқи кафолатии шаҳрвандонро, балки ҳуқуқи кафолатии кормандони полисро оид ба таъмини моддӣ ва ёрии тиббӣ дар синну соли пиронсолӣ ва ҳангоми гум кардани қобилияти меҳнатӣ муқаррар намудааст.

Таъминоти иҷтимоӣ дар асоси ба инобат гирифтани таҷрибаи ғании аҳли коллектив инкишоф ёфта, давлатҳои пешрафтаи дунё, ингуна таҷрибаро сармашқи корӣ донистаанд, ки ба дуруст татбиқ намудани чунин шакли таҷриба ба фаъолияти худ ба натиҷаҳои хуби корӣ ноил гардидаанд.

Ғайр аз ин, дар давлатҳои пешқадам таъминоти иҷтимоӣ аз ҳисоби фондҳои махсус, ки аз ҷониби давлат ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ҷудо карда мешавад, амалӣ карда шуда, доираи фондҳои махсусро суғуртакунонии кормандон, хизматчиён, кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва аҳли оилаи онҳо дарбар мегирад. Дар баробари фондҳои суғуртакунонии иҷтимоӣ дар давлатҳои пешқадам, инчунин шакли дигари таъминоти иҷтимоӣ дар намуди таъминоти иҷтимоӣ дар давраи пиронсолагӣ ё ин, ки ҳангоми ғайри қобили меҳнат эътироф шудан аз ҳисоби буҷаи давлат ҷудо карда мешавад. Инчунин, дар давлатҳои пешқадам дигар шакли таъминоти иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ин ҳуқуқи онҳо барои истифодабарии ёрии тиббии ройгон ва хизматрасониҳии тиббӣ ба ҳисоб меравад, ки чунин шакли таъминоти иҷтимоӣ як самти дастгирии давлатро нисбати кормандони мақомоти корҳои дохилӣ нишон медиҳад.

Чи тавре, ки таърих гувоҳӣ медиҳад, солҳои 70-уми асри XX ҳуҷҷати байналмилалии зарурӣ “Пакти байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ” ба ҳисоб мерафт, ки аз ҷониби Президиуми Шӯрои Олии собиқ давлати Шӯравӣ аз 18 сентябри соли 1973 ратификатсия шуда буд.

Мувофиқи моддаи Пакти байналхалқӣ давлатҳои иштироккунандаи он ҳуқуқҳои ҳар кадомеро дар шарту шароитҳои хуб ва боадолатонаи меҳнатӣ, аз ҷумла қаноатбахш будани тарзи ҳар кадоми он ва оилаи ӯ эътироф карда буд.

Инчунин, дар моддаи мазкури Пакти байналхалқӣ муқаррар шуда буд, ки давлат шароити мусоидро оид ба таълиму тарбияи фарзандон фароҳам меоварад. Осудаҳолии оилаҳо ва таъмини иҷтимоии онҳо, инчунин ҳифзи оилаҳоро эътироф намудааст. Дар ин

давра ба кормандоне, ки ба меҳнат ҷалб шудаанд, баъд ба рухсатии пардохтшаванда ё ин, ки рухсатӣ бо фароҳам овардани шароитҳои мусоид оид ба таъминнокии иҷтимоии онҳо пардохт карда шаванд.

Мувофиқи моддаи 9 Пакти байналхалқӣ давлат ҳуқуқҳои ҳар як инсонро дар бораи таъминнокии иҷтимоӣ ва суғуртаи иҷтимоӣ эътироф намудааст.

Ҳолатҳои муайяншудаи Пакти байналхалқӣ аҳамияти тағйирёбанда дошта, онҳо умумӣ ва ҳамкафолатдиҳанда мебошанд. Дар моддаи 2 Пакти байналхалқӣ муқарар шуда буд, давлат метавонад аз захираҳои кадри имкон мавҷудбуда ва имкониятҳои ҷойдошта баҳри таъминоти иҷтимоӣ истифода намояд.

Аммо сатҳи ҳуқуқҳое, ки дар Пакти байналхалқӣ муайян карда шуда буданд, аққалан на аз “захираҳои мавҷуда” вобаста буданд. Дар ШМА масалан, “захираҳо” кам нестанд ва онҳо ба зарурати таъминокии иҷтимоӣ равона карда намешаванд.

Инкишофи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва сатҳи кафолатнокии онҳо пеш аз ҳама на аз захираҳои давлатӣ, балки аз сохти иҷтимоии давлат вобастагӣ дорад [2].

Дар собиқ Иттифоқи Шӯравӣ бошад, дар мадди аввал инсон буда, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоии инсон дар доираи мазмуни ҳуқуқҳои асосии шаҳрвандон, ки дар Конститутсияҳои СССР муқаррар шуда буд, инкишоф меёфт.

Системаи таъминотии иҷтимоии давлат бошад, дар баробари дигар системаҳо ба ҳайси кафолатдиҳандаи ин ҳуқуқҳо баромад мекард.

Дар баробари “Пакти байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ” боз дигар ҳуҷҷатҳои байналхалқие вуҷуд доштанд, ки тариқи мушаххас шарту ҳаҷмҳои гуногуни намудҳои алоҳидаи таъминотро муайян карда буданд. Масалан: Ташкилоти байналхалқии меҳнат як қатор Конвенсияҳоро қабул карда буд, ки дар онҳо таъминот аз ҳодисаҳои нохӯш дар истеҳсолот, беморӣ, суғуртакунонӣ аз рӯи беморӣ, пардохти маблағ дар давраи ҳомиладорӣ ва ҳангоми таваллуд, суғуртакунонии давраи пиронсолӣ, маъюбӣ ва бекорӣ муқаррар шуда буд.

Тибқи меъёри Конвенсияи ГБМ давомоти ёрии тиббӣ, пардохти кумакпулӣ аз рӯи беморӣ ва барои бекорӣ ҳамчун қоида, бо давраи муайяни (аз 13 то 26 ҳафта) маҳдуд гардидааст. Маводҳо барои таъмини суғуртаи иҷтимоӣ бошад аз ҳисоби худи суғурташавандагон имконият пайдо менамояд, ки маблағи муайян ҷамъоварӣ карда шуда, баъдан тақсим карда мешавад.

Агар мо ба таҷрибаи давлати абарқудрати Россия оид ба ҳимояи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ нигарем, гуфта метавонем, ки онҳо низ хусусиятҳои хоси худро доранд. Ҳимояи давлатии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ – ин маҷмӯи чораҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ташкилотие мебошад, ки аз ҷониби давлат муқаррар гардида, бо мақсади таъмини осудаҳолии ҷанбаҳои ахлоқӣ, моддӣ ва ҷисмонии оилаҳо ва аъзоёни он аз тарафи мақомотҳои давлатӣ амалӣ карда мешавад.

Дар моддаи 3 Қонуни Федератсияи Россия “Дар бораи ҳимояи давлатии судҳо, шахсони мансабдори мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ” ҳама намудҳои ҳимояи давлатӣ гуфта шудааст:

1. Татбиқи чораҳои бехатарӣ бо мақсади ҳифзи ҳаёт ва саломатии шахсони номбурда, инчунин таъмини нигоҳдории моликияти онҳо;

2. Татбиқи чораҳои ҳимояи ҳуқуқӣ, инчунин муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба ҳаёт, саломатӣ ва моликияти шахсони номбурда;

3. Татбиқи чораҳои ҳифзи иҷтимоии муқаррарнамудаи таъмини ҳуқуқи шахсони номбаршуда ба кумакпулӣ ҳангоми марг, зарарҳои гуногуни ҷисмонӣ, нобудшавӣ ё вайроншавии онҳо ҳангоми фаъолияти хизматӣ [3].

Ҳамин тариқ, аз ҷониби давлат баҳри таъмини бехатарӣ чораҳоеро пешбинӣ намудааст, ки ҳимояи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилиро муқаррар менамояд.

Ҳимояи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ – ин яке аз вазифаҳои асосии давлат буда, барои иҷро намудани ҳуқуқ ва озодиҳои кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, кафолат ва кумак ба онҳо, инчунин дигар чораҳое, ки барои ташкили шартҳои хуби ҳаётӣ ва фаъолияти онҳо равона карда мешавад [4].

Дар Федератсияи Россия қонунгузориҳое амал менамоянд, ки бо меъёрҳои худ таъминоти иҷтимоии кормандони мақомоти

корҳои дохилиро кафолат дода, ҳимояи иҷтимоиро муқаррар намудааст.

Масалан, Қонуни ФР "Дар бораи хизмат дар мақомоти корҳои дохилӣ", ки дар моддаи 91-и он чунин кафолати ҳифзи иҷтимоиро муқаррар кардааст:

1. Пардохти музди меҳнат;
2. Таъмини манзил, ёрии тиббӣ ва истироҳат дар осоишгоҳҳо;
3. Кафолатҳои суғуртавӣ ва пардохтҳои он бо мақсади барқарор намудани зараре, ки дар натиҷаи иҷрои фаъолияти хизматӣ расонида шудааст;
4. Таъминоти хӯрока ва пӯшока;
5. Таъмини нафақа [5].

Ё ин, ки Қонуни ФР "Дар бораи кафолатҳои иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ", ки мувофиқи моддаи 2 Қонуни мазкур чунин кафолатҳо барои кормандон муқаррар гардидааст:

1. Кумаки моддӣ;
2. Пардохтҳои пулӣ, ҳангоми хизмат дар мақомоти корҳои дохилӣ ё баъдан аз кор рафтан.
3. Кафолате, ки барои дастгирии кормандон ба манзил вобастаанд.
4. Таъмини ёрии тиббӣ ва истироҳат дар осоишгоҳҳо.
5. Дастгирии аъзоёни оилаи кормандоне, ки дар вақти фаъолияти хизматӣ кафолат карданд [6].

Чораҳои муқарраршуда ба дастгирии кормандони ШКД ва аҳли оилаи онҳо дар ҳамагуна самтҳои асосии ҳаётӣ: дастгириҳои моддӣ, кӯмак дар ҳалли масъалаҳои манзилӣ, дастгирии сатҳи саломатии кормандони ШКД, кумак ба наздикони онҳо ҳангоми марг ё гумшавӣ ва ғайра равона карда шудааст.

Ғайр аз ин, қонунгузориҳои ҷории амалкунанда ҳимояи иҷтимоии аъзоёни оилаи кормандони мақомоти корҳои дохилиро дар ҳолати марг ҳангоми иҷрои вазифа кафолат додааст.

Чи тавре, ки дар Қарори Суди Конститутсионии Федератсияи Россия оид ба ин масъала муқаррар карда шудааст, аъзоёни оила ва шахсони дар тобеи кормандони мақомоти корҳои дохилӣ буда, дар ҳолати марги ӯ ҳангоми иҷрои вазифаи хизматӣ, барои барқарор намудани зарари расонидашуда ва кумакпулӣ барои маҳрум гардидан аз саробон ҳуқуқ доранд [7].

Новобаста аз чунин муқаррарнамоиҳои қонунгузориҳои амалкунанда дар самти кумакҳои иҷтимоӣ то ин ҷониб дар Федератсияи Россия баъзе камбудиҳо ва норозигиҳо оид ба дастгириҳои иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ камбудиҳо ҷой доранд. Яке аз проблемаҳои асосӣ ин таъминоти пулии кормандон ба ҳисоб меравад. Лозим ба зикр аст, ки ҷойи махсусро байни кафолатҳои ҳифзи иҷтимоӣ ин музди меҳнат ташкил медиҳад. Музди меҳнати кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар шакли пардохти маблағи муайян амалӣ карда мешавад, ки воситаи асосии таъминшавии ӯ ба ҳисоб меравад.

Дар шароити имрӯза дар баробари вазъи иқтисодӣ ҳаҷми музди меҳнати кормандон на он қадар ба талаботи таъминшавии кормандон ё ин ки боиси ба амал омадани амалҳои ғайриқонунии мисли гирифтани пора, иғвои пора, тамаъҷӯӣ гардад. Дар радифи ин масъала боз дигар масъалаҳо мисли баланд бардоштани таъминоти тиббӣ ва истироҳатӣ, таъмини манзили онҳо ва дигар намудҳои кумакҳои иҷтимоӣ ҷой доранд, ки ҳалли онҳо дар сатҳи қонунгузор ва ҳукумати кишвари Россия мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Ҳамин тариқ, ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ – ин системаи кафолатҳое мебошад, ки ба қонеъ гардонидани талаботҳои моддӣ ва маънавии кормандон равона карда шудааст.

Аз таҷрибаи давлатҳои пешқадам дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ истифода бурда, моро зарур аст, ки дар қонунгузориҳои ҷории амалкунандаи худ оид ба ҳифзи дастгириҳои иҷтимоӣ чунин шаклу намудҳои кумаку ҳимояи иҷтимоиеро дар асоси таҳлил ва коркард пешниҳод намоем, ки минбаъ баҳри ба мақсад ноил гардонидани масъалаҳо оид ба дастгирӣ ва ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ мусоидат намояд.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохурӣ бо олимони кишвар аз 18 марти соли 2020 / Садои мардум. – Душанбе, 2021.
2. http://yandex. ru /CKK/ jsradir?bu=unig 1510618770 7604203768: from = yandex. ru.
3. О государственной защите судей, должностных лиц правоохранительных и контролирующих органов: Федеральный закон от 20.04.1995г. № 45-ФЗ (ред. от 01.07.2017) // Система ГАРАНТ. Режим доступа: http: Basegarant.ru // 10104593 /.
4. Коваленко Я.В. Социальная защита сотрудников органов внутренних дел // Фундаментальные и прикладные научные исследования: актуальные вопросы, достижения и инновации: сб. статьей международная. научная. – практическая. конференция. / Отв. ред. Г.М. Гуляев. Пенза, 2017. С. 295-297.
5. «О службе в ОВД РФ и внесение изменений в отдельные законодательные акты РФ» ФЗ РФ от 30.11.2011, № 342 – ФЗ (ред. от 03.04.2017; с изм. и доп., вступившую в силу с 28.06.2017.) // Собрание законодательства РФ. 2011, № 49 (ч.1). С. 7020.
6. О социальных гарантиях сотрудников органов внутренних дел РФ и внесение изменений в отдельные законодательные акты РФ: федеральный закон от 19.07.2011, № 247 – ФЗ (ред. от 29.07.2017) // Собрание законодательства РФ. 2011, № 30 (21). Ст. 4595.
7. Постановление КС РФ от 26 мая 2015г. //С// - П. // СПС Консультант Плюс.

**Аннотатсия**

**Таҷрибаи баъзан давлатҳои хориҷӣ оид ба ҳимояи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ**

Дар мақола аз ҷониби муаллифон масъалаи таҷрибаи баъзе давлатҳои хориҷӣ оид ба масъалаи ҳимояи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, аз ҷумла, давлатҳои Болгария, Олмон, Полша, Венгрия ва Федератсияи Россия, ки кадом чораҳо баҳри ҳимояи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ равона карда шудааст, таҳлил карда шудааст. Инчунин, пешниҳод карда шудааст, ки таҷрибаи давлатҳои пешқадамро ба таври зарурӣ омӯхта, омилҳои мусбии онро баҳри васеъ гардонидани кафолатҳои иҷтимоии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон самаранок истифода намоем.

**Аннотация**

**Практика некоторых зарубежных государств в сфере социальной защиты сотрудников органов внутренних дел**

В статье авторами проводится анализ практики некоторых зарубежных стран в сфере социальной защиты сотрудников правоохранительных органов, в частности таких, как Болгария, Германия, Польша, Венгрия и Российская Федерация, в которых наиболее эффективно принимаются меры по социальной защите сотрудников правоохранительных органов. Авторами предлагается тщательным образом изучить опыт зарубежных государств с целью эффективного использования положительные моменты такой деятельности в области социальных гарантий сотрудников правоохранительных органов Республики Таджикистан.

**Annotation**

**The practice of some foreign countries in the field of social protection of employees of internal affairs bodies**

In the article, the authors analyze the practice of some foreign countries in the field of social protection of law enforcement officers, in particular, such as Bulgaria, Germany, Poland, Hungary and the Russian Federation, in which measures for the social protection of law enforcement officers are most effectively taken. The authors propose to carefully study the experience of foreign countries in order to effectively use the positive aspects of such activities in the field of social guarantees for law enforcement officers of the Republic of Tajikistan.



**УДК:** 314.72

**Санавваров Ғолибҷон Бақоевич,**
*докторанти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.*
*E-mail.: sanavvarov@mail.ru*
*Тел.: (+992) 928-39-81-74.*

# РАВАНДҲОИ БУНЁДИИ ТАШАККУЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ МУҲОҶИРАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** *муроҷиат; муҳоҷир; ҳуқуқ; уҳдадорӣ; рушд; қонунгузорӣ; аҳолӣ; байналмилалӣ; муносибат; меҳнат; шаҳрвандон,*

***Ключевые слова:*** *обращение; мигрант; право; обязательство; развитие; законодательство; население; международный; отношение; труд; граждане.*

***Keywords****: treatment; migrant; law; obligation; development; legislation; population; international; attitude; labor; citizens.*

Дар замони муосир яке аз равандҳои қобили таваҷҷуҳ, ки дар умқи таърих чашмрас мондааст ин масоили муҳоҷират ба ҳисоб меравад. Муҳимияти масъалаи болозикр дар он инъикос мегардад, ки он бояд фарогири танзими ҳуқуқӣ бошад ва дар соҳаи идоракунии давлатӣ дар маҷмӯъ ҳамчун яке аз самтҳои асосӣ ва ҳадафноки давлатӣ маҳсуб ёбад. Аз ин хотир, яке аз қисматҳои марказии раванди мазкурро ташаккули механизми танзими ҳуқуқии муносибатҳои муҳоҷират дар заминаи рушди қонунгузорӣ ташкил менамояд.

Бояд тазаккур дод, ки танзими ҳуқуқии муҳоҷират дар ҳама давру замон яке аз масъалаҳои муҳими ҷамъиятӣ ва давлатӣ маҳсуб ёфта, таҳлили ҳамҷонибаи илмӣ-назариявиро талаб менамояд. Новобаста аз он, ки имрӯзҳо дар доираи таҳлил намудани муаммои мазкур тадқиқотҳои зиёд вуҷуд доранд, аммо ин масъаларо пурра ҳалшуда эътироф намудан номумкин аст.

Тибқи маълумотҳои оморӣ, имрӯзҳо тақрибан 281 миллион муҳоҷири байналмилалӣ вуҷуд доранд, ки 3,6 фоизи аҳолии ҷаҳонро ташкил медиҳад [1]. Ин ҷо сухан дар бораи гурӯҳи муҳоҷироне сухан меравад, ки берун аз кишварҳое, ки таваллуд шудаанд, зиндагӣ ва кор мекунанд. Аксари онҳо дар ҷустуҷӯи зиндагии беҳтар ва баҳри пешбурди вазъи иҷтимоии худ муҳоҷират мекунанд ва таъмини ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо ба яке аз муаммои ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон чун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ имрӯзҳо аз ин муаммо раҳо нест.

Масалан, танҳо дар давоми соли 2020 зиёда аз 400 ҳазор нафар шаҳрвандон ҳудуди кишварро ҳамчун муҳоҷир тарк намуданд, ки аз нисф зиёди ин шумор чун муҳоҷири меҳнатӣ ба қайд гирифта шудааст[2].

Ин аст, ки бо зиёд гардидани раванди муҳоҷирати меҳнатӣ бешубҳа муаммои гуногун, ба мисоли дарёфт намудани ҷои корӣ дар давлати дигар, аз қайд гузаронидани онҳо ва пеш аз ҳама ҳифз намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо ба миён меоянд, ки бешубҳа вазифаи аввалиндараҷаи давлат ва дар симои давлат мақомотҳои ваколатдори давлатӣ маҳсуб меёбанд.

Дар ин замина, ба андешаи муҳаққиқон Е.А. Малышев ва А.М. Субботин танзими ҳуқуқии муҳоҷирати аҳолӣ яке аз масъалаҳои мубрами соҳаи идоракунии давлатӣ мебошад, ки ба худ хос унсурҳо – яъне мушкилоти демографӣ, коркарди нокифояи танзими ҳуқуқиро соҳиб аст, ки бешубҳп ба равандҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ бетаъсир намемонад[3].

Муҳаққиқи ватанӣ Д.Х. Олимиён дуруст ибрози андеша дорад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати муҳоҷират ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати хориҷӣ ва дохилии давлат баромад намуда, татбиқи он яке аз ҳадафҳои асосии давлат ба шумор меравад. Ба андешаи номбурда, муҳоҷират ба бисёр ҷанбаҳои ҳаёти ҷомеа – аз ҷумла ба рушди

иҷтимоӣ, иқтисодӣ, демографӣ ва амнияти миллии Тоҷикистон таъсир мерасонад[4, с. 595-597].

Ҷонибдории хешро ба ин гуфтаҳо ифроз медорем ва илова менамоем, ки яке аз функсияҳои асосии давлат дар ин самт ба роҳ мондани танзими ҳуқуқии масъалаҳои муҳоҷират ва бахусус муҳоҷирати меҳнатӣ ба шумор меравад, ки масъалаи мазкур муҳим будани мавзӯи мазкурро бори дигар исбот менамояд.

Дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муҳоҷирати меҳнатӣ, мақоми роҳбарикунанда ва заминавиро Консепсияи сиёсати давлатии муҳоҷират, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 8 октябри соли 1998 № 411 тасдиқ шудааст, мебозад.

Ба андешаи мо, қабул гардидани ин санади меъёрии зерқонунӣ, ки ба принсипҳои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои муҳоҷирон, новобаста аз нажод, дин ва эътиқоди динӣ, шаҳрвандӣ, пайдоиши иҷтимоӣ, ақидаҳои сиёсӣ, забон, ҷинс ва синну сол; ҳифзи манфиатҳои дохилӣ ва берунии кишвар тавассути танзими равандҳои муҳоҷират; идоракунии давлатии равандҳои муҳоҷират дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтааст, тавонист як дараҷа мушкилоти ин соҳаро ба низом дарорад.

Қабул гардидани Консепсияи сиёсати давлатии муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба принсипҳои зерин асос ёфта буд:

- ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои муҳоҷирон, новобаста аз нажод, дин ва эътиқоди динӣ, шаҳрвандӣ, пайдоиши иҷтимоӣ, ақидаҳои сиёсӣ, забон, ҷинс ва синну сол;
- ҳифзи манфиатҳои дохилӣ ва берунии кишвар тавассути танзими равандҳои муҳоҷират;
- идоракунии давлатии равандҳои муҳоҷират дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ҳимоя намудани манфиатҳои демографӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ ва дигар манфиатҳои кишвар дар муҳоҷират;
- коркард ва қабул намудани чора ва воситиаҳои зарури шаклҳои баргардонидани гурезагон ва паноҳҷӯяндагон ба ҷойҳои ибтидоии зист;
- танзими равандҳои муҳоҷират ба хотири беҳбуди вазъи демографии кишвар;
- мусоидат ба рушди фарҳанг, таҳкими дӯстии миёни халқҳо ва миллатҳо дар ҷойҳое, ки муҳоҷирон дар он ҷо қарор мегиранд, эҳтиром ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, анъана ва суннати мардуми Тоҷикистон;
- таъмини тартиби муқарраршудаи ҳифзи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳоҷират;
- мусоидат дар таҳкими робитаҳои байни шаҳрвандони Тоҷикистон ва ҳамватанони онҳо, ки дар хориҷа мебошанд;
- ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи идоракунии равандҳои муҳоҷират, аз ҷумла дастгирии ташкилотҳои байналхалқӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатии дар ин соҳа фаъолиятдошта.

Дар навбати худ, мақсад ва вазифаҳои асосии сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ аз инҳо иборат аст:

- ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шартномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи муҳоҷират;
- иҷроиши уҳдадориҳои байналмилалии марбут ба муҳоҷират;
- таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои муҳоҷирони меҳнатӣ мутобиқи меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда, Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- такмили сохтори заминаи қонунгузории танзимкунандаи равандҳои муҳоҷират;
- такмили системаи давлатии идоракунии равандҳои муҳоҷират ва омӯзиши кадрҳои дахлдор;
- пешгӯии равандҳои муҳоҷират, таҳия ва татбиқи барномаҳои дахлдори давлатӣ ва дигар соҳаҳои ин соҳа;
- пешгирии муҳоҷирати ғайриқонунӣ;
- хамоҳангсозии фаъолияти мақомоти иҷроия дар идоракунии равандҳои муҳоҷират;
- таъсис додани низоми назорати муҳоҷират, ки ҷавобгӯи талаботҳои байналмилалӣ ва махзани ягонаи он мебошад;
- дастгирии муҳоҷират ва муҳоҷират;

- таҳким ва рушди ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи муҳоҷират;

- фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои баргашти муҳоҷирони муваққатӣ тавассути татбиқи барномаҳои махсус барои таъмини шуғли онҳо ва ба ин монанд равандҳое, ки мақсади асосии онҳо ҳамаҷониба ҳифз намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои муҳоҷирон ба шумор меравад[5].

Аммо таҳлили мазмун ва муҳтавои санади мазкур нишон медиҳад, ки он ба таври лозима ҷабҳаҳои муҳоҷирати меҳнатии дохилӣ ва беруниро танзим наменамояд. Дар баробари ин санади мазкур давоми зиёда аз 24 сол дар амал аст, ки моҳиятан мазмун ва муҳтавои худро коста намудааст ва ниёзи такмил дорад. Иловатан, имрӯзҳо, ки раванди муҳоҷират ҳамеша дар ташаккул аст, зарурати қабул намудани Консепсияи навро ба миён меорад.

Ҳамзамон, дар танзими муносибатҳои марбут ба муҳоҷират мақоми марказиро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муҳоҷират" аз 11 декабри соли 1999 ишғол менамояд[6].

Мутобиқи талаботҳои қисми дуюми моддаи якуми ҳамин қонун, муҳоҷирати меҳнатӣ – ҳамчун муҳоҷирати шахси воқеӣ аз як кишвар ба кишвари хориҷӣ бо мақсади фаъолияти меҳнатӣ муқаррар карда шудааст. Аз мазмун ва муҳтавои меъёри мазкур бармеояд, ки қонунгузор, муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ва мафҳуми муҳоҷирати меҳнатиро ҳамчун сафари ихтиёрӣ ва ё қонунии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷи кишвар муқаррар намуда, дар навбати дигар онро чун сафари доимӣ мустаҳкам намудааст, ки ба андешаи мо нодуруст аст. Зеро на ҳамаи муҳоҷират, махсусан муҳоҷирати меҳнатӣ метавонад доимӣ бошад.

Мутобиқи меъёрҳои Созишномаи Иттиҳоди Давлатҳои мустақил оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳифзи иҷтимоии коргарон-муҳоҷирон аз 15 апрели соли 1994 муҳоҷири меҳнатӣ "шахсест, ки дар ҳудуди ҷониби давлати фиристода доимо зиндагонӣ менамояд ва дар асоси қонун дар ҷониби давлати қабулкунанда бо фаъолияти муздноки меҳнатӣ машғул аст".

Мафҳуми хеле шабеҳ дар меъёрҳои Конвенсияи Аврупоӣ оид ба вазъи ҳуқуқии коргарон-муҳоҷирон ETS № 093 аз 24 ноябри соли 1977 низ мустаҳкам карда шудааст. Аммо зикр бояд намуд, ки ин меъёр на мафҳуми муҳоҷират, балки мафҳуми муҳоҷири меҳнатиро мустаҳкам менамоянд, ба андешаи мо наметавонанд ба пуррагӣ мазмун ва моҳияти муҳоҷирати меҳнатиро кушода диҳанд.

Ба андешаи мо, зери мафҳуми муҳоҷирати меҳнатӣ ҳиҷрати (ҷойивазкунӣ) муваққатӣ ё доимии як ё гурӯҳи шаҳрвандон (шахсони бетабаа)-ро фаҳмидан мумкин аст, ки тавассути убур кардани ҳудуди (сарҳади) як давлат ба давлати дигар ба мақсади фаъолияти муздноки меҳнатӣ амалӣ карда мешавад.

Дар чунин шакл мустаҳкам намудани мафҳуми муҳоҷирати меҳнатӣ дар қонунгузории ватанӣ, метавонад баъзе мушкилотҳое, ки вобаста ба муайян намудани вазъи ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ ба миён меоянд, ҳаллу фасл намоянд.

Бояд тазаккур дод, ки дар замони муосири ташаккули низоми қонунгузории Тоҷикистон барои танзими ҳамаҷонибаи муносибатҳо вобаста ба муҳоҷират Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» аз 11 декабри соли 1999, № 881 қабул ва мавриди амал қарор дорад.

Дар баробари ин, бо рушди минбаъдаи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ин самт, дар асоси Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» аз 3 августи соли 2018, № 1541, 12 январи соли 2010 № 591, 31 декабри соли 2008 № 470, 28 декабри соли 2005 № 145, 10 майи соли 2002 № 31 ба қонуни ишорагардида тағйиротҳо ворид карда шудаанд. Мақсади ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қонуни болозикр ин ба талаботи замон мутобиқ намудан ва дар як маврид ба дигар низоми қонунгузории амалкунанда мутобиқ гардонидани он мебошад, ки масъалаи мазкур ба сифати матлаби таҳқиқоти минбаъдаи мо баромад хоҳад намуд.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Навигарихои СММ: Махзани электронӣ: [Матн]: дастрас аз: URL: https://news.un.org/ru/story/2022/02/1418252 (санаи муроҷиат 12.06.2022).

2. Ҳолати муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Махзани электронӣ: [Матн]: дастрас аз: URL: https://e-cis.info/cooperation/3782/91011/ (санаи муроҷиат 12.06.2022).

3. Малышев Е.А., Субботин А.М. Организационно-правовые проблемы иммиграционного контроля в современной России // Юридическая наука и практика: Вестник Нижегородской академии МВД России. 2012. №20. Махзани электронӣ: [Матн]: URL: https://cyberleninka.ru/article/n/organizatsionno-pravovye-problemy-immigratsionnogo-kontrolya-v-sovremennoy-rossii (дата обращения: 22.06.2022).

4. Олимиён (Алимов), Давлаталӣ Халилзода. Регулирование миграционных отношений в Таджикистане: проблемы и пути их преодоления / Давлаталӣ Халилзода Олимиён (Алимов), М. Ш. Джалилов, Ф. С. Наботов. — Текст : непосредственный // Молодой ученый. — 2014. — № 6 (65). — С. 595-597. — URL: https://moluch.ru/archive/ 65/10488/ (дата обращения: 22.06.2022).

5. Консепсияи сиёсати давлатии муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 8 октябри соли 1998 № 411 тасдиқ шудаст. Махзани электронӣ: [Матн]: Сомонаи маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: URL: http://www.mmk.tj.

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» аз 11 декабри соли 1999. Махзани электронӣ: [Матн]: Сомонаи маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: URL: http://www.mmk.tj.

7. Развитие законодательства республики Таджикистан в период независимости // Мудрый юрист. [Матн]: Махзани электронӣ: дастрас аз: URL: https://wiselawyer.ru/_poleznoe/71562-razvitie-zakonodatelstva-respubliki-tadzhikistan-period-nezavisimosti (санаи муроҷиат 12.06.2022).

**Аннотатсия**

**Равандҳои бунёдии ташаккули қонунгузории муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар мақолаи мазкур масоили раванди бунёдии ташаккули қонунгузории муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил ва омӯзиши илмӣ қарор дода шудааст. Дар ҳақиқат имӯзҳо масоили муҳоҷират дар тамоми қитъаҳои ҷаҳони муосир чашмрас мебошад, ки ҳолати мазкур аз фазои ҳуқуқӣ танзими пурра ва ҳаматарафаи меъёриро металабад. Аз ин рӯ дар бештари мамлакатҳо муносибатҳои муҳоҷиратро қонунгузории алоҳидае мавриди танзим қарор медиҳад, ки марҳилаи муайяни рушдро паси сар намудаанд ва ин раванди ишорагардида дар таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мушоҳида карда мешавад.

**Аннотация**

**Фундаментальные процессы формирования законодательства по миграции в Республике Таджикистан**

В данной статье анализируются и изучаются фундаментальные процессы становления миграционного законодательства в Республике Таджикистан. На самом деле проблема миграции актуальна во всех уголках современного мира, и эта ситуация требует полного и всестороннего регулирования правовой среды. Поэтому в большинстве стран миграционные отношения регулируются отдельным законодательством, прошедшим определенный этап развития, и этот процесс наблюдается и на опыте Республики Таджикистан.

**Annotation**

**Establishment processes of migration legislation formation in the Republic of Tajikistan**

In this article the fundamental processes of the formation of migration legislation in the Republic of Tajikistan are analyzed and studied. In fact, the problem of migration is relevant in all corners of the modern world, and this situation requires full and comprehensive regulation of the legal environment. Therefore, in most countries, migration relations are regulated by separate legislation that has passed a certain stage of development, and this process is also observed in the experience of the Republic of Tajikistan.

## 12.00.06 – ҲУҚУҚИ ЗАМИН; ҲУҚУҚИ САРВАТҲОИ ТАБИӢ; ҲУҚУҚИ ЭКОЛОГӢ; ҲУҚУҚИ КИШОВАРЗӢ
## 12.00.06 – ЗЕМЕЛЬНОЕ ПРАВО; ПРИРОДОРЕСУРСНОЕ ПРАВО; ЭКОЛОГИЧЕСКОЕ ПРАВО; АГРАРНОЕ ПРАВО

**УДК:** 346.21



**Соҳибзода Муҳаммадҷон Маҳмадалӣ,**
*муовини якуми директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.*
*E-mail: sohibov_m.1990@mail.ru*
*Тел.: (+992) 904-41-50-50.*



**Турсунзода Шаҳло,**
*унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: tursunzoda@mail.ru*
*Тел.: (+992) 888-00-55-50.*

# МАФҲУМ ВА АЛОМАТҲОИ ХОҶАГИИ ДЕҲҚОНӢ (ФЕРМЕРӢ) ҲАМЧУН СУБЪЕКТИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

***Калидвожаҳо:*** *хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ); субъекти фаъолияти соҳибкорӣ; аъзои хоҷагӣ; истеҳсоли маҳсулот; фаъолияти кишоварзӣ; маҳсулоти кишоварзӣ; қитъаи замин.*

***Ключевые слова:*** *дехканском (фермерском) хозяйстве; субъект предпринимательской деятельности; член семьи; производство продукции; сельскохозяйственная деятельность; сельскохозяйственные продукты; земельный участок.*

***Keywords:*** *dekhkan (farm) economy; business entity; family member; production of products; agricultural activity; agricultural products; land plot.*

Дар сатҳи қонунгузорӣ муайян намудани мафҳуми ин ё он истилоҳ имконият медиҳад, ки гуногунии фаҳмиши мафҳуми мушаххас аз байн бардошта шавад, ҳамчунин ба корманди амалия имконият фароҳам оварда мешавад, ки ҳангоми татбиқи меъёрҳои қонунгузорӣ ба иштибоҳ роҳ надиҳанд.

Масалан, мафҳуми хоҷагии деҳқонӣ, ки дар матни моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» пешбинӣ шудааст, ба шахсони мансабдори татбиққунандаи ҳуқуқ шароит фароҳам меоварад, хоҷагии деҳқониро аз дигар шаклҳои фаъолияти хоҷагидорӣ фарқ кунанд, чунки дар мафҳуми хоҷагии деҳқонӣ аломатҳои асосии ин навъи фаъолияти хоҷагидорӣ пешбинӣ шудааст, ки хусусиятҳои хоси хоҷагии деҳқониро фаро мегиранд.

Дар қонунҳои пештар амалкунанда (минбаъд дар зери мафҳуми «Қонунҳои пештара амалкунанда» Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» аз 5 марти соли 1992; Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» аз 10 майи соли 2002; Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» аз 19 майи соли 2009 дар назар дошта мешавад) мафҳумҳои гуногуни хоҷагии деҳқонӣ пешбинӣ шуда буд. Мувофиқи м. 2 Қонуни ҶТ “Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)” аз 5 марти соли 1992 [12] “хоҷагии деҳқонӣ субъекти мустақили хоҷагидор буда, ҳуқуқи шахси ҳуқуқӣ дорад ва дар асоси ба кор бурдани амвол ва қитъаҳои замини дар истифодааш қарордошта маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол мекунад, онро аз нав кор карда мебарорад ва мефурӯшад”.

Дар м. 3 Қонуни ҶТ “Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)” аз 10 майи соли 2002 [13] мафҳуми хоҷагии деҳқонӣ ба таври зайл

муқаррар шуда буд: “хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) субъекти хоҷагидории мустақилест, ки фаъолияти худро бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ амалӣ гардонида, ба меҳнати шахсии як нафар ё аъзои як оила, шахсони дигар, ки маҳсулоти кишоварзиро якҷоя истеҳсол мекунанд, асос ёфта, заминаи онро қитъаи замин ва амволи дигари ба аъзои хоҷагии деҳқонӣ тааллуқдошта ташкил медиҳад”.

Дар м. 1 Қонуни ҶТ “Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)” аз 19 майи соли 2009 [14] бошад, мафҳуми хоҷагии деҳқонӣ бо дарназардошти моҳият ва нишонаҳои хоҷагии деҳқонӣ дар мазмуни зерин пешбинӣ шуда буд: “хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) субъекти хоҷагидории мустақилест, ки фаъолияти он ҳамчун соҳибкор ба меҳнати шахсии як нафар, аъзои як оила ё гурӯҳи шахсон асос ёфта, заминаи онро қитъаи замин ва дигар молу мулки ба аъзои он тааллуқдошта ташкил медиҳанд”.

Аз мазмуну моҳияти мафҳумҳои дар боло зикршуда, ки дар қонунҳои пештар амалкунада муқарраршуда бармеояд, ки ин мафҳумҳо ба ҳамдигар монандии наздик дошта, дар онҳо фарқияти кам дида мешавад. Масалан, аз мафҳуми хоҷагии деҳқонӣ, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» аз 19 майи соли 2009 чунин хусусиятҳои хоси хоҷагии деҳқониро ҷудо кардан мумкин аст:

хоҷагии деҳқонӣ субъекти хоҷагидории мустақил аст;

фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ ҳамчун соҳибкор ба меҳнати шахсии як нафар, аъзои як оила ё гурӯҳи шахсон асос ёфтааст;

заминаи фаъолияти хоҷагии деҳқониро қитъаи замин ва дигар молу мулки ба аъзои он тааллуқдошта ташкил медиҳанд [21, с. 3-5; 6, с. 158-161].

Ба андешаи Д.Т. Расулов хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ин шакли мустақили соҳибкорӣ дар агробизнес мебошад, ки ҳамчун субъекти хоҷагидории мустақили ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ муайяншаванда, аз тарафи шаҳрванди алоҳида (бо оила ё гурӯҳи шахсон) ташкилшаванда ва фаъолияти худро дар асоси принсипҳои баҳисобгирии тиҷоратии истеҳсоли мол, коркард, фурӯш ва истифодабарии маҳсулоти хоҷагии қишлоқро, дар асоси сармояи худӣ, замин, фондҳои истеҳсолӣ, қувваи кории шахсӣ ва ҷалбшуда амалӣ менамоянд [22, с. 177].

Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» аз 15 марти соли 2016, №1289 мафҳуми нави хоҷагии деҳқонӣ дарҷ шудааст, ки аз мафҳумҳои болозикр куллан аз лиҳози мазмуну моҳият фарқ мекунад. “Хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) – субъекти соҳибкорӣ, ки дар он истеҳсол, нигоҳдорӣ, коркард ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ба фаъолияти шахсии як нафар ё фаъолияти якҷояи гурӯҳи шахсони воқеӣ дар қитъаи замин ва молу мулки ба онҳо тааллуқдошта асос ёфтааст”. Маъмулан дар мафҳум хусусиятҳои умумӣ ва махсуси ин ё он мафҳум инъикос меёбад, ки онҳо имконияти фардикунонии мафҳуми таърифшавандаро фароҳам меоваранд. Барои дарки пурраи мафҳуми хоҷагии деҳқонӣ муайян ва ҷудо намудани аломатҳои асосии он самаранок мебошад. Аз мафҳуми хоҷагии деҳқонии дар боло зикршуда чунин аломатҳои онро муайян намудан имконпазир аст:

а) хоҷагии деҳқонӣ субъекти соҳибкорӣ мебошад. Мувофиқи қ. 3, м. 1 КГ ҶТ [8] соҳибкорӣ фаъолияти мустақили ба таваккали худ амалишавандаи шахсони ба чунин сифат бо тартиби муқарраркардаи қонун ба қайд гирифташудае мебошад, ки барои мунтазам ба даст даровардани фоида аз истифодаи молу мулк, фурӯши мол, иҷрои кор ё расонидани хизмат равона карда шудааст. Аз мафҳуми овардашуда аломатҳои зерини фаъолияти соҳибкориро муайян кардан мумкин аст:

– мустақилияти соҳибкор;

– таваккалии соҳибкор;

– мунтазам ба даст даровардани фоида аз истифодаи молу мулк, фурӯши мол, иҷрои кор ё расонидани хизмат;

– фаъолият кардани шахсоне, ки ба сифати соҳибкор тибқи қонун ба қайд гирифта шудаанд [20, с. 37-46; 17, с. 30-33].

Субъектони фаъолияти соҳибкорӣ ин дорандаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои соҳибкорӣ мебошад, ки мақсади онҳо ба даст овардани фоида буда, ҳолати ҳуқуқии онҳо бо ҳуқуқи соҳибкорӣ ба танзим дароварда мешавад. Хоҷагии деҳқонӣ ҳамчун навъи фаъолияти соҳибкорӣ мустақил аст. Ин хусусият маънои онро дорад, ки шаҳрвандон бо хоҳишу иродаи худ хоҷагии деҳқониро ташкил менамоянд,

хоҷагии деҳқонӣ дар интихоби тарзи кор ва равиш, қабул намудани қарор, бастани шартнома, интихоби шарик озод ва мустақил мебошад.

Асоси дигари мустақилияти хоҷагии деҳқонӣ дар он ифода мегардад, ки ҳама амалиётҳои хоҷагидории он мутобиқи созиши тарафҳо аз рӯйи ҳисоббаробаркунии накдию ғайринакдӣ сурат мегирад, ки ба истиснои ҳолатҳои дар қонунгузорӣ пешбинишуда дахолат ба фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ аз тарафи мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор манъ аст. Дар асоси қ. 3, м. 13 Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори давлатӣ ҳуқуқ надоранд ба фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ дахолат намоянд.

Аломати дигари бандубасткунандаи фаъолияти соҳибкорӣ таваккал ба ҳисоб меравад. Таваккал ин хусусияти эҳтимолӣ ё воқеӣ дар раванди ба даст овардани фоида мебошад. Фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ низ ҳамчун навъи фаъолияти хоҷагидорӣ ба таваккал асос меёбад. Намудҳои фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ ба таваккал асос ёфтаанд.

Маҳсулоти кишоварзие, ки хоҷагии деҳқонӣ истеҳсол мекунад ба гирифтани натиҷаи ниҳоии он хатари эҳтимолӣ ё воқеӣ таҳдид менамояд. Масалан, хоҷагии деҳқонӣ маҳсулот кишт менамояд, хуб нашъунамо намудани ин маҳсулоти киштшуда ва додани ҳосили хуби он аз ивазшавии иқлим, обу ҳаво, гармии аз ҳад зиёд вобаста аст, яъне пурра таваккал аст, деҳқон имконияти ба даст овардани натиҷаи дилхоҳро таваккал менамояд.

Мунтазам ба даст даровардани фоида аз истифодаи молу мулк, фурӯши мол, иҷрои кор ё расонидани хизмат аломати дигари фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Ба даст овардани фоида мақсади асосии фаъолияти соҳибкорӣ буда, натиҷаи ниҳоии фаъолияти соҳибкор мебошад. Хоҷагии деҳқонӣ низ мақсади ба даст овардани фоидаро дорад, ки ин фоида аз истифодаи молу мулки хоҷагии деҳқонӣ ва фурӯши мол (яъне маҳсулоти кишоварзӣ) ба даст оварда мешавад.

Ҳамчунин, қайд кардан бамаврид аст, ки дар хоҷагии деҳқонӣ фоида на танҳо аз истифодаи молу мулки хоҷагии деҳқонӣ ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, балки аз истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ низ ба даст оварда мешавад. Аммо, ба даст овардани фоида аз истеҳсоли мол дар мафҳуми расмии соҳибкорӣ (қ. 3, м. 1 КГ ҶТ) зикр нагардидааст. Натиҷаи ниҳоии фаъолияти соҳибкорӣ, яъне ба даст овардани фоидаро қ. 3, м. 1 КГ ҶТ танҳо ба истифодаи молу мулк, фурӯши мол, иҷрои кор ва расонидани хизмат вобаста дониста, истеҳсоли мол ба назар гирифта намешавад. Пеш аз истифода ё фурӯхтани мол онро истеҳсол намудан зарур аст [20, с. 43; 19, с. 16-17].

Ба сифати соҳибкор фаъолият кардани шахсоне, ки ба сифати соҳибкор тибқи қонун ба қайд гирифта шудаанд, аломати дигари фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Шахсоне (шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ), ки мақсади ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуданро доранд, бояд тибқи тартиби муқаррарнамудани қонун дар мақомоти ваколатдор аз қайди давлатӣ гузаранд.

Мувофиқи м. 6 Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» хоҷагии деҳқонӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19 майи соли 2009 [11] ба қайди давлатӣ гирифта мешавад. Ҳамин тавр, хоҷагии деҳқонӣ ҳамчун субъекти соҳибкорӣ дорои аломатҳои мустақилият, таваккал, мунтазам ба даст овардани фоида ва ба сифати соҳибкор ба қайд гирифтан мебошад.

б) фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ ба истеҳсол, нигоҳдорӣ, коркард ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ равона карда шудааст. Ин аломати хоҷагии деҳқонӣ намудҳои фаъолияти онро муайян менамояд. Мувофиқи м. 12 Қонуни тафсиршаванда намудҳои фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ истеҳсол, нигоҳдорӣ, коркард ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ мебошанд;

в) хоҷагии деҳқонӣ ба фаъолияти шахсии як нафар ё фаъолияти якҷояи гурӯҳи шахсони воқеӣ асос ёфтааст. Хоҷагии деҳқонӣ фаъолияти худро бо иштироки шахсии як нафар ё гурӯҳи шахсони воқеӣ амалӣ менамояд. Хоҷагии деҳқонӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ аз тарафи як нафар ё гурӯҳи шахсони воқеӣ дар шаклҳои зерин таъсис дода мешавад:

– бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, бо шумораи аз 1 то 50 нафар аъзо;

– бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ бе назардошти шумораи аъзо.

Қайд кардан бамаврид аст, ки яке аз хусусиятҳои муҳимми ин аломати хоҷагии деҳқонӣ ин иштироки бевоситаи аъзои он мебошад. Хоҷагии деҳқониро шаҳрванде ташкил мекунад, ки асосан бо меҳнати шахсии худ дар фаъолияти он бевосита иштирок менамояд. Иштироки бевоситаи аъзо дар хоҷагии деҳқонӣ талаб карда мешавад, чунки аз фаъолияти якҷояи аъзои хоҷагии деҳқонӣ самаранокии фаъолияти он вобаста мебошад. Бидуни сабабҳои узрнок иштирок накардани аъзо дар пешбурди фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ боиси қатъшавии узвияти аъзо мегардад.

Дар фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ шахсан иштирок кардани аъзои он нақши ҳалкунанда мебозад [21, с. 4], аммо иштирок дар фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ хусусияти сирф шахсӣ набояд дошта бошад. Аъзои хоҷагии деҳқонӣ дар ҳолатҳои узрнок (ба монанди беморӣ, гум кардани қобилияти меҳнатӣ, ҳангоми ҳомиладорӣ ва баъди он ё дар дигар ҳолатҳо) метавонад бар ивази худ дигар шаҳрвандро ба фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ муваққатан дар асоси ваколатнома ҷалб намояд.

Ҳамчунин ақидаи дигар аз тарафи муаллифони тафсири Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» Ш.М. Исмоилов, Ҷ.С. Муртазоқулов, Ш.Н. Шораҳмонов пешниҳод шудааст, ки мувофиқи он нафаре, ки шахсан дар фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ иштирок намекунад, аъзои хоҷагии деҳқонӣ буда наметавонад [5, с. 4]. Иштироки аъзои хоҷагии деҳқонӣ дар пешбурди фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ хусусияти шахсӣ надошта, балки иштироки бевоситаи аъзо талаб карда мешавад. Аъзои хоҷагии деҳқонӣ (саҳмдор), ки бо сабабҳои узрнок дар фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ иштирок карда наметавонад, имконият дорад, ки дар ҳолатҳои узрнок таввасути ваколатнома ин ё он шахсро бар ивази худ ба фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ ҷалб намояд.

г) заминаи фаъолияти хоҷагии деҳқониро қитъаи замин ва молу мулки ба онҳо тааллуқдошта ташкил медиҳад. Ба таври дигар, ин аломат мустақилияти молу мулкии хоҷагии деҳқонӣ мебошад. Барои ташкил ва фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ молу мулки алоҳида доштани он лозим мебошад. Аз ин лиҳоз, яке аз аломатҳои хоҷагии деҳқонӣ ин фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ дар молу мулки ба он тааллуқдошта мебошад. Заминаи фаъолияти хоҷагии деҳқониро ин қитъаи замин ташкил медиҳад. Таъсиси хоҷагии деҳқонӣ ба қитъаи замин алоқамандии зич дорад. Бидуни ҷудо кардани қитъаи замин барои хоҷагии деҳқонӣ тибқи тартиби муқаррарнамудани қонунгузорӣ бақайдгирии давлатии он имконнопазир мебошад.

Мувофиқи м. 19 Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» қитъаи замин барои ташкили хоҷагии деҳқонӣ бо ҳуқуқи истифодабарии якумраи меросӣ бо ҳуқуқи бегона намудан ё бе ҳуқуқи бегона намудан дар асоси аризаи шаҳрванд (шаҳрвандон) тибқи қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳо (шаҳрҳо) дода мешавад. Хоҷагии деҳқонӣ барои пешбурди фаъолияти худ метавонад бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба таври илова қитъаи заминро ба иҷора ё барои истифодабарии муҳлатнок гирад.

Мувофиқи қ. 2, м. 305 КГ ҶТ ниҳолзори қитъаи замин, иморатҳои хоҷагӣ ва дигар иморат, иншоотҳои мелиоративӣ ва дигар иншоотҳо, ҳайвоноти маҳсулдиҳанда ва корӣ, парранда, техникаи кишоварзӣ ва дигар техникаю таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт, асбобу анҷом ва дигар молу мулк, ки аз маблағи умумии аъзоёни он ба даст оварда шудааст, моликияти якҷояи аъзоёни хоҷагии деҳқонӣ ба ҳисоб меравcomponentанд.

Ба андешаи М.Л. Завражних асоси фаъолияти хоҷагии деҳқониро се нишона (элемент) ташкил медиҳад: а) мавҷуд будани молу мулки комплексӣ; б) мавҷуд будани қитъаи замин дар ихтиёри хоҷагии деҳқонӣ бо мақсади пешбурди фаъолият; в) мавҷуд будани шахсон, барои якҷоя пеш бурдани фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ [2].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ақидаи ягона оид ба мафҳуми хоҷагии деҳқонӣ вуҷуд надорад. Муддати дароз дар илми ҳуқуқшиносӣ баҳс оид ба номгузории дугонаи ин истилоҳ, яъне хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ва хоҷагии фермерӣ вуҷуд дорад. Хоҷагии деҳқонӣ ва хоҷагии фермерӣ ин мафҳумҳои дорои мазмуни иқтисодӣ ва иҷтимоии гуногун мебошанд, ки дар қонунгузорӣ ин мафҳумҳо аниқ муқаррар карда шудаанд [1, с. 10-11].

Ба ақидаи Л.Н. Мороз фарқияти байни хоҷагии деҳқонӣ ва хоҷагии фермерӣ, аввалан, дар он ифода меёбад, ки фермер маъмулан

фаъолияти худро дар қитъаи замини хусусӣ ё иҷора ба амал мебарорад, дар ҳоле ки то ин замон имконият буд, ки деҳқон фаъолияти худро дар заминҳои ҷамъиятӣ ва хусусӣ хоҷагидорӣ намояд. Дуюм, фермер фаъолияти худро дар асоси мустақилияти истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ ва дигар фаъолияти ғайрикишоварзӣ ба амал мебарорад. Дар муқобили он бошад, хоҷагии деҳқонӣ танҳо ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ машғул мебошад [15, с. 90]. Ба ақидаи олим хоҷагии деҳқонӣ аз хоҷагии фермерӣ бо ҳуқуқи моликияти ба қитъаи замин ва намудҳои фаъолияти хоҷагидорӣ фарқ мекунад.

Дар "Энсиклопедияи хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон" пешбинӣ мегардад, ки «деҳқон»-и пеш аз давраи исломӣ, ҳамчун заминдори калон, соҳиби деҳ, деҳхудо, арбоби деҳа шинохта шуда, ҳатто сарбозҳои худро дошт. Деҳқон ба ҳамин сифат ҳам дар давраҳои минбаъда чун шахси сарватманд, хони деҳа, бойи деҳа, ё фаллоҳ (ба истилоҳи арабиаш) низ фаҳмида мешуд.

Фермер гуфта, ба забони фаронсавӣ ferme – корхонаи хусусии хоҷагии қишлоқ, ки ба замини худ ва ё иҷоравӣ бунёд ёфтааст, ба забони англисӣ farmer – соҳибмулки ин корхона ё фермаро ифода менамоянд. Фермер ва деҳқон аз лиҳози истифодаи қитъаи замин аз ҳамдигар фарқ мекунанд ва ё дар таносубанд. Яъне фермер метавонад ин фаъолиятро дар қитъаҳои заминҳои ғайрирасмӣ ва иҷоравӣ амалӣ созад, вале деҳқон ин корро танҳо дар саҳни хусусӣ ва ё дар майдонҳои заминҳои ҷамъиятӣ ба анҷом мерасонад.

Дигар ин ки фермер дар фаъолияти худ маъмурияти истеҳсолӣ, кооператсияи хизматрасонӣ ва тиҷоратиро соҳиб буда, деҳқон баръакс, дар фаъолияти худ мустақилона ва дар алоҳидагӣ ба мисли организми ягона амал менамояд. Агар истилоҳи «деҳқон» ҷавобгӯ ба анъанаҳои кишоварзии таърихан вуҷуддоштаи мо тоҷикон бошад, пас истилоҳи «фермер» баръакс аз талаботи ҷомеаи саноатӣ бармеояд ва аз таҷрибаи кишоварзии давлатҳои хориҷа маншаъ мегирад [15, с. 90].

Муаллифони Тафсири Қонуни ҶШСФ Россия "Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)" Ю.М. Пехтерев, В.П. Смоленцев ва Е.П. Купликов фарқияти хоҷагии деҳқонӣ ва фермериро дар он мебинанд, ки хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) дар як вақт хоҷагии деҳқонӣ мебошад, ки намудҳои асосии фаъолияти он истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аст, ҳамчунин ба монанди хоҷагии фермерӣ дорандаи қитъаи замини ба хоҷагӣ тааллуқдошта дар асоси якумраи меросӣ ё иҷора мебошад [7, с. 30].

Дар фарҳанги С. Ожегов калимаи "ферма" ба ду маъно ифода шудааст: а) хоҷагии алоҳидаи махсусгардонидашуда дар колхоз ва совхоз, ки ба ин ё он намудани фаъолияти кишоварзӣ машғул аст; б) дар ҷомеаи капиталистӣ хоҷагии хусусӣ дар қитъаи замини хусусӣ ё иҷора [18, с. 756]. Ба андешаи Ҷ.С. Муртазоқулов фарқияти асосии хоҷагии деҳқонӣ аз хоҷагии фермерӣ аз нишондодҳои зерин бармеоянд:

– хоҷагии деҳқонӣ ин хоҷагии маҳдуд аст, ки фаъолияти худро бевосита барои қонеъ намудани талаботи худ ва аъзои оилаи худ пеш мебарад, хоҷагии фермерӣ бошад, фаъолияти бо мақсади ба даст овардани фоида амал менамояд;

– хоҷагии деҳқонӣ маҳсулотро барои қонеъ намудани талаботҳои худ ва хоҷагии фермерӣ бошад, маҳсулотро барои фурӯш дар бозор истеҳсол менамояд;

– хоҷагии деҳқонӣ дар раванди истеҳсолот танҳо захираҳои меҳнатии оилаи худро истифода мебарад, хоҷагии фермерӣ бошад, дар баробари истифодаи захираҳои меҳнати худ ва оилаааш, қувваи меҳнати кирояро истифода мебарад;

– хоҷагии деҳқонӣ аз нуқтаи назари сармояи меҳнатӣ хоҷагии истеъмолкунанда эътироф гаштааст, хоҷагии фермерӣ бошад, аз рӯйи вазъи ҳуқуқӣ хоҷагии соҳибкорӣ [16, с. 73].

Фермер, субъекти мустақили хоҷагидорест, ки фаъолияти худро асосан ба қитъаи замин, вале бо мақсади рушди соҳаи алоҳидаи кишоварзӣ равона менамояд. Фермер на танҳо истеҳсол, балки коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзиро ба роҳ монда, фаъолияти худро ба маҳсули чорводорӣ вобаста менамояд.

Аслан, фермер соҳиби фермаи мукаммали таъиноти кишоварзидоштаро, ки фаъолиятащро дар қитъаҳои замини тариқи иҷора ё тибқи шартнома ба ӯ вобастакардашуда мебарад,

гӯем, хато намекунем. Ба категорияи фермер, ҳамин тавр, хоҷагиҳои зотпарварӣ, моҳипарварӣ, занбӯриасалпарварӣ ва парандапарвариро дохил намудан мумкин аст. Дар тафовут аз ин намудҳои амалисозии хоҷагии деҳқонӣ, ба назари мо, хоҷагиҳои тухмипарвариро ба категорияи фермер дохил кардан мумкин нест.

Дар қонунгузории амалкунандаи хоҷагии деҳқонӣ байни хоҷагии деҳқонӣ ва хоҷагии фермерӣ фарқият дида намешавад ва нуқтаи назари олимони дар боло зикршуда оид ба ин масъала дар шароити имрӯза низ ба қонунгузорӣ мутобиқат намекунад. Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» хоҷагии деҳқонӣ бо мазмуну моҳияти нав муқаррар шудааст.

Хоҷагии деҳқонӣ дар шаклҳои гуногун фаъолияти хоҷагидории худро амалӣ менамояд, ки яке аз намудҳои фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ ин хоҷагии фермерӣ мебошад. Ба андешаи мо “хоҷагии фермерӣ” шакли хоҷагидории мустақил мебошад, ки ба намуди муайяни истеҳсоли маҳсулоти кишоварӣ – чорводорӣ, зотпарварӣ, моҳипарварӣ ва ғайра машғул аст.

Дар қонунгузории баъзе аз давлатҳои хориҷӣ мафҳуми расмии хоҷагии фермерӣ дода шудааст. Масалан, дар м. 3 Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон “Дар бораи хоҷагии фермерӣ” аз 26 августи соли 2004 [4] мафҳуми хоҷагии фермерӣ ба таври зайл дода шудааст: “хоҷагии фермерӣ – субъекти хоҷагидории мустақилест, ки маҳсулоти кишоварзиро дар қитъаи замине, ки ба он дар асоси иҷора дода шудааст, истеҳсол менамояд”.

Қайд кардан бамаврид аст, ки хоҷагии фермерӣ як навъи хоҷагии деҳқонӣ мебошад. Агар фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ пурра ба қитъаи замин вобаста бошад, фаъолияти хоҷагии фермерӣ бошад, ба қитъаи замин вобастагии кам дорад, яъне бевосита ба коркардаи замин машғул намебошад.

Дар қонунгузории ҶТ вазъи ҳуқуқии хоҷагиҳои фермерӣ номуайян аст, дар ҳоле ки тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» муносибатҳои марбут ба хоҷагии фермерӣ низ бо ҳамин Қонун ба танзим даровarда мешавад. Тартиби додан ва ҳаҷми қитъаи замин, ки бояд ба хоҷагии фермерӣ дода мешавад, намуди фаъолияти хоҷагии фермерӣ, тартиби ташкил ва фаъолияти он, ҳамчунин масъалаи дар қитъаи замини хоҷагии фермерӣ сохтани иншоот аз ҷумлаи масъалаҳое мебошанд, ки мебоист дар Қонуни мазкур ҳалли худро меёфтанд.

Новобаста аз гуногунии ақидаи олимон оид ба фарқияти хоҷагии деҳқонӣ ва фермерӣ қонунгузор дар ҶТ фарқияти онҳоро муқаррар накардааст ва онҳоро истилоҳоти монанд ҳисобидааст. Аз таҳлили қонуни амалкунандаи хоҷагии деҳқонӣ ва пештар амалкунанда бармеояд, ки дар сатҳи қонунгузорӣ фарқият миёни хоҷагии деҳқонӣ ва фермерӣ дида намешавад. Дар қонунгузори ҶТ ягон меъёре пешбинӣ нашудааст, ки ба хоҷагии деҳқонӣ паҳн шаваду ба хоҷагии фермерӣ не, яъне меъёрҳои махсус оид ба ин навъҳои алоҳидаи хоҷагидорӣ дида намешавад.

Дар қонун хоҷагии деҳқонӣ ва фермерӣ ба маънои ягона ва ҳамчун синоним истифода мешаванд. Тибқи имлои забони тоҷикӣ калимаҳое, ки дар қавсайн навишта мешаванд, бояд ифодакунанда ва дарбаргирандаи мафҳуми аввал бошанд. Баъзе аз олимони ватанӣ пешниҳод менамоянд, ки истилоҳи “фермер” бояд аз матни қонун истисно карда шавад. Мақсаднок аст, ки дар қонун ибораҳои “деҳқонӣ”, “деҳқон”, “буна” ва “танҳо” истифода бурда шавад, дар ҳоле ки онҳо дар қаламрави ҷумҳурӣ таърихи худро доранд, он чи мо болотар навиштем. Дар баробари ин дар ФР хоҷагии деҳқонӣ мумкин аст, фаъолияти хоҷагидориро дар қитъаи замин, ки ба ҳуқуқи моликиятӣ дода шудааст, амалӣ намояд. Дар ҶТ бошад, қитъаи замин танҳо бо ҳуқуқи истифода бурдан дода мешавад [16, с. 95].

Дар қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ таърифҳои гуногуни мафҳуми хоҷагии деҳқонӣ пешбинӣ карда шудааст. Дар м. 1 Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» аз 3 июни соли 1997, №6 муқаррар карда шудааст, ки хоҷагии деҳқонӣ субъекти хоҷагидории мустақилест, ки мақоми шахси ҳуқуқӣ ё бе таъсиси шахси ҳуқуқиро дошта, фаъолияти он ба меҳнати шахсии оила, хешовандон ва дигар шахсон асос ёфта, якҷоя маҳсулоти кишоварзиро дар заминаи қитъаи замин ва дигар молу мулк, ки ба аъзои он ба ҳуқуқи моликият таааллуқ дорад ё ба барои истифода (иҷора) гирифта шудаанд, истеҳсол менамоянд.

Мувофиқи м. 1 Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» аз 31 марти соли 1998, №214-1 [3] хоҷагии деҳқонӣ муттаҳидии муҳити оилавӣ-меҳнатии шаҳрвандон мебошад, ки дар он амалӣ намудани соҳибкории инфиродӣ ба истифодаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин коркард ва фурӯши ин маҳсулот алоқамандии ногусастанӣ дорад.

2. Дар қисми дуюми моддаи тафсиршаванда мафҳуми аъзои хоҷагии деҳқонӣ муқаррар шудааст. Аъзои хоҷагии деҳқонӣ – шаҳрвандони ҶТ, ба истисноии маҳдудиятҳое, ки қонунгузорӣ муқаррар намудааст. Дар таъриф аввалан қайд карда мешавад, ки аъзои хоҷагии деҳқонӣ танҳо шаҳрвандони ҶТ шуда метавонанд, яъне шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандаъзои хоҷагии деҳқонӣ шуда наметавонанд.

Ҳар як шаҳрванде, ки аъзои хоҷагии деҳқонӣ аст, дорои саҳми замин мебошад, ки ин саҳми замин бо ҳуқуқи истифодаи якумраи меросӣ дода мешавад ва қитъаи замин барои ташкили хоҷагии деҳқонӣ бо ҳуқуқи истифодаи якумраи меросӣ бо ҳуқуқи бегона намудан ё бе ҳуқуқи бегона намудан танҳо ба шаҳрвандони ҶТ дода мешавад.

Мувофиқи м. 66 КЗ ҶТ [9] қитъаи замин ба шаҳрвандони ҶТ бо мақсади ташкили хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ба истифодаи меросии якумра тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» дода мешавад. Ҳамчунин дар асоси м. 25 КЗ ҶТ қитъаҳои заминро ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ба истифодаи муҳлатнок ба муҳлати то 50 сол додан мумкин аст. Аз муқаррароти зикршуда бармеояд, ки қитъаи замин ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд танҳо муҳлатнок дода мешавад, на ин ки якумраи меросӣ.

Аз ин лиҳоз, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд аъзои хоҷагии деҳқонӣ шуда наметавонанд ва ҳамчунин ба ташкили он низ ҳуқуқ надоранд. Дар қонунгузории баъзе аз давлатҳо ба шаҳрвандони хориҷӣ имконияти ташкил намудани хоҷагии деҳқонӣ дода шудааст. Масалан, мувофиқи м. 3 Қонуни ФР «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» аз 11 июни соли 2003 [23] ҳуқуқ ба ташкили хоҷагии деҳқониро шаҳрвандони қобили амали ФР, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд доранд. Барои шахсро ба аъзои хоҷагии деҳқонӣ қабул намудан як қатор маҳдудиятҳоро қонунгузорӣ пешбинӣ намудааст. Мувофиқи қ. 2, м. 21 КМ ҶТ [10] шаҳрванде, ки ба синни понздаҳ расидааст, метавонад ҳамчун корманд тарафи шартномаи меҳнатӣ бошад. Мутобиқи қонунгузории меҳнатӣ шахс аз синни понздаҳсолагӣ дорои қобилияти меҳнатӣ мегардад.

Аз ин рӯ, шахсони ба понздаҳсолагӣ расида метавонанд, ҳамчун корманди кироя дар хоҷагии деҳқонӣ кор намоянд. Қайд кардан бамаврид аст, ки мувофиқи КМ ҶТ дар ҳолати истисно бо таълимгирандагоне, ки ба синни чордаҳ расидаанд, инчунин таълимгирандагоне, ки ба синни чордаҳ нарасидаанд ва дар театрҳо, ташкилотҳои банаворгирии кино, консертҳо, сиркҳо ва дигар ташкилотҳои эҷодӣ бе зарар расонидан ба саломатӣ ва инкишофи маънавиашон иштирок менамоянд, бо мувофиқаи падар ё модар ва дигар шахсони тибқи қонунгузорӣ онҳоро ивазкунанда бе халалдор кардани раванди таълим метавонанд шартномаи меҳнатӣ банданд.

Аз муқарароти ин модда хулоса баровардан мумкин аст, ки ноболиғони ба синни чордаҳ расида ва то чордаҳ нарасида наметавонанд ҳамчун корманди кироя дар хоҷагии деҳқонӣ фаъолият намоянд ва набояд ба раванди фаъолияти хоҷагидории хоҷагии деҳқонӣ ҷалб карда шаванд. Ба ақидаи он ки "ноболиғонро ҷиҳати иҷрои кори сабук, ки ба саломатӣ зарар намерасонад ва ҷараёни таълими онҳоро халалдор намесозад, дар вақти холӣ бо мувофиқаи яке аз волидайн ё шахсони ивазкундаи онҳо ба кор дар хоҷагии деҳқонӣ ҷалб кардан мумкин аст" [21, с. 8] розӣ шудан имконнопазир аст.

Зеро, КМ ҶТ пештар амалкунанда дар м. 174 имконияти аз синни чордаҳ ба кор ҷалб намудани ноболиғонро пешбинӣ намуда буд. КМ ҶТ ҳолоамалкунанда бошад, аз синни чордаҳ ба кор ҷалб намуданро танҳо дар театрҳо, ташкилотҳои банаворгирии кино, консертҳо, сиркҳо ва дигар ташкилотҳои эҷодӣ муқаррар намудааст. Дар қонунгузорӣ нисбат ба аъзоёни хоҷагии деҳқонӣ ягон талаботи махсус – мавҷуд будани дониш, таҷриба,

ихтисос, квотаи муайян нисбати молу мулки хоҷагии деҳқонӣ гузошташаванда муқаррар карда нашудааст.

Вале як нуктаи муҳимро бояд қайд намуд, ки тибқи м. 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» ба таъсиси хоҷагии деҳқонӣ танҳо шаҳрвандони қобили амали ҶТ, ки ба синни 18 расидаанд, ҳуқуқ доранд. Аъзои хоҷагии деҳқонӣ ҳуқуқ дорад, баъд аз анҷом ёфтани соли кишоварзӣ аз ҳайати он бо саҳми замини худ бароянд ва хоҷагии деҳқонии алоҳида таъсис диҳанд, аммо ин бояд бо дарназардошти талаботи м. 3 Қонуни мазкур ҳал карда шавад. Яъне аъзои хоҷагии деҳқонӣ ҳангоми аз ҳайати хоҷагии деҳқонӣ бо саҳми худ баромадан, танҳо дар мавриди ба синни 18 расиданашон ҳуқуқи ташкили хоҷагии деҳқониро дар асоси саҳми замини худ пайдо мекунанд.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Девяткина Л.Н. Становление и повышение эффективности фермерских хозяйств в Российской Федерации: дис. ... канд. экон. наук. – Новгород, 2000. – 206 с.
2. Завражных М.Л. Аграрное право. Конспект лекций. – Издательство: Эксмо, 2007. – 160 с.
3. Законов Республики Казахстан от 24.12.2001. – № 276-II, 08.01.2003. – № 375-II, 13.03.2003. – № 395-II, 29.12.2003. – № 512-II, 10.01.2006. – № 116-III, 07.07.2006. – № 174-III, 15.05.2007. – № 253-III, 06.07.2007. – № 276-III, 26.07.2007. – № 311-III, 29.12.2008. – № 116-IV, 10.07.2009. – № 180-IV, 19.03.2010. – № 258-IV, 24.03.2011. – № 420-IV, 03.07.2013. – № 121-V ЗРК, 07.11.2014. – № 248-V ЗРК.
4. Законов Республики Узбекистан от 15.12.2000. – № 175-II, 12.05.2001. – № 220-II, 12.12.2003. – № 568-II, 26.08.2004. – № 692-II, 23.03.2006. – № ЗРУ-26, 28.12.2007. – № ЗРУ-138, 31.12.2008. – № ЗРУ-197, 25.12.2009. – № ЗРУ-240, 13.09.2011. – № ЗРУ-295, 10.09.2012. – № ЗРУ-329, 07.10.2013. – № ЗРУ-355, 20.08.2015. – № ЗРУ-391, 26.12.2016. – № ЗРУ-416, 29.12.2016. – № ЗРУ-418, 18.04.2018. – № ЗРУ-476, 21.12.2018. – № ЗРУ-506, 04.04.2019. – № ЗРУ-533.
5. Исмоилов Ш.М., Муртазоқулов Ҷ.С., Шораҳмонов Ш.Н. Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» аз 15 марти соли 2016. – Душанбе, 2017. – С. 4.
6. Исмоилов Ш.М., Шонасриддинов Н.Ш., Нодиров Ф.М., Ғафуров А.Д. Ҳуқуқи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Душанбе: Бухоро, 2013. – 416 с.
7. Камментарий к Закону РСФСР «О крестьянском (фермерском) хозяйстве». – М.: Вессоюз. науч. – внедрен. ассоц. обучения “Агрос”, 1991.
8. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми I аз 30 июни соли 1999, №803 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 1999. – № 6. – Мод. 153. – Мод. 154; с. 2001. – № 7. – Мод. 508; с. 2002. – № 4, қ-1. – Мод. 170; с. 2005. – № 3. – Мод. 125; с. 2006. – № 4. – Мод. 193; с. 2007. – № 5. – Мод. 356; с. 2010. – № 3. – Мод. 156. – № 12, қ.-1. – Мод. 802; с. 2012. – № 7. – Мод. 700. – № 12, қ.-1, –Мод. 1021; с. 2013. – № 7. – Мод. 504; с. 2015. – № 3. – Мод. 200; с. 2016. – № 1334.
9. Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1996, №326 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 1997. – № 23-24. – мод. 333; с. 1999. – № 5. – Мод. 59; с. 2001. – № 4. – Мод. 176; с. 2004. – № 2. – Мод. 55. – №3. – Мод. 190; с. 2006. – № 7. – Мод. 347; с. 2008. – № 1, қ. 1. – Мод. 22; с. 2008. – № 6. – Мод. 463; с. 2011. – № 3. – Мод. 171; с. 2012. – № 891.
10. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016, №1329 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, с. 2016. – № 7. – Мод. 604.
11. Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19 майи соли 2009 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, с. 2009. – № 5. – Мод. 316.
12. Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» аз 5 марти соли 1992 // Ахбори Шӯрои Олии ҶТ, с. 1992. – № 8. – Мод. 112; с. 1994. – № 15-16. – Мод. 273; Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, с. 1997. – № 9. – Мод. 117; № 23-24. – Мод. 333.
13. Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» аз 10 майи соли 2002 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, с. 2002. – № 4, қ-1. – Мод. 299; с. 2006. – № 3. – Мод. 163; с. 2008. – № 6. – Мод. 462.

14. Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» аз 19 майи соли 2009 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, с. 2009. – № 5. – Мод. 333.

15. Мороз Л.Н. О различиях в праваом статусе кресьянского (фермерского) хозяйства // Государство и право. –1994. – №8-9. – С. 89-97.

16. Муртазакулов Дж.С. Гражданско-правовые проблемы организация и деятельности дехканских (фермерских) хозяйств в Таджикистане. – М.: ООО «НИПКЦ Восход-А», 2011. – 223 с.

17. Нодиров Ф.М. Ҳуқуқи соҳибкорӣ: китоби дарсӣ. Қисми 1. – Душанбе: ЭР-граф, 2019. – С. 30-33.

18. Ожегов С.И. Словарь русского языка. – М., 1983. – С. 756.

19. Рахимов М.З. Правовые проблемы достижения конечного результата предпринимательской деятельности: автореф. дис. ... д-ра. юрид. наук. – Душанбе, 2000. – С. 16-17.

20. Раҳимзода М.З. Фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва танзими ҳуқуқӣ, монография. – Душанбе, 2018. – С. 43.

21. Раҳимов М.З. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикстон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)». – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – С. 3-5.

22. Расулов Д.Т. Масъалаҳои такмили рақобатпазирии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар бозори агроозуқавории минтақавӣ (дар мисоли хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и вилояти Хатлон): дис. ... номзади илмҳои иқтисодӣ. – Душанбе, 2019. – С. 177.

23. Федеральных законов от 04.12.2006. – № 201-ФЗ, от 13.05.2008. – № 66-ФЗ, от 30.10.2009. – № 239-ФЗ, от 28.12.2010. – № 420-ФЗ, от 28.07.2012. – № 133-ФЗ, от 25.12.2012. – № 263-ФЗ, от 28.12.2013. – № 446-ФЗ, от 23.06.2014. – № 171-ФЗ.

**Аннотатсия**

**Мафҳум ва аломатҳои хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ҳамчун субъекти фаъолияти соҳибкорӣ**

Дар мақолаи мазкур мафҳум ва аломатҳои хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ҳамчун субъекти фаъолияти соҳибкорӣ бо истифода аз адабиёти илмии ватаниву хориҷӣ ва таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ бо қонунгузории миллӣ оид ба фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор гирифтааст.

**Аннотация**

**Определение и признаки дехканского (фермерского) хозяйства как субъекта предпринимательской деятельности**

В данной статье анализируются и исследуются понятие и признаки дехканского (фермерского) хозяйства как субъекта предпринимательской деятельности с использованием отечественной и зарубежной научной литературы и сравнительно-правового анализа законодательства зарубежных стран с национальным законодательством о деятельности хозяйствующих субъектов.

**Annotation**

**Definition and features of a dekhkan (farm) economy as a business entity**

This article analyzes and explores the concept and features of a dekhkan (farm) economy as a business entity using domestic and foreign scientific literature and a comparative legal analysis of the legislation of foreign countries with national legislation on the activities of business entities.

## 12.00.08 – ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗО
## 12.00.08 – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО



**УДК:** 342.924
**Мирзохоҷаев Илҳом Ҳикматович,**
*унвонҷӯи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: shahzodmirzokhojaev5@mail.ru*
*Тел.: (+992) 938-88-74-65.*

# ПРЕЮДИТСИЯИ МАЪМУРӢ ДАР НИЗОМИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТӢ

***Калидвожаҳо:*** *криминализатсия; декриминализатсия; меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ; преюдитсияи маъмурӣ; пешгирии ҷиноят.*
***Ключевые слова:*** *криминализация; декриминализация; нормы уголовного права; административная преюдиция; профилактика преступлений.*
***Keywords:*** *criminalization; decriminalization; criminal law norms; administrative precedent; crime prevention.*

Дар адабиётҳои илмӣ дарҷ гаштааст, ки васеъ намудани доираи ҷавобгарии ҷиноятӣ бо роҳи криминализатсиякунонии кирдор на ҳама вақт асоснок мебошад [9, с.41].

Қонуни ҷиноятӣ, ки аз рӯйи табиати ҳуқуқии худ ҳамчун воситаи истисноии таъсиррасонии давлат ба рафтори ғайриқонунӣ махсуб шуда, таъсири худро танҳо ба ҳамон соҳаҳое мерасонад, ки танзим намудани онҳо бо ёрии меъёрҳои соҳаи дигари ҳуқуқ, аз ҷумла меъёрҳои муқарраркунандаи ҷавобгарии маъмурӣ кифоя нест.

Тамоюли сиёсати ҳуқуқӣ-ҷиноятии муосир ин коркарди усулҳои идоракуниест, ки бо маҷбуркунӣ алоқаманд набуда, рафтори қонунии шахс на аз таҳдиди татбиқи ҷазо, балки аз муносибат ва одатҳои мусбати ахлоқӣ, муайян карда мешавад. Баланд бардоштани нақши маънавии қонуни ҷиноятӣ, гуманизатсияи минбаъдаи он, сиёсати ҳуқуқӣ-ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дарбар мегирад, ки муҳимтарин самти нав кардани қонунгузории ҷиноятӣ, бо мақсади пешгирӣ кардани ҷиноят, дар ҳолати ғайриимкон будан, аққалан ҷуброн намудани зарари молумулкӣ ё кам кардани он, мебошад.

Шаклҳои татбиқи сиёсати ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҳуқуқи ҷиноятӣ ин ҳуқуқтатбиққунӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон, махсусан ҷавонон, бо мақсади инкишофи фаъолияти ҷамъиятию ҳуқуқии онҳо, оштинопазир будан нисбат ба камбудию ҳуқуқвайронкуниҳо мебошанд.

Фаъолнокии иҷтимоӣ-ҳуқуқии омма ин на танҳо дар рафтори қонунии шаҳрвандон, риояи талаботи қонун, аз ҷумла меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, балки дар фаъолияти рӯзмарра баҳри пешгирӣ ва рафъи ҷиноятҳо аз ҷониби шахсоне, ки рафторашон қонунист ва вайронкунандагони қонун ифода мегардад.

Муқаррароти мазкур бояд дар ислоҳоти қонунгузории ҷиноятӣ бо мақсади зерин ҷорӣ карда шаванд:

– пурзӯр намудани вазифаи пешгирикунандаи қонуни ҷиноятӣ;

– ҷонноккунии рафтори қонунӣ тавассути зиёд намудани меъёрҳои ҳавасмандгардонӣ;

– ба меъёрҳои алоҳидаи қонунгузории ҷиноятӣ дохил намудани преюдитсияи маъмурӣ барои таъмин намудани адолат ва воқеияти таъсири ҳуқуқи ҷиноятӣ.

Айни замон мафҳуми преюдитсияи маъмурӣ инъикоси дақиқи ҳуқуқӣ надорад. Аммо дар қонунгузорӣ ва адабиётҳои давраи Иттиҳоди Шӯравӣ ба ин мафҳум диққати калон дода шудааст.

Дар таълимоти паҳнгаштаи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мафҳуми преюдитсияи маъмурӣ ба маънои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс, ки дар давраи муайян (дар давоми сол)

такроран ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ содир намудааст ва қаблан ба ҷазои маъмурӣ кашида шудааст, фаҳмида мешавад.

Мафҳуми «преюдитсия» аз калимаи лотинии «prejudicium» бармеояд – хулосаи пешакии масъала, қарори пешакӣ муайяншуда, ҳолате, ки ба кас имкон медиҳад, ки оқибатҳоро доварӣ кунад. Дар фаҳмиши англо-амрикоӣ, преюдитсия – таъсири қарори қаблии судӣ мебошад, ки аз ҷониби қонунгузор ҳамчун претседент муқаррар карда шудааст ва далели мавҷуд набудани падидаи мазкур дар системаи ҳуқуқии номгушуда мебошад.

Дар дигар системаҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла дар системаи ҳуқуқии скандинавӣ, набудани падидаи преюдитсияи маъмурӣ бо он алоқаманд аст, ки дар он қонунгузории маъмурӣ ҳамчун соҳаи алоҳидаи ҳуқуқ ҷудо нашуда, ҳамаи кирдорҳо ҳамчун ҷиноят эътироф мешаванд. Дар он давлатҳое, ки қонунгузориашон ҳуқуқвайронкунии маъмуриро пешбинӣ мекунад, он танҳо соҳаи «ҳокимият-тобеъият»-ро фаро мегирад. Қисми боқимондаи соҳа, масалан чун дар Фаронса ва Олмон, амалҳои ҷиноиро ташкил медиҳад. Дар байни кодексҳои кишварҳои ИДМ танҳо Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус меъёрҳоро ҳам бо преюдитсияи маъмурӣ ва ҳам преюдитсияи интизомӣ нигоҳ доштааст.

Айни ҳол зарурияти қабул намудани муносибати ягона барои батанзимдарории преюдитсияи маъмурӣ ба миён омадааст. Ба фикри мо, ҳар қадаре ки муҳлати ҳамчун шарт муайянкардашуда, ки дар давоми он кирдори ҷиноятӣ ба миён меояд, дарозтар муқаррар карда шавад, ҳамон қадар дар одам одати риоякунии қонун ривоҷ меёбад. Аммо муҳлати зиёда аз як сол бо Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат мекунад. Ин муҳлат бояд на баъди ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан, балки баъди адои ҷазои маъмурии таъйиншуда муайян карда шавад, зеро самараи чораҳои таъсиррасонии Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, танҳо дар он сурат ҷой дошта метавонад, ки агар шахс ба ҷазои воқеӣ кашида шуда бошад.

Преюдитсияро ҳамчун аломати алтернативии таркиби асосӣ ҳисобидан мумкин аст (масалан, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан аз андозаи зарари расонидашуда ё кирдори ба андозаи муайян содиршуда ё содир кардани кирдор баъди ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудан вобастагӣ дорад). Ин намуд вазифаи пешгирикунандаи ҷазои маъмурӣ дар асоси табиати ҳуқуқӣ-иҷтимоии ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ташаккул ёфтааст ва сиёсати маъмурӣ-ҳуқуқӣ қодир аст, ки ба таври имконпазир баландшавии сатҳи ҷиноятро нигоҳ дорад.

Муаллиф пешниҳод мекунад, ки ба як қатор таркибҳои ҷиноятҳое, ки дар қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд зарурияти ворид намудани преюдитсияи маъмурӣ, яъне ҷиноят ҳисобидани кирдор танҳо дар ҳолате, ки шахс қаблан барои чунин ҳукуқвайронкунӣ ба ҷазои маъмурӣ кашида шудааст, ба миён омадааст. Ба чунин таркибҳо дохил мешаванд: исқоти ғайриқонунии ҳамл (аборт) бе ҳолатҳои бандубасткунанда (моддаи 123 қисми 1 КҶ ҶТ); муносибати ғайриқонунӣ бо воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ, бе мақсади ба соҳибияти каси дигар додан, ба миқдори кам (моддаи 201 қисми 1 КҶ ҶТ); парвариши ғайриқонунии зироатҳои дорои моддаҳои нашъадори кишташон манъшуда, ба миқдори кам (моддаи 204 қисми 1 КҶ ҶТ); ниҳон доштани иттилоот оид ба ҳолатҳое, ки барои ҳаёт ва саломатии одамон хавфнок мебошанд (моддаи 208 қисми 1); вайрон кардани қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми муносибат бо моддаҳо ва партовҳои аз нигоҳи экологӣ хавфнок (моддаи 223 қисми 1 КҶ ҶТ); шикори ғайриқонунӣ (моддаи 232 қисми 1 КҶ ҶТ); соҳибкории ғайриқонунӣ бе ҳолатҳои бандубасткунанда (моддаи 259 қисми 1 КҶ ҶТ); истеҳсол, ба даст овардан, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ё ба муомилот баровардани мол ва маҳсулоти тамғаношуда (моддаи $259^1$ қисми 1 КҶ ҶТ); бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металлҳои қимматбаҳо, сангҳои қимматбаҳои табиӣ ё марворид (моддаи 284 қисми 1); саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахси ҳуқуқӣ (моддаи 292 қисми 1).

Пешниҳодҳои мазкур на танҳо барои гуманизатсияи меъёрҳои қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки барои паст намудани шиддати иҷтимоӣ, ки дар натиҷаи амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқӣ-ҷиноӣ ба миён омада, боиси пайдоиши миқдори зиёди

одамони ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидашуда гаштааст, равона карда шудааст.

Хушбахтона, вақтҳои охир дар сиёсати ҷиноии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли декриминализатсияшавии меъёрҳои ҳуқуқӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ ба назар мерасад.

Ба ақидаи мухолифони преюдитсияи маъмурӣ на ҳамаи вазифаҳои сиёсати ҷиноятӣ танҳо бо роҳи истисно кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ, барои ҷиноятҳои алоҳида ҳал карда мешаванд. Муносибатҳои муайяни ҷамъиятӣ, аз як тараф танзими қонунгузории ҷиноятӣ ва аз тарафи дигар, татбиқи чораҳои дигари мувофиқро талаб мекунанд. Инчунин онҳо як қатор нуқтаҳои ба таври васеъ декриминализатсия кардани ҷиноятҳоро тарафдорӣ намекунанд, зеро ба ақидаи онҳо иваз намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ ба маъмурӣ на ҳама вақт пешгирӣ намудани ҷиноятҳои навро таъмин мекунад [12; 4, с.27-32; 2, с.56; 14, с.65; 11; 18].

Гуманизми сиёсати ҷиноятӣ вазифадор мекунад, ки чораҳои маҷбуркунии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ сарфакорона истифода бурда шаванд. Аммо ин гуна сарфакориро набояд мақсади худ намуд. Он набояд, ки ба сиёсати асосии ҷиноятӣ, ки аз мубориза самарабахш зидди ҷиноятҳорӣ иборат мебошад, мухолифат намояд. Декриминализатсияи кирдор ва ба таври назаррас сабук намудани ҷазо барои бисёр ҷиноятҳо ин мушкилотро ҳал намекунад[17]. Таъсири ҳуқуқӣ барои иҷрои яке аз вазифаҳои қонунгузории ҷиноятӣ – пешгирии ҷиноятҳоро мумкин аст бо ёрии преюдитсияи маъмурӣ бомуваффақ ҳал намуд. Олимон қайд мекунанд, ки ба ташаккули шахсияти ҷиноятҳор омили аз ҷониби ӯ мунтазам содир намудани кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ, таъсир мерасонад [1, с.17]. «Дар ҷанбаи криминологӣ муҳим аст, ки чунин рафтор дар ниҳоят, чун қоида, боиси тағйироти ҷиддии сифатӣ дар хислатҳои шахсият муайян мегардад ва ин шарти рафтори ҷиноятии ояндаи вай мешавад. Таркиби гурӯҳи муайяни ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ омили муайянкунандаи рафтори ҷиноятӣ буда, ба рушди ҷиноятҳорӣ мусоидат мекунанд.

Дар як вақт бояд қайд намуд, ки либерализатсияи васеи қонунгузории ҷиноятӣ дар шароити муосир на он қадар мақсаднок аст, зеро қонуни ҷиноятӣ ҷавобгарии вазнинро пешбинӣ мекунад, ки сабук кардани он боиси норавшан шудани сарҳади соҳаҳои ҳуқуқ мегардад. Дар натиҷа қонуни ҷиноятӣ бо чораҳои қатъии он, ки ба мубориза бар зидди ҷиноятҳорӣ равона карда шудааст, дар ҳалли масъалаҳои криминологӣ мақоми хоксоронаро ишғол мекунад.

Аммо ҷорӣ кардани преюдитсияи маъмурӣ дар қонуни ҷиноятӣ аз як тараф, аз ҳад зиёд намудани криминализатсияи кирдорро истисно намуда, аз тарафи дигар, барои пешгирии ҷиноят бо роҳи ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидани шахс, сарҳадро байни ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ ба таври мушаххас муайян мекунад, ки меъёри асосии он дараҷаи хавфнокӣ ба ҷамъият мебошад. Муносибатҳои муайяни ҷамъиятӣ аз як тараф, ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятиро талаб намуда, аз тарафи дигар, бо кор бурдани чораҳои таъсири ҷиноятӣ, шахсро барои аз озодӣ маҳрум гаштан эмин нигоҳ медорад [20, с. 69].

Дар муқобили ақидаҳо оид ба хориҷ намудани преюдитсия аз қонуни ҷиноятӣ, зарурияти асосноккунии он дар шароити ҳозира ба миён омадааст. Дар маъёрҳои ҳуқуқии дорои преюдитсияи маъмурӣ маҳкумкунии воқеии такрорӣ барои ҳуқуқвайронкунии пештара ба миён намеояд, чунки ду ҳолати вайронкунии меъёрҳои гуногун мавҷуд мебошад. Меъёрҳои Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки барои он шахс ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад ва меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои ҷиноят ҷазо пешбинӣ мекунад. Дар ҳолати охирин ҷазо на барои ҳарду ҳуқуқвайронкунӣ таъин мешавад, балки танҳо барои ҳуқуқвайронкунии охирин, аломатҳои кирдори аввала ба аломатхои тарафи объективии таркиби ҷиноят дохил карда нашудааст. «Онҳо берун аз доираи аломати тарафи объективӣ қарор дошта, танҳо шароити ҳатмии ҷавобгарии ҷиноятиро ташкил медиҳанд» [10, с.35].

Ба фикри мо, далели мувофиқи мақсад будани преюдитсияи маъмуриро на аз нигоҳи барои ҷамъият хавфнокии кирдор (ки он воқеан аз миқдоран такрор шудан дигар намешавад), балки аз нигоҳи барои ҷамъият хавфнокии шахсияти гунаҳгор, бояд арзёбӣ намуд. «Қонунгузор таъсири ин моддаҳоро дар доираи

маҳдуди шахсон муайян намудааст, ки ба ғайр аз мукаллафӣ ва синну соли муайяни ба ҷавобгарӣ кашидан (аломатҳои умумии субъект) аломати иловагӣ низ, ба монанди мавҷудияти ҷазои маъмурӣ, ки шахсро ҳамчун субъекти махсус тавсиф мекунад», дорад [15, с.63].

Агар мушкилоти мазкурро дар мисоли давлатҳои хориҷ дида бароем, шаклҳои гуногуни мавқеъгузории онро дар қонунгузории ҷиноятӣ муайян кардан мумкин аст. Дар кодексҳои ҷиноятии мамлакатҳои назди Балтика, Аврупои Марказӣ ва Ғарбӣ преюдитсияи маъмурӣ мавҷуд нест. Ин ҳолат асоснок ба назар мерасад, зеро дар ин кишварҳо рафтори ҷиноятӣ ба таснифи ҷиноятҳо мансуб буда, мафҳуми «кирдори ҷиноятӣ» бошад, ба «ҷиноят» ва «рафтори ҷиноятӣ» ҷудо карда шудааст. (Мисол моддаи 79-и КҶ Литва).

Дар мамлакатҳои Аврупои Марказӣ ва Ғарбӣ байни кирдори ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ фарқияти дақиқ вуҷуд дорад, аммо на аз рӯйи меъёри барои ҷамъият хавфнокӣ, зеро чунин мафҳум дар он ҷо вуҷуд надорад. Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҷиноят аз рӯйи моҳияти худ фарқ карда мешавад, чунки он танҳо ба тартиботи идоракунӣ таҷовуз мекунад (ба фаъолияти маъмурӣ дар ин ё он соҳаи муайян).

Н.И. Хавронюк нисбат ба татбиқи институти преюдитсияи маъмурӣ назари манфӣ дорад. Ӯ ба қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ ва Марказӣ, давлатҳои назди Балтика ва аксарияти давлатҳои ИДМ такя намуда, ин институти ҳуқуқиро нотавон шуморида, чунин мешуморад, ки преюдитсияи маъмурӣ ихтирои соф Шӯравӣ аст. Ба ақидаи олим ин меъёрҳо барои баланд бардоштани қувваи ҷазодиҳии қонуни ҷиноятӣ саҳм гузошта, доираи ҷазои ҷиноятиро барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ васеъ намуда, имкон медиҳад, ки дар амал ба таъқиби одамон барои чунин «ҷиноятҳои ғайриҷиноятӣ» замина гузошта шавад [18].

Мутаассифона, дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол барои содир намудани ҷиноятҳои категорияи начандон вазнин мафҳуми рафтори ҷиноятӣ истифода бурда намешавад.

Барои эҳёи преюдитсияи маъмурӣ дар қонуни ҷиноятӣ вақтҳои охир бисёр олимон ақидаҳои худро пешкаш намудаанд. Ба ақидаи Радченко В.И. ҳангоме, ки чораҳои маъмурии андешидашуда натиҷа намедиҳанд, дар ин ҳолат преюдитсияро ҳамчун татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ бояд амалӣ намуд.[13]. А.П. Шергин чунин мешуморад, ки преюдитсияи маъмурӣ воситаи ҳуқуқии мубориза на танҳо бо ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, балки бо кирдорҳои ҷиноятӣ низ мебошад [19, с.299].

Ҳатто Н.Ф. Кузнецова, ки пештар нисбат ба преюдитсияи маъмурӣ нигоҳи манфӣ дошт, чунин мешуморид, ки фарқи асосии байни ҷиноят аз рафтори ношоям на миқдори содиршудаи рафтор, балки сифати он аст ва бинобар ин, шумораи рафторҳои ношоям ба сифати ҷиноят табдил ёфта наметавонанд («сад гурба як палангро ташкил карда наметавонад» [6, с.28]), ба мақсад мувофиқ будани истифода намудани институти преюдитсияи маъмуриро эътироф намуда, бовар дорад, ки ин ба зинда намудани меъёрҳои ҳуқуқии беамал мусоидат мекунад. [7, с.541, 553-555]. Эҳё намудани преюдитсияи маъмуриро Г.В. Ямашева дастгирӣ намуда, дуруст таъкид мекунад, ки преюдитсияи маъмурӣ барои ба таври муассир фарқ кардани ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бештар имконият медиҳад. Он барои мутобиқати қонунгузории ҷиноятӣ ба принсипҳо, ба монанди кам кардани ҷазои ҷиноятӣ, ки ба кам намудани шумораи шахсоне, ки ба ҷазои аз озодӣ маҳрум намудан маҳкум шудаанд, мусоидат мекунад; ба таври мушаххас нақши қонунгузории ҷиноятӣ дар пешгирии ҷиноятҳо меафзояд, зеро шахсе, ки ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ содир намудааст, огоҳ карда мешавад, ки дар ҳолати такроран содир намудани чунин кирдор ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. [20, с.69].

Ба андешаи мо, барои таъмини ногузирии воқеӣ ва сари вақт ба ҷавобгарӣ кашидани гунаҳкорон инкишоф додани институти преюдитсияи маъмурӣ ба мақсад мувофиқ аст. Ҷорӣ намудани диспозицияи маъмурӣ дар баробари маҳдуд кардани доираи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои баъзе ҳуқуқвайронкуниҳои барои ҷамъият на он қадар хавфи калондошта, маҳдуд кардани таъқиби ҷиноятӣ танҳо дар доираи ҷиноятҳои барқасдона ё боиси

оқибатҳои вазнингашта, самти муҳимми мубориза бар зидди ҷинояткорӣ мебошад. Дар ин ҷо сухан на танҳо дар масъалаи кам кардани таъқиботи судӣ ва гуманизатсияи минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ, балки дар ба назар гирифтани мувофиқатии ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷазо барои он меравад.

Маҳдуд намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ дар самти иқтисодиёт, бинобар ворид намудани преюдитсияи маъмурӣ, пеш аз ҳама, барои таъмини ногузирии ҷазо мувофиқи мақсад мебошад. Ин ҳолат самаранокии меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятиро баланд бардошта, маҳсулнокии мубориза бо ин намуд ҳуқуқвайронкуниҳоро афзун мегардонад.

Айни замон, дар асоси моддаи 649 КҲМ ҶТ шахс метавонад барои тасарруфи молу мулки давлатӣ ва дастаҷамъона бо роҳи қаллобӣ ё майдадуздӣ ба маблағи то 10 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, дар муддати номуайян даст занад, зеро чораҳои маъмурӣ барои ҳуқуқвайронкунии дар ин модда пешбинишуда самаранок набуда, пеши роҳи ҷиноятро намегиранд. Дар қонунгузории ҷиноятӣ ҷорӣ намудани преюдитсияи маъмурӣ барои дуздӣ ва қаллобӣ, на танҳо таъсири ҳуқуқиро зиёд мекунад, балки принсипи ногузирии ҷавобгариро барои ин ҷиноятҳо амалӣ менамояд. Инчунин эҳё намудани преюдитсияи маъмурӣ барои ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт, аз қабили «расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ (моддаи 253 КҶ ҶТ)», «соҳиб шудан ё ба соҳибияти каси дигар додани молу мулке, ки бараъло бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудааст (моддаи 254 КҶ ҶТ)», «ғайриқонунӣ ба даст овардани маълумоти дорои сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ (моддаи 277 КҶ ҶТ)» ва ғайраҳо ба манфиати кор мебошад. Дар ин асно мо чунин мешуморем, ки татбиқи преюдитсияи маъмурӣ на танҳо дар ҷиноятҳои боло номгушуда, балки дар моддаҳои 244 ва 247-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҷиноятҳои маъмул, ба монанди дуздӣ ва қаллобӣ пешбинӣ намудааст, низ мақсаднок мебошад. Масалан, мувофиқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои содир намудани ҷинояти дар моддаи 244 қисми 1 пешбинишуда ҷазо дар намуди ҷарима ё корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол ва ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳамин муҳлат муқаррар шудааст. Бо назардошти он, ки ҷинояти мазкур ба категорияи ҷиноятҳои дараҷаи начандон вазнин дохил мешавад, бо мақсади кам кардани сарбории низоми ҷазои ҷиноятӣ ва амалӣ кардани сиёсати инсондӯстонаи қонуни ҷиноятӣ, татбиқи институти преюдитсияи маъмурӣ дар меъёри ҳуқуқии зикршуда мувофиқи мақсад мебошад.

Олимони Литва қайд мекунанд, ки маҳз ворид намудани мафҳуми “рафтори ҷиноятӣ” ба Кодекси ҷиноятии Литва имкон дод, ки преюдитсияи маъмурӣ ва интизомӣ бартараф карда шуда, бо ин роҳ муайян карда шуд, ки такроран содир намудани кирдори ғайриқонунӣ баъди татбиқи ҷазои маъмурӣ боиси ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс намегардад.

Муаллиф ба андешаи олимон оид ба ворид намудани мафҳуми «рафтори қонунӣ» ба қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо ин роҳ бартараф намудани институти преюдитсияи маъмурӣ розӣ нест. Ба ақидаи муаллиф ворид намудани преюдитсияи маъмурӣ ба моддаҳои алоҳидаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақсаднок ва ба манфиати кор мебошад. Муаллиф бо тавсияи олими рус Н.Ф. Кузнецова, ки бо мақсади такмилдиҳии қонунгузории ҷиноятӣ ворид намудани преюдитсияи маъмурӣ дар таркиби ҷиноятҳои хурди иқтисодӣ ва ба сохторҳои дигар ҷиноятҳои иқтисодӣ ворид намудани аломати расонидани зарари калон ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва декриминализатсияи ҷиноятҳои начандон вазнинро пешниҳод намудааст, розӣ мебошад [7, с.9, 541, 553-555; 5, с.51-59,].

Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ шарти ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад, танҳо дар ҳолате, ки нисбат ба шахс қаблан ҷазои маъмурӣ барои содир намудани чунин ҳуқуқвайронкунӣ татбиқ шуда бошад. Агар шахс аз ҷавобгарии маъмурӣ ё ҷазо озод шуда бошад, ҳолати содир намудани кирдори якум набояд ба назар гирифта шавад. Ҳангоми таъйин намудани ҷазои маъмурӣ шахс бояд дар бораи имконияти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуданаш дар сурати такроран содир намудани чунин ҳуқуқвайронкунӣ дар муҳлати муайян, огоҳ карда шавад. Ин ҳолат ӯро маҷбур мекунад, ки дар озодӣ монда дар интихоби

рафтори худ, кӯшиш кунад, ки ҳаёти қонунӣ ба сар барад.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Абызов Р.М. Прогнозирование и предупреждение индивидуального преступного поведения. – Ташкент, 1983. С. 17.
2. Ангазаров О. Привлечение лица к уголовной ответственности после привлечения его к административной ответственности за то же правонарушение // Законность. 2009. № 2. С. 56.
3. Борзенков Г.Н. Тенденции и перспективы развития уголовного законодательства в XXI веке (опыт сравнительного временного анализа) // Уголовное право в XXI веке. Материалы международной научной конференции. – М., 2002. С. 114.
4. Гогин А.А. Ответственность за нарушение Федерального закона «О рекламе» // Право и политика. 2004. № 5. С. 27–32.
5. Кузнецова Н.Ф. Пути гуманизации уголовного законодательства России / Н. Ф. Кузнецова // Законодательство. - 2009. - № 7. - С. 51-59.
6. Кузнецова Н.Ф. Кодификация норм о хозяйственных преступлениях // Вести Моск. ун-та. Сер. 11. Право. 1993. № 4. С. 28.
7. Кузнецова Н.Ф. Семь лет Уголовному кодексу Российской Федерации // Избранные труды. – СПб.: Юридический центр Пресс. 2003. С. 541, 553–555.
8. Курченко В.Н. Отграничение преступлений от административных правонарушений в сфере потребительского рынка // Административное право. 2006. № 11. С. 2.
9. Лунеев В.В. Проблемы юридических наук криминального цикла // Государство и право. 2007. № 5. С. 41.
10. Ляпунов Ю. Ответственность за злостное нарушение правил административного надзора. //Социалистическая законность. 1985. № 1. С. 35.
11. Марчук В.В. Новый КоАп Республики Беларусь и квалификация преступлений, обусловленных административной преюдицией. http://www.law. bsu.by/ pub/11/Marchuk_13/pdf. (Дата обращения 10.03.2022).
12. Рагулин А.В. Проекты реформирования Уголовного кодекса РФ и Кодекса РФ об административных правонарушениях: анализ содержания и предложения по совершенствованию // Евразюж. 2009. № 8. http://www.eurasialaw.ru/index.php? option=com_jcontent (Дата обращения 16.04.2022).
13. Радченко В.И. Хорошо сидим // Рос. газета. 2008. № 4741.
14. Тарбагаев А.Н. Административная ответственность в уголовном праве // Правоведение. 1992. № 2. С. 65.
15. Устименко В.В. Специальный субъект преступления (понятие, виды, некоторые вопросы квалификации). Дис… канд. юрид. наук. – Харьков, 1983. С. 63.
16. Фризен П.Д. Административно-правовое предупреждение отдельных видов преступлений: дис... канд. юрид. наук. – Барнаул, 2004. С. 5.
17. Федеральный закон № 26-ФЗ от 25 февраля 2011 г., утверждённый Президентом Российской Федерации 7 марта 2011 г.
18. Хавронюк Н.И. Административная преюдиция и институт рецидива с точки зрения европейских стран //http://www.zakon.kz/190761-administrativnajaprejudicija-i.html (Дата обращения 17.04.2022).
19. Шергин А.П. Административная юрисдикция. – М., 2005. С. 299.
20. Ямашева Г.В. К вопросу о восстановлении института административной преюдиции в уголовном законе // Журнал российского права. 2009. № 10. С. 69.



**Аннотатсия**

**Преюдитсияи маъмурӣ дар низоми қонунгузории ҷиноятӣ**

Фикру мулоҳизаҳои гуногуни олимон дар бораи ба мақсад мувофиқ будани ворид намудани преюдитсияи маъмурӣ ба меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятие, ки ҷавобгариро барои ҷиноятҳои

начандон вазнин ва миёна пешбинӣ мекунанд, мавриди таҳлил қарор дода шудаанд; ба институти преюдитсияи маъмурӣ ҳамчун воситаи пешгирии ҷиноятҳо баҳо дода шудааст.

**Аннотация**

**Административная преюдиция в системе уголовного законодательства**

Проанализированы различные мнения ученых о целесообразности включения административной преюдиции в уголовно-правовые нормы, предусматривающие ответственность за преступления небольшой и средней тяжести; дана оценка административной преюдиции как средства предупреждения преступлений.

**Annotation**

**The administrative precedent in criminal legistative order**

The paper examines different opinions of scientists about whether to include administrative precedent into criminal law norms providing for liability for crimes of minor and medium severity. Administrative precedent is assessed as a means of preventing crime.



**УДК:** 343.3/.7
**Исмоилова Мадина Исмоиловна,**
*сардори шуъбаи қонунгузории граждании, соҳибкорӣ ва оилавии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: madina-jona@mail.ru*
*Тел.: (+992) 901-41-22-22.*

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲО ОИД БА ТАФТИШИ ҶИНОЯТҲОИ ЭКСТРЕМИСТӢ ВА ТЕРРОРИСТӢ

**Калидвожаҳо:** *муқовимат; терроризм; экстремизм; мақомоти ваколатдор; ҷиноят; тафтишоти пешакӣ; мақомоти тафтишотӣ; қонун; ташкилкунанда; парванда.*
**Ключевые слова:** *сопротивление; терроризм; экстремизм; уполномоченные органы; преступление; предварительное расследование; следственные органы; закон; организатор; дело.*
**Keywords:** *resistance; terrorism; extremism; authorized bodies; crime; preliminary investigation; investigative bodies; law; organizer; the case*

***Имрӯз мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ ва экстремизм ба хотири ҳифзи манфиатҳои миллӣ, сохти конститутсионӣ ва истиқлолияти кишвар вазифаи муқаддастарини тамоми мақомоти давлатӣ ва ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон мебошад.***

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон**

Тоҷикистон давлати ҳуқуқбунёду демократӣ ва дунявӣ буда, дар он таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, волоияти қонуну тартиботи ҳуқуқӣ кафолат дода шудааст.

Солҳои охир терроризм ва экстремизм ба хатари глобалӣ табдил ёфта, ҷаҳони муосирро ба ташвиш овардааст. Афзоиши ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ ва террористидошта ба вусъат ёфтани терроризми байналмилалӣ, фаъолшавии унсурҳои тундраву ифротгаро, ҷалби ҷавонон ба сафи созмонҳои экстремистиву террористӣ ва иштироки онҳо дар низоъҳои мусаллаҳонаи давлатҳои хориҷӣ мусоидат менамояд [1].

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо эҳсоси таҳдидҳои афзояндаи экстремизм ва терроризм ба амнияти миллӣ ва рушди босуботи худ ба пайгирӣ аз ҷомеаи ҷаҳонӣ ва кишварҳои минтақа, мубориза дар ин самт пурзӯр менамояд.

Созмонҳои экстремистию террористӣ фаъолияташонро вобаста ба паҳн намудани ғояҳои тундравона, барангехтани кинаю адоват ва низои мазҳабӣ дар ҷомеа, ба сафҳои худ ҷалб намудани ҷавонон ва содир намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва террористӣ пурзӯр намуда, мехоҳанд сохти ҷамъиятӣ-сиёсии ин ё он кишварро бо роҳи зӯроварӣ тағйир диҳанд.

Таҷрибаи байналмилалӣ ва ватании муқовимат бо экстремизм ва терроризм собит менамояд, ки муваффақ шудан дар ин ҷода таҳия ва амалӣ намудани чорабиниҳои маҷмӯии ба бартараф намудани омилҳои мафкуравӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва ниҳодии фаъолшавии онҳо равонашударо тақозо менамояд.

Тафтиши пешакӣ дар низоми мурофиаи ҷиноятӣ ҳамчун марҳилаи мустақили мурофиаи ҷиноятӣ ва ҳамчун шакли фаъолияти мақомоти пешбурди таъқиби ҷиноятӣ эътироф мешавад. Марҳилаи тафтиши пешакӣ аз лаҳзаи қабул шудани қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ ибтидо мегирад. Ин марҳила низ, бо як қатор хусусиятҳои мурофиавии ҷиноятӣ, бо вазифа, санадҳои мурофиавӣ ва доираи амалҳои мурофиавӣ аз дигар марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ фарқ мекунад. Дар ин марҳила амалҳои гуногуни мурофиавии

ҷиноятӣ гузаронида мешаванд ва маҷмӯи санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ тартиб дода мешаванд, онҳо саривақт, қонунӣ ва асоснок тафтиш шудани ҷиноят ва ҳолатҳои содир шудани онро таъмин менамоянд.

Тафтиши пешакӣ ҳамчун шакли фаъолият – шакли фаъолияти мақомотеро, ки таъқиби ҷиноятиро ба амал мебароранд, ифода мекунад. Тафтиши пешакӣ аз маҷмӯи амалҳои мурофиавии ҷиноятӣ иборат аст, ки бо мақсади таъмини иҷрои вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ анҷом дода мешаванд. Маҳз дар ин марҳила, дар бораи тамоми ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамияти ҳуқуқидошта, далелҳо ҷамъ оварда, санҷида ва ба онҳо баҳо дода мешаванд [2, с.348].

Барои дарки ҳамаҷонибаи масоили мазкур ба мо зарурат пеш меояд, ки худи мафҳуми экстремизм ва терроризмро мавриди омӯзиш қарор дода бошем, ки мутобиқи қонунгузории амалкунанда чунин мафҳум пешбинӣ карда шудааст:

Экстремизм - ифодаи мафкура ва фаъолияти экстремистие, ки барои бо роҳи зӯроварӣ ва амалҳои дигари зиддиқонунӣ ҳал намудани масъалаҳои сиёсӣ, ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ва динӣ (мазҳабӣ) равона карда шудааст [3].

Терроризм - мафкураи зӯроварӣ ва таъсиррасонӣ ба қабули қарори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ё созмонҳои байналмилалӣ, ки бо тарсонидани аҳолӣ ва ё дигар шаклҳои зӯроварии ғайриқонунӣ алоқаманд мебошад [4]. Ҷиноятҳои экстремистиву террористӣ хусусияту дараҷаи баланди ба ҷамъият хавфнокиро доро мебошанд, зеро ба амнияти ҷамъиятӣ, асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат, инчунин ба сулҳу амнияти инсоният таҷовуз мекунанд.

Ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои хусусияти террористидошта барои муайян намудани ҳолатҳои зерин бояд чораҳо андешида шаванд: тарзи содиркунии амали террористӣ, воситаҳои дар ҷараёни он истифодашуда ва сарчашмаи маблағгузории террористон, ташкилкунандагон ва иҷрокунандагони амали террористӣ, нақши ҳар яки онҳо дар содиркунии ҷиноят, ҳаҷми ҳаракатҳои содиршуда, мақсад ва ангезаи ҳар яки онҳо, тарз ва мазмуни талаботҳои пешниҳодшуда, ҳаҷм ва хусусияти зарари расонидашуда, аз ҷониба кӣ хабар расидан оиди амали террористӣ.

Вобаста ба тарзи содиркунии амали террористӣ ҳолатҳои дигар низ бояд муайян карда шаванд. Масалан, ҳангоми содиркунии таркиш сабабҳои таркиш, хусусиятҳои воситаҳои тарканда ва моддаҳои тарканда, сохтори воситаи тарканда, қувваи таркиш, ҷойгиршавии маркази таркиш ва ғ., муайян карда мешаванд. Ҳангоми ғасб ва нигоҳдории гаравгонон шумораи гаравгонон, зӯроварии нисбати онҳо истифодашуда, истифодаи силоҳ (шумора ва хусусияти силоҳ), давомнокии нигоҳдории гаравгонон, ҷой ва ҳолати нигоҳдории гаравгонон бояд муайян ва исбот карда шаванд.

Дар тафтиши парвандаҳои ҷиноятии хусусияти террористидошта вазъи мушкил асосан дар ҷараёни муайянкунии ташкилкунандагон ва таҳриккунандагон ба вуҷуд меояд. Бояд дар назар дошт, ки ҳангоми содиркунии аксар амалҳои террористӣ иҷрокунандагон маълумотҳоро доир ба худ пинҳон намекунанд, ё ин ки бо тахаллусҳое, ки ба мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ маълум аст, баромад мекунанд. Дар он ҳолатҳое, ки террористон безарар гардонида мешаванд ё дастгир мегарданд, маълум кардани шахсияти онҳо дар рафти ҳаммонандкунии оперативӣ, шинохтани мурофиавӣ бо истифодаи баҳисобгириҳои оперативӣ-ахборотӣ, криминалистӣ, оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, инчунин тавассути таъини экспертиза анҷом дода мешавад.

Доир ба парвандаҳои ҷиноятии хусусияти террористидошта пешниҳод ва санҷиши самараноки фарзияҳои тафтишотӣ ва оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аҳамияти хоса доранд, зеро ки ҳарчи зудтар кам намудани "таъсири ваҳмкунандаи" ин ҷиноятҳо зарур аст ва боварии аҳолиро ба имкониятҳои мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои ҳокимиятӣ қавӣ намудан лозим аст. Дастгиркунии бетаъхир ё безараргардонии террористони бевосита ҷиноят содирнамуда, ташкилкунандагон ва ёрдамчиёни онҳо имконият медиҳад, ки кирдорҳои нави террористӣ пешгирӣ карда шаванд.

Баъди ошкоркунии ташкилкунандагон ва таҳриккунандагон муфаттишон ва кормандони оперативӣ самти ҷустуҷӯи фарзиявиро бояд ба

он тағйир диҳанд, ки маълумотҳои бадастовардаро таҳлил намуда, лаҳзаҳои дигари амали террористӣ ва шахсони дигари содиркунандагони онҳоро муайян намоянд, яъне тафтишотро бо самти нав пурра гардонанд: аз ташкилкунандагон (таҳриккунандагон) то ба лаҳзаи қаблан ошкорнашудаи фаъолияти террористӣ [5, с.764].

Ҳамин тариқ аз таҳлили мавзӯи мазкур маълум мегардад, ки тафтиши ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ ва террористидошта хусусияти махсус дошта, аз барандагони раванди тафтишотӣ маҳорати баланди касбиро талаб менамоянд. Аз ин нуқтаи назар зарур мебошад, ки роҷеъ ба тафтишоти пешакии ҷиноятҳои категорияи болозикр аз ҷониби воҳидҳои тафтишотӣ тактика ва методикаҳои замонавии амалинамоии ҳаракатҳои тафтишотӣ коркард ва дар амалияи самти мазкур татбиқ карда шаванд, ба манфиати кор хоҳад буд.

Дар умум метавон ба хулоса омад, ки нақши воҳидҳои ошкоркунандаи ҷиноятҳои характери экстремистӣ ва террористидошта ва ҳам мақомот ва сохторҳои марбутаи давлатии амаликунандаи тафтишоти пешакии ингуна ҷиноятҳо дар пешгирии онҳо нақши калидиро мебозанд.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 22 декабри соли 2016 / Нусхаи эклектронӣ: Манбаи дастрасӣ: URL: http://prezident.tj/node/21975 (санаи муроҷиат: 06.06.2022).
2. Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2016.- 632 саҳ.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат бо экстремизм» аз 2 январи соли 2020, №1655. – №1214. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 06.06.2022).
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат бо терроризм» аз 23 декабри соли 2021, №1808. – №1214. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 06.06.2022).
5. Драпкин Л.Я. Криминалистика. – М.: Юрайт, 2012. – 831 с.

**Аннотатсия**

**Баъзе масъалаҳо оид ба тафтиши ҷиноятҳои экстремистӣ ва террористӣ**

Дар мақолаи мазкур баъзе масъалаҳо оид ба тафтиши ҷиноятҳои экстремистӣ ва террористӣ мавриди таҳлил ва омӯзиши илмӣ қарор дода шудааст. Дар ҳақиқат ҳам тафтишоти пешакии ҷиноятҳои болозикр метавонад барои боз ҳам дар амал решакан намудани онҳо яке аз равандҳои муҳим арзёбӣ карда мешавад. Дар баробари ин ҷиноятҳои экстремистӣ ва террористӣ яке аз хатарҳои сатҳи давлатӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ табдил ёфтааст, ки қариб тамоми давлатҳо мубориза бурда истодаанд.

**Аннотация**

**Некоторые вопросы расследования экстремистских и террористических преступлений**

В данной статье анализируются и научно исследуются некоторые вопросы, связанные с расследованием экстремистских и террористических преступлений. По сути, предварительное расследование указанных преступлений можно считать одним из важнейших процессов их дальнейшего искоренения. В то же время экстремистские и террористические преступления стали одной из национальных, региональных и глобальных угроз, с которыми борются практически все страны.

**Annotation**

**Some issues of investigation of extremist and terrorist crimes**

This article analyzes and scientifically investigates some issues related to the investigation of extremist and terrorist crimes. In fact, the preliminary investigation of these crimes can be considered one of the most important processes for their further eradication. At the same time, extremist and terrorist crimes have become one of the national, regional and global threats that almost all countries are struggling with.



**УДК:** 342.922
**Абдусаломзода Ҷовид Абдусалом,**
*унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: j.abdusalomzoda@hakko.tj.*
*Тел.: (+992) 988-14-99-99.*

# ТАРАФИ СУБЪЕКТИВИИ ҒАЙРИҚОНУНӢ ҲАЙ КАРДА БУРДАНИ АВТОМОБИЛ Ё ДИГАР ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ БИДУНИ МАҚСАДИ ТАСАРРУФ

***Калидвожаҳо:*** *ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан; воситаи нақлиёт; мақсади ғаразнок; тасарруф; гуноҳ; қасди бевосита; мақсад; кодекси ҷиноятӣ.*

***Ключевые слова:*** *угон; транспортное средство; корыстная цель; хищение; вина; прямой умысел; цель; уголовный кодекс.*

***Keywords:*** *theft; vehicle; mercenary purpose; theft; guilt; direct intent; purpose; criminal code.*

Тарафи субъективии таркиби ҷиноят ин сифати дохилии ҷиноят мебошад, ки ҷараёни рӯҳии (фикркунӣ, иродавӣ, эмотсионалӣ) субъекти ҷиноятро дар лаҳзаи содир намудани кирдори ба ҷамъият хавфноки бо қонуни ҷиноятӣ манъшуда, тавсиф мешавад. Ба аломатҳои тарафи субъективии ҷиноятро ташкилдиҳанда дохил мешаванд: гуноҳ; ангезаи ҷиноят; мақсади ҷиноят; вазъи эмотсионалии шахс дар лаҳзаи содир кардани ҷиноят. Дар таркиби умумии ҷиноят гуноҳ аломати ҳатмии тарафи субъективӣ ба ҳисоб меравад. Ангеза, мақсад ва ҳаяҷон аломатҳои иловагӣ (факултативӣ) буда, аммо дар таркибҳои мушаххас онҳо ба сифати аломатҳои ҳатмӣ баромад карда метавонанд[19, с.200].

Тарафи субъективии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф м.252 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶТ) бо гуноҳ дар шакли қасд дар намуди қасди бевосита тавсиф мегардад [9]. Гунаҳгор ба ҷамъият хавфнокии кирдори худро дарк намуда содир намудани онро мехоҳад.

Мутобиқи қ.1 м.252 КҶ ҶТ гунаҳгор бояд дарк намояд, ки якум, кирдорҳои ӯ нисбати воситаи нақлиёт содир шуда истодааст, дуюм, воситаи нақлиётро ҳай карда бурда истодааст, сеюм, чунин кирдорро ғайриқонунӣ анҷом дода истодааст. Дар умум ин аз дарк намудани ба ҷамъият хавфнокии кирдори худ шаҳодат медиҳад.

Дарки содир намудани кирдор нисбати воситаҳои нақлиёт фаҳмиши онро дар назар дорад, ки ҳаракатҳои гунаҳгор маҳз ба воситае равона шудааст, ки "барои бо роҳҳои интиқол додани одамон, бор ё таҷҳизоти дар болои он васлшуда таъйин шудааст" [12]. Агар зеҳни шахс дигар предмети таъсиррасониро дар бар гирад, пас ҷинояти дар м.252 КҶ ҶТ пешбинишуда ҷой надорад.

Фаҳмиши ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт онро ифода менамояд, ки гунаҳгор бояд дарк намояд, ки ҳаракатҳои ӯ нисбати воситаи нақлиёти ғайр равона шудааст. Агар гунаҳгор бо гумони доштани ҳуқуқи воқеӣ ё эҳтимолӣ ба воситаи нақлиёт амал намояд, ҷинояти дар м.252 КҶ ҶТ муқарраршуда ҷой надорад, дар чунин ҳолат мумкин аст, ҷавобгарӣ аз руи м.334 КҶ ҶТ, яъне барои худсарӣ фаро расад.

Баъзе аз олимон ақида доранд, ки ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт мумкин аст, бо қасди бевосита ва ҳатто аз беэҳтиётӣ низ содир шавад. Масалан, А.А.Щербаков чунин баён медорад, барои тарафи субъективии ҷинояти мазкур нисбати оқибат дар намуди ҷой иваз намудани воситаи нақлиёт аз як ҷой ба ҷойи дигар қасди бевосита, нисбати оқибатҳои хурдашавии воситаи нақлиёт қасди бавосита ва нисбати оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ беэҳтиётӣ, нисбати оқибатҳои молу мулкӣ ва ҷисмонӣ танҳо гуноҳ дар шакли беэҳтиётӣ хос мебошад[20].

Тарафи субъективии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт менависад, Л.Р. Аветисян бо гуноҳи қасдона тавсиф мегардад: гунаҳгор дарк месозад, ки ғайриқонунӣ автомобил ё дигар воситаи нақлиётро бидуни мақсади тасарруф гирифта истодааст, пешбинӣ менамояд, ки бо чунин усул ба ҷабрдида зарари молу мулкӣ расонида мешавад ва бидуни мақсади тасарруф хоҳони расонидани чунин зарар мебошад[1].

Ба андешаи олимони зикршуда розӣ будан мушкил аст. Аввалан, аз беэҳтиётӣ содир шудани ҷинояти мазкур имконнопазир мебошад. Зеро, мутобиқи қ.2 м.27 КҶ ҶТ кирдори танҳо аз беэҳтиётӣ содиршуда дар ҳолате ҷиноят эътироф мешавад, ки агар он дар моддаи дахлдори Қисми махсуси ҳамин Кодекс пешбинӣ шуда бошад. Дар м.252 КҶ ҶТ қонунгузор ба чунин шакли гуноҳ ишора накардааст.

Ҳангоми тавсифи тарафи субъективии ҷинояти мазкур муайян намудани қасди бевосита тавассути муносибати рӯҳии шахс нисбат ба оқибат низ асоснок намебошад. Чунки, дар таркиби асосии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф ( қ.1 м.252 КҶ ҶТ) оқибати барои ҷамъият хавфнок ҳамчун аломати таркиби ҷиноят нишон дода нашудааст. Таркиби ҷинояти дар қ.1 м.252 КҶ ҶТ пешбинишуда таркиби расмӣ буда, он танҳо бо қасди бевосита содир мешавад. Шахс ба ҷамъият хавфнокии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиётро дарк менамояд, инчунин мефаҳмад, ки воситаи нақлиёти шахси дигарро, ки ба он ҳуқуқи ихтиёрдорӣ кардан надорад, ҳай карда бурда истодааст (лаҳзаи зеҳнӣ) ва хоҳони муваққатан истифода бурдани чунин воситаи нақлиётро дорад (лаҳзаи иродавӣ).

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаи бештар баҳсноки тарафи субъектии таркиби ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт ба аломати дар диспозитсияи м.252 КҶ ҶТ нишондодашуда “бидуни мақсади тасарруф” вобаста мебошад.

Аз рӯи мазмуни б.21 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф” аз 18 декабри соли 2009 [15] ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бе “ба даст овардани воситаи нақлиёт бо мақсади минбаъд ба қисмҳо ҷудо намудан ва аз худ кардани қисмҳои он ё ин ки ба фоидаи худ ё шахсони дигар даровардани воситаи нақлиёт” содир шавад. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ аломати “бидуни мақсади тасарруф” дар байни олимон гуногунфикриро ба вуҷуд овардааст.

Масалан, А.А.Шербаков чунин меҳисобад, ки “мақсади ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт дар он ифода мегардад, ки ҷинояти мазкур “бидуни мақсади тасарруф”, яъне бидуни мақсади ғайриқонунӣ, беғараз, ройгон гирифтан ва (ё) ситонидани воситаи нақлиёти ғайр ба фоидаи гунаҳгор ё дигар шахсон, ки метавонист ба молик ё соҳиби дигари воситаи нақлиёти мазкур зарар расонад” содир мешавад[20].

А.И.Коробеев вобаста ба ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт баён медорад, ки дар он мақсади ғаразнок ҷой надорад, яъне “ҷинояткор кӯшиш наменамояд, ки воситаи нақлиётро ба моликияти худ табдил диҳад” [10]. Н.А.Лопашенко чунин андеша дорад, ки “гунаҳгор ҳангоми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт одатан мақсади муваққатан истифода бурдани онро бе розигии молик ё соҳиби дигари воситаи нақлиётро дорад”- “сайр кардан”, “ба ягон ҷой рафтан ва ғайра”. [14]

Ю.С.Белик чунин меҳисобад, ки “мақсади ҷиноят мумкин аст, гуногун бошад (сайр кардан, ба ягон ҷой рафтан, санҷидани маҳорати худ оид ба идора карда тавонистани воситаи нақлиёт, истифодаи он барои содир намудани ҷинояти дигар ё барои кашонидани бор, баланд бардоштани эътибори худ дар байни шиносон),ба ғайр аз мақсади ба таври доимӣ табдил додани воситаи нақлиёт ба соҳибӣ, истифодабарӣ ё ихтиёрдории худ” [12]. Бо ин Н.В.Лаптева розӣ шуда,таъкид менамояд, ки “моҳиятан дар диспозитсияи м.166 КҶ ФР (м.252 КҶ ҶТ) сухан дар бораи на дар кирдор ҷой надоштани мақсади тасарруф балки дар бораи ҷой надоштани яке аз аломатҳои тасарруф- ба фоидаи гунаҳгор ё дигар шахсон табдил додани молу мулк меравад”. Бинобар ин, ба андешаи муаллиф “аз нигоҳи ҳуқуқӣ дурустар мебуд,агар дар диспозитсияи м.166

КҶ ФР дар кирдор мавҷуд набудани аломатҳои тасарруф нишон дода мешуд” [13]. Н.С.Сорокун низ мухолифи тарзи дар қонун “бидуни мақсади тасарруф” нишон дода шудани ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт буда, аммо пешниҳод месозад, ки ба таҳрири нави пешниҳодшавандаи м.166 КҶ ФР эзоҳ бо мазмуни зайл илова карда шавад: “зери мафҳуми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт дар моддаи мазкур содир намудани кирдорҳои қасдонаи ғайриқонуние фаҳмида мешавад, ки бо кадом усули дилхоҳе набошад, бархилофи иродаи молик ё истифодабарандаи қонунии воситаи нақлият барои гирифтани он равона шудааст”.

Ба андешаи мо ба ҷой доштани баҳсу мунозираҳо дар мавриди мақсади ҷинояти мазкур худи қонунгузор низ мусоидат намудааст. Чунки, аломати “ бидуни мақсади тасарруф”, ки дар диспозитсияи м.252 КҶ ҶТ омадааст, ба имконияти бо ду тарз маънидод намудани он роҳ медиҳад.

Тарзи аввали маънидод намудани аломати мазкур онро ифода мекунад, ки ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бояд бидуни мақсади тасарруф, яъне бе мақсади боғараз, ройгон гирифтан ва (ё) ситонидани молу мулки ғайр ба фоидаи гунаҳгор ё дигар шахсон (эзоҳи м.244 КҶ ҶТ) содир шавад. Ба тарзи дигар маънидод намудани аломати мазкур онро ифода мекунад, ки ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бидуни мақсади барои тасарруф хосбуда, яъне бе мақсади ғаразнок содир гардад.

Вале дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳолатҳои бо мақсади ғаразнок содир гаштани ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт истисно намешавад. Масалан, ба андешаи А.Безверхов ангеза ва мақсади ҷинояти мазкур мумкин аст, гуногун бошад- ҳиссиёти авбошӣ, манфиатҳои шахсӣ, хусумат ва аз ҷумла мақсади ғаразнок[2]. В.В.Векленко низ баён менамояд, ки “мақсад ҳангоми ғайриқонуниӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт на фақат ғаразнок буда метавонад, балки баръакс бештар чунин мақсад ба он хос мебошад” [5]. Дар баробари ин, баъзе аз олимон ғайриқонуни ҳай карда бурдани воситаи нақлиётро ба ҷиноятҳои ғаразноки муқобили моликият, ки бо тасарруф алоқамандӣ надоранд, дохил менамоянд. Яке аз сабабҳои гуногунандешӣ дар мавриди имконияти ҷой доштани мақсади ғаразнок ҳангоми содир гардидани ҷинояти дар м.252 КҶ ҶТ муқарраршуда ин истифода шудани аломати “ғаразнокӣ” дар ҷиноятҳои гуногун бо мазмуни ҳархела ба ҳисоб меравад. Чунончи, мутобиқи б.15 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба одамкӯшӣ” аз 26 июни соли 2009 №21 “кӯштор бо нияти ғаразнок бояд кӯшторе банду баст карда шавад, ки бо мақсади ба даст овардани манфиати моддӣ барои гунаҳгор ё шахсони дигар (маблағ, молу мулк ё ҳуқуқи ба даст овардани он, ҳуқуқ ба манзил ва ғайра) ё халос шудан аз хароҷотҳои моддӣ (баргардонидани молу мулк, қарз, ҳаққи хизматрасонӣ, иҷрои уҳдадориҳои молумулкӣ, пардохти алимент ва ғайра) содир шуда бошад”, яъне ин ҷо “ғараз” бо мазмуни васеъ маънидод шудааст. Ҳангоми тасарруф бошад, мақсади ғаразнок танҳо аз ба даст овардани фоидаи моддӣ иборат мебошад, яъне ҷидду ҷаҳди шахс барои ба даст даровардани фоидаи ғайриқонунии моддӣ бо роҳи мубаддал намудани молу мулки ғайр ба фоидаи худ ё фоидаи шахси сеюм мебошад[18]. Вобаста ба ин ҳангоми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт мумкин аст, мақсади ғаразнокӣ дар намуди халос шудан аз хароҷотҳо ҷой дошта бошад.

Агар ҳангоми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт хоҳиши ба даст овардани фоидаи моддӣ ҷой дошта бошад, ин ҷо бояд кирдори шахс ҳамчун тасарруф банду баст карда шавад. Дар Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф” низ омадааст, ки “дар ҳолатҳое, ки шахс воситаи нақлиётро ғайриқонунӣ ҳай карда бурда, мақсади минбаъд ба соҳибаш бар ивази мукофотпулӣ баргардонидани онро дошта бошад, ҳаракатҳои ӯ бояд бо моддаи дахлдори Кодекси ҷиноятӣ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои тасарруфи молу мулки ғайр пешбинӣ намудааст, банду баст карда шаванд “ (б.26).

Агар ҳангоми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт дар баробари хоҳиши халос шудан аз хароҷотҳои моддӣ, инчунин ба

даст овардани фоидаи моддӣ мавҷуд бошад, пас ҳам ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт ва ҳам тасарруф ҷой дорад, яъне қасд барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф мумкин аст, якҷоя бо қасди минбаъд тасарруф намудани қисмҳои алоҳидаи он ҷой дошта бошад. Ю.С.Белик чунин меҳисобад, ки ҳангоми ба вуҷуд омадани қасд барои тасарруф намудани қисмҳои алоҳидаи воситаи нақлиёт ва бо ин мақсад минбаъд ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани он кирдори шахс бояд аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо банду баст карда шавад, яъне ҳамчун дуздӣ ва ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт, чунки гунаҳгор муваққатан воситаи нақлиётро барои минбаъд тасарруф намудани қисмҳои алоҳидаи он истифода намудааст.

С.В. Краснобаев чунин банду бастро танҳо бо ҳолатҳое вобаста менамояд, ки "агар қасд барои тасарруф намудани қисмҳои алоҳидаи воситаи нақлиёт пас аз ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани он ба вуҷуд ояд" [11].

Олимони дигар низ андеша доранд, ки ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бо мақсади тасаррyфи баъзе аз қисмҳои он бояд танҳо ҳамчун тасарруф банду баст карда шавад. Пленуми Суди Олии ҶТ низ чунин мавқеъро ишғол намуда дар б.21 Қарори худ "Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф" тавзеҳот медиҳад, ки "ба даст овардани воситаи нақлиёт бо мақсади минбаъд ба қисмҳо ҷудо намудан ва аз худ кардани қисмҳои он ё ин ки ба фоидаи худ ё шахсони дигар даровардани воситаи нақлиёт бояд ҳамчун тасаррyфи молу мулки ғайр банду баст карда шавад".

Дар ҳолатҳои зикршуда ба андешаи мо аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо банду баст намудани кирдор бештар асоснок ба назар мерасад, зеро дар чунин маврид ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт ҷузъи тасарруф намудани молу мулк ҳисоб намешавад. Ғайр аз ин, ҳангоми тасаррyфи молу мулки дар воситаи нақлиётбуда, низ далели тасаррyфи ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиётро дар бар намегирад ва дар чунин ҳолат мувофиқи тавзеҳоти Пленуми Суди Олии ҶТ "Агар шахси воситаи нақлиётро бидуни мақсади тасарруф ғайриқонунӣ ҳай карда бурда, ҳамзамон молу мулки даронбударо тасарруф карда бошад, кирдори содирнамуда бояд бо моддаи 252-и КҶ ҶТ ва моддаҳои дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои тасаррyфи молу мулки ғайр пешбинӣ намудааст, банду баст карда шавад". Ба ин монанд ҳангоми тасаррyфи қисми алоҳидаи воситаи нақлиёт низ қасди шахс бевосита ба тасарруф намудани маҳз ҳамин қисм на ин ки барои тасаррyфи воситаи нақлиёт дар умум равона шудааст. Бинобар ин, дар чунин ҳолат аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо м.252 ва м.244 КҶ ҶТ банду баст намудани кирдор бештар асоснок мебошад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ баъзе аз олимон пешниҳод менамоянд, ки ибораи "бидуни мақсади тасарруф" бо ибораи "ҳангоми мавҷуд набудани аломатҳои тасарруф" иваз карда шавад. Чунин тарз ҳангоми тартиб додани таркиби баъзе аз ҷиноятҳо аз тарафи қонунгузор истифода шудааст (м.м.253,264,267). Дар ҳақиқат ба андешаи мо аломати фарққунандаи м.252 КҶ ҶТ аз тасарруф на танҳо дар ҷой доштан ё надоштани мақсади ғаразнок вобаста мебошад, балки ҳангоми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бояд дар умум аломатҳои тасарруф ҷой надошта бошанд, дар акси ҳол кирдори шахс ҳамчун тасарруф банду баст карда мешавад. Бинобар ин, мо ҷонибдори он мебошем, ки дар диспозитсияи қ.1 м.252 КҶ ҶТ ибораи "бидуни мақсади тасарруф" бо ибораи "ҳангоми мавҷуд набудани аломатҳои тасарруф" иваз карда шавад.

Дар баробари ин баъзе аз олимон иброз менамоянд, ки ҳангоми дуздӣ ва ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф "аломатҳо ва унсурҳои таркиби ин ҷиноятҳо, ки мансуб ба объект ва тарафи объективӣ мебошанд, амалан монанд ҳастанд. Дар ҳар ду ҳолат ҳам ғайриқонунӣ гирифтани воситаи нақлиёти ғайр (ғасби он) ҷой дорад ва ягона ҳолате, ки ин ҷиноятҳоро аз ҳам ҷудо месозад дар сари ҷинояткор пинҳон аст, ки ин ҳам бошад дар мақсади гирифтани воситаи нақлиёт ба ҳисоб меравад". А.А. Шербаков баён медорад, ки аломатҳои

тасарруф ҳангоми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт назар ба тасарруф дигартар мебошанд, аммо ба ин нигоҳ накарда ба андешаи ӯ “аломатҳои тасарруф ҳангоми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт аз байн намераванд”.

Албатта, бо чунин андешаҳо розӣ будан мушкил аст. Зеро ҳангоми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт гирифтан ва (ё) ситонидани молу мулк ба фоидаи гунаҳгор ё шахси дигар сурат намегирад.

Аз сабаби он ки ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф содир мешавад, бинобар ин, он дар фарқият аз тасарруф хусусияти муваққатӣ дорад, ки инро бояд гунаҳгор дарк созад. Кӯшиши муайян намудани ҳадди аксари давомнокии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф, ки пас аз гузаштани он ҷинояти мазкур ба тасарруф мубаддал мегардад, аз ҷониби олимон Л.Д. Гаухман ва С.В. Максимов пешниҳод мешавад. Олимони мазкур андеша доранд, ки “чунин ҳадд мумкин аст гузаштани муҳлати шашмоҳа аз лаҳзаи воқеан аз соҳибияти қонунии шахс дур мондани воситаи нақлиёт эътироф шавад”. А.И. Коробеев ба чунин андеша дуруст эрод гирифта қайд месозад, ки “ҳангоми чунин муносибат принсипи гунаҳгории субъективӣ халалдор мегардад: аз рӯи асосҳои расмӣ маҷбур мешавем ҳаракатҳоеро ки қасди шахси гунаҳгор онро фаро намегиранд, ҳамчун тасарруф банду баст намоем”. Ба андешаи мо ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф то даме ки барои гунаҳгор истифодаи он хусусияти муваққатӣ дорад ва нияти ихтиёрдорӣ намудани он пайдо намешавад, идома меёбад.

Ҳамин тавр, баъзе аз масъалаҳои тарафи субъективии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруфро таҳлил намуда ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

Таркиби ҷинояти дар қ.1 м.252 КҶ ҶТ пешбинишуда дорои таркиби расмӣ буда, он танҳо бо қасди бевосита содир мешавад. Шахс ба ҷамъият хавфнокии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиётро дарк менамояд, инчунин мефаҳмад, ки воситаи нақлиёти шахси дигарро, ки ба он ҳуқуқи ихтиёрдорӣ кардан надорад ҳай карда бурда истодааст (лаҳзаи зеҳнӣ) ва хоҳони муваққатан истифода бурдани чунин воситаи нақлиётро дорад (лаҳзаи иродавӣ).

Аломати фарққунандаи м.252 КҶ ҶТ аз тасарруф на танҳо дар ҷой доштан ё надоштани мақсади ғаразнок вобаста мебошад, балки ҳангоми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бояд дар умум аломатҳои тасарруф ҷой надошта бошанд. Бинобар ин, пешниҳод мешавад, ки дар диспозитсияи қ.1 м.252 КҶ ҶТ ибораи “бидуни мақсади тасарруф” бо ибораи “ҳангоми мавҷуд набудани аломатҳои тасарруф” иваз карда шавад.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Аветисян Л.Р. Неправомерное завладение автомобилем или иным транспортным средством без цели хищения: уголовно-правовые и криминологические аспекты. Уфа,2009.-244с.
2. Безверхов А. О некоторых вопросах квалификации неправомерного завладения автомобилем или иным транспортным средством без цели хищения// Уголовное право №5.2017.-С.20-30.
3. Белик Ю.С. Неправомерное завладение автомобилем или иным транспортным средством без цели хищения: проблемы предмета, квалификации и профилактики (предупреждения): автореф. дис. … канд. юрид. наук. Екатеринбург, 2004. -24с.
4. Бойцов А.И. Преступления против собственности. СПб.: Юрид. центр Пресс, 2002. -755с.
5. Векленко В.В. Квалификация хищений чужого имущества:дисс…д-ра юрид.наук. Омск,2001.-375с.
6. Гаухман Л.Д., Максимов С.В. Ответственность за преступления против собственности. М.: ЮрИнфоР, 2002.-310с.
7. Жулев В.И. Транспортные преступления: комментарий законодательства. М.: Спарк, 2001.-190 с.

8. Комаров А.В. Неправомерное завладение автомобилем или иным транспортным средством без цели хищения (угон): уголовно-правовые и криминологические аспекты: автореф.дис. … канд. юрид. наук. М., 2008. -209 с.

9. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / отв. ред. В. И. Радченко; науч. ред. А. С. Михлин. - М. : ТК Велби, Изд-во Проспект, 2008. – 699 с.

10. Коробеев А.И. Транспортные преступления. СПб.: Юрид. центр Пресс, 2003.-406 с.

11. Краснобаев С.В. Неправомерное завладение автомобилем или иным транспортным средством без цели хищения: уголовно-правовые и криминологические аспекты: дис. … канд. юрид. наук. Ростов-на/Д., 2007. -199 с.

12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳаракат дар роҳ" аз 17 майи 2018 №1533// http://www.mmk.tj/content/қонуни-Ҷумҳурии-Тоҷикистон-дар-бораи-ҳаракат-дар-роҳ

13. Лаптева Н.В. Иные корыстные преступления против собственности, не связанные с хищением: автореф. дис. …канд. юрид. наук. М., 2005. -181 с.

14. Лопашенко Н.А. Преступления против собственности: теоретико-прикладное исследование. М.: Лекс-Эст, 2005.-408 с.

15. Маҷмӯаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1992-2011).- С.304.

16. Сорокун Н.С. Неправомерное завладение автомобилем или иным транспортным средством: криминологические аспекты противодействия: автореф. дис. …канд. юрид. наук. Ростов-на/Д., 2009. -32с.

17. Сухомлинов Д.В. О субъективной стороне угона автомобиля или иного транспортного средства // Актуальные проблемы российского права.2015. №9 (58)- С.136-142.

18. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ.Шарипов. Душанбе,2005.-880 с.

19. Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И. Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокиров З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ: Қисми умумӣ. - Душанбе, 2019. – 223с.

20. Энциклопедия уголовного права. Т. 18:СПб ГКА, 2011. -1021 с.



**Аннотатсия**

**Тарафи субъективии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф**

Дар мақола аломатҳои тарафи субъективии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф ба хулоса меояд, ки гуноҳ ҳангоми содиршавии ҷинояти мазкур танҳо қасдона дар намуди қасди бевосита буда метавонад.

**Аннотация**

**Субъективная сторона угон автомобиля или иных транспортных средств без цели хищения**

В статье анализируется признаки субъективной стороны угона автомобиля или иных транспортных средств без цели хищения. Автор приходить к выводу, что вина при совершение данного преступления является исключительно умышленной в виде прямого умысла.

**Annotation**

**The subjective side of stealing a car or other vehicles without the purpose of theft**

The article analyzes the signs of the subjective side of stealing a car or other vehicles without the purpose of theft. The author comes to the conclusion that the guilt in the commission of this crime is exclusively intentional in the form of direct intent.



**УДК:** 34.096
**Самандари Қаландар,**
*докторанти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: samand1997@bk.ru*
*Тел.: (+992) 933-32-32-31.*

# ҶИНОЯТҲО БА МУҚОБИЛИ АДОЛАТИ СУДӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ ШӮРАВӢ

***Калидвожаҳо:*** *ҳокимияти судӣ; адолати судӣ; принсипҳои адолати судӣ; таҳавуллоти қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистони шӯравӣ; ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили адолати судӣ; низоми ҷиноятҳо ба муқобили адолати судӣ; таркиби ҷиноятҳо ба муқобили адолати судӣ.*

***Ключевые слова****: судебная власть; правосудие; принципы правосудие; эволюция уголовного законодательства в советском Таджикистане; ответственности за преступления против правосудии; система преступлений против правосудия; состав преступлений против правосудия.*

***Keywords:*** *judicial branch; justice; principles of justice; the evolution legislation in Soviet Tajikistan; liability for craimes against justice; the system of craimes against justice; the composition of craimes against justice.*

Баъди ғалабаи инқилоби октябр ва барқароршавии ҳокимияти шӯравӣ дар ҳудуди навтақсимшудаи Осиёи Марказӣ марҳилаи нави сохтори давлатӣ ва ҳуқуқӣ бо мақсади танзимнамоии дурусти муносибатҳои байни давлатҳои умумииттифоқӣ ба вуҷуд омад.

14 октябри соли 1924 иҷлосияи дуюми Кумитаи Иҷроияи Умумируссиягӣ қарори Кумитаи иҷроияи Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Туркистонро оид ба тақсимоти миллӣ тасдиқ намуд. Дар асоси қарори мазкур Ҷумҳурии Худмухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати Ӯзбекистон таъсис ёфт.

Дар асоси қарори Раёсати КИМ ҶШС Ӯзбекистон аз 25 марти соли 1925 дар Тоҷикистон шуъбаи Суди Олии Ҷумҳурии Ӯзбекистон таъсис дода шуд ва минбаъд тамоми баҳсҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби ҳамин шуъба ва судҳои округӣ ҳал карда шуда, ҳуқуқҳои гражданинҳо ва манфиатҳои давлати сотсиалистӣ ҳифз карда мешуд.

Бояд гуфт, ки то ин вақт баҳсҳое, ки дар ҳудуди ҶМШС Тоҷикистон ба миён меомаданд аз ҷониби суди округии Бухорои шарқӣ баррасӣ ва ҳал карда мешуданд, ки баъдтар санаи 14.02.1925 сол дар асоси Низомномаи аз ҷониби Кумитаи инқилобии ҶХШС Тоҷикистон тасдиқкардашуда ба Округи судии Душанбе ва прокуратура табдил ёфт[1, с.25].

Бояд қайд намуд, ки дар солҳои аввали барқароршавии ҳокимияти шӯравӣ муносибатҳои ҷамъиятии байни халқияту давлатҳои умумииттифоқӣ бештар дар асоси указу декретҳо ва қонунҳое, ки аз ҷониби КИМ ҲК қабул карда мешуд ба танзим дароварда мешуданд. Гарчанде, ки давлатҳои иттифоқӣ дар танзимнамоии муносибатҳои дохилидавлатӣ баъзан санадҳои ҳуқуқӣ ба тасвиб расонида шуда бошанд ҳам, аммо батанзимдарории бештари ин муносибатҳо аз марказ муайян карда мешуд.

Бо дарназардошти мураккабшавии муносибатҳои байни давлатҳо ва ба пуррагӣ ҷорӣ намудани сохти сотсиалистиву ҳифзи арзишҳои умумишӯравӣ аз ҷониби КИМ Умумируссиягии ҲК як қатор чорабиниҳо гузаронида шуд, ки яке аз ин чораҳои ҳимоявӣ-ҳуқуқии арзишҳои сотсиалистӣ ин қабули санадҳои қонунгузорӣ ва такмили онҳо буд.

Бо ин мақсад, як зумра санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул ва ба тасвиб расонида шуданд, ки муносибатҳои умумисотсиалистии байни халқияту давлатҳои узви ИҶШС-ро ба танзим медароварданд.

Таърихи инкишофи қонунгузории ҷиноятии шӯравӣ шаҳодат медиҳад, ки сарфи назар аз он, ки масъалаҳои қонунгузории ҷиноятии ҳифзи манфиатҳои адолати судӣ дар маркази диққати қонунгузор буданд, вале ҳанӯз

мушкилот дар ин самт боқӣ монданд, чунки қонунгузории кодификатсияшуда вуҷуд надошт, системаи возеҳи мақомоти судӣ ба вуҷуд наомада буд ва шакли мурофиавии тафтишот ва баррасии парвандаҳо риоя карда намешуд.

Бояд гуфт, ки дар солҳои аввали ҳокимияти шӯравӣ ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои алоҳидае, ки манфиати адолати судиро поймол мекарданд, бо декретҳо муқаррар карда шуда буд [2.с.48-50].

Яке аз аввалин санади кодификатсионии ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноии манфиатҳои давлатҳои умумииттифоқӣ ин қабули Кодекси ҷиноятии РСФСР аз 1 июни соли 1922 ба ҳисоб меравад.

Гарчанде, ки дар Кодекси мазкур ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии манфиатҳои давлатӣ, моликияти сотсиалистӣ, сохти ҷамъиятии ИҶШС, тартиботи ҳуқуқии сотсиалистӣ ва системаҳои сиёсию иқтисодии он муайян шуда бошад ҳам, аммо дар он боби мустақил оид ба ҷиноятҳои зидди адолати судӣ мавҷуд набуд. Дар истинод бо муқарраротi меъёрии алоҳидаи ин Кодекс метавон миқдори кофии меъёрҳоеро ҷудо намуд, ки ҳоло ҷиноятҳои зидди адолати судӣ ба ҳисоб мераванд.

Ин меъёрҳо дар бобҳои гуногуни Кодекси ҷиноятии мазкур ҷой дода шудаанд. Аз ҷумла, дар боби I, ки «Ҷиноятҳои зидди давлат», номгузорӣ шуда буд ва он моддаҳои алоҳидаеро дарбар мегирифт, ки онҳоро метавон ба ҷиноятҳои зидди адолати судӣ тасниф кард.

Ин, пеш аз ҳама, пинҳон доштан ва шарик будан дар ҳамаи намудҳои ҷиноятҳое мебошад, ки дар моддаҳои 57-67 Кодекси мазкур пешбинӣ шудаанд, ки бо содир намудани ин ҷиноятҳо ё надонистани мақсадҳои ниҳоии онҳо алоқаманд нестанд ва ин зумра ҷиноятҳо ба гурӯҳи ҷиноятҳои контрреволютсионӣ дохил мешуданд. Инҳо амалиёти контрреволютсонӣ, ки мақсад аз он сарнагун кардани ҳокимияти шӯравӣ буд(моддаи 57), ташкили шӯришҳои мусаллаҳона(моддаи 58), иштирок дар ташкилоти контрреволютсионии дорои мақсадҳои террористӣ(моддаи 64), иштирок кардан дар ҷосусӣ(моддаи 66), амалиёти фаъолона ё мубориза фаъолона ба муқобили синфи коргар ва ҳаракати револютсионӣ, ки дар вазифаҳои масъули сохти подшоҳӣ нишон дода шудааст(моддаи 67).

Ҳамзамон, дар боби «Ҷиноятҳои зидди тартиботи ҳокимияти давлатӣ» моддаҳое ҷой дода шуда буданд, ки дар онҳо барои ҷиноятҳои зидди адолати судӣ, аз қабили паноҳ додани дастаҳо ва аъзоёни алоҳидаи онҳо (моддаи 76), хабар надодан дар бораи ҷиноятҳои дар пешистода ва содиркардаи контрреволютсионӣ, ки ба таври эътимодбахш маълум аст(моддаи 89), озод кардани шахси ҳабсшуда аз ҳабс ё аз ҷойҳои ҳабскунӣ ё ёрӣ расондан ба фирори ӯ(моддаи 92), гурехтани шахси ҳабсшуда аз ҳабс ё аз ҷойҳои ҳабскунӣ(моддаи 95).

Субъектони ҳуқуқэҷодкунӣ дар аввал ҷиноятҳои зеринро ҳамчун ҷиноятҳои сӯистифода аз ҳокимияти сотсиалистӣ маънидод карданд: ғайриғонунӣ дастгир кардан, ғайриқонунӣ овардан, маҷбур кардан ба додани нишондод дар вақти пурсиш, бо роҳи истифодаи чораҳои ғайриқонунии шахсе, ки таҳқиқ ё тафтишоти пешакиро пеш мебарад ба ҳабс гирифтан, инчунин бо мақсадҳои шахсӣ ё ғаразнок дастгир кардани шахс(моддаи 112) ва туҳмат ба порахӯрон(моддаи 114), манфиатҳои адолатро поймол намуда, содир намудани чунин ҷиноят, монанди аз тарафи ташкилотҳои динӣ ё калисо азхуд кардани вазифаҳои судӣ(моддаи 123). Ин меъёр дар қонунгузории ҷорӣ мавҷуд нест, зеро он аллакай нақши худро иҷро кардааст ва дар Кодекси соли 1922 он дар боби III - «Вайрон кардани қоидаҳои аз ҳам ҷудо кардани калисо ва давлат» ҷойгир карда шуда буд. Бардурӯғ, дидаю дониста аз номи мақомоти судӣ, тафтишотӣ ё шахси мансабдоре, ки ҳуқуқ дорад дар бораи содир кардани ҷиноят аз ҷониби шахси мушаххас ба таъқиби ҷиноятӣ шуруъ намояд(моддаи 177)[3].

Метавон гуфт, ки мувофиқи Кодекси ҷиноятии соли 1922 адолати судӣ ҳанӯз объекти мустақили ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ набуд. Меъёрҳое, ки метавонистанд ҳамчун ҷиноятҳои зидди адолати судӣ ҳисобида шаванд, дар панҷ боби Кодекси ҷиноятии мазкур ҷой дода шуда буданд, ки аз нигоҳи қонунгузор, объекти дигари умумии таҷовузро низ доро буданд.

Минбаъд, ба Кодекси ҷиноятии соли 1922 моддаҳое ворид карда шуданд, ки дар онҳо

ҷавобгарӣ барои сӯиқасдҳое, ки ба амалӣ гардонидани адолати судӣ зарар мерасонанд, пешбинӣ карда шуда, ба баъзе моддаҳои дар боло зикршуда тағйирот дохил карда шуданд.

Дар асоси Указі Комитети Иҷроияи Марказии Умумироссиягии ҲК аз 10 августи соли 1922 «Дар бораи ба таври маъмурӣ бадарға кардан», барои гурехтан аз ҷои бадарға ё аз роҳ ба он ҷо ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар карда шуда, бо қарори сессияи дуюуми Комитети Ичроияи Марказии Умумироссиягӣ даъвати II 16 октябри соли 1924 моддаи 95, ки масъулияти фирори шахси ҳабсшударо пешбинӣ мекард, дохил карда шуд.

Дар асоси тағйиротҳое, ки бо Декрети Кумитаи Иҷроияи Марказии Умумироссиягӣ аз 10 июли соли 1923 ворид карда шуда буд, моддаҳои 104 «а» ва 104 "б" пурра карда шуданд. Дар моддаи 104 «а» барои саркашӣ аз ҳозир шудан, аз ҳозир шудани шоҳид, коршинос, тарҷумон ё шоҳид бо даъвати мақомоти тафтишотӣ ё судӣ ё саркашӣ аз иҷрои вазифаҳои худ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст. Дар моддаи 104 «б» барои фош кардани маълумоти тафтишоти пешакӣ, тафтиш, тафтиши инспексияи коргару деҳқон бе иҷозати дахлдори прокурор, муфаттиш ё шахси мансабдоре, ки барои тафтиш масъул аст, ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар шуда буд. Минбаъд, бо Указі Комитети Ичроияи Марказии Умумироссиягӣ ва Совети Комиссарони Халқ аз 25 августи соли 1924 моддаи 104 "в" ворид карда шуд, ки он ҷавобгарии ҷиноятиро барои бе сабабхои узрнок саркашӣ кардан аз иҷрои вазифаҳои машваратчии халқӣ муқаррар мекард. Дар солҳои 20-ум пайдо шудани моддаҳои дар боло зикршуда бо зарурати таърихӣ ба амал омад, зеро сохти судии кӯҳнаи «буржуазӣ ва округӣ» вайрон карда шуда, сохти нави судиро ташкил ва ба кор андохтан зарур буд, ки яке аз звеноҳои он судҳои халқӣ ба ҳисоб мерафт ва барои он ки судҳои халқӣ дуруст корро ба роҳ монанд, меъёрҳои масъулияти машваратчиёни халқӣ ва иштироккунандагони мурофиа барои иҷрои номатлуби вазифаҳоеро, ки қонун ба онҳо гузоштааст, талаб мекард.

Муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ифшои маълумоти тафтишоти пешакӣ, таҳқиқ ва ё тағйироти худсарии солҳои 20-ум аз вазъи ноустувории шаҳрвандӣ сабаб шуда буд, ки баробари ба охир расидани ҷанги шаҳрвандӣ ҷомеа ба «дӯст» ва «душман» тақсим шуд. Аз ин рӯ, ифшо накардани маълумоти тафтишот барои як парвандаи нав зарур буд.

Ҳамин тариқ, аз низоми сохташуда дида мешавад, ки меъёрҳои ҷиноятҳои зидди адолати судӣ дар модда ва бобҳои алоҳидаи Кодекси ҷиноятии соли 1922 хеле васеъ пешниҳод гардидаанд, аммо дар он боби алоҳида, ки ҷавбгарии ҷиноятиро барои ҷиноятҳои зидди адолати судӣ муқаррар намоянд, пешбинӣ нашудаанд.

Тавре, ки дар боло зикр намудем, Кодекси ҷиноятии РСФСР аз соли 1922 муносибатхои гуногуни хеле муҳими ҷамъиятиро ҳифз мекард, вале адолати судиро ҳамчун объекти умумихалқӣ махсус хифз намекард ва факти асосии ин ҳолат аз он иборат буд, ки он ба омилҳои ҷамъиятию сиёсӣ вобастагӣ дошт, яъне қонунгузор ба ҳамин мавқеъ буд, ки аз адолати судӣ дида объектҳои муҳимтарини ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мавҷуд мебошад.

Худи адолати судӣ бо набудани низоми устувор ва сохтори муратталшудаи ҳокимияти судӣ аз нигоҳи ҳифзи қонуни ҷиноятӣ ҳанӯз натавонистааст худро як ниҳоди махсусе эълон кунад, ки ба ҳимояи ҳамон сифате, ки фаъолияти мақомоти давлатӣ ё молу мулк ҳифз карда мешавад, ҷавобгӯ бошад.

Бояд гуфт, ки шумораи таркибии ҷиноятие, ки дар Кодекси ҷиноятии соли 1922 мавҷуд буд, барои ба таври бояду шояд ҳифз кардани адолати судӣ аз таҷовузҳои ҷиноятӣ кифоя набуд.

Аммо, сарфи назар аз камбудиҳои муайяни Кодекси ҷиноятии соли 1922, қайд кардан лозим аст, ки бо қабули он давраи нав дар инкишофи қонунгузории ҷиноятии шӯравӣ кодификатсия ва ба низом даровардани қонунгузорӣ оғоз ёфт.

Бо дарназардошти пешрафти муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҷиноят эътироф намудани баъзе кирдорҳо соли 1926 Кодекси ҷиноятии РСФСР қабул гардид, ки аз 1 январи соли 1927 эътибор пайдо кард.

Дар Кодекси мазкур, низ боби алоҳидаи ҷиноятҳои зидди адолати судӣ муқаррар нашуда буд, зеро то он вақт системаи органҳои адлия ҳанӯз ба пуррагӣ ба вуҷуд наомада буд ва бинобар ин, адолати судӣ ҳамчун объекти

таҷовузи ҷиноятӣ набуд. Ба ин нигоҳ накарда, кори такмил додани қонунгузорӣ, ки ҳифзи ҳуқуқи-ҷиноятии адолати судиро таъмин менамояд, қатъ нагардид. Ин кор асосан дар ду самт пеш бурда шуд: 1. Дар Кодекси ҷиноятии РСФСР аз соли 1926 моддаҳои ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои конкретии зидди адолати судӣ, ки пештар ба қонунгузории амалкунанда маълум набуданд, дохил карда шудаанд; 2. Ба моддаҳои ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои зидди адолати судӣ, ки дар Кодекси ҷиноятии РСФСР аз соли 1922 пешбинӣ шудааст, тағйирот дохил карда шуданд.

Ҳамин тариқ, дар он ҳамчун ҳайати мустақил масъулияти озод кардани шахси ҳабсшуда аз ҳабс ё аз ҷойҳои ҳабс, инчунин мусоидат ба фирор (моддаи 81) пешбинигардида, муқаррар шудааст, ки озодкунӣ бояд ғайриқонунӣ бошад[4].

Дар баробари меъёрҳои қаблан маълумшуда, аз қабили саркашӣ аз ҳозир шудан, саркашӣ кардан аз нишондод ё иҷрои вазифаҳо барои кирдорҳои нав, аз ҷумла: барои монеъ шудан ба ҳозир шудани шоҳид аз ҷониби шахсе, ки шоҳидон аз ҷиҳати моддӣ ё молӣ қарор дорад, ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар карда шуд(моддаи 92), ҳамин гуна кирдорҳо нисбат ба машваратчиёни халқӣ ҷиноят дониста шуданд(кисми 2 моддаи 92).

Пайдо шудани меъёрҳои дар боло зикршуда тасодуфӣ набуд, зеро сохти судӣ ташаккул меёфт, судҳои халқӣ ба кор медаромаданд ва барои таъмини фаъолияти онҳо чораҳои маҷбуркунии қонунии ҷиноятӣ талаб карда мешуданд, ки на танҳо барои иштироккунандагони мурофиа, балки барои дигар шахсоне, ки иҷрои вазифаҳои муайянро қонун ба зиммашон гузошта буд ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ мекард.

Инчунин, ҷорӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои монеъ шудан ба ҳозир шудани шоҳид бо даъвати мақомоти тафтишотӣ ё суд аз муқаррароти наве буд, ки бо Кодекси ҷиноятии соли 1926 криминализатсия карда шуд.

Ҷиноятҳое, ки ба муқобили адолати судӣ равона карда шуда буданд ва онҳо аз ҷониби шахсони мансабдор содир шудаанд, дар боби III Кодекси ҷиноятии РСФСР аз соли 1926 ҳамчун ҷиноятҳои хизматӣ муқаррар шуданд. Масалан, муқаррарот дар бораи ҳукми беадолатона тағйир дода шуд. Ҷавобгарӣ барои баровардани ҳукми беадолатона нисбат ба Кодекси ҷиноятии соли 1922 кам карда шуд. Кодекси ҷиноятии соли 1922 ва Кодекси ҷиноятии соли 1926 танҳо дар сурати содир шудани ҷинояти баровардани ҳукми беадолатона ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ кардааст. Соли 1926 ба Кодекси ҷиноятии РСФСР тағйирот ворид карда шуд, ки мувофиқи он барои қарору қарорҳои ғайриодилона ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар карда шуд. Ин аз он гувоҳӣ медод, ки бо вуҷуди мавҷуд набудани система, меъёрҳо оид ба ҷиноятҳои зидди адолати судӣ такмил ёфта, муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи адолати судӣ торафт бештар бо қонуни ҷиноятӣ муҳофизат карда мешаванд. Вале қайд накардан мумкин нест, ки бо васеъ кардани таъсири қонуни ҷиноятӣ ба қарори ғайриодилонаи суд, қонунгузор дар айни замон ҷазои моддаи мазкурро ба таври назаррас тағйир дод ва агар пештар барои чунин кирдор ҷазо дар намуди «то ба қатл расонидан» дода мешуд, пас дар таҳрири нави модда ҷазои на камтар аз ду сол аз озодӣ пешбинӣ шудааст. Ҳамин тариқ, қонунгузор эътироф кард, ки хатари ҷамъиятии чунин ҷиноят ба таври назаррас коҳиш ёфтааст. Ё ин ки барои ғайриқонунӣ дастгир кардан ва ғайриқонунӣ овардан то як сол ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ муқаррар карда шуд.

Меъёрҳое, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои содир намудани ҷиноятҳои зидди адолати судӣ аз ҷониби иштирокчиёни мурофиа пешбинӣ мекунанд, пурра таҳия нашудаанд: дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дидаю дониста хулосаи бардурӯғи коршиносӣ, дидаю дониста тарҷумаи бардурӯғ, ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбати ҷабрдида дар ҳолатҳои содир намудани ҷиноят пешбинӣ нашудааст, барои додани шаҳодати бардурӯғ, саркашӣ аз нишондод ва саркашӣ аз ҳозир шудан. Ҷавобгарӣ барои монеъ шудан ба ҳозир шудани коршинос, шоҳид ё тарҷумон ба суд муқаррар карда нашудааст.

Минбаъд низ, қонунгузории умумииттифоқӣ такмили қонунгузории ҷиноятиро бо роҳи ҷиноятикорӣ кардани як қатор амалҳо оид ба ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои зидди адолати судӣ идома дод ва ба

қонунҳои мавҷуда тағйироту иловаҳо ворид намуд.

Давра ба давра қабул гардидани Конститутсияҳои ИҶШС ва Конститутсияҳои давлатҳои иттифоқӣ, боз ҳам нақши ҳокимияти судиро дар ба амал баровардани адолати судӣ мустаҳкам намуд, ки дар заминаи он санадҳои нави кодификатсионӣ қабул шуданд, адолати судиро ҳамчун объекти махсуси ҳимоя қарор дод.

Аз ҷумла, 17.08.1961 КҶ ҶШС Тоҷикистон қабул гардид, ки аз 2 қисм, 11 боб ва 279 модда иборат буда, санаи 01.11.1961с. ҳукми амал пайдо кард.

Бояд гуфт, ки хусусияти фарққунандаи Кодекси ҷиноятии мазкур аз он иборат буд, ки дар он боби алоҳида, боби 8 "Ҷиноятҳо ба муқобили адолати судӣ" муқаррар шуда, моддаҳои 189-203, ро дар бар мегирифт.

Дар он муқарраротҳои алоҳида оиди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шахси бегуноҳро дидаву дониста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан (моддаи 189), дидаю дониста баровардани ҳукм, ҳалнома, таъинот ё қарори ноадлона (моддаи 190), дидаю дониста ғайриқонунӣ ҳабс кардан (моддаи 191), маҷбур намудан ба додани баёнот (моддаи 192), дидаю дониста додани хабари бардурӯғ (моддаи 193), дидаю дониста додани баёноти бардурӯғ (моддаи 194), саркашӣ аз ҳозир шудан ё нахостани додани баёнот ё фикру хулоса ё тарҷума кардан (моддаи 195), айбдоршаванда, шоҳид ё ҷабрдидаро маҷбур кардан ба додани баёноти бардурӯғ ё экспертро маҷбур кардан ба додани фикру хулосаи дурӯғ ё ин ки шахсони мазкурро харида гирифтан (моддаи 196), ошкор кардани маълумоти тафтиши пешакӣ ё таҳқиқи ибтидоӣ (моддаи 197), исрофкунӣ, бегона кардан ё пинҳонкунии молу мулке, ки рӯйхат карда шудааст ё ки ба вай арест гузошта шудааст (моддаи 198), гурехтан аз маҳаллаи бадарғаи ба ҷои муайян (моддаи 199), худсарона баргаштани шахси аз ҷои муайяни бадарғашуда ба ҷойҳое, ки истиқомат дар онҳо ба вай манъ карда шудааст (моддаи 200), гурехтан аз ҷои маҳрумӣ аз озодӣ ё аз ҳабс (моддаи 201), пинҳонкунӣ (моддаи 202), хабар надодан аз ҷиноятҳо (моддаи 203)[5].

Дар муқоиса бо Кодексҳои ҷиноятии солҳои 1922 ва 1926 дар КҶ РСС Тоҷикистон аз 17.08.1961, боби алоҳида доир ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои зидди адолати судӣ муқаррар шуда низоми ин ҷиноятҳо то андозае мукаммал гардонида шуданд.

Аз ҷумла, дар Кодексҳои ҷиноятии солҳои 1922 ва 1926 дар баробари он ки ҷиноятҳои зидди адолати судӣ дар бобҳои гуногун пешбинӣ шуда буданд, инчунин, объекти ягонаи ҳифзро доро набуданд.

Ҳамзамон, дар онҳо ҷиноятҳои зерин: исрофкунӣ, бегона кардан ё пинҳонкунии молу мулке, ки рӯйхат карда шудааст ё ки ба вай арест гузошта шудааст(моддаи 198), гурехтан аз маҳаллаи бадарғаи ба ҷои муайян(моддаи 199), худсарона баргаштани шахси аз ҷои муайяни бадарғашуда ба ҷойҳое, ки истиқомат дар онҳо ба вай манъ карда шудааст(моддаи 200) ба таври бояду шояд муқаррар нагардида буданд.

Хусусияти таъини ҷазо барои ҷиноятҳои мазкур дар асоси КҶ РСС Тоҷикистон аз 17.08.1961 аз он иборат аст, ки барои аксарияти ин ҷиноятҳо ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ, корҳои ислоҳкунӣ ё ҷарима таъин карда мешавад, ҳол он, ки мувофиқи моддаи 21 ҳамин Кодекс дар умум 10 намуди ҷазо пешбинӣ гардида, аммо дар санксияи моддаҳои мазкур ҷазои иловагӣ муқаррар карда нашудааст. Барои мисол, моддаи 189 Кодекси мазкурро меорем, ки он ҷавобгарии ҷиноятиро барои шахси бегуноҳро дидаву дониста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан муқаррар менамояд ва барои он ҷазо дар намуди маҳрум кардан аз озодӣ ба муддати то се сол таъин карда мешавад. Ё ин ки мувофиқи қисми 2 ҳамин модда худи ҳамон ҳаракатҳо, ки бо якҷоягии айбдор кардан дар ҷинояти давлатии махсусан хавфнок ё дигар ҷинояти вазнин ё сунъӣ тайёр кардани далелҳои айбдоркунӣ содир карда шудаанд, бо маҳрум кардан аз озодӣ ба муддати аз се то даҳ сол ҷазо дода мешавад[5].

Дар таффовут бо КҶ РСС Тоҷикистон аз 17.08.1961 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998 бо дарназардошти рукнҳои давлатдории мустақил, ки мувофиқи Конститутсия ҳокимияти судӣ ҳамчун шохаи мустақили ҳокимият эътироф шудааст[6] ва вазифаи он аз ба амал баровардани адолати судӣ тавассути ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо ва қонунияту адолат мебошад,

адолати судиро ҳамчун категорияҳи ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мавриди ҳимоя қарор додааст.

Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998 боби алоҳида бо мақсади ҳифзи ҳуқуқии ҷинояти адолати судӣ бахшида шудааст, ки он боби 32 моддаҳои 345-365-ро дар мегирад[7].

Хусусияти фарқкунандаи Кодекси ҷиноятии қаблӣ аз Кодекси ҷиноятии амалкунанда натанҳо дар самти аришнокии объектҳои аз ҷониби қонун ҳифзшаванда, балки дар мукаммалӣ мушахассият ва низоми онҳо ифода меёбад.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Раҳмон Ю.А. Назорати прокурорӣ. Китоби дарсӣ.-Душанбе: "Ирфон", 2019-С. 25.
2. Рашковская Ш.С. Преступления против правосудия. М.1957.
3. Уголовный кодекс РСФСР 1922 г.
4. Уголовный кодекс РСФСР 1926 г.
5. Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон аз 17.08.1961, бо тағйиру иловаҳо то 1.03.1984.
6. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6.11.1994, бо тағйиру иловаҳо аз 22.05.2016.
7. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998.



**Аннотатсия**

**Ҷиноятҳо ба муқобили адолати судӣ дар Тоҷикистони Шӯравӣ**

Дар мақолаи мазкур таҳаввулоти қонунгузории ҷиноятӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили адолати судӣ дар Тоҷикистони Шӯравӣ, таҳлили қонунгузории умумииттифоқӣ доир ба ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии манфиатҳои адолати судӣ, хусусиятҳои ҳуқуқӣ-ҷиноӣ ва масоили бандубасти ҷиноятҳо ба муқобили адолати судӣ дар Тоҷикистони Шӯравӣ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии марҳилаҳои алоҳидаи таҳаввулоти қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистони Шӯравӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои зидди адолати судӣ ва фикру ақидаи олимон доир ба масоили мазкур мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.



**Аннотация**

**Преступления против правосудии в советском Таджикистане**

В данной статье рассматривается эволюция уголовного законодательства об ответственности за преступления против правосудия в Советском Таджикистане, анализ общесоюзного законодательства о правовой защите интересов правосудия, специфика уголовного права и закрытие преступлений против правосудия, система преступлений против правосудия в Советском Таджикистане, сравнительно-правовой анализ отдельных этапов развития уголовного законодательства Таджикистана Советская Социалистическая Республика об уголовной ответственности и ответственности Эти вопросы были проанализированы.



**Annotation**

**Crimes against justice in Soviet Tajikistan**

This article deals with the evolution of criminal law on liability for crimes against justice in Soviet Tajikistan, the analysis of the All-Union legislation on the legal protection of the interests of justice, the specifics of criminal law and the closure of crimes against justice in Tajikistan, comparative-legal analysis of separate stages of development of the criminal legislation of the Tajik Soviet Socialist Republic on criminal liability and liability. These issues have been analyzed.



**УДК:** 343.131.7

**Собиров Мирали Шералиевич,**
*ассистент кафедры судебного право и прокурорского надзора юридеческого факультета Таджикского национального университета.*
*E-mail: sobirov0505@mail.ru*
*Тел.: (+992) 918-15-05-05.*

# РОЛЬ ПРЕЗУМПЦИИ НЕВИНОВНОСТИ В ОБЕСПЕЧЕНИИ ПРАВОСУДИЯ

***Калидвожаҳо:*** *эҳтимолияти бегуноҳӣ; суд; прокурор; муфаттиш; таҳқиқбаранда; адолати судӣ; мурофиаи ҷиноятӣ; кодекси мурофиаи ҷиноятӣ; ҳуқуқи инсон.*

***Ключевые слова:*** *презумпция невиновности; суд; прокурор; следователь; следователь; правосудие; уголовный процесс; уголовно-процессуальный кодекс; права человека.*

***Keywords:*** *presumption of innocence; court; prosecutor; investigator; investigator; justice; criminal process; code of criminal procedure; human rights.*

Согласно статье 20 Конституции [1], статье 15 Уголовно-процессуального кодекса [2], статье 14 Международного пакта о гражданских и политических правах [3], статье 11 Всеобщей декларации прав человека [4] и ряда других международных актах, «Никто не считается виновным в совершении преступления до вступления приговора суда в законную силу. Согласно этим актам права и свободы человека и гражданина гарантируются и защищаются от любого незаконного и необоснованного посягательства. Презумпция невиновности как уголовно-процессуальный принцип изучается отечественными и зарубежными учеными. Однако следует отметить, что данный принцип недостаточно изучен в юридической науке советского времени, а также в современной юридической науке Республики Таджикистан. Презумпция невиновности на самом деле имеет научное и практическое значение [5, с.49].

Фактически на сегодняшний день не только в Республике Таджикистан, но и за рубежом этот принцип, являющийся ключевым принципом уголовного судопроизводства, до конца не изучен. Несмотря на то, что учеными было предпринято много усилий по этому вопросу, в этой области все еще остаются нерешенные и актуальные вопросы. Если обратиться к уголовно-процессуальному законодательству советского времени, то станет ясно, что принципы уголовно-процессуального права в то время не соблюдались.

Даже некоторые ученые того времени считали презумпцию невиновности ненужным принципом и отвергали его практику. В данном случае именно посредством этого принципа осуществляется справедливое судебное разбирательство в установленном законом порядке.

Следует отметить, что наряду с использованием термина презумпция невиновности имеет место и юридическая презумпция. Понятие юридической презумпции шире, чем презумпция невиновности обвиняемого.

В юридической литературе существуют разные мнения по этому вопросу. По мнению некоторых ученных в Древнем Риме существовала юридическая презумпция, которая подразделялась на следующие виды: презумпция авторитета судьи, презумпция справедливого заключения в обращении с людьми и презумпция истинности заключения суда [6, с.100].

Согласно анализу, российского ученого И.А. Либус юридическая презумпция делятся на следующие виды:

а) презумпция справедливости и целесообразности норм права;

б) презумпция знания закона гражданами;

в) презумпция честности граждан в правоотношениях;

г) презумпция гражданских прав и гражданско-процессуальное право;

д) презумпция уголовного правосудия;

е) уголовно-процессуальная презумпция;

По мнению М.С. Строгович в уголовном производстве есть 3 вида презумпции

а) презумпция знания закона;

б) презумпция справедливости приговора суда;

в) презумпция невиновности [7, с.208-217].

Таджикский ученый Абдуллоев Н.А. считает, что юридическая презумпция прямо или косвенно закрепляется в правовых нормах и может быть разделена на следующие виды: презумпция добросовестности, презумпция знания закона, презумпция правдивости нормативного акта, презумпция отцовства, презумпция правдивости приговора и презумпция невиновности обвиняемого [2, с. 49]. Из этих условий, конечно, предпочтение отдается презумпцию невиновности, и это неспроста. Потому что под этой фразой непосредственно стоят права и свободы человека и гражданина, которые интерпретируются национальными и международными правовыми актами как высшая ценность и считаются самым ценным благом.

С точки зрения юридической презумпции разумно предположить, что он регулирует широкий круг вопросов, каждый из которых требует полного и всестороннего исследования. Презумпция невиновности – это принцип, который не следует рассматривать как двусмысленный или несовершенный и который нельзя игнорировать в уголовном судопроизводстве. В связи с этим нужно отметить, что если приговор вступил в законную силу, то оказывается, что факты, изложенные в уголовном процессе, соответствуют действительности. На самом деле это так. Потому что задача суда - вершить правосудие. И суд не имеет права на ошибку. Вынося приговор, суд должен быть абсолютно убежден в том, что человек действительно виновен и что в его приговоре не должно быть никаких сомнений [8, с. 42].

Вступивший в законную силу приговор должен быть бесспорно справедлив и соответствовать установленному законом порядку. Данный вопрос отражен в уголовно-процессуальном кодексе Республики Таджикистан в главе 1, статье 2, части 3, где указано, что «установленный настоящим Кодексом порядок производства по уголовным делам обеспечивает защиту от необоснованного обвинения и осуждения, от незаконного ограничения прав и свобод человека и гражданина, а в случае обвинения или осуждения невиновного незамедлительную его реабилитацию» [9].

Как было сказано выше, принцип презумпции невиновности закреплен как в национальных, так и в международных актах таким образом, что до тех пор, пока вина не доказана человек является полноправным гражданином страны. По этому поводу Духовский М.В. заявляет, что пока человек не признан виновным, он считается полноправным гражданином страны [10].

Необходимо отметить, что форма этого принципа прописана в этих нормативных актах по-разному, но цель и суть их одна и та же. Фактически лицо признается виновным только после вступления приговора в законную силу, а до этого лицо признается невиновным. Более того, никто не иммет права относиться к человеку как к подозреваемому, так как единственным органом который занимается внесением приговора и объявляющим человека в виновности содеяного является суд.

В соответствии со статьей 20 Конституции Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан в статье 15 всесторонне закрепляет этот принцип. Следует отметить, что презумпция невиновности широко используется и в других областях права. Потому что вопрос вины также является предметом изучения и в других областях права.

Как известно из вышеизложенного, существуют разные виды юридической презумпции, но в статье 20 Конституции Республики Таджикистан и статье 15 Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан речь идет о презумпции невиновности.

Как уже отметили условие вины лица состоит в том, что данное конституционное положение связано только вступившим в законную силу приговором суда. Поэтому, за исключением суда, ни один государственный орган или отдельное должностное лицо не вправе осуждать человека. Если лицу предъявлено обвинение в совершении преступления органом досудебного

расследования, это не означает, что он виновен. Потому что есть вероятность, что в суде вина не будет доказана и человек будет признан судом невиновным. Если задачей лиц, осуществляющих предварительное расследование и предварительное следствие, является установление вины лица, то задачей суда является правильная правовая оценка таких обвинений. Вина лица в совершении преступления от имени государства подтверждается судом только после подведения итогов судебного разбирательства уголовных дел в условиях непосредственного исследования обстоятельств дела, открытости и равноправия сторон спора [11].

Существуют разные мнения о том, к какому субъекту относится этот принцип.

Стоит отметить, что в одних случаях презумпция невиновности распространяется только на обвиняемого, в других на обвиняемого и подозреваемого, в третьих на обвиняемого, подозреваемого и подсудимого, а иногда и просто на любое лицо; в одних случаях лицо «считается» или «предполагается» невиновным, в других «не считается» виновным, в третьих «имеет право считаться» невиновным; в одних случаях обвиняемый считается невиновным до тех пор, пока не доказано обратное, в других до вынесения судом обвинительного приговора, до вступления приговора в законную силу и т. д. Подобного рода, казалось бы, чисто терминологические расхождения скрывают вопросы, которые имеют большое теоретическое и практическое значение [12].

По мнению таджикским ученым, профессором Искандаровым З.Х. «Понятие презумпции невиновности не распространяется только на обвиняемого, поскольку термин «никто» используется в Конституции, Уголовно-процессуальном кодексе и ряде международных документов. Термин «никто» является широким и включает в себя ряд других субъектов, в том числе подозреваемого, обвиняемого и подсудимого. То есть лицо, в отношении которого приговор еще не вступил в законную силу [13].

Что касается презумпции невиновности то существует ряд требований, которые должны быть соблюдены. Прежде всего, при возбуждении уголовного дела органами уголовного преследования – дознавателем, следователем и прокурором, должны быть полностью, всесторонне и беспристрастно исследованы все обстоятельства дела. Это связано с тем, что игнорирование этого принципа может привести к незаконному и необоснованному лишению свободы. Естественно нарушение одного процессуального принципа влечет за собой прекращение всего производства по делу. По этой причине все собранные доказательства должны быть полностью и объективно оценены. Обвиняемый также не обязан доказывать свою невиновность в уголовном процессе. Доказывание вины лица является обязанностью лица, выполняющего функцию обвинения. Даже когда он сознался в преступлении, это не вина человека, как мы уже говорили, единственный орган, который признает и осуждает человека, - это суд. Никакой другой государственный орган или должностное лицо не имеет этой функции.

Другое дело, что приговор не должен основываться на сомнении. В случае домыслов и подозрений лицо должно быть оправдано без объяснения причин.

Сомнения, не устраненные в ходе уголовного судопроизводства, разрешаются в пользу обвиняемого. При подготовке к судебному разбирательству вопрос о виновности подсудимого заранее не решается. В ходе судебного разбирательства судьи обязаны полагаться на презумпцию невиновности и исследовать все доказательства добросовестно, беспристрастно и объективно. Также дознаватель, следователь и прокурор не вправе предоставлять средствам массовой информации до суда достоверную информацию о виновности лица или приговоре и годах лишения свободы, так как само слово презумпция есть подозрение или догадка [14, с.121-129].

Таким образом никто не может быть признан виновным до вступления приговора суда в законную силу, поскольку задержанный, подозреваемый, обвиняемый и подсудимый еще не виновен.

**Список литературы:**

1. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 года с изменениями от 26 сентября 1999 года, 22 июня 2003 года и 22 мая 2016 года [Текст]. – Душанбе: Гандж, 2016. – 64 с.
2. Уголовно-процессуальный кодекс Республики Таджикистан от 3 декабря 2009 года
3. Международный пакт о гражданских и политических правах [Текст] Сборник основных международных и национальных документов по правам человека / Душанбе, 2018.
4. Всеобщая декларация прав человека от 10 декабря 1948 г. [Текст] Сборник основных международных и национальных документов по правам человека / Душанбе, 2018.
5. Абдуллоев Н.А. Эҳтимолияти бегуноҳии айбдоршаванда ҳамчун принсипи мурофиаи судии ҷиноятӣ дар партави лоиҳаи кодекси мурофиаи ҷиноятӣ // Давлат ва ҳуқуқ. №2, 2008.
6. Омельченко, О. А. Основы римского права: Учебное пособие / О. А. Омельченко. -М: Юрид. лит., 1984.
7. Собиров М.Ш. Эҳтимолияти бегуноҳӣ: мафҳум, моҳият ва субъектони баамалбарорандаи он // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. (Маҷаллаи илмӣ-амалии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ) №4 (24). Душанбе, 2021. 280 с
8. Римский статут международного уголовного суда, – статья 66, 1998, –
9. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми апрели 2010.
10. Духовский М.Б. Русский уголовный процесс. – М., 1910. – 448 с
11. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи ҶТ –Душанбе: Шарқи озод, 2009 –520 с
12. Абдрашитов В.М. Актуальные проблемы и вопросы понимания и толкования принципа презумпции невиновности в современном праве // вестник волгоградского государственного университета. сер. 5, юриспруд. 2012. № 2 (17)
13. Собиров М.Ш. Эҳтимолияти бегуноҳӣ принсипи таъминсозандаи ҳуқуқи инсон дар мурофиаи ҷиноятӣ // Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон: мушкилот ва дурнамо (маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба 70-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон). // Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С.– Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. – 247с.
14. Маҳмудов И.Т., Собиров М.Ш. Мафҳум ва моҳияти принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ // Давлатшиносӣ №1, (13) 2019. – 208 с

**Аннотатсия**

**Нақши эҳтимолияти бегуноҳӣ дар таъмини адолати судӣ**

Мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳими хусусияти назариявӣ ва амалӣ доштаи мурофиаи ҷиноятӣ – принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ бахшида шудааст. Вобаста ба принсипи мазкур ҳам дар санадҳои миллӣ ва ҳам дар санадҳои байналмилалӣ меъёрҳои дахлдор оварда шудааст, вале новобаста аз ин муаллиф баъзе проблемаҳоеро, ки ба исботи гуноҳи шахс ва ё бегуноҳии ӯ бахшида шудааст, мавриди таҳлил қарор додааст.

**Аннотация**

**Роль презумпции невиновности в обеспечении правосудия**

Данная статья посвящена одному из важнейших вопросов теоретического и практического характера уголовного судопроизводства - принципу презумпции невиновности. В соответствии с этим принципом соответствующие нормы приведены как в национальных, так и в международных документах, но тем не менее автор анализирует некоторые вопросы, связанные с доказыванием виновности или невиновности лица.

**Annotation**

**The role of the presumption of innocence in ensuring justice**

This article is devoted to one of the most important issues of theoretical and practical nature of criminal proceedings - the principle of innocence. In accordance with this principle, the relevant norms are given both in national and international documents, but nevertheless, the author analyzes some issues related to proving the guilt or innocence of a person.

**12.00.09 – МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ**
**12.00.09 – УГОЛОВНЫЙ ПРОЦЕСС**

**УДК:** 343.131.8



**Раҳматулоев Абдуҷаббор Эргашевич,**
*профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.*
*E-mail: abdujabbor-2603@mail.ru*
*Тел.: (+992) 927-07-35-78.*



**Қаҳоров Насимҷон Мазбутович,**
*номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуи судӣ ва назорати прокурории Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.*
*E-mail: knasim-1985@mail.ru*
*Тел.: (+992) 928-52-07-77.*

## АҲАМИЯТИ ҲАД ВА ҲУДУДИ ИСБОТНАМОӢ ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

***Калидвожаҳо:*** *қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ; ҳолатҳои воқеӣ; муносибати ҳуқуқӣ; таҳқиқбаранда; муфаттиш; прокурор; судя; ҷамъоварӣ; санҷидан; баҳодиҳӣ; далелҳо; исбот; ҷараёни исбот; мавзӯи исбот; ҳодисаи ҷиноят; мурофиаи судӣ; ҳадди исбот.*

***Ключевые слова:*** *уголовно-процессуальный закон; фактические обстоятельства; правоотношения; дознаватель; следователь; прокурор; судя; собирание; проверка; оценка; доказательства; доказывание; процесс доказывания; предмет доказывания; события преступления; судопроизводство; пределы доказывания.*

***Keywords:*** *criminal procedural law; factual circumstances; legal relations; interrogator; investigator; prosecutor; judging; collecting; checking; evaluating; evidence; proving; the process of proving; the subject of proof; the events of the crime; legal proceedings; the limits of proof.*

Ҳадафи мурофиаи ҷиноятиро ба амалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ташкил медиҳад. Ҳалли қонунӣ, асоснок ва одилонаи масъалаҳои мурофиавии ҷиноятӣ бе исботи ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ғайри имкон аст.

Доир ба масъалаҳои исботнамоӣ, нақш ва мавқеи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ дар ҷараёни он, муайян кардани самт ва ҳадди исбот олимони ватанӣ Искандаров З.Ҳ., Раҳматҷонзода Р.Р., Маҳмудов И.Т., Кудратов Н.А., Муҳитдинов А.А., Одинаев И.А., Алиева П.Х., ва дигарон андеша ва хулосаҳои ҷолибро пешбарӣ ва асоснок кардаанд, ки ба такмил дода шудани ин самти фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ хеле муҳиманд. Лекин, таҳлил ва муҳокимаи ин масъалаҳо идома доранд.

Барои муайян кардани мавзӯъ ва ҳадди исбот таҳлили назариявии якчанд масъалаҳо ва атрофи он:

а) муайян карда шудани ҳадди исбот бо натиҷаҳои амалҳои мурофиавӣ;

б) муайян карда шудани ҳадди исбот аз ҷониби мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ;

в) таносуби мавзӯи исбот ва ҳадди исбот ва монанди инҳо, ки аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доранд, боқӣ мемонад.

Тибқи тартиби муқаррркардаи қонун [1] ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ тамоми ҳолатҳое, ки мавзӯи исботро ташкил медиҳанд, бо воситаи амалҳои тафтишотӣ муқаррар карда мешаванд.

Ғайр аз ин, дар мавридҳои пешбиникардаи қонун, мумкин аст, ки ғайр аз натиҷаи амалҳои тафтишотӣ, баробари бо воситаҳои расмиву ҳуқуқӣ муайян шудани як ё якчанд ҳолатҳое, ки бо мавзӯи исбот алоқамандӣ доранд, ҳадди исботнамоӣ то андозаи ниҳоӣ маҳдуд ё тағйир ёбад. Сухан дар

бораи чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, талаб карда шудани маълумот, пешниҳод карда шудани маълумот ва воситаҳои дигари расмӣ меравад, ки натиҷаи онҳо ба муайян карда шудани доираи ҳолатҳое, ки фарогири мавзӯи исбот мебошанд, таъсир мерасонад.

Аз таҳлили ин қоидаҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳолатҳое, ки мавзӯи исботро ташкил дода, асосан бо ёрии амалҳои мурофиавӣ муайян карда мешаванд, ҳадди исботнамоиро нишон медиҳанд. Ба андешаи мо, аз рӯи натиҷаи амалҳои тафтишотӣ ва воситаҳои дигари расмӣ, дар бораи мавҷуд будан ё умуман вуҷуд надоштани ҳолатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамият дошта, хулоса бароварда ҳадди ниҳоии исботро муайян кардан хулосаи бармаҳал аст. Чунки масалан, дар сурати вайрон карда шудани тартиби муқарраркардаи қонун ҳангоми иҷрои амалҳои тафтишӣ, маълумоти ҷамъовардашуда эътибори ҳуқуқии худро гум мекунанд (яъне, далел шуда наметавонанд) ва набояд барои эълон кардани айб ё дар вақти ҳалли масъалаҳои мурофавии ҷиноятӣ, аз ҷумла масъалаи гунаҳгорӣ ё бегуноҳии шахс дар содир кардани ҷиноят ба асос гирифта шаванд. Ба андешаи мо, дар чунин мавридҳо, бояд қоидаҳои умумии мурофиавии ҷиноятӣ оид ба ҷамъоварии далелҳо ба роҳбарӣ гирифта шаванд. Зеро маълумоти воқеӣ, ки бар хилофи тартиби муқарраркардаи қонун ҷамъ оварда шудаанд, қувваи исботнамоӣ надоранд ва набояд аз рӯи онҳо хулоса бароварда шаванд, ё дар асоси онҳо қарори дахлдори мурофиавӣ қабул карда шавад.

Яъне, ҳадду ҳудуди исботнамоӣ низ, бинобар вайрон карда шудани тартиби муқарраркардаи қонун, тағйир меёбад ё номуайян боқӣ мемонад.

Аз ҷониби мақомоти таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ, прокурор ва суд бо ёрии амалҳои тафтишотӣ тартиби исбот карда шудани ҳолатҳои содир шудани ҷиноятро қонун пешбинӣ кардааст. Аммо муқаррар кардани ҳолатҳои дигаре, ки барои ҳалли дурусти парвандаи ҷиноятӣ аҳамият доранд (масалан, ҳолатҳое, ки барои интихоб ва татбиқи чораи пешгирӣ ё чораи дигари маҷбурии мурофиавӣ ба асос гирифта мешаванд; ҳолатҳое, ки иштироки иштирокчиёни муайянро дар мурофиаи ҷиноятӣ истисно мекунанд) дар м.85 Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ (минбаъд – КМҶ ҶТ) ҳатман исбот карда шудани онҳо пешбинӣ нашудааст.

Бинобар ин, натиҷаи амалҳои тафтишотӣ танҳо самти (на ҳадди онро) исботнамоиро сӯи ноил шудан ба ҳадафи он муайян карда метавонад. На танҳо натиҷаи амалҳои тафтишӣ, балки натиҷаи воситаҳои дигари мурофиавӣ низ ба муайян карда шудани ҳадди исбот ёрӣ мерасонанд ва шароит муҳайё мекунанд, лекин онҳо низ нишодиҳандаи ҳадди ниҳоии исбот эътироф намешаванд.

Мувофиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадории исбот кардани ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ба зиммаи мақомоти ваколатдори давлатӣ вогузор шудааст. Лекин, иштироки тарафи манфиатдори мурофиаи ҷиноятӣ – гумонбаршаванда [2, с.270-274], айбдоршаванда, ҳимоятгар [3, с.137], ҷабрдида, айбдоркунанди хусусӣ [4, с.75], даъвогари гражданӣ ва ҷавобгари гражданӣ дар фаъолияти исботнамоӣ манъ нашудааст, баракс қонун иштироки онҳоро кафолат медиҳад [5]. Онҳо метавонанд, мувофиқи тартиби мурофиавии муқарраркардаи қонун аз имкониятҳои ҳуқуқии худ мустақилона истифода намоянд [6, с.79-83]. Аз ҷумла, далелҳо (маълумот) пешниҳод кунанд; бо протоколи амалҳои тафтишӣ, ки бо иштироки онҳо гузаронида шудаанд, шинос шаванд ва ба онҳо эродҳо баён кунанд; бо иҷозати муфаттиш ё таҳқиқбаранда дар амалҳои тафтишӣ, ки тибқи дархости ӯ ё дархости намояндааш амалӣ мешаванд, иштирок кунанд; пас аз анҷоми тафтиш бо ҳамаи маводи тафтишот шинос шаванд, аз онҳо ҳама гуна маълумотро ба андозаи гуногун барои худ рӯйнавис кунанд ва ғайраҳо.

Ҳарчанд уҳдадории исбот ба зиммаи мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ вогузор шуда бошад ҳам, онҳо вазифадоранд ба гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, маҳкумшуда ва иштирокчиёни дигар ҳуқуқҳояшонро фаҳмонанд, ба онҳо имконият фароҳам оваранд, ки бо усул ва воситаҳои муқарарнамудаи қонун мавқеи худро ҳимоя ва асоснок намоянд [7, с.105-112], инчунин ҳифзи ҳуқуқҳои шахсӣ ва молумулкии худро таъмин намоянд. Барои иштирокчиёни манфиатдори мурофиаи ҷиноятӣ низ муайян карда шудани

ҳадди (сарҳад, ҳудуд) исботнамоӣ хеле зарур ва муҳим аст. Дар натиҷаи исботнамоӣ, беасос айбдор ва маҳкум кардани инсон ва шаҳрванд бартараф карда мешавад, ғайриқонунӣ маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон пешгирӣ ва истисно карда мешавад ва дар ҳолати гунаҳгор донистан, ё маҳкум намудани шахси бегуноҳ ӯ бетаъхир сафед карда мешавад. Аз ин лиҳоз, барои муайян кардани ҳадди исботнамоӣ танҳо натиҷаи фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба исбот карда шудани танҳо аломати таркиби ҷиноят ва айби шахс дар содир кардани ҷиноят кофӣ нест.

Агар мақсади исботнамоӣ ин муқаррар кардани ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта бошад, пас он ба таври умумӣ ба ҳадди исботнамоӣ ишора мекунад. Яъне, муқаррар карда шудани ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта, ки мавзӯи исботро ташкил медиҳанд, сарҳад ё ҳаллу ҳудуди умумии исботро нишон додааст. Лекин, ин нуқтаи назар низ баҳснок аст. Чунки доираи ҳолатҳое, ки оид ба ҳар як парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот карда шаванд мураккаб ва васеъ мебошад, ки муқаррар карда шудани онҳо ба самти пешбурди парвандаи ҷиноят таъсири ҷиддӣ мерасонад ва ҳатто метавонад онро тағйир диҳанд, ё боиси қатъ кардан ё боздоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ гардад.

Барои аниқ кардани ҳадду ҳудуди исботнамоӣ (меъёри исбот) зарурати муайян кардани ҳолатҳои дигаре, ки ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ эҳтимолияти асосноки ҷой доштани онҳо пайдо мешаванд, ба миён меоянд.

Дар ҷараёни пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ҳолатҳое муқаррар карда мешаванд, ки ҳарчанд ҳамчун мавзӯи исбот (м.85 КМҶ ҶТ) номбар нашуда бошанд ҳам, лекин барои анҷом додани амалҳои тафтишотӣ, интихоб ва татбиқи чораҳои пешгирӣ асос мешаванд [8, с.62-63], ё барои самаранок ва саривақт анҷом ёфтани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ва ҳалли масъалаҳои мурофиавии ҷиноятӣ ёрӣ мерасонанд ё исботи тамоми ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва мавӯи исботро истисно мекунад ва ғайри имкон мегардонад. Масалан, дар сурати ошкор шудани ҳолатҳое, ки боиси қатъ кардани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ мешаванд, ба исботи ҳолатҳои дигари дар м.85 КМҶ ҶТ пешбинишуда ягон зарурат боқӣ намемонад. Дар чунин ҳолатҳо, ҳадди исбот назар ба мавзӯи исбот хеле маҳдуд мешавад.

Ба андешаи мо, ҳаммаъно донистани мазмуни «мавзӯи исбот» ва «ҳадди исботнамоӣ» нодуруст аст. Ғайр аз ин, ҳадди исботнамоӣ дар марҳилаҳои гуногуни мурофиаи ҷиноятӣ аз хулосаи (қарори) мақомоте, ки пешбурди парвандаи ҷиноятиро ба зимма доранд ва масаълаҳои мурофиавии ҷиноятӣ, ки ҳалли худро меёбанд, вобаста аст. Бинобар ин, ҳадди исботнамоӣ дар марҳилаҳои то судӣ ва дар марҳилаҳои судӣ ягона ва умумӣ нест, онҳо мумкин аст, фарқ кунанд ё тағйир ёбанд.

Аз ин лиҳоз, муҳаққиқон оид ба муайян карда шудани ҳадди исботнамоӣ, паҳлуҳои ҷудогонаи онро таҳлил намуда, ақидаҳои гуногунро пешбарӣ мекунанд [9, с.34-35]. Дар шакли умумӣ, ҳадди исботнамоӣ ин сарҳади тадқиқотии (исботи) ҳолатҳои содир шудани ҷиноят аст, ки берун аз ин ҳудуд исботнамоӣ мазмун надорад ва ба он зарурат ҳам мавҷуд нест.

Аз нуқтаи назари Р.Р. Юлдошев, ҳадди исбот бо мавзӯи исбот муайян шуда, кифоя ва басанда будани далелҳои ҷамъоварда барои қарор қабул кардан оид ба парвандаи ҷиноятӣ мебошад [10, с. 157]. Г.М. Минковский, «мавзӯи исбот» ва «ҳадди исботнамоӣ»-ро ягона медонист [11, с.4]. Ҳадди исботнамоӣ, - қайд кардааст М.С. Строгович - маҷмӯи ҳолатҳо, ки таҳқиқи онҳо ба ҳалли дурусти парвандаи ҷиноятӣ аҳамият доранд, инчунин тамоми далелҳоро дар бар мегирад, ки дар асоси онҳо ҳолатҳои номбаршуда муайян карда мешаванд [12, с.361]. Гурӯҳи дигари олимон, мавзӯъ ва ҳадди исботнамоиро, ҳамчун мафҳумҳои баҳамдигар алоқаманд, ба монанди алоқамандии ҳадаф ва воситаи ба он ноил шудан, маънидод мекунанд [13, с.153]. Ақидаи дигар, ки ба ҳамин масъала дахл дорад, аз ҷониби П.А. Лупинская, асоснок карда шудааст, ки мувофиқи он «маҷмӯи далелҳоеро, ки дар интиҳо барои ҳамаҷониба, пурра ва холисона муқаррар кардани ҳолатҳои (ки мавзӯи исботнамоиро ташкил медиҳанд) ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта, заруранд, ҳадди тадқиқот ё ҳадди исботнамоӣ меноманд [14, с.94].

Ҳамин тариқ, дар қонунгузорӣ аниқ ифода нашудани ҳадди исботнамоӣ, боиси ба миён омадани ақида ва андешаҳои гуногун оид ба маънидод карда шудани хусусияти меъёрии он гаштааст. Барои ҳамин, нуқтаи назари худро оид ба ин масъала пешбарӣ мекунем, ки мувофиқи он ба ҳадди исботнамоӣ дар пайвастагӣ ба мақсади исботнамоӣ баҳо додан мумкин аст:

1) Вазифаи исботнамоӣ он гоҳ иҷрошуда эътироф мешавад, агар ҷой доштани тамоми ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта бо далелҳои аниқ ва боэътимод тасдиқи худро ёфта бошанд. Яъне, ҳам миқдор (маҷмӯъ) ва ҳам мазмуни (сифат) ҳолатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта, ки ба ҳалли асоснок ва дурусти масъалаҳои мурофиавӣ муҳиманд, мувофиқан муқарраркунандаи сарҳади исбот дониста мешаванд.

2) Ҳадду ҳудуди исботнамоиро аз рӯи маҷмӯи (доираи) ҳолатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта, инчунин аз рӯи дараҷа, сатҳ ва натиҷаи тадқиқоти ҳар як ҳолате, ки исбот карда шудааст ва мешавад, муайян кардан мумкин аст. Бинобар ин, ҳадди исботнамоиро танҳо бо мавзӯи исботнамоӣ ё ҳолатҳое, ки оид ба ҳар як парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот карда шаванд (м. 85 КМҶ ҶТ) маҳдуд донистан нодуруст аст. Ба ҳадди исботнамоӣ, ошкор шудани ҳолатҳое таъсир мерасонанд, ки онҳо дар доираи ҳолатҳое, ки мавзӯи исботро ташкил медиҳанд (м.м. 85,90 КМҶ ҶТ), номбар нашудаанд. Ин гуна ҳолатҳоро меъёрҳои дигари мурофиавии ҷиноятӣ муайян мекунанд. Маълум шудани ин ҳолатҳо на танҳо барои самаранок ва сари вақт анҷом ёфтани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, балки ба ҳамаҷониба, пурра ва холисона муайян шудани тамоми ҳолатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта ёрӣ мерасонанд. Баракс инкор кардани ин ҳолатҳо боиси иштибоҳи бандубасти ҳуқуқию ҷиноятии кирдори содиршуда, шитобкорона қабул шудани қарори беасоси мурофиавии ҷиноятӣ, нопурра ва яктарафа муайян шудани ҳолатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта мегардад, ки оқибатҳои онро м. 372 КМҶ ҶТ пешбинӣ мекунад.

3) Вазифаи исботнамоӣ он гоҳ иҷрошуда эътироф мешавад, агар ҳолатҳои дар банди дуюм номбаршуда бо далелҳои қобили қабул, дахлдор, саҳеҳ ва барои хулоса баровардан кофӣ тасдиқи худро ёфта бошанд. Кофӣ будани маълумоти ҷамъовардашуда ҳам аз рӯи миқдор (маҷмӯъ) ва ҳам аз ҷиҳати сифати (мазмуни) маълумоти ҷамъовардашуда, санҷидашударо меноманд, ки мустақилона ё дар маҷмӯъ бо дигар маълумот, ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдоштаро, пурра инъикос (тасдиқ) карда метавонанд.

Сифати маълумоти воқеӣ гуфта, мазмуни маълумотро меноманд, ки қобилияти инъикос ва ё тасдиқ кардан, инкор ё истисно кардани ин ё он ҳолати содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдоштаро ифода мекунад. Яъне, ҷамъ оварда шудани ҳамаи (маҷмӯи) далелҳое, ки мазмуни онҳо бо ҳолатҳои исботшаванда алоқаманд аст, зарур ва ҳатмӣ мебошад. Чи хеле, ки дида мешавад, кофӣ эътироф шудани миқдори маълумоти воқеӣ, аз муқаррар шудани доираи тамоми ҳолатҳои исботшаванда вобаста аст, чунки миқдор бо нишондиҳандаи рақамӣ ифода намешавад.

4) Ба ҳолатҳои «асосӣ» ва «дар байн қарордошта» ё «ёридиҳанда» [15, с.116] ҷудо кардани мавзӯи исботнамоӣ ба маҳдудшавии зоҳирии ҳадди исботнамоӣ оварда мерасонад.

Агар ба ҳолатҳои «асосӣ» ва «дар байн қарордошта», ё «ёридиҳанда» ҷудо кардани мавзӯи исботнамоӣ ба маҳдуд гардидани ҳадди исботнамоӣ оварда расонад, пас аз эҳтимол дур нест, ҷонибдорони ақидаҳои ғалат [16, с.116-117], ки бартарияти мазмуни як далелро нисбати далелҳои дигар, ё қувваи пешакӣ муқарраркунандаи далелҳоро эътироф мекунанд, зиёд гарданд. Ҳол он ки ин гуна ақидаҳо ба талаботи қонун мувофиқат намекунанд, ки тибқи он ягон далел пешакӣ қувваи муайянкунандаро доро нест.

Чӣ тавре, ки дар боло қайд шуда буд, ба гурӯҳҳо ҷудо карда шудани далелҳо, на барои пешакӣ муқаррар кардани қувваи (қобилияти) исботнамоӣ доштани онҳо, балки мақсади дарки хусусият, мазмун, моҳияти онҳо ва мавқеи онҳо дар низоми далелҳои ҷамъовардашударо дорад, ки танҳо ба ташкили самараноки ҷараёни исботнамоӣ ва ҳалли масъалаҳои пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ёрӣ мерасонад.

Аз ин лиҳоз, гуфтан мумкин аст, ки исботнамоӣ ба ҳадди ниҳоии худ нарасидааст, агар:

а) ҳолатҳое маълум нашуда бошанд, ки ба ҳалли парвандаи ҷиноятӣ аҳамият доранд, ё бо далелҳо пурра тасдиқ нашудаанд ё мавриди санҷиш қарор нагирифтаанд;

б) далелҳои ҷамъовардашуда, ки аз рӯи мазмун ин ё он ҳолатро саҳеҳ ва дақиқ муқаррар накарда бошанд;

в) исботи худро ёфтани ҳолатҳои шубҳанок бошад, мухолифи ҳамдигар ё бо маълумоти ҷамъовардашуда номувофиқ;

г) алоқамандии маълумоти воқеӣ бо ҳолатҳои исботшаванда муайян нашуда бошад;

д) дахлдории ҳолати муқарраргашта ба мавзӯи исбот муайян нашуда бошад.

Бинобар ин, зиёд будани миқдори далелҳое, ки ҷамъ оварда шудаанд, ченаку ҳадди исботнамоиро ифода намекунад. Мавҷудияти маълумоти воқеӣ, ки аз рӯи мазмун ба ҳам зид мебошанд, ихтилофҳои ҷойдошта, шубҳанок будани воқеан ҷой доштан ё надоштани ҳолатҳои ба ҳалли дурусти парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта, боиси васеъ гаштани ҳудуди исботнамоӣ мегардад.

Аз ҳадди умумии исбот бештар ҷамъоварӣ шудани далелҳо низ ба тафтишот ва суд халал мерасонанд. Масалан, маълумоте, ки ба ҳолатҳои исботшавандаи парвандаи ҷиноятӣ алоқамандӣ ё дахл надоранд ё ҳолатҳое, ки қаблан бо маҷмӯи далелҳо тасдиқи худро ёфтаанд; маълумот дар бораи ҳолатҳое, ки барои ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ ва ба исботи онҳо зарурат мавҷуд нест; ҳолатҳое, ки бо тартиби мурофиавӣ мавриди санҷиш қарор дода шуда наметавонанд; маълумоте, ки бар хилофи тартиби муқарраркардаи қонун ҷамъ оварда шудааст ва ғайраҳо.

Барои ҳалли ҳар як масъалаи мурофиавии ҷиноятӣ, аз оғози парвандаи ҷиноятӣ то муайян кардани гунаҳгорӣ ва бегуноҳии шахс дар содир кардани ҷиноят ҳадди исбот (доираи ҳолатҳое, ки бояд исбот карда шаванд) ягона ва умумӣ ва дар баъзе ҳолатҳо ҳатмӣ нест. Муайян кардани ҳадди исбот вобаста ба ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ, бо далелҳо исбот карда шудани воқеан ҷой доштани ҳолатҳои муайяни ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта ва дар қонун пешбинишуда, нақши ҳалкунандаро дорад. Масалан, барои хотима ёфтани тафтиши пешакӣ бо тартиб додани фикри айбдоркунӣ ва ё ҳалли масъалаҳои дар м.335 КМҶ ҶТ пешбинишуда, ҳадди исботро тамоми ҳолатҳои дар м.м.85,90 КМҶ ҶТ нишон дода шуда, муайян мекунанд. Барои ҷабрдида эътироф карда шудани шахс ё барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс ба сифати айбдоршаванда ва эълони айб шарт нест, ки ҷой доштани тамоми ҳолатҳое, ки дар м.м.85,90 КМҶ ҶТ муайян шудаанд, исбот шуда бошанд. Барои ҳалли масъалаи интихоб ва татбиқи чораҳои пешгирӣ бошад, ҳадду ҳудуди исботро воқеан ҷой доштани яке аз ҳолатҳои дар м.102 КМҶ ҶТ пешбинӣ шуда, ташкил медиҳад. Тибқи м. 12 КМҶ ҶТ ҷиҳати муҳофизати ҳаёт, саломатӣ, шаъну шараф, обрӯ ва молу мулки онҳо чораҳои пешбининамудаи қонун андешида мешаванд, агар ҳолатҳои таҳдид ва хавфи ба иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин аъзои оила ё хешовандони наздики вай бо куштор, зӯроварӣ, несту нобуд кардан ё осеб расонидан ба молу мулк ё дигар амалҳои ғайриқонунии хавфноки таҳдидкунанда, муайян ё исбот шуда бошанд.

Чи хеле, ки дида мешавад, қонун ченаки умумӣ ва ягона ё доираи ҳолатҳое, ки исботро талаб мекунанд барои ҳама марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ пешбинӣ накардааст, лекин бо далелҳо исбот карда шудани воқеан ҷой доштани ҳолатҳои муайянро барои ҳалли ҳар як масъалаи мурофиавӣ сарҳади ҳатмӣ донистааст. Яъне, барои муайян кардани ҳадди исбот тасдиқи воқеан ҷой доштани ҳолатҳои дар қонун пешбинишуда ва аҳамияти ҳуқуқидошта, ки барои ҳалли масъалаи мурофиавӣ асоси воқеӣ дониста мешавад, муҳим ва ҳатмӣ мебошад.

Ҳадди исбот аз талаботи принсипи ҳамаҷониба, пурра ва холисона исбот карда шудани тамоми ҳолатҳои содир шудани ҷиноят сарчашма гирифта, дар амал татбиқ шудани онро таъмин мекунад, лекин дар вазъияти хосаи тафтишӣ ва зарурати ҳалли масъалаи мурофиавӣ, муайян карда шудани ҳадду ҳудуди исбот аз ҷой доштани ин ё он ҳолате, ки ҳалли масъалаи мурофиавиро муяссар мегардонад, вобаста мешавад.

Ҳамин тавр, вобаста ба тасдиқ ёфтани воқеан ҷой доштани ҳолатҳои муайяни пешбиникардаи қонун оид ба парвандаи ҷиноятӣ, қонун ҳадди исботро барои ҳалли масъалаҳои мурофиавии ҷиноятӣ (аз ҷумла, оғози парвандаи

ҷиноятӣ ё рад кардаи оғози парвандаи ҷиноятӣ, ҷабрдида ё даъвогари граждании эътироф кардан, эълони айб, интихоб ва татбиқи чораҳои маҷбурии мурофиавӣ, татбиқи чораҳои таъмини даъвои гражданӣ, боздоштан ё қатъ кардани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ва ғайраҳо) бо роҳи ҷамъоварии далелҳои тасдиққунандаи онҳо пешбинӣ кардааст.

Дар асоси ҳолатҳои номбаршуда, ҳадди исбот дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ:

1) аз ҷониби мақомоти пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ муайян карда мешавад (таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд);

2) аз ҳалли масъалаҳое, ки ҳадаф ва вазифаҳои мурофиавии ҷиноятиро таъмин мекунанд, вобаста аст. Ҳар як масъалаи мурофиавӣ аз ҳадаф ва вазифаҳои мурофиавии ҷиноятӣ (м. 2 КМҶ ҶТ) сарчашма мегирад, ки ноил шудан ба онҳо ва ҳалли одилонаи онҳо аз исбот шудани доираи муайяни ҳолатҳо вобаста аст;

3) вобаста ба аломатҳои ҷинояти содиршуда ва ҳолатҳои содир шудани он, ки бояд исбот карда шавад, муайян карда мешавад. Ҳар як ҷиноят бо аломатҳо, нишона, тарз, оқибат, дараҷаи хавфнокӣ, ҳолатҳои дигар аз ҳамдигар фарқ мекунанд, ки доираи ҳолатҳои исботшаванда ва ҳадди исботро нишон медиҳанд;

4) бо зарурати исботи ҳолатҳои муайянкардаи қонун, ки барои ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ аҳамият доранд ва аз исбот карда шудани онҳо вобаста аст. Исбот шудани воқеан ҷой доштани ҳолатҳои пешбиникардаи қонун барои ҳалли масъалаҳои муайяни мурофиавӣ, ҳадду ҳудуди исботро муайян мекунад;

5) тағйир ёфтани ҳадду ҳудуди исбот аз исбот шудани ҳолатҳои муайянкардаи қонун ва ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ дар ҳар як марҳилаи мурофиавии ҷиноятӣ, вобаста аст. Исбот карда шудани воқеан ҷой доштани аломати ҷиноят, дараҷаи ба ҷамъият хавфнокӣ, холатҳои дигаре, ки исбот мешаванд, зарурати қабули қарори дахлдор ва исботи ҳолатҳои дигарро ба миён меорад, боиси тағйир ёфтан (васеъ ё маҳдуд шудани ҳадду ҳудуди исбот ё доираи ҳолатҳои муайяншаванда) мегарданд.

Ҳамин тариқ, барои муайян карда шудани сарҳади ниҳоӣ ё ҳадду ҳудуди исбот барои тамоми парвандаҳои ҷиноятӣ ҷорӣ кардани меъёри ягона ва умумӣ ғайриимкон аст.

Бинобар ин, барои муайян кардани сарҳади ниҳоӣ ё ҳадду ҳудуди исбот:

а) марҳилаи пешбурди парвандаи ҷиноятӣ;

б) тасдиқи худро ёфтани воқеан ҷой доштани ҳолатҳои муайянкардаи қонун оид ба парвандаи ҷиноятӣ ва аҳамияти ҳуқуқидошта;

в) мавзӯъ ва мазмуни масъалаҳои мурофиавии ҷиноятӣ, ки бояд қонунӣ, асоснок ва одилона ҳал шаванд, ҳатман ба назар гирифта шаванд.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қонунҳои ҶТ аз 04.07.2020 № 1696, аз 04.07.2020 № 1702, аз 29.01.2021 № 1755, аз 20.04.2021 № 1777.
2. Одинаев И. А. Понятие и процессуальный статус подозреваемого в уголовном процессе // Правоохранительная деятельность ОВД в контексте современных научных исследований: материалы всероссийской научно-практической конференции (Санкт-Петербург, 08.12.2017 г.). Санкт-Петербург: Изд-во СПб ун-та МВД России, 2017. - С. 270–274.
3. Искандаров З.Х. Участие защитника в стадии расследования преступления: проблемы теории, законодательного регулирования и практики. - Душанбе: Ирфон, 1998. -- 137 с.
4. Алиева П.Х. Правовое положение потерпевшего в уголовном судопроизводстве Республики Таджикистан. – Душанбе: Андалеб-Р., 2016. –С.75.
5. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Шарқи Озод, 2016. (м.19).
6. Бахриддинов А.Х. Состязательность и равноправие сторон в уголовном судопроизводстве // Законодательство. - № 4, 2011. –С.79-83.
7. Искандаров З.Х. Обжалование защитником действия дознавателя, следователя и прокурора // Государство и право. - Душанбе. 1996. - №1.- С.105-112.
8. Қобилов Б.Қ. Баъзе масъалаҳои ҳуқуқии татбиқи чораҳои пешгирӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ. –Хуҷанд. 2010. - С.62-63.
9. Искандаров З.Ҳ. Асосҳои фаъолияти адвокатӣ. – Душанбе: Эҷод,2005. – С.34-35.

10. Юлдошев Р.Р. Мурофиаи ҷиноятӣ: Китоби дарсӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – С.157.
11. Миньковский Г.М. Пределы доказывания в советском угловном процессе. - М.,1956. - С.4.
12. Строгович М.С. Курс уголовного судопроизводства. - М.:Наука.,1968.- Т.1. - С.361.
13. Уголовный процесс: Ученик // Под ред. Алексеева Н.С, Лукашевича В.З., Элькинд П.С. - М.,1972.- С.153.
14. Лупинская П.А.Решения в уголовном судопроизводстве: теория, законодательство и практика. - М., 2006.- С.94.
15. Лазарева В.А. Доказывание в уголовном процессе.- М.: Эксмо, 2009. – С.116.
16. Лазарева В.А. Тарафдори ҷудо карда шудани мавзӯи исбот (ҳолатҳое, ки бояд исбот карда шаванд) ба «ҳолатҳои асосӣ» ва «ҳолатҳои ёридиҳанда» мебошад : Лазарева В.А. Асари номбаршуда. - С.116-117.

**Аннотатсия**

**Аҳамияти ҳад ва ҳудуди исботнамоӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ**

Мақола ба таҳлили назариявӣ-ҳуқуқии исбот ва ҳолатҳое, ки мавзӯи онро дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ ташкил медиҳанд, бахшида шудааст. Муаллифон мавзӯъ ва ҳадди исботнамоӣ, муайян карда шудани ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдоштаро мавриди таҳлил қарор дода, таносуби онҳоро бо ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ муайян мекунанд.Ҷолиби диққат аст, ки муаллифон хулоса ва пешниҳоди худро оид ба мавзӯъ ва ҳадди исбот асоснок намуда, қайд мекунанд, ки уҳдадории исбот ба зиммаи мақомоти пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ вогузор шавад ҳам, иштироки тарафҳоро истисно намекунад.

**Аннотация**

**Важность пределов доказательств в уголовном судопроизводстве**

Статья посвящена теоретико-правовому анализу проблем теории доказывания в уголовном процессе; установлению обстоятельств, имеющие заначение по делу, составляющие предмет доказывания. В частности, авторами перечислены проблемы определения пределов доказывания и доказывание обстоятельств, имеющие значение по уголовному делу в соотношении с задачами и целью уголовного судопроизводства. Заслуживает внимания не только обоснованные выводы и заключения авторов о значении предмета и пределов доказывания, но и выводы о том, что определение пределов доказывания является обязанностью органов осуществляющие судопроизводство, но с обязательным участием сторон.

**Annotation**

**The importance of evidence limits in criminal proceedings**

The article is devoted to the theoretical and legal analysis of the problems of the theory of proof in criminal proceedings; the establishment of circumstances that have a meaning in the case, constituting the subject of proof. In particular, the author lists the problems of determining the limits of proof and proving the circumstances that are important in a criminal case in relation to the objectives and purpose of criminal proceedings. Noteworthy is not only the author's reasonable conclusions and conclusions about the meaning of the subject and the limits of proof, but also the conclusions that the determination of the limits of proof is the responsibility of the bodies carrying out the proceedings, but with the obligatory participation of the parties.

**УДК:** 343.983.2



**Салихов Давлатбек Уроқович,**
*сардори шуъбаи криминалистикаи Маркази ҷумҳуриявии экспертизаҳои судӣ ва криминалистии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: d.salikhov@internet.ru*
*Тел.: (+992) 934-52-41-42.*

# АҲАМИЯТИ ДАЛЕЛИИ ХУЛОСАИ КОРШИНОСИ СУДӢ (ЭКСПЕРТ) АЗ РӮИ ТАДҚИҚОТИ ҲУҶҶАТҲОИ ПЛАСТИКӢ ҲАНГОМИ ОШКОР ВА ТАФТИШИ ҶИНОЯТҲО

**Калидвожаҳо:** *далел; коршинос; коршиноси судӣ; таҳқиқ; тадқиқот; ҳуҷҷат; ҳуҷҷатҳои пластикӣ.*

**Ключевые слова:** *доказательство; эксперт; судебный эксперт; дознание; исследовательская работа; документ; пластиковые документы.*

**Keywords:** *proof; expert; forensic expert; inquiry; research work; document; plastic documents.*

Ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми чанд соли охир гузаронида мешавад боиси қабули як қатор қонунҳо дар самти анҷом додани адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, аз ҷумла Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумурии Тоҷикистон гардид, ки дар он принсипҳои конститутсионии ба демократикунонии мурофиаи ҷиноятӣ равонашуда дарҷ шудаанд, ҳамчунин таҳкими кафолатҳои ҳуқуқии шахсият замина ба вуҷуд овард, то ин ки ба падидаҳои алоқаманд бо исботкунӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ, ки яке аз онҳо падидаи экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ мебошад таваҷҷӯҳи хоса дода шавад.

Дар замони муосир бо пешрафт ва тараққиёти илму техника ба якчанд предметҳое воҳӯрдан мумкин аст, ки дар ҷомеаи имрӯза бе истифодаи онҳо ҳаёти инсон душвор мегардад. Дар баробари ин бо истифода аз онҳо имрӯзҳо ҷиноятҳое сар мезанад, ки кушодани онҳо бе истифодаи донишҳои махсус ғайриимкон аст. Махсусан кортҳои пластикӣ.

Шумораи ҷиноятҳои бо истифодаи ҳуҷҷатҳои пластикӣ содиршаванда ҳар сол бетағйир инкишоф ёфта истодааст. Дар кушодани ин намуди ҷиноятҳо коршиносони судӣ мақоми арзанда дорад, зеро хулосаи коршинос дар ин маврид нақши калидиро иҷро менамоянд.

Корти пластикӣ аз нуқтаи назари криминалистӣ ин ҳуҷҷати (аз маводи полимерии пластикӣ омодашаванда, ки дар он маълумотҳои муайянсозандаи корт дохил ва нигоҳ дошта мешавад) аз рӯи таъинот характеристикаи техникӣ ва аз рӯи ташкилотҳои истеҳсолкунандаи он барои иҷрои амалҳои гуногун бо ёрии кортҳои гуногун мебошад.

Айни ҳол ҳуҷҷатҳои пластикии шаклан гуногун аз ҷониби эмитентҳо ниҳоят зиёд дар истифода қарор доранд, ки маҷмӯи гуногуни амалиётҳоро иҷро мекунанд. Дар алоқамандӣ аз вазифа ва шароити мушаххас, ки роҳҳои осон ва зудамалро кортҳои пластикӣ иҷро менамоянд, нафарон метавонанд аз ин ё он намуди корти пластикӣ истифода баранд.

Бо мақсади боз ҳам аниқтар кардани квалификатсияи ҷинояти алоқаманд бо истифодаи кортҳои пластикӣ ва инчунин, боз ҳам дурустар муайян намудани онҳо мафҳумҳои зерин оварда шудаанд:

- ҳуҷҷати пластикӣ – ин маълумоҳои бо реквизит дар маводҳои доранда қайд шудаанд ва имкониятҳои айнияткунонии онро медиҳад;

- ҳуҷҷати электронӣ- ҳуҷҷате, ки дар он маълумот дар шакли электронӣ- рақамӣ пешниҳод шудааст;

- корти пардохткунанда – ин восита барои харид кардани молҳо ё ки истифодаи

хизматрасониҳо, гирифтани пулҳои накд, ки бо воситаи эъририф кардани шарту шароитҳои шартномаи байни эмитент ва истифодабарандаи он баста шудааст, ба амал бароварда мешавад;

- корти ҳисоббаробаркунанда - восита барои ба амалбарории амалиётҳо ба воситаи пуле, ки аз ҷониби дорандаи он дар эмитент ҷой дорад ва бо мувофиқаи қонунгузории ҶТ ва шартнома бо эмитент ба ҳисоб меравад. Эмитенти кортҳои бонкӣ -ташкилотҳои қарзӣ, кортҳои ғайрибонкӣ бошад, шахси ҳуқуқӣ ва ташкилоти ғайрикредитӣ мебошад.

Мафҳуми «корти пластикии бонкӣ» аз рӯи ду ҳолат дида баромада мешавад. Аз як тараф, техникӣ-моддӣ ва аз тарафи дигар, материалӣ ва молиявӣ.

Аз ҷиҳати техникӣ шакли пластикаи росткунҷаро доро буда, дар худ маҷмӯи маълумотҳои муайянро нигоҳ медорад. Аз рӯи таркиби худ ва ҳаҷми элементи кортҳои пластикӣ метавонад, гуногун бошанд, аз ҷумла, ташкилотҳои ғайрибонкӣ[1, с. 11-12].

Бояд қайд намуд, ки аз нуқтаи назари криминалистӣ ин намуди муайянсозӣ пурра нест, зеро он мафҳуми корти пластикиро чун ҳуҷҷат, ки дорои элементҳои ҳимоявӣ мебошад, ифода намесозад.

Дар замони муосир, дар илми ҳуқуқи ватанӣ ифодаи аниқи мафҳуми корти пластикӣ чун предмет ва ё воситаи содиркунии ҷиноят вуҷуд надорад ва аз нуқтаи назари гуногун баён карда мешавад.

Ба мо сабабҳое, ки муайянсозандаи мушкилиҳои ба вуҷудояндаро ташкил медиҳанд,кортҳои пластикӣ чунин гурӯҳбандӣ шудаанд:

-ҷой надоштани стандартҳои ҳатмӣ нисбати кортҳои бонкӣ (мавод, андоза, шакл, роҳҳои воридкунии реквизитҳои гуногун, тарҳ ва ғ.);

-гуногунии кортҳои пластикӣ аз рӯи функсия ва мазмун;

-ҷой надоштани санади ягонаи меъёри ҳуқуқии ифодакунандаи мафҳуми корти пластикӣ чун ҳуҷҷат, раванди танзимкунандаи мурoҷиат ва эмиссия дар муносибатҳои молӣ-пулӣ ва дигар муносибатҳои ҷамъиятӣ.

Дар тавсифи луғати информатика кортҳои пластикӣ бо чунин мазмун оварда шудааст:

- корти пластикӣ- ин дорандаи маълумотҳои физикӣ (физический носитель) буда, маълумотҳо ва амалиётҳоро аз дохили хотираи корт ба таври автоматӣ омода намуда, иҷро менамояд.

Олимони самти ҳуқуқи ҷиноятӣ ба хулосае омаданд, ки кортҳои пластикии ҳисоббаробаркунӣ дар сатҳи маҳдуд омодашудаанд ва онҳоро ҳамчун ҳуҷҷати қоғази қиматнок қабул кардаанд. Аз нигоҳи баъзе аз олимон кортҳои пластикӣ қоғази қимматнок ба ҳисоб намераванд, аммо аз рӯйи таркиби тасдиққунӣ муқаррар ё ба дастории ҳуқуқи моликият ё ин ки тасдиққунӣ ё муқарраркунии ҳамон ухдадориҳои онро ифода мекунанд[2, с 167].

***Ключевые слова:*** *регулирование отношений; компьютерная информация; законодательство; свойства компьютерных преступлений; вредоносные программы; компьютерные вирусы; правовых основ регулирования отношений в сфере компьютерной информации; неправомерное изменение информации.*

***Keywords:*** *regulation of relations; computer information; legislation; characteristics of computer crimes; malware; computer viruses; legal framework for regulation of relations in the field of computer information; unlawful change of information.*

Асосҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикстон таърихи 24 - сола дорад, ки ин ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ имкон медиҳанд, ки бар зидди ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ мубориза баранд. Бо вуҷуди ин, андешидани чораҳои муассир, аз ҷумла, пеш аз ҳама, таҳияи меъёрҳои муқарраркунандаи ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо дар соҳаи иттилоотӣ компютерӣ, таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон, инчунин такмил додани қонунгузории ҷиноятӣ талаб менамояд. Аввалин ҷинояти компютерӣ дар қаламрави собиқ СССР соли 1979 ба қайд гирифта шуда буд [1, с.126]. Ҳодисаи мазкур ба феҳристи байналмилалии ҷиноятҳо муқобили амияти иттилоотӣ дохил карда шуда, дар таҳия ва омӯзиши ин навъи ҷиноят дар кишвари мо асос гузошт.

Бояд тазакур дод, ки ҷиноятҳои компютерӣ бори аввал тақрибан дар охири солҳои 60-ум - ибтидои солҳои 70-ум ба соҳаи назорати иҷтимоӣ ворид шуданд, аммо на дар кишвари мо, балки дар як қатор кишварҳои хориҷӣ, ки технологияи компютерӣ дар бахшҳои гуногуни ҷомеа хеле маъмул буд. Дар тӯли 15-20 соли охир дар натиҷаи компютеркунонии фаъолияти идоракунӣ ва молиявию тиҷоратӣ намудҳои нави ҷиноятҳо пайдо шуданд, ки дар асоси истилоҳоти таҷрибаи ҳуқуқии хориҷӣ, ҳамчун ҷиноятҳои компютерӣ маъруф гардида, ин гуна ҷиноятҳо бо мурури замон ба таври назаррас барзиёд содир шуда, аз доираи назорати мақомоти ваколатдори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ берун рафтааст. Яке аз пурқувваттарин ниҳоди рущд ва паҳншавии ҷиноятҳои компютерӣ, шабакаи ҷаҳонии Интернет гардид. Интернет ба далели дастрас будан ва паҳншавии босуръаташ ба фазои мусоид барои содир кардани ҷиноятҳои гуногун табдил ёфтааст.

Бо вуҷуди ин, дар адабиётҳои илмӣ ақидаҳое низ мавҷуданд, ки бинобар сабаби набудани компютеркунонии васеъ ба ҷамъият хавфнокии ин кирдорҳоро он қадар зиёд ҳам арзёбӣ намекунанд [10, с.40]. Ба андешаи мо то миёнаҳои асри 21 захираҳои иттилоотӣ ба сарвати миллӣ табдил меёбанд ва самаранокии истифодаи онҳо қудрати иқтисодии кишварро дар маҷмӯъ бештар муайян карда, ин гуна ҷиноятҳо, ба амнияти миллии ҳар як давлат таҳдид мекунад.

Бояд қайд намуд, ки аксарияти мамлакатҳои Аврупо аввалин маротиба

меъёрҳои ҳифзкунандаи муносибатҳоро дар соҳаи итиилооти компютерӣ кабул кардаанд. Масалан, дар Шветсия (соли 1973) қонуне қабул шуд, ки кирдори ғайриқонунии тағйир додан, нест кардан ё дастрас кардани сабтҳо аз васоити компютерӣ (сӯистифода аз иттилоот)-ро ҷиноят эълон мекунад. Минбаъд дар ИМА, Британияи Кабир, Австрия, Канада, Дания, Австралия, Фаронса ва дигар кишварҳо оид ба ҷиноятҳои компютерӣ қоидаҳои махсус қабул карда шуданд.

Ҳамин тавр рушди асосҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикстонро ба ду давра ҷудо намудан мумкин аст.

**Давраи якум.** Дар Тоҷикистон дар давраи баъди шӯравӣ (солҳои 1991-1998) ташаккули қонунгузории ҷиноятӣ низ дорои як қатор хусусиятҳо буд. Бояд зикр намоем, ки соли 1998 баъди қабули Кодекси ҷиноятии нави ҶТ мафҳуми «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» мавриди истифода қарор гирифт. Илми ватанӣ бори аввалин расман мушкилоти мубориза бо ҷиноятҳои компютерӣ дар ҶТ-ро дар ибтидои солҳои 1998-ум эълон кард.

Пешниҳод карда шуд, ки ҷиноятҳои компютерӣ, он кирдорҳои барои ҷамъият хавфноке, ки боби 28 КҶ ҶТ ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ (Ғайриқонунӣ даромадан ба иттилоотии компютерӣ, тахриби компютерӣ, тағйир додани иттилооти компютерӣ, ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ, тайёр кардан ва соҳибияти каси дигар додани воситаҳои махсус барои ғайриқонунӣ даромадан ба системаи ё шабакаи компютерӣ, таҳия, истифода ва паҳн кардани барномаҳои зараровар ва вайрон кардани қоидаҳои истифодаи система ё шабакаи компютерӣ), муқаррар кардааст, ифода гардад.

Дар робита ба пайдоиши ва рушди бо суръати ҷиноятҳои компютерӣ, ки ба рушди муътадили муносибатҳои ҷамъиятии соҳаи иқтисодӣ (бо расонидани зарар), таҳдид мекунанд, зарурати тағйир додани меъёрҳои мавҷудае, ки дар боби 28 КҶ ҶТ мавҷуданд, ба миён меояд. Аз ҷумла, он муаммоҳое, ки ҳангоми банду басти ҷиноят ба миён меояд метавон тавассути пурра намудани меъёрҳои қонунгузории амалкунанда ҳал кард.

**Даври дуюми** рушди асосҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикстон аз 1998-2002 шурӯъ мегардад, зеро барои танзими мушаххасӣ ин муносибатҳо як қатор қонунҳо, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» (аз 10 майи соли 2002, № 55), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иттилоот» (аз 2 декабри соли 2002, № 71), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ» (аз 10 майи соли 2002№ 56), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ» (аз 10 майи соли 2002, № 51) қабул гардидаанд. Бо қабули ин қонунҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ, як қатор мафҳумҳои аз лиҳози илмӣ муҳим, аз қабили иттилооти компютерӣ, компютер, шабакаи компютерӣ, барномаи компютерӣ ва базаи маълумот, шарҳ дода шуда хусусияти меъёриро касб намудаанд. Дар баробари ин, муқаррароти асосии марбут ба паҳн кардани иттилоот ва ҳифзи ҳуқуқи муаллифӣ, муайян карда шуданд. Мутобиқи талаботи моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи иттилоот» мафхумхои асосӣ бо мақсади ҳифз намудани ин муносибат муайан карда шудаанд:

1) **иттилоот** – маълумот дар бораи шахс, ашё, воқеаҳо, падидаҳо ва ҷараёнҳо сарфи назар аз шакли пешниҳоди онҳо;

2) **фаъолияти иттилоотӣ** – маҷмӯи амалиётест, ки барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти иттилоотии субъектҳои муносибатҳои иттилоотӣ равона гардидааст;

3) **иттилоот оид ба шахсият** – маҷмӯи маълумоти ҳуҷҷатӣ ё ба таври оммавӣ эълоншуда оид ба шахсият;

4) **системаи иттилоотӣ** – маҷмӯи асноди аз нигоҳи ташкилӣ танзимшуда, ҳаҷми аснод ва технологияи иттилоотӣ, аз ҷумла бо истифодаи воситаҳои техникаи ҳисоббарор ва алоқа, ки ҷараёни иттилоотиро татбиқ месозанд, фаҳмида мешавад.

Минбаъд низ қонуни мазкур танзими муносибатҳоро дар самти;

**Бехатарии иттилоот-** ҳолати ҳимояшавии иттилооти дар системаҳои иттилоотӣ кор карда баромадашуда аз таҳдиди дохилӣ ё берунӣ;

**Дастрасшавии беиҷозат -** ба даст овардани иттилооти ҳифзшаванда аз тарафи субъекти манфиатдор бо вайронкунии ҳуқуқ ё

қоидаҳои дастрасшавии иттилооти ҳифзшаванда, ки ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ ё молики (соҳиби) иттилоот муқаррар кардаанд;

**Фошкунии иттилооти ҳифзшаванда -** беиҷозат расонидани иттилооти ҳифзшаванда ба истеъмолкунандагоне, ки ҳуқуқи дастрас кардани ин иттилоотро надоранд;

**Тағйирдиҳии иттилоот** – дигаргун сохтани иттилоот, ки иҷозати муаллиф ё молики иттилоотро талаб менамояд (танзим менамояд).

Бояд қайд намуд, ки дар моддаҳои 34 ва 35 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» иттилоот объекти ҳуқуқи моликияти давлат, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мебошад. Иттилоот метавонад ҳам дар ҳаҷми пурра ва ҳам танҳо вобаста ба соҳибӣ, истифода ё ихтиёрдорӣ объекти ҳуқуқи моликият бошад [6]. Лозим ба ёдоварист, ки аввалин санади меъёрии ҳуқуқие, ки дар баробари қонунгузории мазкур ин муносибатҳоро танзим мекунанд, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикстон (аз 30 июни соли 1999, № 803) мебошад, ки дар қисми 2, моддаи 140, иттилоотро, ҳамчун неъмату ҳуқуқи молу мулкӣ (молу мулк) пешбинӣ мекунад [5].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ҷиноятҳои компютериро ба ду гурӯҳи васеъ тақсим карданд:

- ҷиноятҳо вобаста ба дахолат намудан ба раванди кории компютерҳо;
- ҷиноятҳое, ки бо истифода аз компютерҳо хамчун воситаи зарурии техникӣ истифода мешаванд [2, с.127].

Категорияи дуюми ҷиноятҳои компютериро низ метавон «ҷиноятҳои марбут ба компютер» номид, дар маҷмӯъ ин ҷиноятҳоро метавон ҳамчун ҷиноятҳое номид, ки бо истифода аз технологияҳои муосир содир карда мешаванд. Дар воқеъ олимони рус В.А. Минаев, В.Д. Курушин ҳардуи ин гурӯҳҳоро аз нуқтаи назари мавзӯи баррасишаванда таваҷҷӯҳ кардаанд. Ба гурӯҳи якуми ин навъи ҷиноят, онҳо, ғайриқонунӣ даромадан ба иттилоотии компютерӣ, тағйир додани иттилоотии компютерӣ, ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоотии компютерӣ, таҳия, истифода ва паҳн кардани барномаҳои зарароварро дохил намудаанд.

Ба гурӯҳи дуюм - «ҷиноятҳое, ки бо истифода аз компютерҳо ҳамчун воситаи зарурии техникӣ истифода мешаванд»-яъне ҷиноятҳое, ки ҳангоми банду басти онҳо бояд ҷиноятҳои воқеии компютерӣ ҷудо карда шаванд. Масалан, ҷиноятҳо вобаста ба масоили поймол кардани ҳуқуқи муаллифии барномасозон (ширкатҳои нармафзор), нобудсозии ҷисмонии компютерҳо ва монанди инҳоро дохил намудаанд.

Пеш аз гузариш ба таҳлили мафҳумҳои мавҷудаи ҷиноятҳои компютерӣ, биёед баъзе таснифоти мавҷудаи ҷиноятҳои компютериро баррасӣ кунем, зеро дар омӯзиши ҳама гуна предмет (ҳодиса) метавонад тавассути таснифоти ин предмет (ҳодиса) кумаки назаррас ба даст овард.

Яке аз маъмултарин таснифоти ҷиноятҳои компютерӣ кодификатори гурӯҳи кории Интерпол мебошад [13, с.504]. Ин кодификатор асоси системаи автоматии ҷустуҷӯи иттилоот буда, ибтидои солҳои 1990 сохта шудааст ва яке аз аввалин намунаҳои ҳамкориҳои байналмилалии ҷаҳонӣ дар ин самт маҳсуб меёбад. Коршиносони хориҷӣ таснифоти гуногуни усулҳои содир кардани ҷиноятҳои компютериро таҳия кардаанд [11, с.192]. Дар зер номҳои усулҳои содир кардани чунин ҷиноятҳо, ки ба кодификатори Котиботи генералии Интерпол мувофиқанд, оварда шудаанд. Соли 1991 ин рамзгузорӣ ба системаи автоматии ҷустуҷӯ муттаҳид карда шудааст ва ҳоло аз Бюрои миллии марказии INTERPOL [4, с.225] дар зиёда аз 100 кишвари ҷаҳон дастрас аст.

Қонунгузории ҷиноятии аксари давлатҳо, ки ҷиноятҳои компютериро тавсиф мекунанд, идентификатори аз ҳарфи Q саршаванда доранд. Барои тавсифи ҷиноят то панҷ кодро истифода бурдан мумкин аст, ки бо тартиби камшавии аҳамияти ҷинояти содиршуда ҷойгир шудаанд;

- QA - дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ;
- QAI - боздошт;
- QD - тағйир додани иттилооти компютерӣ бо истифода аз барномаҳои вирусӣ:
- QUL - бомбаи мантиқӣ;
- QDV - вирусҳои компютерӣ;
- QDW - кирмакони компютер;
- QF - қаллобӣ дар компютер [9, с.5].

Таҳқиқотҳо дар ин самт нишон дод, ки дар айни замон, ба истисноии таснифоти дар

боло зикр гардида, амалан ягон гурӯҳбандии ҷиноятҳои компютерӣ вучуд надорад. Дар баробари ин дар адабиёти илмӣ баъзан андешаҳое низ ҷой доранд, ки усулҳои содир намудани ин ҷиноят бештар аз нуқтаи назари криминалистӣ баррасӣ мешаванд, на аз лиҳози қонуни ҷиноятӣ [8, с.338]. В.В. Крыловым бошад ҷиноятҳои компютериро чунин таснифбандӣ кардааст:

1. Ғайриқонунӣ гирифтани иттилоот ҳамчун мол;

2. Тағйирдиҳии ғайриқонунии иттилоот.

3. Ғайриқонунӣ тағйир додани иттилоот ҳамчун мол бо мақсади истифода аз хусусиятҳои фоиданоки он;

4. Тағйири ғайриқонунии иттилоот ҳамчун маҷмӯи далелҳо;

5. Нобудкунии иттилоот.

6. Тавассути каналҳои телекоммуникатсионӣ паҳн кардани иттилооте, ки ба давлат, ҷамъият ва шахс зарар мерасонад;

7. Таҳия ва паҳн кардани вирусҳои компютерӣ;

8. Ғайриқонунӣ истеҳсол, фурӯш ва ё ба даст овардан бо мақсади фурӯши воситаҳои махсуси техникӣ, ки барои ба таври махфӣ ба даст овардани маълумот таъин шудаанд;

9. Фурӯш ё паҳн кардани кортҳои кредитӣ ё пардохти қалбакӣ [7, с.165].

Дар асоси таҳлили андешаҳои олимони дар боло қайдгардида мо андешаҳои худро вобаста ба масоили мавзӯи баррасишаванда бо омилҳои зерин асоснок менамоем:

1. Бояд қайд кард, ки аксари кирдорҳое, ки дар ин таснифоти В.В. Крыловым ва Пущин В.С баён гардидаанд дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти меъёриро касб накардаанд.

2. Ба андешаи мо аҳамияти амалии таснифоти ҷиноятҳои компютерӣ дар он аст, ки он метавонад барои такмили қонунгузории ҷиноятии кишвар, аз ҷумла, ҳангоми ҳалли масъалаҳои ҷиноятӣ (ҳангоми банду баст) истифода шавад.

3. Бояд тазакур дод, ки ҷиноятҳои компютерӣ бояд аз ҷиноятҳои ҳамшафати худ ҷудо карда шуда, байни намудҳои алоҳидаи ҷиноятҳои компютерӣ дар доираи як гурӯҳи калон, дар асоси объекти бевоситаи ин кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок, фарқият гузошта шавад.

4. Дар ҷомеаи муосири компютерӣ, қариб ҳама ҷиноятҳоро метавон бо ёрии технологияҳои иттилоотӣ содир кард, ба истисноии таҷовуз ба номус.

Бояд қайд намуд, ки дигар самти мавзӯи баррасишаванада ин дар масоили мубрами хусусиятҳои ҷиноятҳои компютерӣ ифода мегардад. Вобаста ба хусусиятҳои ҷиноятҳои компютерӣ бошад андешаҳои гуногун баён гардидааст, масалан Б.В. Здравомыслов хусусиятҳои ҷиноятҳои компютериро чунин тасниф кардааст:

1) якхела будани объекти таҷовуз;

2) гуногунии ашё ва воситаҳои таҷовузи ҷиноятӣ;

4) фаъолияти компютер ҳамчун объект ё воситаи содир намудани ҷиноят [12, с.347].

В.Б. Вехов андешаи Б.В. Здравомысловро ҷонибдорӣ намуда ба хулосае меояд, ки хусусиятҳои ҷинояти компютерӣ бояд ҳамчун амалҳои барои ҷамъият хавфнок, ки қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ кардааст, бо истифода аз технологияи электронии ҳисоббарорӣ (компютер) содир карда мешавад, фаҳмида шавад [3].

Чунин ба назар мерасад, ки мавқеи ишғолнамудаи В.Б. Вехов ва Б.В. Здравомыслов хеле баҳсбарангез аст, зеро объекти ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятӣ аст, на неъматҳои мушаххаси моддӣ. Объекти ҷинояти компютерӣ бошад муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи иттилооти компютерӣ мебошад. Хусусиятҳое, ки В.Б. Вехов пешниҳод кардааст, ба андешаи мо, табиати комилан умумӣ дошта, як навъ созиш байни қонуни ҷиноятӣ ва фаҳмиши криминалистии ҷиноятҳои компютерӣ мебошад. Масалан, ҷосусӣ бо истифода аз технологияи компютерӣ ҷосусии компютерӣ номида мешавад ва аз ҷониби илми криминалистӣ ҳамчун ҷиноятҳои компютерӣ тасниф карда мешавад. Яке аз хусусиятҳои асосии ҷиноятҳои компютерӣ ин таъсирасонанда будани ин кирдор дар инкишофи муносибатҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ ифода мегардад, зеро моҳияти ҳар гуна ҷиноят вайрон кардан, тағйир додан, вайрон гардидани муносибатҳои ҷамъиятӣ, яъне расонидани зарар ба соҳиби маълумот дар рафти содир намудани ҷиноят мебошад. Илова бар ин, хатари ҷамъиятии ин ҷиноят метавонад дар таҷовуз ба кори бехатари компютер,

системаи компютерӣ ё шабакаи онҳо, ки метавонад ба иттилооти дар муҳит ё компютер ҷойгиршуда зарари калон расонад, инчунин боиси оқибатҳои вазнин гардад.

Дар охир як нуқтаи муҳимро мехоҳем қайд намоем, ки бо далели дастрас будани Интернет ва рушди босуръати технологияи муосир моро зарур аст, ки ҷиҳати танзими қонунгузорӣ дар ин соҳа ва ҳамкории зичи байналмилалӣ дар соҳаи иттиллотӣ компютерӣ чораҳои таъхирнопазрро андешем.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Батурин Ю.М. Проблемы компьютерного права. М.,1991. С.126.
2. В.А. Минаев, В.Д. Курушин, Компьютерные преступления и информационная безопасность. М., 1998. С. 127.
3. Вехов В.Б. Компьютерные преступления: Способы совершения и методики расследования / Под ред. Акад. Б.П. Смагоринского. М., 1996; Пашин С.А. Квалификация преступлений в сфере компьютерной информации. 1998
4. Карпов В.С. Уголовная ответственность за преступления в сфере компьютерной информации. Дис. канд. юрид. наук, Красноярск, 2002. - С. 25
5. Кодекси граждании ҶТ (қисми якум) аз 30 июни соли 1999 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат:18.06.2022).
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иттилоот» (аз 2 декабри соли 2002, № 71) Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Захираи электронӣ]. www. mmk. tj. (санаи муроҷиат: 07.06.2022)
7. Крылов В.В. Расследование преступлений в сфере информации. М., 1998. С.164-165.
8. Пособие для следователя. Расследование преступлений повышенной общественной опасности. / Под ред. д.ю.н., проф. Н.А. Селиванова и к.ю.н. А.И. Дворкина. М., 1998. С.338.
9. Пущин В.С. Преступление в сфере компьютерной информации. М., 2000. С.5.( Ин тасниф ҳангоми ирсоли дархостҳо дар бораи ҷиноятҳои компютерӣ тавассути каналҳои Интерпол истифода мешавад).
10. Селиванов Н. Проблемы борьбы с компьютерной преступностью // Законность. 1993. № 8. С.36-40.
11. Старостина Е.В. Защита от компьютерных преступлений и кибертерроризма / Е.В Старостина, Д.Б. Фролов. – М.: Эксмо, 2005. – 192 с.
12. Уголовное право России. Особенная часть: Учебник / Отв. ред. д.ю.н., проф. Б.В. Здравомыслов. 1996. С.347.
13. Шнайдер Г.Й. Криминология: Пер. с нем. / Под общ. ред. с предисл. Л.О. Иванова. – М.: Издательская группа «Прогресс» «Универс», 1994. – 504 с.



**Аннотатсия**

**Танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ**

Имрӯз дар заминаи рушди босуръати техника ва технология масоили таъмини амнияти иттилоотӣ ва технологияҳои компютерӣ тавассути қонунгузории ҷиноятӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки муносибатҳои мазкурро ба танзим медароранд, дар аксари кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Дар доираи мақолаи мазкур рушди асосҳои ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.



**Аннотация**

**Правовое регулирование отношений в области компьютерной информации**

На современном этапе бурного развития техники и технологии одним из наиболее актуальных для многих стран вопросов является проблема обеспечения информационной и компьютерной безопасности посредством уголовно-правовых и иных правовых актов. В рамках

данной статьи рассматривается вопрос о формировании основы правовых отношений в сфере компьютерной информации.

**Annotation**

**Legal regulation of relations in the field of computer information**

At the present stage of the rapid development of technology and technology, one of the most pressing issues for many countries is the problem of ensuring information and computer security through criminal law and other legal acts. Within the framework of this article, the issue of forming the basis of legal relations in the field of computer information.

**12.00.14 – ҲУҚУҚИ МАЪМУРӢ; МУРОФИАИ МАЪМУРӢ**
**12.00.14 – АДМИНИСТРАТИВНОЕ ПРАВО; АДМИНИСТРАТИВНЫЙ ПРОЦЕСС**



**УДК:** 342.9
**Каримов Абдулханон Кадимович,**
*кандидат юридических наук, доцент кафедры административного права и государственной службы Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.*
*E-mail: karimov-ak@mail.ru*
*Тел.: (+992) 915-25-63-73.*

# ОСОБЕННОСТИ АДМИНИСТРАТИВНОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ ЗА НАРУШЕНИЕ КОНКУРЕНТНОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА

***Калидвожа:*** *рақобат; ҷавобгарии ҳуқуқӣ; ҷавобгарии маъмурӣ; рақобати ноодилона; қонунгузорӣ дар бораи рақобат.*
***Ключевые слова:*** *конкуренция; юридическая ответственность; административной ответственность; недобросовестная конкуренция; конкурентного законодательства.*
***Keywords:*** *competition; legal liability; civil liability; unfair competition; competition law.*

Законодательство в области конкуренции предусматривает ответственность за нарушение его норм. Поэтому в современных условиях рыночной экономики юридическая ответственность приобретает особую значимость, поскольку основу экономических отношений между предпринимателями составляет принцип взаимной ответственности, применение которого приводит к дальнейшему развитию конкуренции и защите хозяйствующих субъектов. При этом расширение самостоятельности субъектов предпринимательской деятельности, а также усиление их имущественной ответственности являются важнейшим направлением совершенствования правового регулирования договорных отношений [3, с.227].

Юридическая ответственность в литературе по праву трактуется неоднозначно. При этом юридическая ответственность представляет собой применение к правонарушителю предусмотренной санкцией правовой нормы меры государственного принуждения [4, с.285].

Характер ответственности – это лишь одно из проявлений государственно-принудительной природы юридической ответственности, которые не зависят от воли правонарушителя. Другое проявление ответственности состоит в том, что, используя институт правовой ответственности, государство причиняет правонарушителю указанные в законе лишения и понуждает его к исполнению требований права, оказывает воздействие на правонарушителей, заставляя их подчинится правовым предписаниям. Поэтому в подавляющем большинстве случаев юридическая ответственность без особой деятельности государственных органов невозможна.

Одним из основных видов средств обеспечения свободной конкурентной деятельности являются меры имущественной ответственности, представляющие собой обеспечение государственным принуждением меры, применяемой к хозяйствующим субъектам, допустившим нарушения законодательства в области конкуренции.

При этом за нарушение ими законодательства о конкуренции предусматривается гражданская, административная и уголовная ответственность. В соответствии с законодательством о конкуренции, санкции могут применяться как в судебном, так в административном порядке.

В связи с тем, что нормы о недобросовестной конкуренции в Республике Таджикистан являются частью антимонопольного законодательства,

совершение актов недобросовестной конкуренции следует также считать нарушением данного законодательства. Вместе с тем законодательство Республики Таджикистан содержит смешанную систему определения гражданского правонарушения (составляющего недобросовестную конкуренцию) и ответственности.

Максимальные границы штрафа, взыскиваемого с хозяйствующего субъекта, императивно установлены в Закон РТ «О защите конкуренции» и выражены в величине, кратной показателям для расчетов на момент окончания или пресечения правонарушения [1].

Данную общую норму об ответственности за причинение вреда следует применять в сочетании с вышеупомянутым определением недобросовестной конкуренции, сформулированным в ст. 2 Закон РТ «О защите конкуренции» [1].

Все правоотношения в сфере недобросовестной конкуренции урегулированы данным законом. Это касается и установления видов и порядка привлечения к ответственности за антиконкурентную деятельность. Другими законами, содержащими материальные нормы о недобросовестной конкуренции, устанавливается ответственность. Согласно общей теории права, основанием юридической ответственности служит состав правонарушения, состоящий из следующих объективных и субъектно-психологических элементов: 1) нарушение закона и договора (противоправность); 2) наличие вреда, причиненного правонарушителем; 3) причинная связь между вредом и правонарушением; 4) вина правонарушителя.

Прежде всего, совершение нарушения антимонопольного законодательства влечет применение определенных мер со стороны антимонопольного органа. Основной мерой воздействия, которая применима во всех случаях нарушения антимонопольного законодательства, является выдача предписания о прекращении нарушения. Согласно ст. 28 Закон РТ «О защите конкуренции», в случае нарушения антимонопольного законодательства, хозяйствующие субъекты (их руководители), граждане, в том числе индивидуальные предприниматели, обязаны, в соответствии с предписаниями антимонопольного органа, прекратить нарушение. Ст. 21 данного закона предусматривает правомочие антимонопольного органа давать хозяйствующим субъектам обязательные для исполнения предписания о прекращении нарушений антимонопольного законодательства [1].

Одним из необходимых условий ответственности за недобросовестную конкуренцию является нанесение вреда как последствие правонарушения. Специфика данного условия выражается в том, что вред, как правило, появляется в случае отвлечения клиента потерпевшего хозяйствующего субъекта, что в результате влечет уменьшение прибыли и убытки. Особенность ответственности за недобросовестную конкуренцию заключается в том, что законодательством допускается вероятность причинения будущего вреда [5, с. 23]. Так, в ст. 16 Закон РТ «О защите конкуренции» указывается, что актами недобросовестной конкуренции являются действия, которые могут причинить убытки хозяйствующим субъектам либо нанести вред их деловой репутации [1].

Стимулирующие (штрафные) санкции за совершение недобросовестной конкуренции (неустойка, штраф, пеня) применяются к правонарушителям, независимо от взыскания убытков и компенсации морального вреда. Особенность данных санкций заключается в том, что они устанавливаются не только законодательством (как конфискационные санкции), но и сторонами в договоре и взыскиваются в пользу потерпевшей стороны. Следует отметить, что действующее законодательство Республики Таджикистан о пресечении недобросовестной конкуренции не содержит таких санкций. Однако предприниматели в целях предупреждения данных правонарушений могут самостоятельно предусматривать их в договорах (контрактах).

Таким образом, указанными правовыми актами правонарушения рассматриваются только в связи с наступлением юридической ответственности - как юридический факт, являющийся основанием для привлечения к ответственности.

В Республике Таджикистан функции административного контроля за обеспечением добросовестного соперничества и преследования недобросовестной конкуренции возложены на антимонопольный орган. Так, в соответствии со ст. 21 Закона РТ Закон РТ «О защите конкуренции», основными задачами данных органов являются: предупреждение, ограничение и пресечение монополистической деятельности и недобросовестной конкуренции и государственный контроль за соблюдением антимонопольного законодательства, которое содержит также нормы о недобросовестной конкуренции [1]. Административная ответственность рассматривается как важный способ обеспечения законопослушного поведения предпринимателей, строгого соблюдения ими своих обязанностей [6, с. 4].

В соответствии с Закон РТ «О защите конкуренции», при невыполнении предписания антимонопольные органы имеют право налагать административные штрафы [1]. «Штраф как вид ответственности не является основным методом воздействия и, как правило, применяется не за сам факт нарушения законодательства, а за невыполнение предписаний антимонопольных органов, кроме штрафов за непредставление информации» [7, с.69].

По нашему мнению, есть ряд недостатков в методах установления штрафов на основе величины незаконно полученной прибыли. Это связано со сложностью расчетов, обусловленной отсутствием общепринятых и закрепленных в нормативных актах методологий и невозможностью получить полные и достоверные данные о рыночных процессах, которые часто носят вероятный характер; неприменимостью метода в ситуациях, когда достигнутая в результате нарушения экономическая выгода оказалась ниже запланированной; неприменимостью метода в ситуациях, когда ущерб от нарушения выше полученных нарушителями прибылей; неприменимостью метода, если антимонопольное законодательство предполагает ответственность за действия, совершаемые с намерением ограничить конкуренцию вне зависимости от наступления фактических негативных последствий; необходимостью учета иных факторов, которые могут увеличить величину штрафа свыше суммы незаконно полученных доходов.

В Кодексе РТ об административных правонарушениях так же имеются статьи, направленные на недопущение нарушений конкурентного законодательства должностными лицами органов власти и управления или хозяйствующими субъектами. Согласно ст. ст. 542-558 Кодекса об административных правонарушениях, предусматривается ответственность за нарушение прав и законных интересов предпринимателей, ответственность за случаи воспрепятствования предпринимательской деятельности [2].

Такая ответственность также наступает, согласно ст. 17 Закон РТ «О защите конкуренции», у должностных лиц государственных органов власти, местных исполнительных органов государственной власти и органов самоуправления поселка и села [1]. Административная ответственность наступает в случае неисполнения в определенный срок решения или предписания государственного антимонопольного органа, препятствования должностным лицам государственного антимонопольного органа во время исполнения ими возложенных на них задачи.

Хозяйствующим субъектам, органам власти и управления, их должностным лицам предоставлено право обжаловать любые предписания и решения антимонопольных органов в суд.

Антимонопольные органы не могут принять решения о признании гражданско-правового договора недействительными и взыскивать убытки, причиненные нарушением антимонопольного законодательства, эти функции остаются в компетенции судов.

Антимонопольные органы осуществляют контроль за соблюдением антимонопольного законодательства и преследованием монополистической деятельности. Эти функции возложены на антимонопольные органы как органы исполнительной власти. За данный вид правонарушения основным видом ответственности является административный.

Государственные меры ограничения деятельности должны быть направлены не против монополиста, а против его незаконных

действий, направленных на вытеснение с рынка своих конкурентов, распространение ложной информации и ложной рекламы, их устранение с рынка путём насилия и угрозы, применение демпинговых цен и т.д., которые в результате приносят ущерб его конкурентам и потребителям.

Между тем в предписании антимонопольного органа прежде всего, отсутствует элемент осуждения поведения хозяйствующего субъекта. Основное внимание следует обратить на отсутствие упомянутых негативных последствий для нарушителя и момент возникновения обязанности. Выполнение предписания антимонопольного органа не приводит к ущемлению имущественных прав, уменьшению имущественной базы хозяйствующего субъекта либо иным последствиям, которые сопровождают любую меру юридической ответственности. Предписание о прекращении нарушения не влечет возникновения новых обязанностей, а является мерой пресечения нарушения, средством принуждения к исполнению общей обязанности не осуществлять недобросовестную конкуренцию, то есть обязанности, которая уже существовала до совершения нарушения.

В результате недобросовестной конкуренции, как следует из ее определения и проведенного анализа, всегда наступают последствия либо создается угроза наступления последствий, имеющих имущественный характер.

Во-первых, добросовестные конкуренты оказываются лишенными прибыли, адекватной их усилиям, терпят убытки. Во-вторых, недобросовестный конкурент получает «незаслуженную» прибыль. В-третьих, поскольку итогом конкурентной борьбы является реализация товара, могут пострадать и интересы потребителя. Нарушение интересов может заключаться в приобретении товаров потребительских свойств, не соответствующих ожидаемым, либо в приобретении товара по цене, превышающей ту, по которой товар был бы приобретен в обычных условиях. Так, реализация продукции с незаконным использованием товарного знака создает потребителю помехи в приобретении товара с необходимыми ему свойствами. Однако интересы потребителя страдают не всегда. Например, продукция, изготовленная с нарушением патента, может быть дешевле оригинальной, не уступая при этом ей по потребительским свойствам.

Что касается перечисления в бюджет незаконно полученной прибыли, то такое требование, во-первых, не направлено на восстановление нарушенного субъективного права, компенсацию недополученной прибыли и каким-либо иным образом не связано с частными интересами пострадавшего хозяйствующего субъекта; во-вторых, означает лишение нарушителя определенной части его имущества, при этом нарушителю не предоставляется эквивалентная замена. Так же, как и обязанность устранить последствия нарушения, обязанность перечислить в бюджет незаконно полученную прибыль возникает после совершения нарушения. Кроме того, такое требование может применяться в качестве дополнительной меры наряду с требованиями о прекращении нарушения и об устранении его последствий.

Основанием для рассмотрения дел о недобросовестной конкуренции антимонопольными органами являются заявления субъектов предпринимательства, органов исполнительной власти и органов местного самоуправления, общественных организаций потребителей и представления прокурора, в том числе собственная инициатива антимонопольных органов. Для рассмотрения указанных дел антимонопольные органы создают соответствующие Комиссии, в состав которых входят заместитель начальника антимонопольного органа и два лица из числа его работников. Дела рассматриваются, как правило, в месячный срок с момента получения всех запрошенных материалов. На основании решения, вынесенного Комиссией антимонопольного органа, выдается предписание с конкретным требованием об устранении нарушения и совершения иных действий, выносится предупреждение или взимается штраф. Порядок и особенности применения данных мер ответственности регулируются специальными актами, издаваемыми антимонопольным органом.

Решение (предписание) антимонопольных органов подлежит добровольному исполнению

в установленный в нем срок. В случае его неисполнения антимонопольные органы имеют право обратиться в суд или в экономический суд с требованием о принудительном исполнении предписания в частности о восстановлении положения, существовавшего до нарушения, о признании договора недействительным либо о понуждении к заключению договора, о взыскании в государственный бюджет необоснованно полученной прибыли и т.д. Решение (предписание) антимонопольного органа может быть обжаловано лицами, в отношении которых оно вынесено, в суд или экономический суд с требованием о признании его недействительным либо об отмене или изменении решений о наложении административного взыскания и штрафа. При этом подача жалобы приостанавливает исполнение решения (предписания) до вступления решения суда (экономического суда) в законную силу.

На наш взгляд, целесообразно дополнить перечень субъектов права обжалования в судебном порядке решения (предписания) антимонопольных органов общественными организациями потребителей в целях защиты интересов определенного круга лиц от введения их в заблуждение относительно характера, способа и места изготовления, потребительских свойств, качества товаров, т.е. от одной из форм недобросовестной конкуренции.

С учетом проведенного анализа, представляется возможным сделать следующие выводы и рекомендации.

На наш взгляд, основную роль в создании механизма реализации норм о пресечении недобросовестной конкуренции должны сыграть суды, т.к. именно они компетентны применять более действенные имущественные санкции (в частности, взыскание убытков, конфискация и уничтожение товаров и др.). Как известно, антимонопольные органы такими правами не обладают.

**Список литературы:**

1. Закон РТ «О защите конкуренции» от 30 мая 2017 года №1417.// Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2017 г., №5, ч. 1, ст. 274.
2. Кодексе РТ об административных правонарушениях// Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – 2008. - №12. ч.1. - Ст.990; 2009. - №5. - Ст. 321.
3. Рахимов М.З. Конечный результат предпринимательской деятельности: теория и правовое регулирование. – Душанбе: «Деваштич» , 2007, 294 с.
4. Спридонов Л. И. Теория государства и права. – М., 1999. – 304 с.
5. Волкова Н. Регламентирование недобросовестной конкуренции в праве Франции // Хозяйство и право. - 1995. - № 5. - С. 23.
6. Туманов В.М. Административная ответственность предпринимателя: Автореф. дисс… канд. юрид. наук. – Одесса, 1993.- 20с.
7. Клейн Н. И., Авилов Г. Е., Антимонопольные законы государств Содружества // Законодательства и экономика. - М., 1995. - № 3/4. – 96 с.

**Аннотатсия**

**Хусусиятҳои ҷавобгарии маъмурӣ барои вайрон кардани қонунгузорӣ дар бораи рақобат**

Мақола хусусиятҳои ҷавобгарии маъмуриро барои вайрон кардани талаботи қонунгузории рақобат баррасӣ мекунад. Муаллиф қайд мекунад, ки ин ҷавобгарии маъмурӣ хусусиятҳои хоси худро дорад. Муаллиф хулоса мекунад, ки татбиқи чораҳои ҷавобгарии маъмурӣ барои вайрон кардани қонунгузорӣ оид ба рақобат бояд дараҷаи кофӣ дар таъмини рушди рақобат дошта бошад.

**Аннотации**

**Особенности административной ответственности за нарушение конкурентного законодательства**

В данной статье рассматривается особенности административной ответственности за нарушения требования законодательства о конкуренции. Автором отмечается, что

административное ответственность имеет свои особенности. Автор приходит к выводу, что применение административных санкций за нарушения конкурентного законодательства должно быть достаточным для обеспечения развития конкуренции.

**Annotation**

**Peculiarities of administrative responsibility for violation of competition law**

This article examines the features of legal liability for violations of the requirements of competition law. The author notes that this legal responsibility has its own characteristics. The author comes to the conclusion that the application of administrative sanctions for violations of competition law should be sufficient to ensure the development of competition.

**МИНБАРИ ОЛИМОНИ ҶАВОН** **ТРИБУНА МОЛОДЫХ УЧЁНЫХ**



**УДК:** 340.5

**Абдуғанизода Бахтиёр,**
*ассистенти кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: bakt0820@mail.ru*
*Тел.: (+992) 902-90-90-68.*

# АСОСҲОИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** *асосҳои ҳуқуқӣ; қонунгузорӣ; нақлиёти автомобилӣ; қонунгузории граждани; қонунгузории нақлиётӣ; оиннома; қоидаҳо; низомнома; рушди қонунгузорӣ.*

***Ключевые слова:*** *правовые основы; законодательство; автотранспорт; гражданское законодательство; транспортное законодательство; устав; правила; нормативные документы; разработка законодательства.*

***Keywords:*** *legal bases; legislation; motor transport; civil legislation; transport legislation; charter; regulations; regulations; development of legislation.*

Баъд аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ва гузариш ба муносибатҳои нави иқтисодӣ мавқеъ ва нақши воситаи нақлиёт, махсусан нақлиёти автомобилӣ ва хизматрасониҳои нақлиётӣ дар рушди иқтисоди кишвар муҳим арзёбӣ гардида, механизмҳои танзимӣ-ҳуқуқии он низ мустаҳкам карда шуда, ташаккул ёфтааст.

Нақлиёт таҳкурсии иқтисодиёти ҳар як давлат буда, комплекси ягонаест, ки тамоми намудҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ, тақсимот ва мубодиларо дар бар мегирад. Айни ҳол дар кишвар инкишоф ва такмил додани қонунгузории нақлиёт ба таври ба худ хос сурат мегирад [8, с. 3].

Асосан рушди қонунгузорӣ дар соҳаи ҳамлу нақли бор тавассути воситаҳои нақлиёт ба давраи истиқлолияти давлатӣ рост меояд. Қонунгузории ҳамлу нақли бор тавассути воситаҳои нақлиёт ба таври муқаррарӣ дар ин давра тағйир дода шуда, мукаммал гардидааст. Яке аз санадҳои бунёдие, ки дар рушди муносибатҳои ҳамлу нақли бор тавассути воситаҳои нақлиёт мусоидат менамояд, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 мебошад [9, с. 36].

Воқеан заминаи бунёдӣ ва таҳкурсии низоми қонунгузории кишварро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ҶТ) ташкил медиҳад. Бо ин назардошт, дар Конститутсияи кишвар як зумра меъёрҳое пешбинӣ гардидаанд, ки муносибатҳоро дар самти амалишавии функсияҳои ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти автомобилӣ бавосита ё бевосита танзим менамоянд. Масалан, тибқи м. 12 «давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад» [1, с. 12], ки чунин кафолатдиҳии фазои озоди иқтисодиву соҳибкорӣ дар муносибатҳои ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти автомобилӣ аҳамияти муҳим ва аввалиндараҷа дорад.

Дар ин замина, қонунгузории соҳавӣ бо дарназардошти унсури умумии кафолати амалишавии ҳуқуқи моликият дар самти ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти автомобилӣ муносибатҳои нисбатан мушаххас ва мавзуиро муқаррар менамояд.

Ба сифати санади муҳими танзимкунандаи муносибатҳои ҳуқуқӣ дар самти истифода ва хизматрасониҳои нақлиётӣ Кодекси граждании ҶТ (минбаъд - КГ ҶТ) қисми 2 [2] баромад менамояд, чунки муносибатҳо дар ҷодаи истифода ва амалӣ намудани чораҳои ҳамлу нақл ва дигар хизматрасониҳо тавассути воситаи нақлиёт муносибатҳои шартномавӣ мебошанд, ки аз моҳияти падидаи гражданӣ-ҳуқуқӣ будани соҳаи мазкур шаҳодат медиҳад.

Дар КГ ҶТ муқаррароти мушаххас, аз қабили параграфи 3 боби 33 ба танзими масъалаҳои иҷораи воситаҳои нақлиёт, боби 38 ҳамлу нақл ва боби 39 экспедитсияи нақлиётӣ равона гардидааст.

Боби 38 КГ ҶТ бевосита муносибатҳои шартномавиро доир ба ҳамлу нақли бор, бағоҷ ва мусофиркашонӣ ба танзим дароварда, тавассути воситаи нақлиёти автомобилӣ интиқол додани борро дар заминаи меъёрҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ муқаррар, инчунин асосҳои марказии бавуҷудоӣ, тағйирёбӣ ва қатъгардии муносибатҳои мазкурро танзим менамояд ва ба ин васила ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқии қувваи махсусдошта, дар танзими муносибатҳои мазкур сарчашмаи асосӣ ба шумор меравад.

Дар қ. 1, м. 805 КГ ҶТ мафҳуми умумӣ ва ягонаи шартномаи ҳамлу нақли бор оварда шудааст, ки тибқи он боркашон барои бори аз ҷониби борфиристанда ба ӯ боваркардашударо ба маҳалли таъинот расонидан ва онро ба шахси барои гирифтани бор ваколатдор (боргиранда) супоридан вазифадор аст, дар навбати худ, борфиристанда уҳдадор мешавад, ки барои ҳамлу нақли бор музди муайяншударо пардозад [2]. Чунин мафҳуми шартномаи ҳамлу нақл таҳқурсии амалӣ гардидан ва танзими мушаххасро ба вуҷуд овардан дар қонунгузории соҳавӣ мегардад.

Санади бевоситаи батанзимдарорандаи муносибатҳо дар соҳаи фаъолияти нақлиёти автомобилӣ Кодекси нақлиёти автомобилии ҶТ аз 2 апрели соли 2020, №1689 [3] мебошад. Кодекси мазкур муносибатҳои ҷамъиятӣ ва тартиби амалисозии фаъолиятро дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ танзим менамояд.

Кодекси мазкур муносибатҳоро вобаста ба ҳамлу нақли бор, мусофир, бағоҷ, фаъолияти нақлиётию экспедитсионии байни субъектҳо, новобаста аз шакли моликият, бо мақсади фароҳам овардани шароит барои амалишавии низоми нақлиёти автомобилӣ дар асоси механизмҳои муосир ва мусоидат ба таъмин ва рушди хизматрасонии аз ҷиҳати иқтисодӣ самарабахш танзим менамояд.

Бояд зикр намуд, ки то қабули Кодекси нақлиёти автомобилии ҶТ дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муносибатҳо доир ба амалӣ намудани фаъолият дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ тавассути қонунҳои алоҳида мавриди танзим қарор дода мешуд, ки бо қабули чунин санади кодификатсионӣ қонунҳои мазкур аз эътибор соқит дониста шуданд. Аз ҷумла, Қонуни ҶТ “Дар бораи нақлиёт” аз 29 ноябри соли 2000 [4] ва Қонуни ҶТ “Дар бораи фаъолияти нақлиётию экспедитсионӣ” аз 3 марти соли 2006 [5].

Кодекси мазкур бо фарогирии 18 боб ва 138 модда ба танзими ҳуқуқии муносибатҳо вобаста ба ҳамлу нақли бор, мусофир, бағоҷ, фаъолияти нақлиётию экспедитсионии байни субъектҳо, новобаста аз шакли моликият, бо мақсади фароҳам овардани шароит барои амалишавии низоми нақлиёти автомобилӣ дар асоси механизмҳои муосир ва мусоидат ба таъмин ва рушди хизматрасонии аз ҷиҳати иқтисодӣ самарабахш равона гардидааст.

Масъалаҳои умумии ба танзими муносибатҳои ҳамлу нақл ва фаъолияти нақлиётӣ алоқаманд, инчунин танзими давлатӣ дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ, фаъолияти нақлиётию экспедитсионӣ дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ, талаботи асосӣ нисбат ба ташкил ва амалӣ намудани ҳамлу нақл, ташкили ҳамлу нақли мусофирон ва бағоҷ бо нақлиёти ҷамъиятӣ, хизматрасонии ҳамлу нақли мусофирон ва бағоҷ бо нақлиёти ҷамъиятӣ, ҳамлу нақли фармоишии мусофирон, ҳамлу нақли мусофирон ва бағоҷ бо таксӣ, ҳамлу нақли махсуси мусофирон, ҳамлу нақли мусофирон барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти худӣ, хизматрасонӣ оид ба ҳамлу нақли бор, ҳамлу нақли бор барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти худӣ, ҳамлу нақли бори махсус, ҳамлу нақли байналмилалии мусофирон, бағоҷ ва бор, ташкили фаъолият дар объектҳои инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ, нигоҳдории техникии воситаҳои нақлиёти автомобилӣ, масъулият барои риоя накардани талаботи қонунгузорӣ дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ ва ҳамкориҳои байналмилалии ҶТ дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ дар доираи муқаррароти чунин санади кодификатсионӣ дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ мавриди танзим ва муқаррарнамоӣ қарор дода шудааст.

Санади дигари қонунгузории ба танзими ҳолати ҳуқуқии нақлиёти автомобилӣ ва хизматрасониҳои нақлиётӣ равона гардида, Қонуни ҶТ “Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ” мебошад, ки аз 25 июни соли 2021, №1794 [6] қабул гардидааст. Қонуни

мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии фаъолияти роҳдорӣ, рушди шабакаи роҳҳои автомобилгард ва тартиби истифодаи онҳоро муайян намуда, барои танзим ва идоракунии фаъолияти роҳдорӣ равона гардидааст, ки ҷузъи инфрасохтори фаъолияти нақлиёти автомобилиро ифода менамояд.

Дар танзим ва мушаххаснамоии муносибатҳо оид ба ташкили фаъолияти нақлиёти автомобилӣ нақши Оинномаи нақлиёти автомобилии ҶТ, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 декабри соли 2009, №696 [11] тасдиқ шудааст, муҳим ва аҳамиятнок мебошад. Чунки муносибатҳо дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ тавассути оинномаи мазкур дар шакли васеъ, аз ҷумла бо муқаррар намудани тартиб, шакл, намудҳо, вазъи ҳуқуқӣ, талаботи техникӣ ва масъулият ҳангоми ҳамлу нақли бор мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор дода шудааст.

Оинномаи нақлиёти автомобилӣ асосҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти нақлиёти автомобилии ҶТ, мақом ва нақши онро дар соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёти ҶТ муайян намуда, муносибатҳоро бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, идораҳо, дигар навъи нақлиёт, инчунин муносибати интиқолдиҳандагон ва моликони инфрасохтори нақлиётиро бо борфиристандагон ва боргирандагон, мусофирон, ки ба ҳамлу нақли бору мусофир, бори дастиву бағоҷ ва почта вобастаанд, танзим менамояд.

Бояд зикр намуд, ки бо мақсади мукаммал намудани оинномаи мазкур бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 2 октябри соли 2010, №527, аз 31 октябри соли 2014, №702 ва аз 29 марти соли 2019, №143 ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст.

Ҳамзамон дар танзими муносибатҳои нақлиёти автомобилӣ дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ мавқеи махсусро ишғол менамоянд. Аз ҷумла, дар ин самт қоидаҳо дар шаклҳои ба фаъолияти нақлиёти автомобилӣ алоқаманд қабул ва тасдиқ гардидаанд.

Ҳангоми амалӣ кардани фаъолияти нақлиёти автомобилӣ чандин намуди қоидаҳо истифода мешавад, ки аз ҷониби Вазорати нақлиёти ҶТ тасдиқ карда мешаванд:

- Қоидаҳои ташкили ҳамлу нақли мусофирон, бори дастиву бағоҷ бо нақлиёти автомобилӣ;
- Қоидаҳои ҳамлу нақли борҳо тавассути нақлиёти автомобилӣ;
- Қоидаҳои гузаронидани озмун (тендер) оид ба тақсими хатсайрҳо байни интиқолдиҳандагон;
- Қоидаҳои истифодаи техникии воситаҳои наклёти автомобилӣ;
- Қоидаҳои ташкил ва фаъолияти парковкаи воситаҳои нақлиёт дар ҶТ ва ғайра [10].

Қоидаҳои ҳамлу нақли мусофирон ва бори дастиву бағоҷ бо нақлиёти автомобилӣ дар ҶТ, ки бо фармоиши вазири нақлиёт ва коммуникатсияи ҶТ аз 20 июли 2009, №10 [16] тасдиқ шудааст, ҳамчун санади зерқонунии махсус дар самти батанзимдорорандаи муносибатҳо оид ба ҳамлу нақли мусофирон ва бағоҷ тавассути нақлиёти автомобилӣ маҳсуб мегардад. Қоидаҳои мазкур дар асоси талаботи қонунгузории соҳавӣ тартиби ташкилу ба роҳ мондани ҳамлу нақли мусофирон ва бағоҷро тавассути нақлиёти автомобилӣ муайян менамояд. Ҷиҳати такмили муқаррароти мазкур ба он як маротиба бо фармоиши вазири нақлиёт ва коммуникатсияи ҶТ аз 04 марти 2010, №7 тағйирот ва иловаҳо ворид гардидаанд.

Масъалаҳои тартиби кушодан, дида баромадан ва тартиб додани ҷадвали хатсайрҳои мунтазами ҳамлу нақли автомобилии мусофирон, талабот ба таҷҳизонидан ва ҷойгиршавии истгоҳҳо, ташкил ва муоинаи тиббии ронанда пеш аз сафар (пеш аз қабули баст) дар хатсайрҳои мунтазам ва номунтазами ҳамлу нақли мусофирон ва бағоҷ тавассути нақлиёти автомобилӣ, талабот ба терминалҳо ва тартиби кори онҳо, ташкили раҳнамоии ҳаракати автомобилҳо тавассути танзимгарон, талабот нибат ба интиқолдиҳанда, вобастакунии хатсайр, тартиби ташкил ва гузаронидани озмун барои хизматрасонӣ дар хатсайрҳо, хатсайрҳои мунтазами наздишаҳрӣ ва шаҳрии ҳамлу нақли мусофирон бо нақлиёти автомобилӣ, ҳамлу нақли мунтазами байнишаҳрии (дохиливилоятӣ) автомобилии мусофирон ва бағоҷ, ҳамлу нақли мунтазами байнишаҳрии (байнивилоятӣ) мусофирон бо автобусҳо, ҳамлу нақли мунтазами байналхалқии мусофирон бо нақлиёти автомобилӣ, ҳамлу нақли номунтазами мусофирон, ҳамлу нақли мусофирон бо

автомобилҳои сабукрави таксӣ, ҳамлу нақли гурӯҳи ташкилдодаи кӯдакон дар доираи муқаррароти қоидаҳои мазкур ба танзим даровarda мешавад.

Дар рушди асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии нақлиёти автомобилӣ, махсусан ҳангоми ҳамлу нақли бор Қоидаҳои ҳамлу нақли борҳо тавассути нақлиёти автомобилӣ, ки бо фармоиши вазири нақлиёт ва коммуникатсияи ҶТ аз 13 январи соли 2010, №3 [17] тасдиқ шудааст, муҳим ба шумор меравад, чунки механизми асосии баамалбарории муносибатҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ, яъне шартномавӣ доир ба интиқоли бор дар заминаи муқаррароти санади мазкур ба амал бароварда мешавад.

Бояд зикр намуд, ки қоидаҳои мазкур тибқи талаботи Оинномаи нақлиёти автомобилии ҶТ таҳия гардида, тартиби ҳамлу нақли борро тавассути нақлиёти автомобилӣ муайян менамояд.

Тартиби қабули бор барои ҳамлу нақли автомобилӣ, тартиби тамғазании борҳо, тартиби боркунӣ ва борфурорӣ, тартиби додан, қабул ё тақсимоти бор, тартиби пардохти ҳамлу нақли автомобилии бор, тартиби ба расмиятдарории ҳуҷҷатҳои ҳамлу нақл, тарзи тартиб додани санадҳо, пешниҳод ва баррасии арзу даъвоҳо, махсусиятҳои пешниҳодкунии арзу шикоят ва даъвоҳо ҳангоми ҳамлу нақли автомобилии борҳо, тартиби ҳамлу нақли байнишаҳрии борҳо, тартиби ҳамлу нақли борҳо дар борғунҷҳо бо нақлиёти автомобилӣ, тартиби ҳамлу нақли бор бо пакетҳо, ҳамлу нақли автомобилии намудҳои гуногуни махсулот, ташкили ҳамлу нақли автомобилии шахсони воқеӣ бо таксиҳои боркаш, талаботҳои асосӣ ба ташкили кори ронандаи воситаи нақлиёти боркаш, ҳуқуқ ва ухдадориҳои интиқолдиҳандаи автомобилӣ, ҳуқуқ ва ухдадориҳои борфиристонандаву борқабулкунанда, масъулияти интиқолдиҳандаи автомобилӣ ва таъинотчии ҳамлу нақл ҳангоми ҳамлу нақли автомобилии дохилиҷумҳуриявии борҳо, масъулияти интиқолдиҳандаи автомобилӣ ва таъинотчии ҳамлу нақли автомобилӣ ҳангоми ҳамлу нақли автомобилии байналхалқии борҳо мавзӯи танзими санади мазкурро ташкил медиҳад.

- Ҳамзамон, дар баробари санадҳои болозикр ҳолати ҳуқуқии нақлиёти автомобилӣ ва хизматрасониҳои он тавассути санадҳои зерин ба танзим даровarda мешавад:

- Конвенсия дар бораи ҳамлу нақли байналмилалии мусофир ва бағоҷ, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ аз 6 июни соли 2000, №83 тасдиқ карда шудааст;
- Созишнома оид ба ҳамкории байни давлатҳои аъзои ИДМ дар соҳаи боркашонии байналмилалии автомобилӣ (аз 18 сентябри соли 2003), ки бо қарори Ҳукмати ҶТ аз 4 феврали соли 2004, №44 тасдиқ шудааст;
- Қоидаҳои аз роҳҳои автомобилгард гузаштани воситаҳои нақлиёт бо вазн ва андозаҳое, ки аз меъёрҳои муқарраршуда зиёданд, ки бо қарори Ҳукмати ҶТ аз 29 декабри соли 2006, №779 тасдиқ шудааст;
- Қоидаҳои интиқоли борҳои хатарнок тавассути нақлиёти автомобилӣ, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 4 июли соли 2003, №314 тасдиқ шудааст;
- Қоидаҳои истифодаи роҳҳои автомобилӣ ва ҳифзи онҳо дар ҶТ, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 5 сентябри соли 2002, №93 тасдиқ шудааст.
- Низомномаи иттиҳодияҳои ташкилоти нақлиёти автомобилӣ, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 3 марти соли 2003, №88 тасдиқ шудааст;
- Қарори Ҳукумати ҶТ аз 2 ноябри соли 2007, №540 "Оид ба тасдиқи Низомномаи терминалҳои наздисарҳадии байналмилалии автомобилӣ ва Харитаҳои технологӣ оид ба муайян намудани самтҳои ҳаракати транзитии воситаҳои нақлиёти автомобили байналмилалӣ тавассути қаламрави ҶТ";
- Низомнома оид ба сертификати баркашии воситаҳои нақлиёти автомобилии боркаш, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқоли байналмилалӣ ва маҳаллиро анҷом медиҳанд;
- Низомнома оид ба интиқоли борҳои калонҳаҷм ва вазнин бо воситаҳои нақлиёти автомобилӣ дар роҳҳои автомобилгарди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Қобили зикр аст, ки дар заминаи ташаккул ва рушди танзимӣ-ҳуқуқии нақлиёти автомобилӣ дар ҶТ ва дар маҷмӯъ муайян намудани дурнамои рушди муносибатҳо ва хизматрасониҳои нақлиётӣ бо дарназардошти хусусиятҳои хос, иқтидору захираҳои мавҷудаи соҳаҳои дахлдор ва ҷалби сармояи берунӣ ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ (консепсия,

стратегия ва барнома) мавқеи марказиро ишғол менамоянд.

Ҳукумати ҶТ бо мақсади рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва таъмини амнияти иқтисодӣ дурнамоҳои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии ҶТ-ро бароиояндаи кӯтоҳмуҳлат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат тавассути моделҳои дурнамосозии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва барномаҳо таҳия менамояд [7].

Бо мақсади пешбинӣ намудани маҷмӯи чорабиниҳо ва нақшаҳои мувофиқашуда ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва вазифаҳои умумӣ дар доираи афзалиятҳои сатҳи миллӣ, маҳаллӣ ва соҳавӣ бо дарназардоштани истифодаи босамари захираҳои моддӣ ва молиявӣ барои давраи дарозмуҳлат дар соҳаи нақлиёт, махсусан бо таваҷҷуҳи махсус ба нақлиёти автомобилӣ Барномаи давлатии рушди комплекси нақлиёти ҶТ то соли 2025 бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 апрели соли 2011, №165 [13] тасдиқ гардидааст.

Бояд тазаккур дод, ки Барномаи мақсадноки давлатии рушди комплекси нақлиёти ҶТ то соли 2025 дар асоси таҳлилҳо, хулосаҳои амиқи ояндабинӣ ва барномаи инкишофи ҳамаи таркибҳои маҷмааи нақлиёти ҶТ бо дарназардошти пешбаранда будани маҷмааи нақлиётӣ нисбат ба дигар бахшҳои воқеии иқтисодиёти кишвар таҳия гардида, ба рушди маҷмӯавии нақлиёти кишвар замина мегузорад.

Муқаррар мегардад, ки маҷмааи нақлиёти ҶТ нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан, ҳавоиро муттаҳид сохта, хоҷагии роҳҳои автомобилгардро дар бар мегирад. Вобаста ба шароити хоси табиӣ-иқлимии ҷумҳурӣ, ки 93 фоизи масоҳати онро кӯҳҳо ишғол мекунанд, нақлиёти автомобилӣ нисбат ба дигар воситаҳои нақлиёт дорои бартарияти муҳими стратегӣ, хусусан дар самти таъмини интиқоли мунтазами дохилӣ ва фарогирии ҳамаи минтақаҳои мамлакат мебошад. Аз ин лиҳоз, ба рушди шабакаи роҳҳои автомобилгард ва иншооти он, ки робитаи доимии байни марказ ва минтақаҳои ҷумҳуриро таъмин мекунанд, аҳамияти махсус дода мешавад [13].

Дар маҷмӯъ, метавон зикр намуд, ки барномаи мазкур ба рушди маҷмӯии соҳаи нақлиёти автомобилӣ дар ҶТ заминаи меъёрӣ, ҳуқуқӣ, барномавӣ ва соҳавӣ гузошта, барои давраи то соли 2025 ҳамчун ҳуҷҷати стратегӣ тадбирҳои ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ равонагардидаро пешбинӣ менамояд.

Ҳамзамон, дар самти таҳкими заминаҳои барномавии нақлиёти автомобилӣ Барномаи беҳдошти таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳҳои автомобилгарди ҶТ барои солҳои 2009-2013 бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 2 декабри соли 2008, №598 [14] ва Барномаи беҳдошти таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳҳои автомобилгарди ҶТ барои солҳои 2014-2016 бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 3 июни соли 2014, №372 [15] тасдиқ гардида, ба баланд бардоштани самараи идора, назорати давлатии бехатарии ҳаракат дар роҳ, баланд бардоштани интизоми нақлиётии иштирокчиёни ҳаракат дар роҳ ва монанди ин ҳадафҳо дар самти баамалбарории фаъолияти нақлиёти автомобилӣ замина гузоштанд.

Муқаррар мегардад, ки фаъолияти бонизоми нақлиёт асоси рушди самараноки иқтисодиёти давлат ба ҳисоб рафта, таъмини амнияти нақлиётӣ ба раванди фаъолияти он ҳамаҷониба мусоидат мекунад, зеро фаъолияти бехатар ва зарурии системаи нақлиётӣ ба амнияти иқтисодӣ, ҳарбӣ, технологӣ, экологӣ ва иҷтимоии давлат бевосита таъсир мерасонад.

Стратегияҳои миллии рушди ҶТ барои давраҳои то солҳои 2015 ва 2030 дар ташаккул ва таҳкими соҳаи нақлиёти автомобилӣ дар ҶТ ҳамчун асосҳои танзимӣ-ҳуқуқии махсус баромад менамоянд. Ҷунки маҳз дар заминаи ҳуҷҷатҳои стратегии мазкур вазъи кунунӣ, мушкилот, роҳҳои ҳал ва дурнамои ташаккули соҳаи нақлиёти автомобилӣ муқаррар, муайян ва дар амал татбиқ гардид. Аз ҷумла, бевосита дар заминаи Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2015 дар бахши нақлиёт 38 лоиҳаи сармоягузорӣ амалӣ шуданд, ки дар натиҷа 2000 км роҳи автомобилгард, 240 пул, 132 км хатти роҳи оҳан, 31,5 км нақб ва долонҳои зиддитарма ба истифода супорида шуданд. Тавассути бунёд ва таъмири роҳҳо, пулу нақбҳо ва дигар инфрасохтори нақлиётӣ рафтуомад, боркашонӣ ва тиҷорати дохиливу байналмилалӣ осон ва дастрас гардид, ки ҳамаи ин барои аз бунбасти коммуникатсионӣ баромадани кишвар мусоидат намуд. Долонҳои транзитӣ ва хатсайрҳои интермодалӣ бунёд шуданд, ки имрӯз алоқаи кишварҳои ИДМ-ро бо Афғонистон, Покистон, Ҳиндустон ва дигар давлатҳои ин минтақа таъмин мекунанд [12].

Қобили зикр аст, ки дар Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ аз 1 декабри соли 2016, №636 тасдиқ шудааст, ба рушд ва ташаккули соҳаи нақлиёт дар ҶТ барои давраи дарозмуҳлат тадбирҳои амалӣ, ҳуқуқӣ ва инфрасохторӣ пешбинӣ гардидааст, ки заминаи танзимӣ-ҳуқуқии соҳаи нақлиёти автомобилиро мустаҳкам менамояд.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. – Душанбе: «Ганҷ», 2016. – 64 с.

2. Кодекси граждании ҶТ (қисми дуюм) аз 11 декабри соли 1999, №884 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. 1999. №12. Мод. 323; 2002. №4, қ.1. Мод. 170; 2006. №4. Мод. 193; 2009. №12. Мод.821; 2010. №7. Мод. 540; Қонуни ҶТ аз 03.07.2012с., №849; Қонуни ҶТ аз 22.07.2013с. №977.

3. Кодекси нақлиёти автомобилии ҶТ аз 2 апрели с. 2020, №1689 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 28.04.2022).

4. Қонуни ҶТ "Дар бораи нақлиёт" аз 29 ноябри соли 2000 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2000, №11, мод. 507; с. 2004, №7, мод. 466; с. 2007, №7, мод. 674; с. 2013, №12, мод. 894.

5. Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти нақлиётию экспедитсионӣ" аз 3 марти соли 2006 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2006, №3, мод.155.

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ" аз 25 июни соли 2021, №1794 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 28.04.2022).

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2018, №1544 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 04.05.2022).

8. Егиазаров В.А. Транспортное право: учебник (8-е издание, дополненное и переработанное). – М.: «Юстицинформ», 2015. – 271 с.

9. Кудбудинов Ф.Ш. Масъалаҳои шартномаи ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти роҳи оҳан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон:дисс. ... ном. илм. ҳуқ. – Душанбе, 2019. – 174 с.

10. Ғафуров А.Д., Бадалов Ш.К., Сафаров Д.С., Сафаров А.И. Ҳуқуқи нақлиёт: васоити таълимӣ. – Душанбе, 2012. – 200 с.

11. Оинномаи нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 декабри соли 2009, №696 тасдиқ гардидааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 03.05.2022).

12. Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030 бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ аз 1 декабри соли 2016, №636 тасдиқ шудааст // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 04.05.2022).

13. Барномаи давлатии рушди комплекси нақлиёти ҶТ то соли 2025 бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 апрели соли 2011, №165 тасдиқ гардидааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 04.05.2022).

14. Барномаи беҳдошти таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳҳои автомобилгарди ҶТ барои солҳои 2009-2013 бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 2 декабри соли 2008, №598 тасдиқ гардидааст //

Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 04.05.2022).

15. Барномаи беҳдошти таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳҳои автомобилгарди ҶТ барои солҳои 2014-2016 бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 3 июни соли 2014, №372 тасдиқ гардидааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 04.05.2022).

16. Қоидаҳои ҳамлу нақли мусофирон ва бори дастиву бағоҷ бо нақлиёти автомобилӣ дар ҶТ аз 20 июли с. 2009, №10 бо фармоиши вазири нақлиёт ва коммуникатсияи ҶТ тасдиқ гардида, дар вазорати адлияи ҶТ таҳти №255 "ғ" аз 31 июли с. 2009 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 03.05.2022).

17. Қоидаҳои ҳамлу нақли борҳо тавассути нақлиёти автомобилӣ, ки бо Фармоиши Вазири нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 январи соли 2010, №3 тасдиқ шуда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2010, №580 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 03.05.2022).

**Аннотатсия**

**Асосҳои танзими ҳуқуқии нақлиёти автомобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Нақши нақлиёти автомобилӣ дар рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ муҳим буда, ин навъи фаъолият ҷузъи асосии инфраструктураи истеҳсолӣ мебошад. Зиёда аз 90 фоизи ҳамлу нақли бору мусофир дар дохили ҷумҳурӣ тавассути нақлиёти автомобилӣ сурат мегирад. Рушди муносибатҳои бозорӣ, соҳибкории хурду миёна, ки бо ҳамлу нақли бор бо нақлиёти автомобилӣ алоқаманд аст, рушди ҳамаҷонибаи муносибатҳои шартномавиро оид ба ҳамлу нақли бор тавассути автомобил тақозо мекунад.

Дар ин замина, ҷиҳати таҳким ва рушди фъолияти мазкур дар кишвар таҳқиқ ва муайян намудани асосҳои танзимӣ-ҳуқуқии он муҳим ба шумор меравад, чунки маҳз дар заминаи муқаррароти қонунгузорӣ фаъолият ва хизматрасонии нақлиётӣ дар чаҳорчӯбаи низомнок муайян ва кафолат дода мешавад. Бо ин назардошт, дар мақолаи мазкур санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ дар соҳаи нақлиёти атомобилӣ бо дарназардошти давраҳои ташаккул мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, зинабандӣ гардидаанд.

**Аннотация**

**Основы правового регулирования автомобильного транспорта в Республике Таджикистан**

Роль автомобильного транспорта важна в развитии экономики страны, и этот вид деятельности является ключевым компонентом производственной инфраструктуры. Более 90% грузовых и пассажирских перевозок внутри страны осуществляется автомобильным транспортом. Развитие рыночных отношений, малого и среднего бизнеса, связанного с перевозкой грузов автомобильным транспортом, требует комплексного развития договорных отношений по перевозке грузов автомобильным транспортом.

В этом контексте для укрепления и развития этой деятельности в стране важно изучить и определить ее нормативную базу, так как именно на основе законодательства деятельность и транспортные услуги определяются и гарантируются на системной основе. С этой целью, в этой статье изучены и учтены нормативные правовые акты Республики Таджикистан в области атомного транспорта с учетом этапов формирования.

**Annotation**

**Fundamentals of legal regulation of road transport in the Republic of Tajikistan**

The role of road transport is important in the development of the country's economy, and this type of activity is a key component of the production infrastructure. More than 90% of freight and passenger

transportation within the country is carried out by road. The development of market relations, small and medium business, which is associated with the transportation of goods by road, requires the comprehensive development of contractual relations for the transportation of goods by road.

In this context, in order to strengthen and develop this activity in the country, it is important to study and identify its regulatory framework, as it is on the basis of the legislation that the activities and transport services are defined and guaranteed in a systematic manner. With this in mind, in this article the regulatory legal acts of the Republic of Tajikistan in the field of nuclear transport have been studied and taken into account, taking into account the stages of formation.



**УДК:** 341.96
**Давлатов Насимҷон Маҳмадҷонович,**
*унвонҷӯи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: nasimjon.19941994@mail.ru*
*Тел.: (+992) 933-88-88-44.*

# МАФҲУМИ ШАРТНОМАИ ХАРИДУ ФУРӮШИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МОЛ

***Калидвожаҳо:*** *шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол; савдои хориҷӣ; харидор; фурӯшанда; мол; уҳдадориҳо; қонунгузорӣ.*

***Ключевые слова:*** *договор международной купли-продажи товаров; внешняя торговля; покупатель; продавец; товар; обязательства; законодательство.*

***Keywords:*** *contract for the international sale of goods; foreign trade; buyer; seller; goods; obligations; legislation.*

Шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол яке аз муҳимтарин шартномаҳои савдои беруна ба ҳисоб меравад. Яке аз воситаҳои асосие, ки ҳангоми барқарор намудан ва татбиқи муносибатҳо дар соҳаи савдои байналмилалӣ истифода мешавад, шартномаи хариду фурӯши байналмилалӣ мебошад. Таҷрибаи муосири байналхалқӣ бастани шартномаҳои хариду фурӯш дар роҳи инкишоф ва мураккабии онҳо мебошад. Меъёрҳои миллии қонунгузории давлатҳои гуногун дар танзими бастан, иҷро, тағйир додан ва қатъ намудани шартномаи хариду фурӯши байналмилалӣ тафовути зиёде доранд [4, с. 21]. Зимни бастан ва иҷрои маҳз ҳамин гуна шартнома мубодилаи савдои берунии молҳо ба амал бароварда мешавад, ки қисми асосии савдои берунии Тоҷикистонро ташкил медиҳад.

Дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ ин намуди шартномаро чун анъана шартномаи хариду фурӯши савдои хориҷӣ ё шартномаи хариду фурӯш (таъминот) дар савдои хориҷӣ меноманд. Аммо мафҳумҳои «харид ва фурӯши тиҷорати хориҷӣ» ва «таъмини савдои хориҷӣ» ҳаммаъно дониста шуданд. Олимон оид ба масъалаи истифодаи ибораҳои “Шартномаи хариду фурӯши байналмиллаии мол”, “Шартномаи тиҷорати беруна”, “Шартномаи савдои байналмилалии мол” номҳои мухталифро мавриди истифода қарор додаанд. Масалан, Ш.С. Абдулов мафҳуми ибораи “Шартномаи фурӯши байналмилалии мол” ва “Шартномаи тиҷорати хориҷӣ”-ро истифода намудааст [1, с. 42-43]. А.Ю Бушев бештар ба ибораи “Шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол” такя кардааст [9, с. 78]. Т.С. Угрин ибораҳои “Шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол” ва “Шартномаи савдои беруна”-ро истифода намудааст [12, с. 16].

Ба андешаи В.Ш. Чан фурӯши байналмилалӣ ё хариду фурӯш ба маънои “байналмилалӣ”, як навъи муомилоти тиҷоратии байналмилалӣ буда, дар айни замон як навъи хариду фурӯш дар маҷмӯъ аст [13, с. 10].

Дар хусуси истилоҳи «шартномаи фурӯши байналхалқии мол» ва «шартномаи хариду фурӯши савдои берунӣ» ҳаминро қайд кардан мумкин аст, ки онҳо ба таври раднашаванда маънои умумӣ доранд. Истилоҳи «шартномаи хариду фурӯши савдои хориҷӣ» мавқеи як давлатро ифода мекунад: иштироки ҳар як ҳукумат, шахсони воқеӣ ё ҳуқуқии он дар савдои байналмилалӣ фаъолияти тиҷорати хориҷии онҳо мебошад, ки бо бастани шартномаи савдои хориҷӣ ба расмият дароварда мешавад. Ҳамин фаъолият аз нуқтаи назари ду ё зиёда давлатҳо фаъолияти тиҷорати байналмилалӣ хоҳад буд. Дар адабиётҳо бештар истилоҳи «шартномаи фурӯши байналмилалӣ» истифода шудааст, зеро он масъалаҳои таҳқиқшавандаро дурусттар инъикос мекунад [3, с. 8-9].

Новобаста аз ин, ибораи “Шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол” мафҳуми маъмулӣ буда, аз ҷониби аксари муҳаққиқон истифода гардидааст. Бинобар ин, истифодаи ибораи мазкур ба андешаи мо мувофиқи мақсад

мебошад. Дар ин хусус А.Ю. Бушев низ дуруст қайд намудааст, ки мафҳуми "шартномаи хариду фурӯш" ҳамчун мафҳуми умумӣ мебошад, ки намудҳои гуногуни хариду фурӯшро дар бар мегирад, ки аз ҳамдигар аз рӯи мавзӯъ ва таъинот, таркиби предмет ва дигар хусусиятҳо фарқ мекунанд. Агар мазмуни шартномаи хариду фурӯш хусусияти ягон унсури ухдадориро инъикос накунад, чунин шартнома одатан дар сарчашмаҳои ҳуқуқ фарқ карда намешавад, бар хилофи дигар намудҳои хариду фурӯщ, аз ин рӯ он тибқи қоидаҳои шартнома танзим карда мешавад. Барои фарқ кардани ин навъи шартномаи хариду фурӯш аз дигар навъҳои он, ки дар илми ҳуқуқ, қонунгузорӣ ва амалия номҳои ба таври умум эътирофшуда доранд: шартномаи хариду фурӯши чакана, шартномаи таъминот, шартномаи таъмини энергия ва ғайра метавон истифода бурд [9, с. 78].

Шартномаҳои мазкур бо навъҳои гуногуни шартномаҳои пудратӣ - муомилотҳое, ки ба иҷрои корҳо ва расондани хизматҳои вобаста ба таъминоти мошину таҷҳизот нигаронида шудаанд, зич алоқаманд аст. Иҷрои ин намуди шартнома бастани шартномаи боркашонӣ ва суғурта ва аксаран шартномаи литсензиониро дар назар дорад, ки бо мақсади таъмини истеҳсоли мол аз рӯи шартномаи фурӯши байналмилалии мол баста мешавад. Моҳияти иқтисодӣ ва мазмуни ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯш ҳам дар муомилоти тиҷоратии дохилӣ ва ҳам дар соҳаи савдои байналмилалӣ бетағйир мемонад. Дар сатҳи ҳуқуқи фурӯш шакли ҳуқуқии гузаштани ҳуқуқи моликият ба объект аз бегонакунанда - фурӯшанда ба харидор мебошад [9, с. 77].

Мафҳуми шартномаи тиҷорати хориҷӣ аҳамияти ҷиддии назариявӣ, маърифатӣ ва амалӣ дорад. Набудани мафҳумҳои ҳуқуқии як қатор категорияҳои бунёдии ҳуқуқӣ (аз ҷумла «шартномаи тиҷорати хориҷӣ») самаранокии танзими ҳуқуқиро коҳиш медиҳад ва баъзан коршиносонро ба хатоҳои дағалона бурда мерасонад [1, с. 43]. Дар адабиёти ҳуқуқӣ доктринаи муайяне мавҷуд аст, ки ба мафҳуми муомилоти иқтисодии хориҷӣ ба таври умумӣ дахл дорад [13, с. 12]. Масалан, Г.К. Дмитриева менависад: «Доктрина ва амалияи муомилоти иқтисодии хориҷӣ ду хусусияти муҳим дорад: якум, дар муомилот шахсони (субъектҳои) миллатҳои гуногун иштирок мекунанд, дуюм, ҳаҷми чунин муомилот (амалиёти содироту воридоти молҳо, хизматрасониҳо ва ғ.)-ро муайян мекунад [3, с. 8-9]. Маврид ба зикр аст, мафҳуми шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол аломатҳои таркибӣ ва махсусиятҳои шартномаи байналмилалии хариду фурӯшро нишон дода, дар амалигаронии муомилоти тиҷорати хориҷӣ аҳамияти калон дорад. Муайян кардани мафҳуми шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол боиси такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад.

Муҳаққиқон доир ба мафҳуми шартномаи хариду фурӯши байналмилалӣ андешаҳои мухталиф пешниҳод намудаанд. Ба андешаи Л. Лунтс муомилоти тиҷоратии хориҷӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба савдои хориҷӣ чунин аст, ки дар он ақаллан яке аз тарафҳо хориҷӣ (шаҳрванди хориҷӣ ё шахси ҳуқуқии хориҷӣ) буда, мазмуни муомилот воридоти молҳо аз хориҷа ё амалиёти содироти мол ба хориҷа ё ҳама гуна амалиёти ёрирасон вобаста ба содирот ё воридоти мол мебошад [8, с. 14]. Андешаи мазкурро дигар ҳуқуқшиносон низ дастгирӣ кардаанд [10, с. 115]. О. Иоффе қайд мекунад, ки шартномаи хариду фурӯшро чунин муомилоти дутарафа муайян кардан мумкин аст, ки ба шарофати он яке аз тарафҳои он - фурӯшанда ухдадор мешавад, ки предмети муайянро ба моликияти тарафи дигар - харидор супорад ва харидор ухдадор мешавад, ки онро қабул намояд ва бар ивази он ба фурӯшанда маблағи мувофиқашуда пардохт намояд [9, с. 77-78]. Ин мафҳуми шартномаи хариду фурӯш ҳамчун мафҳуми умумӣ мебошад, ки намудҳои гуногуни хариду фурӯшро дар бар мегирад, ки аз ҳамдигар аз рӯи мавзӯъ ва таъинот, таркиби предмет ва дигар хусусиятҳо фарқ мекунанд.

Тибқи шартномаи хариду фурӯши байналмилалӣ фурӯшандае, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул аст, ухдадор мешавад, ки дар мӯҳлатҳои муайян моли истеҳсол ё харидаашро ба харидор барои истифода дар фаъолияти соҳибкорӣ ё дигар мақсадҳои ба шахси ҳуқуқӣ алоқаманд медиҳад [11, с. 36]. Ба андешаи Т.С. Угрин шартномаи савдои беруна як намуди муомилоти иқтисодӣ, яъне шартномаи байни субъектҳои хоҷагидор мебошад, ки яке аз онҳо резиденти Федератсияи Россия нест ё инчунин резиденти

Федератсияи Россия буда, дар хориҷа ташкилоти тиҷоратӣ дорад, ки барои муқаррар кардан, тағйир додан ё қатъ намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои гражданӣ ҳангоми анҷом додани амалиёти тиҷоратӣ (содирот ва воридот) нигаронида шудааст [12, с. 16].

Ҳамин тариқ, таҳияи мафҳуми умумии шартномаи тиҷорати хориҷӣ ҳам барои илми ҳуқуқ ва ҳам барои амалияи қонунгузорӣ ва татбиқи ҳуқуқ ниҳоят муҳим аст. Бояд гуфт, ки мафҳуми шартномаи хариду фурӯш дар қонунгузории дохилии кишварҳои гуногун мафҳуми умумиро дар бар мегирад. Шартномаи хариду фурӯш дар савдои байналмилалӣ як намуди хариду фурӯш буда, хусусияти байналмилалӣ дорад, яъне унсури хориҷиро дар бар мегирад. Бар хилофи мафҳуми шартномаи хариду фурӯш дар қонунгузории дохилӣ, оид ба мафҳуми фурӯши байналмилалӣ нуқтаи назари гуногун вуҷуд дорад [13, с. 10]. Доктринаи ҳуқуқӣ дар бораи моҳият ва хусусиятҳои муомилоти савдои берунӣ фаҳмиши муайянеро ба вуҷуд овардааст, вале онро ҳамчун мафҳуми аз тарафи умум эътирофшуда ҳисоб кардан мумкин нест. Набудани мафҳуми аз ҷиҳати илмӣ асосноки ҳуқуқии шартномаи савдои берунӣ таваҷҷуҳи доимии олимонро ба ин масъала ҷалб намудааст [1, с. 45]. Ба андешаи В.Ш. Чан ба шартномаҳои байналмиллалии хариду фурӯш шартномаҳое дохил мешаванд, ки дар онҳо субъекти хориҷӣ иштирок намуда, ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо ба содирот ва (ё) воридоти молҳо алоқаманданд, яъне предмети он моликият дар шакли моли аз кишвар содиршуда ё ба кишвар воридшуда мебошад [13, с. 12].

В.Ш. Чан дар ҷои дигар қайд менамояд, ки шартномаи хариду фурӯши байналмилалӣ шартномаи хариду фурӯши мол ё шартномае мебошад, ки тибқи он ё иҷрои он мол ё ҳуқуқи моликият ба мол мегузарад ва муассисаҳои тиҷоратӣ тарафҳо дар давлатҳои гуногун ҷойгиранд ва дар як вақт: а) моле, ки мавзӯи шартнома мебошад, ҳангоми бастани он дар ҷараёни интиқол қарор дорад, бояд аз қаламрави як давлат ба ҳудуди давлати дигар гузаронида шавад; ё б) амалҳое, ки оферта ва аксептро ташкил медиҳанд, дар қаламрави давлатҳои гуногун анҷом дода мешаванд ё в) шартнома пешбинӣ мекунад, ки мол бояд ба қаламрави давлати дигаре, ки дар он амалҳои оферта ва аксептро ташкил медиҳанд, анҷом дода шаванд [13, с. 18]. Дар натиҷаи таҳлили мафҳуми шартномаи байналмилалии хариду фурӯши мол муҳаққиқ В.Ш. Чан чунин мафҳуми шартномаи фурӯши байналхалқии молро пешниҳод кардааст: Шартномаи фурӯши байналхалқии мол шартномаи хариду фурӯше мебошад, ки тарафҳои он дар кишварҳои гуногун макони тиҷорат ё истиқомати доимӣ доранд [13, с. 27]. Ба андешаи мо, таърифи пешниҳодшуда хусусиятҳои умумиро дар бар мегирад, ки қариб ба ҳамаи намудҳои шартномаҳои байналмилалии хариду фурӯш, ки дар ҷаҳон мавҷуд аст, хос мебошад, вале мафҳуми мазкур дар фаҳмиши содаву муқаррарӣ пешниҳод гардидааст. Мафҳуми пешниҳодгардида ба фурӯш ва хариди амволи ғайриманқул, ки аз ҷониби қонуни ҷойгиршавии он ба таври умум танзим карда мешавад, ҳатто ҳангоми баста шудани чунин шартнома байни шахсони ҳуқуқӣ ё воқеии хориҷӣ татбиқ намегардад.

Ба андешаи И.Н. Герчикова шартномаи байналмилалӣ (шартномаи тиҷоратии байналмилалӣ, муомилоти иқтисодии хориҷӣ) - муомилоти (созишномаи) байни ду ё зиёда тарафҳое мебошад, ки дар давлатҳои гуногун ҷойгиранд (субъектҳои ҳуқуқи давлатҳои гуногун мебошанд), оид ба фурӯш ё таҳвили мол, иҷрои кор ё хизматрасонӣ ё дигар намудҳои фаъолияти иқтисодӣ тибқи шартҳои мувофиқашудаи тарафҳо баста мешавад. Шартномаи байналмилалӣ асоси фаъолияти иқтисодии берунии субъектҳои хоҷагидорро ташкил медиҳад [2, с. 461].

Бо дарназардошти таҳлили муқаррароти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории давлатҳои гуногун, ки хариду фурӯшро дар савдои байналмилалӣ танзим мекунанд ва вобаста ба хусусиятҳои шартномаи хариду фурӯши байналмилалӣ дар минтақаҳои коркарди маҳсулоти содиротӣ мафҳуми зерини ин навъи шартнома пешниҳод шудааст, ки ба андешаи муаллиф ва муқаррароти қонунгузории давлатҳои гуногун мувофиқ аст: шартнома оид ба фурӯши байналмилалии мол шартномаест, ки тарафҳои он дар кишварҳои гуногун ҷойи фаъолият ё иқомат доранд ё ба таври дигар бо фармоишҳои

гуногуни ҳуқуқӣ алоқаманд мебошанд [13, с. 187].

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ мафҳуми шартномаи байналмилалии хариду фурӯш дар шакли зерин пешниҳод гардидааст: шартномаи хариду фурӯши байналмилалӣ шартномаи байни ду шахс мебошад, ки тибқи он шахсе, ки шаҳрвнади як давлат - фурӯшанда аст, ӯҳдадор мешавад, ки объекти муайянеро, ки аз сарҳади давлатӣ ба қаламрави давлати дигар интиқол дода шудааст, ба моликияти шахси дигар - харидор, ки чун қоида, шаҳрванди давлати дигар маҳсуб меёбад, супорад ва харидор ӯҳдадории қабули ин объектро ба зимма мегирад ва ба фурӯшанда барои он нархи мувофиқашударо мепардозад [9, с. 78].

Бояд тазаккур дод, ки бинобар сабаби байналмилалӣ будани шартномаи хариду фурӯши мол доир ба танзими он санадҳои зиёди меъёрӣ-ҳуқуқии байналмилалӣ қабул карда шудааст. Яке аз чунин санадҳои байналмилалӣ Конвенсия оид ба муҳлати даъво дар хариду фурӯши байналмилалии мол мебошад, ки санаи 14 июни соли 1974 қабул карда шуда, санаи 1 августи соли 1988 мавриди амал қарор гирифтааст. Мутобиқи моддаи 2 Конвенсияи мазкур шартномаи хариду фурӯши мол, байналмилалӣ ба ҳисоб меравад, агар дар лаҳзаи бастани шартнома маҳалҳои тиҷоратии харидор ва фурӯшанда дар давлатҳои гуногун воқеъ бошанд [5, с. 5]. Ҳарчанд ба маънои маҳдуд ҳам бошад, вале мазмуни мафҳуми шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол дар меъёри мазкур нишон дода шудааст.

Санади дигари байналмилалӣ дар ин хусус Конвенсияи СММ оид ба шартномаи байналмилалии хариду фурӯши мол ба ҳисоб меравад, ки санаи 11 апрели соли 1980 қабул карда шуда, санаи 1 январи соли 1988 мавриди амал қарор гирифтааст. Аз мазмуни моддаи 3-юми санади мазкур бармеояд, ки шартномаи хариду фурӯш ҳамон шартномае ба хисоб меравад, ки агар тарафи фармоишгари мол ӯҳдадорӣ нагирифта бошад, ки қисми зиёди масолеҳи барои тайёр кардан ё истеҳсоли чунин моли заруриро худаш таъмин намояд [6, с. 2]. Дар санади байналмилалии мазкур мафҳуми шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол дода нашудааст.

Лозим ба ёдоварист, ки ҷиҳати танзими ҷанбаҳои мухталифи шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ амал мекунанд. Яке аз чунин санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ин қисми дуюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки санаи 11 декабри соли 1999 қабул карда шудааст. Дар моддаи 488 санади мазкур муқаррар гардидааст, ки мутобиқи шартномаи хариду фурӯш як тараф (фурӯшанда) ӯҳдадор мешавад, ки молро ба моликият (ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ ё идораи оперативӣ)-и тарафи дигар (харидор) диҳад ва харидор ӯҳдадор мешавад ин молро қабул карда, бар ивазаш маблағи муайяни пулӣ (арзиши он)-ро супорад [7].

Санади дигари меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар ин хусус Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ" мебошад, ки санаи 3 июли соли 2012 қабул карда шудааст. Қонуни мазкур пурра ба масъалаи танзими фаъолияти тиҷорати хориҷӣ бахшида шудааст, вале мутаассифона, дар он мафҳуми "шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол" дода нашудааст. Ҳарчанд ки дар моддаи 2 Қонун мафҳумҳои асосӣ, аз ҷумла, мафҳумҳои фаъолияти савдои хориҷӣ, субъектҳои фаъолияти савдои хориҷӣ, мол, содироту ворид ва монанди инҳо муқаррар карда шуда бошад ҳам, вале дар миёни онҳо мафҳуми "шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол" ба назар намерасад. Бинобар ин, беҳтар мешуд, ки дар санади мазкур мафҳумҳои "хариду фурӯши байналмилалӣ", "шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол" пешбинӣ мегардиданд.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлили мафҳум ва моҳияти шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки мафҳуми ягона ва умумиэътирофшудаи шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол на дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ва на дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ вуҷуд надорад. Бинобар ин, зимни натиҷагирии андешаҳои боло мо мафҳуми шартномаи хариду фурӯши байналмилалии молро бо ду мазмун (маҳдуд ва васеъ) пешниҳод менамоем: ба мазмуни маҳдуд шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол гуфта, созиши тарафҳоеро оид ба воридот ё содироти мол меноманд, ки шаҳрванди кишварҳои гуногун мебошанд ва ё

шахсони ҳуқуқии онҳо дар кишварҳои гуногун ҷойгир аст.

Ба мазмуни васеъ бошад, шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол гуфта, як намуди муомилоти савдои хориҷиро меноманд, ки бо созиши субъектҳое, ки дар кишварҳои гуногун ҷойгиранд асос ёфта, барои муқаррар кардан, тағйир додан ё қатъ намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои байналмилалии шартномавӣ ҳангоми анҷом додани амалиёти тиҷоратӣ (содирот ва воридот)-и мол нигаронида шудааст.

Ё ин ки мутобиқи шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол як тараф (фурӯшанда, ки шаҳрванди давлати муқобили харидор мебошад ва ё шахси ҳуқуқии дар кишвари муқобили харидор ҷойгир аст) уҳдадор мешавад, ки молро ба моликият (ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ ё идораи оперативӣ)-и тарафи дигар (харидор, ки шаҳрванди давлати муқобили фурӯшанда мебошад ва ё шахси ҳуқуқии дар кишвари муқобили фурӯшанда ҷойгир аст) диҳад ва харидор уҳдадор мешавад ин молро қабул карда, бар ивазаш маблағи муайяни пулӣ (арзиши он)-ро, ки бо созиши тарафҳо муқаррар гардидааст, ба фурӯшанда супорад.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Абдулов Ш.С. Масъалаҳои актуалии танзими ҳуқуқии шартномаи фурӯши байналмилалии мол. Москва - 2006. С. 42-43.
2. Герчикова И.Н. Международная коммерческая практика - М.: МГИМО, 1992. - Т. выпуск 1, выпуск 2. – 461 с.
3. Дмитриева Г.К. Арбитражи байналхалқии тиҷоратӣ I Омӯзиш - дастури амалӣ. М., 1997. С. 8-9.
4. Кондратьева В.А. Хусусиятҳои бастан ва мазмуни шартномаи хариду фурӯши байналмилалӣ с.21
5. Конвенция об исковой давности в международной купле-продаже товаров. Нью-Йорк, 2012 г. – С. 5.
6. Конвенция Организации Объединенных Наций о договорах международной купли-продажи товаров. Нью-Йорк, 2010 г. - С. 2.
7. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11-уми декабри соли 1999 қисми 2. м. 488.
8. Лунтс Л.А. Харид ва фурӯши савдои хориҷӣ (масъалаҳои низоъ). М., 1972. С. 14.
9. Международное торговое право: учеб. пособие/ [Бушев А.Ю.М43 и др.]; под общ. ред. В.Ф. Попондопуло. - М.: Омега-Л, 2005. С. 78.
10. Перетерский И.С. , Крылов С.Б. Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ. М., 1970. С. 115;
11. Розенберг М.Г. Хариду фурӯши байналмилалии мол - М., 1993, – С.36.
12. Угрин Т.С. Шартнома оид ба фурӯши байналмилалии мол. Москва, 2002. - С. 16
13. Чан В.Ш. Шартномаҳои байналмилалии фурӯш ва қонуни Ветнам. Рисола барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Москва - 1998. С. 10



**Аннотатсия**

**Мафҳуми шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол**

Дар мақолаи мазкур, сухан дар бораи мафҳуми шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол аз нигоҳи олимони хориҷӣ, санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон меравад. Муаллиф бо истифода аз адабиётҳои илмӣ таҳқиқи масъалаи мазкурро ба роҳ монда, ҷиҳати такмили қонунгузорӣ андешаҳои хешро пешниҳод кардааст.



**Аннотация**

**Понятие международного договора купли-продажи товаров.**

В данной статье рассматривается понятие международного договора купли-продажи товаров с точки зрения зарубежных ученых, международных договоров и законодательства Республики Таджикистан. Используя научную литературу, автор проводит исследования по данному вопросу и предлагает свои идеи по совершенствованию законодательства.

**Annotation**

**The concept of an international contract for the sale of goods**

This article discusses the concept of an international contract for the sale of goods from the perspective of foreign scholars, international instruments and legislation of the Republic of Tajikistan. Using scientific literature, the author conducts research on this issue and offers his ideas for improving the legislation.



**УДК:** 34.096

**Хакимова Манижа Авазовна,**
*аспирант кафедры предпринимательского и коммерческого права юридического факультета Таджикского национального университета.*
*E-mail: manija1995.mh@gmail.com*
*Тел: (+992) 918-53-77-77.*

# ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ РЕГУЛИРОВАНИЯ КОНКУРСА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

***Калидвожаҳо**: озмун, тасниф, диспозитсияи модда, комиссияи тендерӣ, базаи ҳуқуқӣ, тартиби кушодани лифофаи озмун, проектҳои сармоягузорӣ, хариди давлатӣ мол, кор ва хизматрасонӣ.*

***Ключевые слова:** конкурс, тендерная комиссия, правовая база, нормативное регулирование конкурса, поставщик, подрядчик, государственные закупки, тендер, правила вскрытия тендерных заявок, инвестиционные проекты.*

***Keywords**: competition, classification, open competitions, closed competitions, national competitions, international competitions, forced competitions, voluntary competitions.*

В связи с переходом Таджикистана к рыночным отношениям потребовался коренной пересмотр системы государственного регулирования закупочной деятельности. Плановые, жестко регламентированные процессы осуществления закупок сменились приобретением продукции на конкурентных условиях, когда заказчик имеет возможность выбора из большого числа предложений поставщиков. В современных условиях государство является крупнейшим заказчиком и потребителем товаров, работ и услуг и тем самым оказывает влияние на развитие экономики. [1]

Мировая практика выработала достаточно надежный аппарат решения задачи оптимизации государственных закупок и борьбы с коррупцией — законодательно закрепленное проведение открытых конкурсов с использованием информационных ресурсов. Управление процессами формирования и эффективного использования информационных ресурсов в сфере государственных закупок является одной из приоритетных функций правительства. Проведение конкурсов на строительство подразумевает под собой проведение специально организованного торга между подрядчиками и заказчиками. Это необходимо для предоставления права на заключение договора подряда или договора поставки. На конкурсы могут выноситься разнообразные заказы на определенные виды работ, которые в первую очередь должны быть связаны со строительством и ремонтом. [2] Конкурсы проводит тендерный комитет. Он создается заказчиком или организатором для проведения конкурсов и может действовать на постоянной или временной основе. Сам конкурс (тендер)-это конкурсная форма проведения подрядных торгов, которая определяется как соревнование представленных претендентами оферт с точки зрения их соответствия критериям, содержащимся в тендерной документации.

В настоящее время конкурсная деятельность в Республике Таджикистан регулируется рядом нормативно правовых актов, основу которых составляет Гражданский кодекс Республики Таджикистан, который был принят 30 июня 1999 года, а также Закон РТ № «О государственных закупках, товаров, работ, услуг» и ряд подзаконных актах. Далее ознакомимся более подробно с каждым из них.

Часть первая Гражданского Кодекса Республики Таджикистан была принята 30 июни 1999 года, которая состоит из 28 глав и 487 статей, в частности именно первая глава Гражданского кодекса Республики Таджикистан регулирует конкурсные отношения, а также иные вытекающие из них отношения [3]. В частности статьи 479, 480, 481 которые регулируют заключения,

организацию и порядок проведения конкурсов, а также последствия нарушения правил проведения конкурсов.

Согласно статье 479 Гражданского кодекса Республики Таджикистан “Договор, если иное не вытекает из его существа, может быть заключен путем проведения торгов. Договор заключается с лицом, выигравшим торги”. Понятие торгов более шире, чем понятие конкурсов. Под торгами понимается аукционы, конкурсы (тендеры).[4] Из диспозиции данной статьи вытекает, что целью конкурса является заключение договора с наиболее подходящим вариантом при учете наилучшего предложения цены, качества и срока исполнения обязательств по договору.

Выигравшим торги по конкурсу считается - лицо, которое по заключению конкурсной (тендерной) комиссии, заранее назначенной организатором торгов, предложило лучшие условия. Под «условиями» же понимается «цена, качества, срок, выбор наилучшего надежного поставщика». Выбор поставщика является первым и главным фактором. Никто не может дать полную характеристику или рекомендацию тому или иному поставщику. А конкурс дает возможность проанализировать деятельность и возможности каждого участника закупок. Они для этого сами составляют свое предложение, исходя из условий заказа. Другим не мало важным фактором, конечно же является цена. Каждый участник конкурса понимает, что завышенная цена либо плохие условия не сыграют ему на руку. А заказчик, в свою очередь, имеет перед собой массу предложений и знает, что любой намек, данный кому-либо из участников, поможет решить проблему несоответствий выдвинутым требованиям.

Также Гражданский кодекс часть 2 выступает в качестве основ нормативного регулирования конкурсных и вытекающих из них отношений. Гражданский кодекс Республики Таджикистан определяет правовое положение участников гражданского оборота, основания возникновения и порядок осуществления вещных и интеллектуальных прав. [5] Кроме того, регулирует договорные и другие отношения, основанные на равенстве, автономии воли и имущественной самостоятельности участников.

Важнейшее значение имеют нормы гл. 36 Гражданского кодекса Республики Таджикистан, в которой дается определение договора подряда. Договор подряда является одним из договоров, который подписывается между победителем и заказчиком конкурса. Статья 714 Гражданского кодекса, Республики Таджикистан: «По договору подряда одна сторона (подрядчик) обязуется выполнить по заданию другой стороны (заказчика) определенную работы и сдать ее заказчику в установленный срок, а заказчик обязуется принять работу и оплатить ее (уплатить цену работы). Работа выполняется за риск подрядчика, если иное не предусмотрено законодательством или соглашением сторон.

К отдельным видам договора подряда (бытовой подряд, строительный подряд, подряд на проектные или изыскательские работы) положения, предусмотренные настоящим параграфом, применяются, если иное не установлено законодательством Республики Таджикистан».

Статья 715 Гражданского кодекса Республики Таджикистан определяет работы, выполняемые по договору подряда: «Договор подряда заключается на изготовление или переработку (отработку) вещи либо на выполнение другой работы с передачей ее результата или сдачей ее иным образом заказчику. По договору подряда, заключенному на изготовление вещи, подрядчик передает права на нее заказчику». [6]

Выше были перечислены нормативные основы из Гражданского кодекса Республики Таджикистан на основании которых 17 мая 2004 года, был принят Закон РТ «О тендере», который определял экономические, правовые и организационные принципы подготовки и проведения тендера в Республики Таджикистан. Данные закон вмещал в себя основные понятия, порядок организации, этапы, а также совокупность прав и обязанностей субъектов участвующих в конкурсе и юридическую ответственность за несоблюдение мер по проведению конкурса. Закон обеспечивал эффективное и надлежащее использование средств физических и юридических лиц, направленных на закупку товаров, выполнения работ и оказание услуг. Самым главным плюсом и отличительным

признаком закона является то, что он регулирует как частные интересы, так и государственные. То есть он регулирует проведения конкурса заказчиком которых являются частные физические и юридические лица. В отличии от закона «о государственных закупках, товаров, работ и услуг» который регулирует только государственные конкурсы, и защищает интересы юридических лиц с долей государственных средств Республики Таджикистан в учредительном (уставном) фонде свыше 25 процентов. Сам закон «О государственных закупках, товаров, работ и услуг» был принят в 2006 году, который регулировал почти те же отношения, что и закон «О тендере». [7] В связи с этим 13 июня 2007 года №279 Закон РТ «О тендере» утратил свою юридическую силу. В настоящее время в Таджикистане основным законом, который регулирует отношения в сфере конкурсных отношений, является Закон №168 от 3 мая 2006 года «О государственных закупках товаров, работ и услуг».

Закон регулирует отношения, направленные на обеспечение государственных нужд в целях повышения эффективности, результативности осуществления закупок товаров, работ, услуг, обеспечения гласности и прозрачности осуществления таких закупок, предотвращения коррупции и других злоупотреблений в сфере таких закупок. Закон Республики Таджикистан «О государственных закупках, товаров, работ и услуг» определяет правовые, экономические и организационные основы государственных закупок товаров, работ и услуг, устанавливает единые правила и процедуры, связанные с государственными закупками товаров, работ и услуг, осуществляемых полностью или частично за счет государственных средств Республики Таджикистан.[8] Данный закон регулирует единое экономическое пространство по государственным закупкам товаров, работ и услуг, целевое использование государственных средств, расширение круга участников, расширение справедливой конкуренции, а также совершенствование деятельности органов исполнительной власти в государственных закупках работ и услугах. Действие закона распространяется на все государственные закупки, осуществляемые на территории Республики Таджикистан, за исключением государственных закупок для обеспечения национальной обороны, национальной безопасности, государственных секретов, драгоценных металлов и драгоценных камней, а также для ликвидации последствий чрезвычайных ситуаций и других экстренных случаев в соответствии с решением Правительства Республики Таджикистан. Закон по инициативе Правительства Республики Таджикистан был представлен на рассмотрении в Маджлиси намояндагон и Постановлением Маджлиси намояндагон был принят. 3 марта 2006 года, № 168. Президент Республики Таджикистан подписал данный закон и чуть позже после его официального опубликования, он приобрёл юридическую силу. На основе этих же законов, были приняты ряд подзаконных актов, которые регулировали определенную область конкурсных отношений, так как виды конкурсов различны, а значит и их регулирование требует отдельного подзаконного акта. [9]

Так например утвержденное Правительством Республики Таджикистан «Правила по вскрытию тендерных заявок на закупку товаров, работ и услуг по государственным инвестиционным проектам» от 2 октября 2010 года, №500 которое предусматривает основные понятия, функции организаторов тендера, функции ЦУО, обязанности Комиссии, а также порядок вскрытия тендерных заявок.[10] Рассмотрим еще один подзаконный акт, На примера Постановления Правительства РТ «Об организации и проведении тендера на заключение договора (соглашения) с Таджикским алюминиевым заводом на переработку сырья (товаров) на таможенной территории Республики Таджикистан», который был принят 8 декабря 2006 года, № 574. [11] [12]

В целях эффективного функционирования Таджикского алюминиевого завода и обеспечения прозрачности процесса заключения договора (соглашения) на переработку сырья (товаров) на таможенной, территории Республики Таджикистан, Правительство Республики Таджикистан приняло данное постановление. Постановление включает в себя, организацию и порядок

проведения тендера в Алюминиевом заводе, определяется состав участников Тендерной Комиссии из числа Представителей Правительства, Министерств, а также самого завода. Мы разобрали несколько примеров подзаконных актов, а их есть множественное число. [13] В обязательном порядке, отмечу как положительный фактор, единую экономическую зону государственных заказов, и в этой зоне все работает по единым регламентам и подчиняется одним нормам. Открытый конкурс и вообще любая из предусмотренных процедур, проводится одинаково в любой части нашей страны. Это, несомненно, тоже большой плюс. [13] Надо понимать, что одной из причин появления такой регламентированной и единой схемы закупок, явилась борьба с коррупцией в данной сфере. Законы, регулирующие государственные закупки, принесли надежду на снижение объёма разворовывающийся коррупционерами государственных средств. Таким образом, тендерная деятельность — это одна из наиболее динамично развивающихся, с позиции осмысления и применения научных разработок на практике, сфер деятельности. И таджикское законодательство создает механизмы эффективного правового регулирования ее не только в сфере государственного заказа, но и в сферах экономических отношений с высокой долей участия государства, тем самым оптимизируя закупочную деятельность и развивая экономику страны в целом. [14]

**Список литературы:**

1. Савина С.В. «Правовое регулирование организации и проведения конкурсов в предпринимательской деятельности» дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.03 / С.В. Савина. – Москва, 2007– 25стр.

2. Савина С. В. «Правовое регулирование организации и проведения конкурсов в предпринимательской деятельности» дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.03 / С.В. Савина. – Москва, 2007– 30стр

3. Гражданский кодекс Республики Таджикистан. Действующий кодекс. Дата принятия: 30.06.1999// Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 1999 г., №6, ст. 5. Статьи 479-480

4. Гражданский кодекс Республики Таджикистан часть 1. Действующий кодекс. Дата принятия: 30.06.1999// Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 1999 г., №6. Статьи 479-481.

5. Гражданский кодекс Республики Таджикистан часть 2. Действующий кодекс. Дата принятия: 11.12.1999// Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 1999 г., №12. Статьи 764-765.

6. Закон Республики Таджикистан «О тендере». Утратил силу закон. Дата принятия: 17.05.2004 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2004 г., №5, ст.12.

7. Закон Республики Таджикистан «О тендере». Утратил силу закон. Дата принятия: 17.05.2004 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2004 г., №5, ст.12.

8. Закон Республики Таджикистан «О государственных закупках товаров, работ и услуг». Действующий закон. Дата принятия: 03.05.2006// Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2006 г., №5, ст. 17

9. Закон Республики Таджикистан «О государственных закупках товаров, работ и услуг». Действующий закон. Дата принятия: 03.05.2006// Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2006 г., №5, ст. 17

10. Постановление Правительства Республики Таджикистан «Правила по вскрытию тендерных заявок на закупку товаров, работ и услуг по государственным инвестиционным проектам». Действующее постановление. Дата принятия: 02.10.2010, №500// Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2010 г., № 10, ст. 22

11. Постановление Правительтства Республики Таджикистан «Об организации и проведении тендера на заключение договора (соглашения) с Таджикским алюминиевым заводом на переработку сырья (товаров) на таможенной территории Республики Таджикистан».

Действующее постановление. Дата принятия: 08.12.2006 г, № 574// Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2006 г., № 12, ст. 7

12. Гатаулина С.В. Разновидности конкурса и особенности их проведения. [электронный ресурс]. URL: https://www.ca-c.org/datarus/esenov3.shtml (дата обращения: 11.10.2017 г.)

13. Беляева О.А. «Торги: теоретические основы и проблемы правового регулирования» дис...д-ра юрид. наук: 12.00.03 / О.А. Беляева – Москва, 2012– 125стр.

14. Савина С.В. «Правовое регулирование организации и проведения конкурсов в предпринимательской деятельности» дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.03 / С.В. Савина. – Москва, 2007– 115стр.

**Аннотатсия**

**Асосҳои ҳуқуқии танзими озмун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар мақола муаллиф асосҳои ҳуқуқии танзими озмун дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ мекунад. Имрӯз сарчашмаи танзими озмун аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, баъдан аз кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон маншаъ мегирад. Аз ҷумла, қисми 1 КГ ҶТ моддаҳои 479,480,481 тартиби ташкил ва гузаронидани озмун, инчунин оқибатҳои вайрон кардани қоидаҳои баргузории тендерҳоро танзим менамоянд.

**Аннотация**

**Правовые основы регулирования конкурса в Республике Таджикистан**

Дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ баҳри танзими муносибатҳо оид ба фаъолияти бонкӣ қабул гардидаанд, аммо таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ дар самти мазкур нишон медиҳад, ки имрӯз зарурати мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои бонкӣ дар доираи санади ягона - Кодекси бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омадааст. Зеро, дар соҳаи мазкур зиёда аз 16 Қонун ва зиёда аз 200 санади меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ қабул гардидаанд, ки танзими ҳуқуқии соҳаи мазкурро мушкил мегардонанд.

Танзими ҳуқуқии муносибатҳо оид ба фаъолияти бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монда шудааст, аз ҷумла: Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, «Дар бораи фаъолияти бонкӣ”,

«Дар бораи фаъолияти бонки исломӣ", «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд", «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ", «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ", «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор", «Дар бораи таърихи қарз (кредит)", «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ", «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет", "Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом", "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият", "Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд", "Дар бораи ҷамъияти саҳҳомӣ", инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба самти мазкур бевосита ва ё бавосита тааллуқдошта.

### 1.3. Асосҳои ҳуқуқии таҳияи лоиҳаи Кодекси бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар шароити рушди муносибатҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои ҳуқуқии таҳия намудани лоиҳаи Кодекси бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд мебошад.

Асосҳои ҳуқуқии таҳияи лоиҳаи Кодекси бонкиро санадҳои зерин ташкил менамоянд:

- сархати дуюми зербанди 34, (боби 11) Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 2011, №1021 тасдиқ шудааст;
- банди 10 Барномаи давлатии татбиқи Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи молия, андозу гумрук ва фаъолияти бонкӣ барои солҳои 2012-2015, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2012, №143 тасдиқ шудааст;
- банди 5 Нақшаи чорабиниҳои Барномаи давлатии татбиқи Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи молия, андозу гумрук ва фаъолияти бонкӣ барои солҳои 2012-2015, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2012, №143 тасдиқ шудааст;
- банди 24 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми феврали соли 2018, таҳти №1005 тасдиқ гардидааст.

Яъне ба рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва талаботи ҷомеа мутобиқ гардонидани қонунгузории амалкунанда, дар ҷараёни мураттабсозии қонунгузорӣ истифодаи таҷрибаи пешрафтаи бонкдории давлатҳои тараққикарда ва ниҳоят мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои бонкӣ дар доираи санади ягона - Кодекси бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Таҳияи лоиҳаи Кодекси бонкӣ ҷиҳати дар амал татбиқ гардидани санадҳои болозикр мусоидат менамояд.

### 1.4. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ дар соҳаи фаъолияти бонкӣ

Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузорӣ роҳи самаранок ва боэътимоди такмили қонунгузорӣ ва дарк намудани мазмуну моҳияти танзими ҳуқуқии ин ё он падида маҳсуб меёбад. Дар раванди мазкур қонунгузории давлатҳои дигар мавриди таҳлил қарор дода шуда, вобаста ба омилҳои миллӣ ҷанбаҳои мусбии онҳо истифода мешавад.

Таҳлили қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ дар самти танзими ҳуқуқии муносибатҳои бонкӣ нишон медиҳад, ки дар аксари давлатҳои пасошӯравӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар шакли қонунҳои алоҳида ва ё дар доираи санади ягонаи кодификатсионӣ қабул гардидаанд, аз ҷумла:

- дар Федератсияи Россия Қонуни федеролии Федератсияи Россия «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ» аз 2 декабри соли 1990 № 395-1;
- дар Ҷумҳурии Белорусия «Кодекси бонкии Ҷумҳурии Белорус» аз 25 октябри соли 2000, №441-З;
- дар Ҷумҳурии Қазоқистон Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон» аз 31 августи соли 1995, № 2444;
- дар Ҷумҳурии Қирғизистон Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи Бонки миллии Ҷумҳурии Қирғизистон, бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ» аз 16 декабри соли 2016, № 206;
- дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи бонкҳо ва

фаъолияти бонкӣ» аз 25 апрели соли 1996, №216-1.

Аз таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории давлатҳои пасошӯравӣ дар соҳаи фаъолияти бонкӣ бар меояд, ки танҳо дар Ҷумҳурии Белорус муносибатҳои бонкӣ дар доираи санади ягонаи кодификатсонӣ - Кодекси бонкии Ҷумҳурии Белорус ба танзим дароварда шудааст. Дар дигар давлатҳои аъзои ИДМ бошад, қонунҳои алоҳида дар соҳаи бонкӣ амал мекунанд. Чунончи, Кодекси бонкии Ҷумҳурии Белорус, ки аз 25 октябри соли 2000, №441-З қабул гардидааст, аз 2 қисм, 7 фасл, 27 боб ва 290 модда иборат аст. Муносибатҳое, ки бо қонунгузории бонкии Ҷумҳурии Белорусия ба танзим дароварда мешаванд, низоми муносибатҳои ҷамъиятию иқтисодӣ оид ба сафарбаркунӣ ва истифода бурдани маблағҳои пулии муваққатан озодро ташкил мекунанд. Қонунгузории бонкии Ҷумҳурии Белорус принсипҳои фаъолияти бонкӣ, вазъи ҳуқуқии субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии бонкиро муайян намуда, муносибатҳои байни онҳоро танзим, инчунин тартиби таъсис, фаъолият, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии бонкҳо ва ташкилотҳои молиявию қарзии ғайрибонкиро муқаррар мекунад.

Қонунгузории бонкии Ҷумҳурии Белорус аз низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иборат буда, муносибатҳое, ки ҳангоми амалисозии фаъолияти бонкӣ ба вуҷуд меоянд, танзим намуда, ҳуқуқ, ухдадорӣ ва ҷавобгарии субъектҳои иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи бонкиро муқаррар менамоянд.

Қисми умумии Кодекси бонкии Ҷумҳурии Белорус муқаррароти умумӣ, яъне муносибатҳое, ки қонунгузории бонкӣ танзим менамоянд, асосҳои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Белорусия, субъектҳо ва иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии бонкӣ, объектҳои муносибатҳои ҳуқуқи бонкӣ, вазъи ҳуқуқӣ, мақсад ва функсияҳои бонки миллӣ, бонкҳо ва ташкилотҳои молиявию қарзии ғайрибонкӣ, иҷозатномадиҳии фаъолияти бонкӣ, ухдадории пулии асъорӣ, ҷавобгарии субъектҳо ва иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии бонкиро танзим менамояд.

Қисми махсус бошад, амалиётҳои активии бонкӣ, қарзҳои бонкӣ, маблағгузорӣ таҳти гузашт кардани талаботи пулӣ (факторинг), кафолати бонкӣ, амалиётҳои пасивии бонкӣ, амонати (депозитҳои) бонкӣ, суратҳисоби бонкӣ, идоракунии бовариноки маблағҳои пулӣ, амалиётҳои миёнаравии бонкӣ, амалиётҳои асъорӣ – мубодилавӣ, нигоҳдории бонкӣ, муваққатан истифода бурдани сейфи бонкӣ, инкассатсия ва интиқоли маблағҳои пулии нақд, металлҳои қиматбаҳо, сангҳои қимматбаҳо ва дигар арзишҳоро танзим менамояд.

Ҳамин тавр, аз таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ дар соҳаи фаъолияти бонкӣ бар меояд, ки ҷиҳати такмили қонунгузории соҳа ба монанди Ҷумҳурии Белорус қабул намудани Кодекси бонкӣ зарур аст. Зеро, имрӯз дар баробари гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва пайдо гардидани шаклҳои гуногуни моликият, тағйир ёфтани муносибат ба он тақозо менамояд, ки қонунгузории соҳа мукаммал карда шавад. Чунки бе мавҷуд будани қонунгузории ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ танзим намудани ин муносибатҳо кори басо душвор мебошад. Бо ҳамин мақсад имрӯз фурсате фаро расидааст, ки бо мақсади такмили қонунгузорӣ дар низоми қарздиҳию молиявӣ, мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои бонкӣ аз қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёд даст кашида, ба санади ягона ва мураттабгаштае, ки муносибатҳои муҳими ҷамъиятии соҳаи бонкиро танзим намояд, рӯ овардан лозим аст.

Ба сифати чунин санад "Кодекси бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон" баромад карда метавонад. Зеро, аз таҷрибаи давлатҳои дар боло зикршуда бармеояд, қабули Кодекси бонкӣ рушди соҳаи бонкиро на танҳо тақвият мебахшад, балки устувор низ мегардонад. Чунончи, таҷрибаи 22 - солаи амали Кодекси бонкии Ҷумҳурии Белорус нишон медиҳад, дар самти фаъолияти бонкдорӣ он мусбӣ арзёбӣ мешавад. Зеро, дар кодекси мазкур меъёрҳои ҳаволакунанда кам мебошанд, ки барои амалишавии меъёрҳои он қабули санадҳои иловагиро талаб наменамояд ва дар пешрафти соҳа мусоидат менамояд.

### 1.5. Мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои Кодекси бонкӣ

Мавзӯи Кодекс танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи фаъолияти бонкӣ мебошад.

Мақсади Кодекс бошад, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъектҳои муносибатҳои бонкӣ мебошад.

Вазифаи Кодекс фароҳам овардани шароити мусоиди ҳуқуқӣ ба фаъолияти бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

### 1.6. Сохтори лоиҳаи Кодекси бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Лоиҳаи Кодекси бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд аз 2 қисм иборат бошад: қисми умумӣ ва махсус. Қисмҳо ба фаслҳо, бобҳо, зербобҳо ва моддаҳо ҷудо карда шаванд, ки пайдарпайии онҳо мазмунан дуруст ва аз лиҳози қоидаҳои мантиқ ҷойгир карда шаванд.

Дар қисми умумии Кодекс муқаррароти умумӣ: мафҳумҳо, принсипҳо, қонунгузорӣ дар бораи фаъолияти бонкӣ, асосҳои сиёсати пулию қарзӣ, субъектҳо ва иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии бонкӣ, вазъи ҳуқуқӣ, мақсад ва функсияҳои бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзии молиявию ғайрибонкӣ, иҷозатномадиҳии фаъолияти бонкӣ, уҳдадории пулии асъорӣ ва дигар муносибатҳои ҳуқуқии бонкӣ танзим карда шаванд.

Дар қисми махсус бошад, тартиби пешбурди амалиётҳои бонкӣ, қарзҳои бонкӣ, суратҳисоби бонкӣ, кафолати бонкӣ, амалиётҳои асъорӣ – мубодилавӣ, амонатҳои (депозитҳои) бонкӣ, идоракунии бовариноки маблағҳои пулӣ, амалиётҳои миёнаравии бонкӣ, нигоҳдории бонкӣ, муваққатан истифода бурдани сейфи бонкӣ, инкассатсия ва интиқоли маблағҳои пулии нақд ва дигар арзишҳо танзим карда шаванд.

**ИТТИЛООТ** **ИНФОРМАЦИЯ**

# НАВИГАРИҲОИ СОҲАИ ҚОНУНГУЗОРИИ ОИЛАВӢ

Дар семоҳаи дуюми соли 2022 ба шуъбаи қонунгузории гражданӣ, соҳибкорӣ ва оилавӣ бо дарназардошти ба вуҷуд омадани инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи мазкур як қатор навигариҳо ба амал омаданд, ки метавон онҳоро пешравиҳо дар соҳаи мазкур номид. Ин дигаргуниҳо дар низоми қонунгузорӣ бо роҳи қабули:

- **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»**

Моддаи 1. Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 2 августи соли 2011 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №7-8, мод. 616; с. 2016, №3, мод. 147; с. 2018, №5, мод. 283; с. 2019, №4-5, мод. 222) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шуд:

1. Дар моддаи 8:

- сархати дувоздаҳум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- барои баланд бардоштани сатҳи фарҳанг ва маърифати экологии фарзанд чораҳо андешида шаванд;»;

- сархати нуздаҳум дар таҳрири зерин илова карда шавад:

«- ба фарзанд барои рондани воситаҳои нақлиёт бе гирифтани шаҳодатномаи ронандагӣ, инчунин барои омадан ба муассисаи таълимӣ бо идора намудани воситаҳои нақлиёти механикӣ иҷозат надиҳанд;»;

- ба сархати бисту якум пеш аз калимаи «асосҳои» калимаҳои «ба фарзанд» илова карда шуд.

2. Дар номи моддаи 14 ва қисми 1 моддаи 15 калимаи «тариқи» ба калимаи «таври» иваз карда шавад.

3. Дар қисми 3 моддаи 15 калимаҳои «мекунанд», «тариқи», «падару модар» ва «мебошанд» мувофиқан ба калимаҳои «мекунад», «таври», «худ» ва «мебошад» иваз карда шуд.

**Шуъбаи қонунгузории гражданӣ, соҳибкорӣ ва оилавӣ**

## НАВИГАРИҲОИ ҚОНУНГУЗОРИИ СОҲАИ МОЛИЯ ВА БОНКӢ

Дар нимсолаи дуюми соли 2022 бо дарназардошти инкишоф ёфтани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ дар қонунгузории соҳаи молия ва бонкдорӣ як қатор дигаргуниҳо ба миён омад. Ин дигаргуниҳо бо роҳи қабул намудани Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ» ва «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ» мебошад.

ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ИДОРАКУНИИ МОЛИЯВӢ ВА НАЗОРАТИ ДОХИЛӢ ДАР БАХШИ ДАВЛАТӢ»

Моддаи 1. Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ» аз 21 июли соли 2010 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2010, №7, мод. 558) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шуданд:

1. Аз матни моддаи 2 калимаи «(Сарқонуни)» хориҷ карда шуд.

2. Ба қисми 1 моддаи 3 пас аз калимаи «қонуният,» калимаҳои «низомнокӣ, банақшагирӣ, ошкорбаёнӣ,» илова карда шуданд.

3. Дар номи боби 2, қисми 2 моддаи 6 ва сархати сеюми қисми 2 моддаи 11 калимаи «мақомоти» ба калимаи «мақоми» иваз карда шуд.

4. Дар моддаи 4:

- ба қисми 1 пас аз калимаҳои «ташкилотҳои бахши давлатӣ» калимаҳои «(минбаъд - мақоми ваколатдори давлатӣ)» илова карда шуданд;

- дар қисми 2:

- дар сархати якум калимаҳои «меъёрҳои байналмилалӣ» ба калимаҳои «меъёру стандартҳои байналмилалии эътирофгардида» иваз карда шуданд;

- сархати дуюм дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«- ҳар сол таҳқиқоти таҳлилии фаъолияти ҳамаи воҳидҳои сохтории аудити дохилии мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои бахши давлатиро анҷом дода, оид ба натиҷаҳои таҳқиқот хулосаи таҳлилӣ пешниҳод менамояд;».

5. Дар моддаи 7:

- ба сархати чорум пас аз калимаи «қонуният,» калимаҳои «низомнокӣ, банақшагирӣ, ошкорбаёнӣ,» илова карда шуданд;

- ба сархати нуҳум пас аз калимаи «саривақтӣ» калимаи «пас» илова карда шуд.

6. Дар сархати якуми қисми 2 моддаи 9 калимаҳои «одоби корбарии» ба калимаҳои «корбарии касбии» иваз карда шуданд.

7. Дар сархати дуюми қисми 1 моддаи 12 калимаҳои «бояд тавре гузарад, ки як хизматчӣ» ба калимаҳои «байни кормандон бояд тавре анҷом дода шавад, ки ҳамон як корманд» иваз карда шуданд.

8. Дар моддаи 13:

- дар сархати дуюм калимаи «иерархӣ» ба калимаи «зинавӣ» иваз карда шуд;

- дар сархати чорум калимаҳои «супоридани онҳо» ба калимаҳои «супоридани онҳоро дар бар мегирад» иваз карда шуданд.

9. Моддаи 141 бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«Моддаи 141. Бархӯрди манфиатҳо

Дар сурати ба вуҷуд омадани бархӯрди манфиатҳо корманди воҳиди сохтории назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ бояд роҳбари ташкилоти бахши давлатӣ ё дар ҳолати ба бархӯрди манфиатҳо ҳамроҳ будани роҳбари ин ташкилот, роҳбари тақсимкунандаи асосии маблағҳои буҷетиро хабардор намояд.».

10. Дар моддаи 15:

- ба номи модда пас аз калимаҳои «риоя накардани» калимаи «талаботи» илова карда шавад;

- дар матни модда калимаи «муқарраroти» ба калимаи «талаботи» иваз карда шуд.

Моддаи 2. Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шуд.

ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ АУДИТИ ДОХИЛӢ ДАР ТАШКИЛОТҲОИ БАХШИ ДАВЛАТӢ»

Моддаи 1. Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ» аз 21 июли соли 2010 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2010, № 7, мод. 563; с. 2016, №7, мод. 632; с. 2020, №12, мод. 921) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шуданд:

1. Дар моддаи 4 пас аз калимаи «ошкорбаёнӣ,» калимаи «шаффофият,» илова ва калимаи «нақшавӣ» ба калимаи «банақшагирӣ» иваз карда шуд.

2. Дар банди 2) моддаи 5:

- дар сархати сеюм калимаи «ҳаматарафа» ба калимаи «мукаммал» иваз карда шуд;

- дар сархати чорум калимаи «судмандӣ» ба калимаи «натиҷабахшӣ» иваз карда шуд.

3. Дар қисми 1 моддаи 8:

- дар сархати сеюм калимаҳои «сохтори» ва «анҷом медиҳад» мувофиқан ба калимаҳои «сохтории» ва «анҷом дода, оид ба натиҷаҳои таҳқиқот хулосаи таҳлилӣ пешниҳод менамояд», иваз карда шуданд;

- сархати панҷум дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«- ба омӯзондан, такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва ба аудиторҳои дохилӣ додани сертификат дар ташкилотҳои бахши давлатӣ мусоидат менамояд ва фаъолиятро дар ин соҳа ҳамоҳанг месозад;»;

- сархати чордаҳум дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«- ваколатҳои дигареро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, амалӣ менамояд.».

4. Аз сархати дуюми қисми 1 моддаи 9 калимаи «фаъолияти» хориҷ карда шуд.

5. Ба сархати шашуми қисми 2 моддаи 10 пас аз калимаҳои «таъмин намудани» калимаҳои «воҳиди сохтории аудити дохилӣ бо» илова карда шуданд.

6. Дар моддаи 22:

- ба номи модда пас аз калимаҳои «риоя накардани» калимаи «талаботи» илова карда шуд;

- дар матни модда калимаи «муқаррароти» ба калимаи «талаботи» иваз карда шуд.

Моддаи 2. Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шуд.

**Шуъбаи қонунгузорӣ оид ба молия, андозу гумрук ва фаъолияти бонкӣ**

# НАВИГАРИҲОИ ҚОНУНГУЗОРИИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ ВА ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ

Дар баробари рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти қонунгузории соҳаи кишоварзӣ, истифодаи сарватҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист як қатор навигариҳо ба вуҷуд омада, дар шакли санадҳои қонунгузорӣ қабул карда шуданд. Аз ҷумла:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» аз 8 июни соли 2022, № 1879;

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» аз 8 июни соли 2022, № 1880;

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи байторӣ» аз 8 июни соли 2022, № 1881;

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ» аз 8 июни соли 2022, № 1882;

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими давлатии ҳосилхезгардонии заминҳои таъиноти кишоварзӣ» аз 8 июни соли 2022, № 1883.

Ҳамин тавр, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» аз 8 июни соли 2022, №1879 дар қисми 3 моддаи 49 тағйири зерин ворид карда шуд:

«3. Ворид намудани партовҳои радиоактивӣ, инчунин транзити онҳо тавассути ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст.».

Ҳамзамон, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» аз 8 июни соли 2022, №1880 тағйироти зерин ворид карда шуд:

1. Дар қисми 2 моддаи 3, сархати дувоздаҳуми моддаи 8, сархати ёздаҳуми қисми 1 моддаи 9, сархати сеюми қисми 2 моддаи 10 ва қисми 2 моддаи 17 калимаҳои «мавзеъҳои табиии махсус ҳифзшавандаро» ба калимаҳои «ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаро» иваз карда шуданд.

2. Дар муқаддимаи қисми 1 моддаи 6 калимаи «инҳо» ба калимаҳои «объектҳои зерини муҳити зист» иваз карда шуд.

3. Номи боби 11 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«БОБИ 11. ҲУДУДҲО ВА ОБЪЕКТҲОИ ТАБИИИ МАХСУС МУҲОФИЗАТШАВАНДА».

4. Дар қисми 2 моддаи 62 калимаҳои «мавзеъҳои табиии махсус муҳофизатшаванда», «мавзеъҳо» ва «Дар бораи ҳудудҳои табиӣ ва объектҳои махсус муҳофизатшаванда» мувофиқан ба калимаҳои «ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда», «ҳудудҳо» ва «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» иваз карда шуданд.

Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи байторӣ» аз 8 июни соли 2022, №1881 тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шуданд:

1. Дар моддаи 1:

- дар сархати панҷоҳу дуюм калимаи «хоҷагӣ» ба калимаи «кишоварзӣ» иваз карда шуд;

- сархати панҷоҳу сеюм дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«- ҳайвоноти хонагии ғайрикишоварзӣ – ҳайвоноти ба истеҳсолоти кишоварзӣ муносибатнадошта (ба истисноии ҳайвоноти нигоҳдориашон манъкардашуда), ки барои гирифтани маҳсулот, насл, қонеъгардонии талаботи фароғатӣ ва зебоипарастӣ нигоҳ дошта мешаванд; »

- сархатҳои панҷоҳу чорум, панҷоҳу панҷум, панҷоҳу шашум ва панҷоҳу ҳафтум бо мазмуни зерин илова карда гардид:

«- ҳайвоноти бемаҳсул – ҳайвоноте, ки нигоҳубин ва парвариши онҳо барои истеҳсоли маҳсулоти соҳаҳои кишоварзӣ, озуқаворӣ, дорусозӣ ва соҳаҳои дигари саноат равона карда нашудаанд;

- ҳайвоноти беназоратмонда – ҳайвоноти хонагии ғайрикишоварзӣ ё ваҳшӣ, ки берун аз ҷойи нигоҳдориашон қарор дошта, аз доираи назорати соҳибони худ берун мондаанд, соҳибонашон номаълуманд ё аз ҳуқуқи моликият ба онҳо даст кашидаанд;

- муносибати бераҳмона бо ҳайвонот – амалҳои барқасдона, ки боиси ҳалок ё маъюб

шудани ҳайвонот гардидаанд ё метавонанд боис гарданд: азият додани ҳайвонот бо гуруснагӣ, ташнагӣ, латукӯб, амалҳои дигари зӯроварӣ, инчунин риоя накардани қоидаю шартҳои нигоҳубин ё бе назорат мондани ҳайвонот аз ҷониби шахси масъул, ки боиси ҳалок ё маъюб шудани ҳайвонот мегарданд;

- паноҳгоҳи ҳайвонот – маҷмӯи бино ва иншооте, ки барои наҷотдиҳӣ ва нигоҳдории минбаъдаи ҳайвоноти дар ҳолати барои ҳаёт ва саломатии онҳо хатарнок қарордошта, инчунин ҳайвоноти беназоратмонда, маҷбуран гирифташуда, аз ҷумла мусодирашуда, истифода мегарданд;».

2. Дар сархатҳои даҳум, ёздаҳум ва дувоздаҳуми моддаи 3, сархатҳои якум, чорум, понздаҳум ва сиву ҳаштуми моддаи 4, қисми 1 моддаи 10, қисмҳои 1 ва 5 моддаи 15, ном ва қисми 1 моддаи 16, қисми 2 моддаи 17, қисми 2 моддаи 30 ва моддаи 41 калимаи «қаламрави» ба калимаи «ҳудуди» иваз карда шуд.

3. Дар моддаи 3:

- дар қисми модда калимаҳои «дохил мешаванд» ба калимаи «мансубанд» иваз карда гардид;

- сархати нуҳум бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«- тасдиқ намудани қоидаҳои нигоҳдории саг, гурба ва ҳайвоноти дигари бемаҳсул аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар шаҳру ноҳияҳо, шаҳраку деҳот, ё рӯйхати ҳайвоноте, ки нигоҳдории онҳо дар шароити хона манъ аст;».

4. Дар моддаи 4:

- сархати бисту ҳаштум бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«- тасдиқ намудани қоидаҳои умумии муносибат бо ҳайвоноти беназоратмонда;»;

- дар сархати сиюм калимаҳои «ҳайвонҳои хоҷагӣ ва хонагӣ» ба калимаҳои «ҳайвоноти кишоварзӣ, хонагии ғайрикишоварзӣ ва бемаҳсул» иваз карда шаванд;

- сархати сию сеюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- муқаррар намудани тартиб ва усулҳои забҳ (куштан) ва тасдиқи қоидаҳои гӯрондани ҷасади ҳайвонот;»;

- дар сархати сию панҷум калимаҳои «нашр кардани дастуру амрномаҳо ва қабул намудани қарорҳои дахлдор» ба калимаҳои «ва дар доираи ваколатҳои пешбинигардида қабул намудани қарорҳои дахлдор, додани дастуру амрномаҳо, супоришу хулосаҳо» иваз гардиданд.

5. Сархати ҳафтуми қисми 2 моддаи 5 дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«- таъмини муносибати дилсӯзона ба ҳайвонот, ҳимояи ҳайвонот аз муомилаи бераҳмона, муносибати масъулона нисбат ба ҳаёт ва саломатии онҳо;».

6. Дар қисми 3 моддаи 16 калимаи «хоҷагӣ» ба калимаи «кишоварзӣ» иваз карда шуд.

7. Моддаҳои $28^1$, $28^2$ ва $28^3$ бо мазмуни зерин илова карда шуданд:

«Моддаи $28^1$. Талаботи умумии беҳдошти байторӣ нисбат ба парвариши ҳайвоноти хонагии ғайрикишоварзӣ ва бемаҳсул

Парвариши ҳайвоноти хонагии ғайрикишоварзӣ ва бемаҳсул бояд бо назардошти таъмини қонеъгардонии талаботи физиологӣ ва рафтори ҳайвонот, инчунин талаботи дахлдори байторӣ ва беҳдоштию эпидемиологӣ бо риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони дигар амалӣ карда шавад.

Моддаи $28^2$. Хусусиятҳои муносибат бо ҳайвоноти беназоратмонда

1. Дошта гирифтани ҳайвоноти беназоратмонда тибқи нақша ё муроҷиати шахсони воқеӣ ва (ё) ҳуқуқӣ бо мақсади пешгирӣ намудани эпизоотия, инчунин бемориҳои ба одамон ва ҳайвонот сirояткунанда, таъмин намудани тартиботи ҷамъиятӣ ва бехатарии аҳолӣ, танзими шумораи чунин ҳайвонот сурат мегирад.

2. Танзими шумораи ҳайвоноти беназоратмонда бо роҳи барои нигоҳдорӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ додани онҳо, инчунин ҷойгир намудан дар паноҳгоҳи ҳайвонот ё ба тариқи ахтакунӣ (сагу гурбаҳои беназоратмонда) ва баргардондан ба ҷойи аввалаи зисти ин ҳайвонот амалӣ карда мешавад.

3. Забҳи (куштани) ҳайвоноти беназоратмонда бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

4. Ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мустақилона танзим намудани шумораи ҳайвоноти беназоратмонда манъ аст.

Моддаи $28^3$. Паноҳгоҳи ҳайвонот

1. Паноҳгоҳи ҳайвонот бо мақсади нигоҳдории ҳайвонот, аз ҷумла ҳайвоноти беназоратмонда, ташкил карда мешавад.

2. Ҳайвонот дар бино ва иншооти махсуси бо ин мақсад пешбинишуда ҷойгир карда мешаванд.

3. Паноҳгоҳи ҳайвонот метавонад давлатӣ ва хусусӣ бошад.

4. Дар паноҳгоҳи ҳайвонот хизматрасонии байторӣ ва дигар намуди хизматрасонӣ, аз ҷумла нигоҳдории (ҷойгиронии) муваққатии чунин ҳайвонот дар мувофиқа бо соҳибони ҳайвоноти хонагии ғайрикишоварзӣ анҷом дода мешаванд.

5. Нисбати ҳайвоноти дар паноҳгоҳи ҳайвонот мавҷудбуда соҳибони онҳо ва шахсони аз тарафи онҳо ваколатдоргардида соҳибони воқеии ҳайвоноти мазкур эътироф карда мешаванд.

6. Меъёрҳои нигоҳдории ҳайвонот дар паноҳгоҳи ҳайвонот аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии соҳаи байторӣ муқаррар карда мешаванд.».

Ба ин тартиб, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ» аз 8 июни соли 2022, № 1882 тағйиротҳои зерин ворид гардиданд:

1. Дар моддаи 2:

- дар сархати чорум аломат ва ҷумлаи «. Ғизои функсионалӣ дар баъзе мавридҳо усули имконпазири муолиҷаи тиббӣ буда, ҳамчун маҳсулоти барои шахсони дорои вазъи саломатии ба худ хос муқаррар карда мешавад» ба калимаҳои «ва дар баъзе мавридҳо метавонанд ҳамчун усули имконпазири табобат барои шахсони дорои вазъи саломатии ба худ хос муқаррар карда шаванд.» иваз карда шуданд;

- сархати ҳаждаҳум дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«- маҳсулоти хӯрокворики қалбакӣ – маҳсулот ва ашёи хоми озуқаворӣи тағйирдодашуда ё барқасдона (сохтакорона) ба маҳсулоту ашёи хоми истеҳсолкунандаи муайян ҳаммонанд истеҳсолшуда, ки хусусият ва сифати номаълум доранд ва маълумот дар бораи онҳо ошкоро нопурра ё шубҳаовар мебошад;»;

- сархати бисту сеюм дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«- пеститсидҳо – моддаҳои кимиёвӣ ва биологӣ, пайвастагиҳо ва омехтаҳое, ки бар зидди организмҳои зараррасон, касалиҳои растанӣ, алафҳои бегона, микроорганизмҳо ва паразитҳо истифода мешаванд;»;

- дар сархати бисту шашум калимаи «борбандӣ» ба калимаи «борҷомакунӣ» иваз карда шуд;

- сархати бисту ҳафтум дар таҳрири зерин ифода гардид:

«- коркарди аввалия - ҷараёни технологии коркарди маҳсулоти хоми озуқаворӣ (ҷамъоварӣ, тоза кардан, хушконидан ва резакунии маҳсулоти растанӣ, ба қисмҳо ҷудо намудани ҳайвоноти кишоварзии забҳшуда, яхкунонӣ, дуддиҳии гӯшту моҳӣ, консервкунӣ, ҳосил кардани равған ва полоиши он, коркард ва пастеризатсияи шир), ки дар натиҷаи он маҳсулот барои коркарди минбаъда ва ё истеъмолкунии бевосита омода карда мешавад;»;

- дар сархати бисту ҳаштум калимаҳои «хӯроки чорво» ба калимаҳои «хӯроки ҳайвоноти кишоварзӣ» иваз карда шуданд.

2. Дар қисми 2 моддаи 11:

- дар сархати шашум калимаи «борбандҳо» ба калимаи «борҷома» иваз карда шуд;

- дар сархати сездаҳум калимаи «борбандӣ» ба калимаи «борҷомакунӣ» иваз карда шуд;

- дар сархати чордаҳум калимаи «тамғазанӣ» ба калимаи «тамғагузорӣ» иваз карда шуд.

3. Дар қисми 2 моддаи 13:

- аз сархати дуюм калимаи «назорати» хориҷ карда шуд;

- дар сархати ҳафтум калимаҳои «тамға зада» ба калимаи «тамғагузорӣ» иваз карда шуд.

4. Дар қисми 2 моддаи 15 калимаҳои «байторӣ ва назорати фитосанитарӣ ва карантинии растаниҳо» ба калимаҳои «бехатарии озуқаворӣ» иваз гардиданд.

5. Дар сархати даҳуми қисми 1 моддаи 17 калимаҳои «нуқтаҳои назорати таҳдидомез» ба калимаҳои «нуқтаҳои таҳдидомез» иваз карда шуданд.

6. Дар моддаи 18:

- дар номи модда калимаи «кишоварзӣ» ба калимаҳои «бехатарии озуқаворӣ» иваз карда шуданд;

- дар қисми 1:

- дар қисми муқаддимавӣ калимаҳои «кишоварзӣ ва таъмини бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ» ба калимаҳои «бехатарии озуқаворӣ» иваз карда шуданд;

- дар сархати якум калимаҳои «чорводорӣ» ва «кишоварзӣ» мувофиқан ба калимаҳои «парвариши ҳайвоноти кишоварзӣ» ва «хӯрокворӣ» иваз карда шуданд;

- дар сархати сеюм калимаҳои «дар нуқтаҳои назорати» ба калимаҳои «ва назорат дар нуқтаҳои» иваз карда шуданд;

- дар сархати чорум калимаҳои «назорати хадамоти объектҳои байторӣ ва фитосанитарӣ» ба калимаи «назораташ» иваз карда шуданд;

- дар сархати панҷум калимаҳои «назорати хадамоти байторӣ» ва «сертификатҳои байторӣ» мувофиқан ба калимаҳои «назораташ» ва «санадҳо, шаҳодатномаҳо ва хулосаҳои санҷиши озмоишгоҳии байторӣ, фитосанитарӣ ва карантини растанӣ» иваз гардиданд;

- сархатҳои ҳафтум ва ҳаштум дар таҳрири зерин ифода гардиданд:

«- тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳияи регламентҳои техникӣ, мувофиқасозии стандартҳо ва шартҳои техникии истеҳсоли маҳсулоти хӯрокврии аз ашёи хоми ҳайвоноту растанӣ ҳосилшаванда, тасдиқи усулҳои санҷиши маҳсулоти хӯрокворӣ ва номгӯи онҳоро дар объектҳои таҳти назораташ қарор дошта амалӣ менамояд;

- номгӯи референс-озмоишгоҳҳое, ки мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо барои гузарондани тадқиқоти арбитражии маҳсулоти хӯрокврии таҳти назораташ қарордоштаро аккредитатсия намудааст, тасдиқ менамояд;»;

- дар сархатҳои нуҳум, даҳум ва ёздаҳум калимаҳои «назорати хадамоти байторию фитосанитарӣ» ва «назорати хадамоти байторӣ ва фитосанитарӣ» ба калимаи «назораташ» иваз карда шуд;

- дар қисми 2:

- дар қисми муқаддимавӣ калимаи «кишоварзӣ» ба калимаҳои «бехатарии озуқаворӣ» иваз карда шуд;

- дар сархати сеюм калимаҳои «бунгоҳҳои гузариши» ба калимаҳои «нуқтаҳои гузаргоҳи» иваз карда шуд;

- қисми 3 дар таҳрири зерин ифода гардид:

«3. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бехатарии озуқаворӣ якҷоя бо мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо дар доираи ваколатҳои худ ва бо тартиби муайяннамудаи қонунгузорӣ назорати давлатии риояи ҳатмии талаботи регламентҳои техникӣ ва баҳодиҳии мутобиқатро дар корхонаҳое, ки маҳсулоти хӯрокврии аз ҳайвоноту растаниҳо ҳосилшавандаро барои коркарди аввалия ҳамчун ашёи хом истифода мебаранд, инчунин ташкилотҳои хӯроки умумӣ, савдо ва нигоҳдории яклухти маҳсулоти хӯрокврии коркарднашудаи аз ҳайвоноту растаниҳо ҳосилшударо амалӣ менамоянд.».

7. Дар қисми 4 моддаи 23 калимаҳои «бунгоҳҳои иҷозатдиҳии», «бунгоҳҳои», «назорати байторӣ, назорати фитосанитарӣ ва карантини растаниҳо» мувофиқан ба калимаҳои «нуқтаҳои гузаргоҳии», «маҳалҳои» ва «байторӣ, фитосанитарӣ, карантини растанӣ» иваз гардиданд.

8. Дар моддаи 27:

- дар қисми 1 калимаҳои «борбандӣ» ва «тамғазанӣ» мувофиқан ба калимаҳои «борҷомакунӣ» ва «тамғагузорӣ» иваз карда шуданд;

- дар қисми 3 калимаи «борбандӣ» ба калимаи «борҷомакунӣ» иваз карда шуд.

9. Дар моддаи 28:

- дар қисми 1 калимаҳои «тамға зада» ба калимаи «тамғагузорӣ» иваз карда шаванд;

- дар қисми 4 калимаҳои «мақомоти дахлдори ваколатдори давлатӣ оид ба назорати байтории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бехатарии озуқаворӣ» иваз карда шуданд.

10. Дар моддаи 29:

- дар номи модда калимаҳои «борбандӣ» ва «тамғазании» мувофиқан ба калимаҳои

«борҷомакунӣ» ва «тамғагузории» иваз карда шуданд;

- дар қисмҳои 1 ва 2 калимаҳои «борбандӣ», «борбандии» ва «тамғазании» мувофиқан ба калимаҳои «борҷомакунӣ», «борҷомакунии» ва «тамғагузории» иваз карда шуданд.

11. Дар қисми 4 моддаи 30 калимаҳои «шиносномаи санитарӣ доранд, ки» ва «дода мешавад» мувофиқан ба калимаҳои «дорои шиносномаи санитарии» ва «додашуда бошанд» иваз карда шуданд.

12. Дар моддаи 31:

- дар қисми 1 калимаҳои «борбандинашуда», «мақомоти» ва «байторӣ» мувофиқан ба калимаҳои «борҷоманашуда», «мақоми» ва «мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бехатарии озуқаворӣ» иваз карда шуданд;

- дар қисми 2 калимаҳои «мақомоти дахлдори ваколатдори давлатӣ оид ба назорати байторӣ» ба калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бехатарии озуқаворӣ» иваз карда шуданд.

13. Дар моддаи 32:

- дар қисми 2 калимаи «тамғазанӣ» ба калимаи «тамғагузорӣ» иваз карда шуд;

- дар қисми 6 калимаҳои «бунгоҳҳои гузариши» ба калимаҳои «нуқтаҳои гузаргоҳи» иваз карда шуданд;

- дар қисми 7 калимаҳои «байторӣ ва назорати давлатии фитосанитарӣ дар» ба калимаҳои «бехатарии озуқавории» иваз карда шуданд;

- дар қисми 8 калимаҳои «байторӣ ва назорати давлатии фитосанитариро» ба калимаҳои «бехатарии озуқавориро» иваз карда шуданд.

14. Дар қисми 8 моддаи 36 калимаҳои «хадамоти давлатии байторӣ» ба калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бехатарии озуқаворӣ» иваз карда шуданд.

15. Моддаи 38 дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«Моддаи 38. Маблағгузории назорати давлатӣ оид ба бехатарии хӯрокворӣ

Маблағгузории назорати давлатӣ оид ба бехатарии хӯрокворӣ дар объектҳои таҳти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ, байторӣ, фитосанитарӣ ва карантини растанӣ, стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва назорати савдо қарордошта аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ амалӣ карда мешавад.».

Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими давлатии ҳосилхезгардонии заминҳои таъиноти кишоварзӣ» аз 8 июни соли 2022, № 1883 тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шуд:

1. Дар сархати якуми моддаи 1 калимаи «истифодаашон» ба калимаи «истифодаашон» иваз карда шуд.

2. Аз матни моддаи 2 калимаи «(Сарқонуни)» хориҷ карда шуд.

3. Дар номи БОБИ 2 калимаҳои «САЛОҲИЯТИ МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ» ба калимаи «ТАНЗИМИ» иваз гардид.

4. Сархати дуюми моддаи 3 дар таҳрири зерин ифода гардид:

«- тасдиқи стратегия ва барномаҳои давлатӣ оид ба ҳосилхезгардонии заминҳои таъиноти кишоварзӣ;».

5. Ба моддаи 4 сархати ҳаштум бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«- омода намудани тавсия ва дастурҳои илмӣ барои пешгирӣ ва бартарафсозии оқибатҳои манфии пастшавии ҳосилхезии замин;».

6. Ба моддаи 41 сархати сеюм бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«- пешниҳоди тавсияҳо ба заминистифодабарандагон ҷиҳати беҳтаргардонии ҳолат ва ҳосилхезии заминҳои таъиноти кишоварзӣ;».

7. Ба моддаи 5 сархатҳои дуюм ва сеюм бо мазмуни зерин илова гардиданд:

«- барои беҳтаргардонии ҳолат ва ҳосилхезии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ҳамкориҳои илмию тадқиқотиро ба роҳ монанд;

- бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматрасонии озмоишгоҳҳои ташхиси хок ва обро истифода баранд;».

8. Ба моддаи 6 сархатҳои дуюм ва сеюм бо мазмуни зерин илова гардиданд:

«- ба пастшавии ҳосилхезии қитъаи замин ва бадшавии ҳолати экологию мелиоративии он роҳ надиҳанд;

- фаъолиятро оид ба беҳтаргардонии ҳолати заминҳои таъиноти кишоварзӣ

тавассути ҷорӣ намудани киштгардон ва истифодаи нуриҳои органикӣ, минералӣ ва биологӣ амалӣ намоянд;».

9. Ба моддаи 7 сархати дуюм бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«- амалӣ намудани стратегия ва барномаҳои давлатӣ оид ба ҳосилхезгардонии заминҳои таъиноти кишоварзӣ;».

10. Қисми якуми моддаи 10 дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«Мақоми ваколатдори давлатӣ бо мақсади ҳосилхезгардонии заминҳои таъиноти кишоварзӣ барномаҳои мақсадноки давлатиро таҳия ва барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.».

11. Дар моддаи 13 калимаи «салоҳияташон» ба калимаи «ваколаташон» иваз гардид.

**Шуъбаи қонунгузории кишоварзӣ, истифодаи сарватҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист**

## ТАЛАБОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

### 1. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН

– насаб, ном ва номи падари муаллиф / муаллифон (бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ);

– номи пурраи мақомот – вазифа, рутба, унвони илмӣ, агар хориҷӣ бошад – қайди давлат, шаҳр (бо се забон);

– почтаи электронии муаллиф / муаллифон (телефон барои тамоси муҳаррирон);

– акси муаллиф дар формати JPEG.

### 2. НОМИ МАҚОЛА

Бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешавад.

### 3. КАЛИДВОЖАҲО

Бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешаванд. Калидвожаҳо ё ибораҳо аз якдигар бо аломати нуқтавергул (;) ҷудо карда мешаванд.

### 4. АННОТАТСИЯ

Бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешавад.

### 5. БАХШҲОИ МАВЗӮӢ

Нишон додани рамзи «КУД» ё «КОА» (тибқи талаботи амалкунандаи тахассусии кормандони илмӣ).

### 6. ОРОИШИ МАТН

***Доираи саҳифа***: 3 см. аз чап, 1 см. аз рост, 2 см. аз боло ва 2 см. аз поён.

***Шрифт***: Times New Roman TJ 14 кгл; Times New Roman 14 кгл (барои матни русӣ).

***Фосила:*** 1,5.

***Сархат***: 1,25 см.

***Ориентатсия***: «книжная», бе гузоштани саҳифа, бе кӯчонидан аз сатр ба сатр, истиноди библиографӣ ба сарчашма дар дохили матн, бо ишораи рақамҳо дар дохили қавси кунҷӣ: «[1]». Агар саҳифа дошта бошад: «[1, с. 12]». Такрори истинод бо ишораи рақами истиноди қаблӣ ва рақами саҳифаи нав меояд.

***Барномаи таҳрирӣ***: бастаи Microsoft Office - Word 2003 ё Word 2007.

***Номи мақола***: дар маркази сатр, бе сархат, бо ҳарфҳои калон.

***Матн***: баробаркунӣ – «по ширине».

***Ҳаҷми саҳифа***: на камтар аз 7 саҳифа (барои мақолаи илмӣ).

## ТРЕБОВАНИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

### 1. СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ

– фамилия, имя, отчество автора / авторов (на таджикском, русском и английском языках);

– полное название организации – должность, звание, ученая степень, если иностранец / иностранцы – указать страну, город (на трех языках);

– электронная почта автора / авторов (телефон для связи редакторов);

– фотография в формате JPEG.

### 2. НАЗВАНИЕ СТАТЬИ

Приводится на таджикском, русском и английском языках.

### 3. КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА

Приводятся на таджикском, русском и английском языках. Ключевые слова или словосочетания отделяются друг от друга знаком точка с запятой (;).

### 4. АННОТАЦИЯ

Приводится на таджикском, русском и английском языках.

### 5. ТЕМАТИЧЕСКИЕ РУБРИКИ

Указывается код УДК или ВАК (согласно действующей номенклатуре специальностей научных работников).

### 6. ОФОРМЛЕНИЕ ТЕКСТА

***Поля***: 3 см. слева, 1 см. справа, 2 см. сверху и 2 см. снизу.

***Шрифт***: Times New Roman 14 кгл; Times New Roman TJ 14 кгл (для таджикского текста).

***Интервал***: 1,5.

***Абзацный отступ***: 1,25 см.

***Ориентация***: книжная, без простановки страниц, без переносов, библиографическая ссылка на источник внутри текста, обозначается цифрами внутри квадратных скобок: «[1]». Если имеется страница: «[1, с. 12]». Повтор ссылки с указанием номера прежней ссылки и новой цифрой страницы.

***Редактор формул***: пакет Microsoft Office - Word 2003 или Word 2007.

***Название статьи***: по центру, без отступа, прописными буквами.

***Текст***: выравнивание «по ширине».

***Объем страниц***: не менее 7 страниц (для научной статьи).

## ШАКЛИ НАМУНАВИИ БАРАСМИЯТДАРОРИИ РӮЙХАТҲОИ БИБЛИОГРАФӢ

### 1. МАҚОЛА АЗ МАҶАЛЛАҲО ВА МАҶМӮАҲО:

1) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи заминсозӣ» аз 5 январи соли 2008, №356 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2008. – №1, қ. 2. – Мод. 21; 2016. – №1343; 2021. – №1760.

2) Одинаев Ш.Х. Танзими ҳуқуқӣ ва техникии заминсозӣ // Қонунгузорӣ. – 2020. – №2. – С. 50-55.

### 2. МОНОГРАФИЯҲО:

1) Саидзода И.Ҳ. Ҳуқуқи шаҳрванд ба муроҷиат ва амалишавии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография. – Душанбе: Империал-Групп, 2016. – 200 с.

### 3. АВТОРЕФЕРАТҲО:

1) Соҳибов М.М. Проблемаҳои танзими ҳуқуқи граждании иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: автореф. дис. ... номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2018. – 33 с.

### 4. ДИССЕРТАТСИЯҲО

1) Фенухин В.И. Этнополитические конфликты в современной России: на примере Северо-Кавказского региона: дис. … канд. полит. наук. – М., 2002. – 213 с.

### 5. ШАРҲҲОИ ТАҲЛИЛӢ

1) Экономика и политика России и государств ближнего зарубежья: аналит. обзор, апр. 2007 / Рос. акад. наук, Ин-т мировой экономики и междунар. отношений. – М.: ИМЭМО, 2007. – 39 с.

### 6. МАВОДҲОИ КОНФЕРЕНСИЯҲО

1) Археология: история и перспективы: сб. ст. Первой межрегион. конф., Ярославль, 2003. – 350 с.

### 7. ҲУҶҶАТҲО АЗ ИНТЕРНЕТ

1) Смертина П. Исламский банкинг пришел в Россию [Манбаи электронӣ] // URL:http://www.banki.ru/news/bankpress/ (санаи муроҷиат: 12.09.2016).

2) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» аз 5 марти соли 2007 [Манбаи электронӣ] // URL:http://mmk.tj /ru/legislation/*legislation*-base/2007/ (санаи муроҷиат: 12.10.2016).

## ПРИМЕРНЫЙ ФОРМАТ ОФОРМЛЕНИЯ БИБЛИОГРАФИЧЕСКИХ СПИСКОВ

### 1. СТАТЬИ ИЗ ЖУРНАЛОВ И СБОРНИКОВ:

1) Закон Республики Таджикистан «О землеустройстве» от 5 января 2008, №356 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – 2008. – №1, қ. 2. – Ст. 21; 2016. – №1343; 2021. – №1760.

2) Одинаев Ш.Х. Правовое и техническое регулирование землеустройства // Законодательство. – 2020. – №2. – С. 50-5.

### 2. МОНОГРАФИИ:

1) Саидзода И.Х. Право граждан на обращение и его реализация в Республике Таджикистан: монография. – Душанбе: Империал-Групп, 2016. – 200 с.

### 3. АВТОРЕФЕРАТЫ:

1) Сохибов М.М. Проблемы гражданско-правового регулирования аренды земельных участков сельскохозяйственного назначения по законодательству Республики Таджикистан: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 33 с.

### 4. ДИССЕРТАЦИИ

1) Фенухин В.И. Этнополитические конфликты в современной России: на примере Северо-Кавказского региона: дис. … канд. полит. наук. – М., 2002. – 251 с.

### 5. АНАЛИТИЧЕСКИЕ ОБЗОРЫ

1) Экономика и политика России и государств ближнего зарубежья: аналит. обзор, апр. 2007 / Рос. акад. наук, Ин-т мировой экономики и междунар. отношений. – М.: ИМЭМО, 2007. – 39 с.

### 6. МАТЕРИАЛЫ КОНФЕРЕНЦИЙ

1) Археология: история и перспективы: сб. ст. Первой межрегион. конф., Ярославль, 2003. – 350 с.

### 7. ИНТЕРНЕТ-ДОКУМЕНТЫ

1) Смертина П. Исламский банкинг пришел в Россию [Электронный ресурс] // URL:http://www.banki.ru/news/bankpress/ (дата обращения: 12.09.2016).

2) Закон Республики Таджикистан «О физической культуре и спорте» от 5 марта 2007 года [Электронный ресурс] // URL:http://mmk.tj/ru/legislation/legislation-base/2007/ (дата обращения: 12.10.2016).

Маҷаллаи «Қонунгузорӣ» бо мақсади мусоидат ба инкишофи илми ҳуқуқ, низоми давлатии иттилооти ҳуқуқӣ, фаҳмондадиҳии муқаррароти асосии қонунгузорӣ, интишори тафсири илмию амалии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маводи ҳуқуқӣ ва иттилоотию таҳлилӣ дар як сол чор маротиба нашр мегардад.

Шумораи маҳдуди маҷалла ба фурӯш бароварда мешавад.

Роҳи дастрас намудани маҷалла обуна мебошад.

Обуна ба маҷаллаи «Қонунгузорӣ» тавассути шуъбаҳои Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

**Индекси обуна:** 77710.

**Нархи солонаи обуна:** - 200 сомонӣ.

**Реквизитҳои бонкӣ:**

**Ташкилоти дастраскунанда:** Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Бонк:** Сарраёсати Хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе.

**Суратҳисоб:** 20204972712010100002.

**С/муросилотӣ:** 22402972000002.

**БИК:** 350101800.

**РМА:** 010082702.

**Суроға:** шаҳри Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13.

**Телефон:** 227-45-00; 227-45-53; 227-08-07.

**Суроғаи электронӣ:** info@mmk.tj.

В целях содействия развитию юридической науки и государственной информационно-правовой системы, разъяснения основных положений действующего законодательства, публикации комментариев нормативных правовых актов, правовых и информационно-аналитических материалов Журнал «Законодательство» издается четыре раза в год.

В продажу журнал поступает в ограниченном количестве.

Оптимальным условием ознакомления с его содержанием является подписка на него.

Подписка на журнал «Законодательство» осуществляется в отделениях Службы связи при Правительстве Республики Таджикистан.

**Подписной индекс:** 77710.

**Цена на годовую подписку:** - 200 сомони.

**Банковские реквизиты:**

**Получатель:** Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан.

**Банк:** Главное управление центрального казначейства Министерства финансов Республики Таджикистан, город Душанбе.

**Расчетный счет:** 20204972712010100002.

**К/счет:** 22402972000002.

**МФО:** 350101800.

**ИНН:** 010082702.

**Адрес:** город Душанбе, улица академика А. Адхамова, 13.

**Телефоны:** 227-45-00; 227-45-53; 227-08-07.

**Электронный адрес:** info@mmk.tj.

**МУРАТТИБ**
***Тоирзода Малика Тоир***

Маҷалла дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, дар матбааи ҶДММ «Меҳроҷ Граф» бо тарзи рақамӣ ба табъ расидааст.
Коғази офсетии № 1. Андозаи 60х84 1/8. Ҳуруфи Times New Roman. Ҷузъи чопии шартӣ 10,0.
Адади нашр 200 нусха.

**Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

*734024. ш. Душанбе, кӯчаи академик А.Адҳамов, 13 телефон/факс 227-63-64*

**СОСТАВИТЕЛЬ**
***Тоирзода Малика Тоир***

Журнал подготовлен к печати в Национальном центре законодательства при Президенте Республики Таджикистан. Напечатан цифровым способом в типографии ООО «Меҳроҷ Граф».
Бумага офсетная №1. Формат 60х84 1/8. Шрифт Times New Roman. Условный печатный лист 10,0.
Тираж 200 экз.

**Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан**

*734024. г. Душанбе, улица академика А.Адхамова, 13 телефон/факс 227-63-64*